ба вазъи нухбагони сиёсӣ таъсир расонида буд, зеро тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегирифт. Ба ақидаи олими тоҷик Муродов Н.С., «...натиҷаи асосии ислоҳоти шоҳаншоҳ маҳдуд сохтани ҳокимияти ашрофони порс ва устувор сохтани мавқеи ҳокимияти марказӣ дар аксари музофотҳои империя буд» [14, с.84]. Ба ақидаи олими эронӣ Ризо Шаъбонӣ, порсҳо дар низоми империя имтиёзи калон дошта, «қариб ҳама сокинони Форс аз ҳисоби маблағҳое зиндагӣ менамуданд, ки дар дигар минтақаҳои империя ҷамъоварӣ мешуданд ва аз ҳамин сабаб ҳамаи онҳо, ҳам сарватмандон ва мардуми одӣ ҳокимияти Ҳахоманишиёнро пуштибонӣ менамуданд» [24, с.47].

Дар марҳилаҳои мухталифи давлатдории Ҳахоманишиён муносибат байни шоҳаншоҳ ва ашрофон якранг набуд, зеро ҳукумати марказӣ манфиатдори мустаҳкам намудани мавқеи худ буд ва ҳамзамон мехост майли ҷудоихоҳӣ ва саркашии намояндагони ҷудогонаи ашрофонро дар марказ ва маҳалҳо заиф созад. Аз тарафи дигар, дар ибтидо сабаби шиддат гирифтани муносибат байни шоҳу ашрофон аз он иборат буд, ки салоҳиятҳои маъмурӣ ва вазифавӣ дар низоми давлатдорӣ пурра танзим ва муайян нагардида буданд, хешу ақрабо ва наздикони шоҳаншоҳ бошад, соҳиби имтиёзи калон ва дар умури идораи давлат дахолат менамуданд ва дар натиҷа норозигии ашрофону мансабдоронро ба вуҷуд меоварданд.

Баррасии маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ нишон медиҳад, ки дар ҳаёти низомӣ-сиёсӣ ва умури давлатдории империяи Ҳахоманишиён аъёну ашрофи қабилаҳои порс ва намояндагони онҳо нақши муҳим мебозиданд. Порсҳои сарватманд молу мулки зиёд ва салоҳиятҳои васеи низомӣ ва маъмурӣ дошта, баъзе намояндагони онҳо ваколати маҳкама ва ҳуқуқи тафсири қонун (порсии қадим – data)-ро дошта, дар баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои баҳсӣ байни мақомоти давлатӣ ва мардуми бумии минтақаҳои зертобеъ ширкат менамуданд.

Порсҳо ҳамчун қавми ҳукмрон таҳкурсии давлатдории Ҳахоманишиёнро ташкил медоданд, онҳо аз пардохти андоз ва маҷбуриятҳои ҳатмӣ озод буда, ҳамзамон бояд мардони қабилаи худро ба лашкар сафарбар менамуданд. Баъзе муҳаққиқон, масалан Д. Агут-Лабордер (D. Agut-Labordère), таъкид менамояд, ки аз сабаби камшумор будани ашрофони порс, шоҳони ҳахоманишӣ маҷбур буданд дар умури таъмини назорат дар сарзаминҳои ишғолгардида аз маъмурият ва мансабдорони пешина истифода баранд, вале дар баробари ин муҳимтарин мансабдорони давлатӣ дар маҳалҳо – хшаҳрапаван (сатрап), фармондеҳони лашкар ва қисмҳои низомӣ ва ҷамъоварони андоз аз ҳасоби порсҳо таъин мегардиданд [25, с.689–690].

Ошӯби солҳои 522–521 пеш аз милод аз заъфи низоми идораи давлат шаҳодат медод ва бесабаб набуд, ки пас аз ба сари ҳокимият омадани Дорои I бо мақсади барқарор намудани давлати мутамарказ ва низоми танзими умури идораи ҳокимият дар сарзаминҳои ишғолгардида ислоҳоти бунёдии идорӣ-маъмурӣ гузаронида шуд, ки самтҳои асосии он аз тақсимоти нави маъмурии кишвар, ташкили низоми умури молиявӣ ва андозситонӣ иборат буд. Империя ба воҳидҳои маъмурӣ ё ҳавзаҳои низомӣ-андозситонӣ – *xšaθra* (хшатра) тақсим гардида, идораи онҳо ба уҳдаи ҳокимон ва ё волиҳо – xšaθrapāvan (хшаҳрапаван)-ҳо гузошта шуда буд.

Бо густариши ҳудуди империя, рушди умури давлатдорӣ ва ташаккул ёфтани робитаҳои васеъ бо кишвару давлатҳои дуру наздик дар низоми давлатдорӣ нақши шахси дувум пас аз шоҳ, мансабдори воломақом – ҳазорпат (порсии қадим – *hazārapatiš- «сардори дастаи ҳазорнафарӣ») боло меравад. Дар шароити идома ёфтани лашкаркашиҳо чунин мансабдори воломақоми низомӣ, фармондеҳи сипоҳи ҳазорнафараи муҳофизон – гвардияи хосси шоҳ, ки унвони ҳазорпатро дошт маҳсуб меёфт ва дар сарчашмаҳои юнонӣ бо номи «хилиарх» омадааст.

Дар бораи салоҳиятҳои ҳазорпат дар осори муаррихони юнонии аҳди қадим маълумоти зиёд дучор меояд. Арриан бори аввал дар бораи мансабдори ҳахоманишӣ Набарзан маълумот оварда, ӯро ҳамчун сардори лашкар/сарлашкар ёдовар гардида, ҳазорпати «лашкари савора» номидааст [Arr. An. III. 21] [4]. Квинт Куртсий дар таърихномаи Искандари Мақдунӣ ҳазорпат Набарзанро сарлашкари Доро (Nabarzanes, praetor Darei) (Curt. III. 7, 12) ва дар ҷойи дигар ӯро сарлашкари қаноти рости лашкари савора (equitatu dextrum cornu tuebatur (Curt. III. 9.1) номидааст. Ксенофонт дар бораи тартибу низоми лашкари Ҳахоманишиён ривоят намуда, таъкид менамояд, ки ҳазорпат «сардори дидбонгоҳи посбонҳо» буд (Xen. Cyr. VIII. 6. 10) [13].

Маълумоти муаррихони юнониро дар бораи ҳазорпат (хилиарх) ва салоҳиятҳои ӯро натиҷагирӣ намуда, метавон таъкид намуд, ки дар сарчашмаҳои аҳди қадим дар мавриди ин мансабдори воломақоми аҳди Ҳахоманишӣ маълумоти дақиқ ва мушаххас мавҷуд набуда, салоҳиятҳои ӯ васеъ шарҳ дода мешавад: ҳазорпат мансабдори низомӣ буд, вай ҳам умури низомӣ ва ҳам умури ташрифотии дарбори шоҳро танзим менамуд ва дар баъзе маврид дар низоми давлатдорӣ салоҳияти маъмурӣ дошт. Обрӯ ва эътибори ҳазорпат дар дарбори шоҳоне боло мерафт, ки ҳокимияти онҳо ноустувор буд ва ба пуштибониву дастгирии аъёну ашроф, бахусус мансабдорони воломақом муҳтоҷ буд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки ҳазорпат дар ташкили умури лашкар ва муайян кардани сиёсати низомӣ, ҳангоми ширкати шоҳ дар лашкаркашиҳо масъули таъмини амнияти ӯ буд; дар ҳаёти дарбор, ташкили фаъолияти дарбори шоҳӣ ва мансабдорони дигари давлатӣ; робитаи дарбор бо кишварҳои хориҷ, танзими умури ташрифоти расмӣ ва пазироии мансабдорон, низомиён ва намояндагони кишварҳои хориҷӣ нақши муҳим дошт. Ба ақидаи олимони украинӣ Е. Ю. Баулина ва Ю. А. Гоман, сабаби асоси дучор омадани маълумоти фаровон дар бораи ҳазопат дар сарчашмаҳои юнонӣ аз он иборат аст, ки ҳазорпат дар ҳама маврид сафоратҳои давлати Юнонро дар дарбори шоҳ, ҳангоми мулоқот бо шоҳ ҳамроҳӣ намуда, назорати иҷро ва риояи расму қоидаҳои ташрифотӣ ба уҳдаи ин мансабдори воломақом буд [6].

Ҳамин тариқ, ҳазорпат дар дарбори шоҳони ҳахоманишӣ салоҳиятҳои низомӣ ва мулкӣ (ғайринизомӣ) дошт. Бо дар назар гирифтани он ки ҳазорпат масъули риояи расму қоидаҳои ташрифотӣ дар дарбори шоҳӣ буд, ба ақидаи муҳаққиқони аҳди қадим ҷамъоварӣ ва дастраси шоҳ гардонидани маълумоти муҳимми давлатӣ, маълумот дар бораи шахсият ва иҷрои масъулияти вазифавии мансабдорони дигар, боло бурдани обрӯ ва эътибори шоҳ дар байни мардум ва афроди хориҷӣ ҷузъи салоҳиятҳои ҳазорпат маҳсуб меёфт.

Муҳаққиқони ғарбӣ дар мавриди салоҳиятҳои ҳазорпат маълумоти ҷолиб овардаанд. А. Кивни тахмин менамояд, ки ҳазорпат масъули таъмини амнияту бехатарии шоҳ буд, вале дар шароити боло рафтани нооромиҳо дар дохили давлат, ҳазорпат метавонист барои хоҷаи худ манбаи хатар бошад. Ниҳоят Кивни ба хулосае меояд, ки ҳазорпат доимо дар нақши миёнарав «байни шоҳаншоҳ ва олами атроф» баромад намуда, маълумоти ба дарбори шоҳ ирсолгардидаро назорат менамуд [31, с.500–502]. А. Меус бештар ба салоҳиятҳои низомии ҳазорпат – фармондеҳи дастаи ҳазорнафараи саворагони гвардияи шахсии шоҳаншоҳ таъкид намуда, хулоса менамояд: «аз сабаби он ки вай симои намоён дар лашкар буд, бо шоҳ робитаи ниҳоят наздик дошт» [32, с.310]. А. Коллинз ҳазорпатро масъули танзими умури дарбори шоҳ, масъули умури ташрифот, риояи расму маросимҳои дарборӣ ва пазироии меҳмонону сафирони хориҷӣ ва ҳамроҳӣ намудани шоҳ ҳангоми лашкаркашиҳо дониста, таъкид менамояд, ки ҳазорпат ҳам мансабдори давлатӣ ва ҳам низомӣ буд [28, с.269–270].

Пешгирии саркашӣ ва амалу кирдори худсаронаи ашрофону мансабдорони мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ низ ба уҳдаи ҳазорпат буд. Бо танзими фаъолияти маъмурияти марказии ҳокимияти шоҳаншоҳӣ дар натиҷаи амалӣ намудани ислоҳот дар замони ҳукмронии Дорои I унвону лақабҳо ва мансабҳои аъёну ашроф ва хешовандону наздикони шоҳаншоҳ ба тартиб дароварда шуданд. Танҳо бо роҳи таъин намудани намояндагони сулолаҳои сершумори ашрофон ва нухбагони сиёсӣ дар мансабҳои мухталифи низомӣ ва давлатӣ шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ тавонистанд амалу фаъолияти аъёну ашрофро таҳти назорат қарор диҳанд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки дар низоми давлатдории Ҳахоманишиён ҳазорпат волотарин мансабдори давлатӣ баъд аз шоҳаншоҳ маҳсуб ёфта, масъулияти назорат аз болои мансабдорони давлатӣ, таъмини амният шоҳаншоҳ ва дарбор, риояи бечунучарои расму қоидаҳои ташрифоти расмӣ ва барқарор намудани робита бо кишварҳои хориҷиро иҷро менамуд. Назири мансаби ҳазорпат дар гузаштаи давлатдориҳои минтақа – Ошур, Мод, Бобул ва ғ. вуҷуд надошт ва дар марҳилаҳои минбаъдаи таърихӣ барои ба вуҷуд омадани мансабҳои вазир ва нахуствазир ва шабеҳи онҳо замина фароҳам овард.

Тадриҷан дар низоми идории давлат сохторҳои нави ҳокимият ташкил меёфтанд, ки вазифаи мақомоти иҷроияро доштанд. Масалан, дар давраи ҳукмронии Доро I девони марказӣ фаъолият дошт, ки «аз се вазоратхона – хазина, артиш ва додгустарӣ иборат буд. Ҳар девон сардори худро дошт. Дар девонҳо дабирон, муҳосибон ва дигар маъмурон кор мекарданд. Хазинадор ба ҷамъоварии хироҷ, ҳисобу китоб ва сарфи он роҳбарӣ мекард. Дар дастгоҳи подшоҳӣ хадамоти амниятию иттилоотӣ низ ба роҳ монда шуда будааст ва нозирони махфӣ амал мекардаанд» [1, с.106].

Мансабдори дигари дар сарчашмаҳои аҳди Ҳахоманишӣ ёдоварӣ мешавад *каран* аст. Т. Петит (T. Petit) менависад, ки Ксенофонт каранро чун мансабдори низомӣ – «фармондори соҳибқудрат» муаррифӣ намудааст [33, с.35]. Дар сохтори лашкари Ҳахоманишиён намояндагони аъёну ашрофи қабилаҳои порс, дар мадди аввал хешу ақрабо ва наздикони шоҳ мансабҳои баландмақом ва муҳимро ишғол менамуданд, вале мутобиқи маълумоти Ксенофонт танҳо наздикони шоҳ унвони «каран»-ро соҳиб мегаштанд. Сарчашмаҳо хабар медиҳанд, ки Дорои II писари худ

Курушро ба мансаби хшаҳрапаван (сатрап) ва сарлашкар бо унвони каран муаррифӣ намудааст. Ба андешаи А. Бивар (A. Bivar), вожаи каран баргирифта аз вожаи «лашкар» (порсии қадим – kâra-) аст [26, с.123], вале олими фаронсавӣ П. Шантрен бошад, ба решаи юнонии ин унвон бештар таъкид менамоянд [29, с.496]. Ба ақидаи олими рус Э.В. Рунг, каран унвони сарфармондеҳи лашкар ва соҳибмансаби лашкари ҳахоманишӣ буд, ки салоҳиятҳои низомиаш мушаххас набуд [18, с. 45].

Маълумоти сарчашмаҳои аҳди қадим ва таҳқиқоти муосир дар бораи салоҳияту вазифаҳои ин мансабдор имкон медиҳанд ба хулосае биёем, ки: аввал, каран унвони мансабдори низомии ҳахоманишӣ аст, ки сатрап тобеи ӯ будааст; дувум, сарлашкари Ҳахоманишиёнро бо салоҳиятҳои васеъ дар Осиёи Хурд чунин меномиданд ва сеюм дар минтақаҳои мухталифи империяи Ҳахоманишӣ маъмулан ҳуқуқи фармондеҳии ҷузъу томҳои бузурги низомиро танҳо хешу ақрабо ва наздикони шоҳ буданд ва унвони каран доштанд ва тобеи хшаҳрапаван (сатрап)-ҳо набуданд.

Дар баробари мансабдорони баландмақом, ба ақидаи Ҳамза Камол, дар низоми идории Ҳахоманишиён мақомҳои раиси ташрифот ва муовини ӯ, хазинадор, кохдор, сафирон, муншиҳо, маъмурони молиёт, пайкор ё чопорҳо ва дигар масъулиятҳои давлатӣ вуҷуд доштанд [23, с.6].

Афзори муҳимми такягоҳи ҳокимияти шоҳ, таъмини амният ва тартибот дар қаламрави империяи Ҳахоманишӣ лашкар/артиши доимоамалкунанда маҳсуб мeёфт. Ҳудуди давлат ба чор ҳавзаи низомӣ тақсим шуда, фармондеҳи он ба шоҳ итоат менамуд. Сохтори иҷтимоии ҷомеаи порсҳо аз панҷ табақа иборат буд, ки ҷанговарон яке аз онҳо ба шумор мерафтанд.

Дар замони муборизаи Куруши Кабир ба муқобили шоҳи модҳо ва барқарор гардидани ҳокимияти Ҳахоманишиён лашкар асосан аз қабилаи порс иборат буд. Вожаи порсии қадимаи kara, ки дар навиштаҷоти аҳди ин давра дучор меояд, маҳз ҳамин гуна лашкарро дар назар дорад. Густариши лашкаркашиҳо ва истилои сарзаминҳои васеъ навсозии сохтори низомиро ногузир сохт ва дар натиҷа ба ҷойи kara лашкари касбӣ – spada ташкил дода шуд. Қувваи асосии артиш аз дастаҳои лашкари савора (asabara-) ва лашкари пиёданизом (pasti-) иборат буда, дар замони осоиштагӣ ба он порсҳо ва модҳо сафарбар мешуданд.

Пас аз ташкил ва устувор гардидани империя дар ҳайати лашкар аз ҳисоби мардумони сарзаминҳои истилогардида дастаҳои низомӣ ташкил дода шуданд, вале ҳамоно ҳайати фармондеҳии он дар ихтиёри порсҳо боқӣ мемонд. Дар замони Куруши Кабир артиш аз 10 ҳазор ҷанговарони яккачини форс ташкил шуда, дастаи хосси ҳазорнафарӣ посбонони шоҳ буданд. Фармондеҳи дастаи хосси посбонони шоҳ ҳазорпат буд. Ҷузъу томҳои лашкари найзадорон, камонварон ва саворагон аз дастаҳои даҳ, сад ва ҳазорнафарӣ иборат буданд. Ҷанговарон бо пули нукра маош ва озуқа мегирифтанд. Нигораҳои ҷанговарону низомиён дар деворҳои Тахти Ҷамшед ва дигар ёдгориҳои аҳди ҳахоманишӣ шаҳодат медиҳанд, ки дастаҳои низоми мардумони мухталифи сокини кишвар вижагии сарулибос ва аслиҳаи ҷангии худро нигоҳ медоштанд.

Р. Фрай бар асоси маълумоти Ҳеродот ва Ксенофонт таъкид менамояд, ки силоҳи асосии лашкари порсҳо тиру камон буд ва намунаи онҳо ҳатто дар сиккаҳои аҳди ҳахоманишӣ тасвир ёфта буд. Шамшери кӯтоҳ, ки юнониён онро akinakis (аз суғдии қадим – kyn'k) меномиданд, дар лашкари порсҳо васеъ истифода мегардид.

Шаклу намои сипар низ гуногун буда, аскарони савора ва аспҳои онҳо ҷавшан доштанд. Уҳдадории ҳарбӣ аз синни 20 то синни 55-солагиро дар бар гирифта, дар саросари кишвар маҳалҳои ташкили лашкар амал мекарданд ва дар ихтиёри худ захираи калони аслиҳа ва лавозимоти ҷангӣ доштанд [22, с.155].

Шоҳони ҳахоманишӣ бо мақсади устувор гардонидани ҳокимият, таъмини суботи сиёсӣ, рушди низоми хоҷагидорӣ ва таъмини робита байни ҳокимияти марказӣ ва воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудӣ, қонунҳои ҷорӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии мардумони сарзаминҳои истилогардидаро ба танзим даровroutes. Дар ибтидо шоҳони ҳахоманишӣ бо амали меъёру қонунҳои мардумони маҳаллӣ муросо менамуданд, вале минбаъд дар амалияи татбиқи қонунгузорӣ мутобиқ надоштани онҳо ба қонунҳои давлат боиси сар задани ихтилоф ва мушкилӣ мегардид.

Р. Фрай қайд менамояд, ки дар ин давра дар ҳаёти ҷамъиятии мардумони Шарқи Наздик барои ифода намудани қонун аз вожаи порсии қадима – data-мавриди истифода қарор гирифт ва он ба забонҳои арманӣ, ибрии қадим ва аккадӣ ворид гардида буд. Метавон фарз намуд, менависад ӯ, ки бунёди қонунгузории Ҳахоманишиён аз муқаррароти ҳуқуқии ҷомеаи ориёӣ реша мегирифтанд ва дар марҳилаи ташкили низоми давлатдорӣ зарурати тафриқасозии меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи ҳаёти оилавӣ ва шахси алоҳида аз умури давлатдорӣ ба миён омада буд [22, с.148].

Сарчашмаҳои юнонӣ дар бораи вуҷуд доштани маҳкама мутобиқи анъанаҳои мардумони ғайрипорс маълумот медиҳанд, ки онҳо баҳс ва даъвоҳои мардумро баррасӣ менамуданд, вале баррасӣ ва муҳокимаи ҷиноятҳои ба муқобили давлат содиршуда дар ихтиёри ҳокимияти марказӣ буд.

Ба ақидаи М.А. Дандамаев, дар замони ҳукмронии Дорои I «...мутобиқсозии қонунҳои сарзаминҳои истилогардида ба охир расида, меъёрҳои амалкунанда дар гӯшаву канорҳои давлат танзим гардиданд, дар мавриди зарурӣ мутобиқ ба сиёсати шоҳ тағйир дода шуданд. Шоҳ метавонист қонунҳои навро ҷорӣ намояд ва ба хоҳишу дастури Аҳурамаздо истидлол намояд» [10, с.97–98].

Дорои I ба танзими меъёру қонунҳо аҳаммияти хос медод ва навиштаҷоти кӯҳи Бесутун аз ин шаҳодат медиҳад. Дар он Доро эълон медорад: «Дар ин сарзаминҳо инсоне ба ман содиқ буд, ӯро инъом додам; оне ки аҳдшиканӣ намуд, ӯро бетарраҳум ҷазо додам. Бо марҳамати Аҳурамаздо ин сарзаминҳо аз пайи иҷрои қонуни ман гаштанд. Ҳамон гуна ки ман ҳидоят додам, онҳо онро ба инобат мегирифтанд». Дар ҷойи дигар Доро мардумро даъват мекунад, ки қонунро поймол насозанд ва адолат бояд чунон бошад, ки аз тарси қонун инсони зӯр бечораро озор надиҳад. Академик В.В. Струве дар бораи риояи меъёр ва муқаррароти қонун дар аҳди Ҳахоманишиён қайд менамояд, ки «иҷрои талаботи меъёрҳои рафтор ва зиндагӣ на танҳо барои мардуми одӣ, балки барои шахси шоҳ ҳатмӣ буд» [21, с.19].

Дар баробари ба танзим даровардани меъёрҳои қонун дар саросари империя барои ташкил ёфтани низоми устувори давлатдорӣ ҷорӣ намудани забони ягона дар умури дафтардорӣ ва фаъолияти маъмурияти давлатӣ мусоидат намуд. Ҳанӯз дар замони ҳукмронии Куруши Кабир дар сарзаминҳои ғарбии давлат забони оромӣ истифода мегардид ва пас аз амалӣ намуданиислоҳоти Дорои I забони оромӣ дар *xšaθra* (хшаҳра)-ҳои шарқӣ паҳн гардида, ба сифати забони муошират дар тамоми

кишвар байни ҳама идораҳои маъмурии империя истифода мегардид. Маҳз дар ҳамин давра қавмҳои хшаҳраҳои шарқӣ, аз ҷумла аз Осиёи Марказӣ то ба шимолу ғарби Ҳинд бо забон ва хатти оромӣ ошно гашта, меъёрҳо ва усулҳои ягонаи интиқоли истилоҳоти оромӣ ба забонҳои эронӣ тартиб дода шуданд.

Ба ақидаи муҳаққиқи намоёни таърихи Ҳахоманишиён М.А. Дандамаев, дар баробари забони оромӣ дар сарзаминҳои мухталифи империя дар таҳия ва паҳн намудани асноди расмӣ забонҳои маҳаллии сокинон истифода мешуданд. Ба таври мисол, маъмурияти хшаҳраи Миср дузабона буда, дар баробари забони оромӣ дар муоширaт бо мардуми бумӣ забони мисрӣ истифода мегардид. Дар пойтахти империя – Тахти Ҷамшед дар умури дафтардорӣ ва маъмурӣ забони эломӣ низ ривоҷ буд [10, с.97].

Дастоварди дигари низоми давлатдории Ҳахоманишиён ташкили шабакаи интиқоли асноди расмӣ, маълумот ва таъмини робитаи устувор, фаврӣ ва ҳамагонӣ миёни ҳокимияти марказӣ ва маҳаллӣ шабеҳи хадамоти почтаи имрӯза маҳсуб меёбад. Низоми муросилот то ташкили давлати порсҳо, ҳанӯз дар замони давлатдории ошуриҳо мавҷуд буд, вале дар империяи Ҳахоманишиён такмилу навсозӣ ва навоварӣ гардида буд. Ҳеродот дар мавриди ирсоли номаҳои расмӣ ва асноди муҳимми давлатӣ дар давраи Ҳашоёршоҳ маълумот дода, қосидонро «ихтирои ҳайратовар»-и порсҳо меномад. Ба қавли ӯ, дар тули шабакаи васеи роҳҳои машҳури онҳо чунон одамону аспҳои бешумор ҷойгир карда шудаанд ва қосиди савора масофаи роҳи ҳаррӯзаи таъиншударо «новобаста аз барфу борон, гармову сармо ва торикӣ» тай менамояд ва ба дасти қосиди дувуму сеюм ва ғ. дода аснодро саривақт ба макони таъиншуда мерасонанд (Ҳеродот. VIII, 98) [22. с.143]. Р. Фрай илова менамояд, ки вожаи «барид»-и дар замони пас аз зуҳури ислом барои ифодаи хадамоти муросилот роиҷ гардида эҳтимол решаи аккадӣ дошта, Ҳахоманишиён ин ниҳоди муҳимми иҷтимоиро аз гузаштагон ба мерос гирифтанд ва дар умури давлатдорӣ, дар мадди аввал барои ирсоли амру дастур ва номаву иттилооти муҳимми давлатӣ, асноди дарбори шоҳ ва мақомоти маъмурӣ аз шабакаи муросилот босамар ба кор бурданд ва ба қавл аз таърихнигори эронӣ Ҳасани Пирниё – «сохтори давлатӣ маҳсуб ёфта беҳтарин шабакаи нақлиёти аҳди қадим буд» [17, с.585].

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки ташкилёбӣ ва устувор гардидани империяи Ҳахоманишиён на танҳо барои рушду такомули ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии мардумони эрониасл, балки қавму қабилаҳои сершумори дар ҳудуди васеи он сукунатдошта мусоидат намуд. Ҳамкориҳои мутақобилан судманд, робитаҳои устувор байни пойтахти давлат ва марказҳои маъмурии музофоту вилоятҳо боиси барқарор гардидани сулҳу субот ва амният, танзими низоми қонуни ягона бар асоси усули таносуби манфиатҳои шахсӣ ва умумидавлатӣ, мутобиқ сохтани расму меъёрҳои анъанавӣ ва мазҳабии мардумони тобеъ бо меъёр ва қонунҳои умумидавлатӣ, таъмини рушди хоҷагидорӣ ва робитаҳои тиҷоратӣ, танзими муомилоти пулӣ-молӣ, эҳтироми ҳувияти фарҳангӣ, динӣ ва забонӣ ва риоя гардидани тавозуни манфиатҳо дар ниҳодҳои иҷтимоӣ гардид.

Таҷрибаи таърихии низоми давлатдории Ҳахоманишиён дар марҳилаҳои минбаъдаи таърихи мардумони Шарқ ва таърихи инсоният – дар замони ҳукмронии Мақдуниҳо, Селевкиҳо, Ашкониён, Сосониён ва дигар давлатдориҳои минтақа ва

ҷаҳон эҷодкорона истифода гардида, аксари ҳокимони ин давлатҳо худро бо ифтихор меросбарони ин давлати бузург медонистанд. Дар шароити имрӯзаи барқарор ва эҳё намудани арзишҳои таърихии низоми давлатдориҳои гузаштагони халқи тоҷик ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ дар шароити густариш ва рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ, ин таҷрибаи таърихӣ метавонад барои муайян намудани ҳимояи манфиатҳо ва афзалиятҳои давлатӣ, самтҳо ва мақсадҳои сиёсати хориҷӣ, устувор гардидани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дар арсаи ҷаҳон мусоидат намояд.

**Муқарриз: Расулиён Қ. – д.и.т., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Эмомалӣ Раҳмон. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 372 с.
2. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Иборат аз чаҳор китоб. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 704 с.
3. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 364 с.
4. Арриан. Поход Александра. Пер. М.Е. Сергеенко. – М.: Миф, 1993. – 368 с.
5. Бартольд В.В. Иран. Исторический обзор // Сочинение. Т.7. / В.В. Бартольд – М.: Наука, 1974. – 667 с.
6. Е. Ю. Баулина, Ю. А. Гоман. Особенности титула «хазарапат» и основные принципы восхождения к ахеменидским придворным церемониалам / Баулина Е. Ю., Гоман Ю. А. [электронный ресурс]. URL: https://elib.bsu.by/handle/123456789/270330 (дата обращения: 26.02.2023 г.)
7. Бенвенист Э. Словарь индоевропейских социальных терминов. I. Хозяйство, семья, общество; II. Власть, право, религия / Э. Бенвенист / пер. с франц.; общ. ред. и вступ. статья Ю. С. Степанова и Н. Н. Казанского. – М.: Прогресс-Универс, 1995. – 456 с.
8. Грантовский Э. А. Ранняя история иранских племен Передней Азии / Э. А. Грантовский. – Москва: Восточная литература, 2007. – 396 с.
9. Гринин Л. Е. Генезис государства как составная часть процесса перехода от первобытности к цивилизации / Л. Е. Гринин // Философия и общество. – 2005.– № 4. – С. 5–32.
10. Дандамаев М. А. Ахеменидское государство и его значение в истории Древнего Востока // История иранского государства и культуры / М. А. Дандамаев. – М.: Восточная литература, 1971. – СС. 94–105.
11. Дандамаев М.А. Имперская идеология и частная жизнь в Ахеменидской державе / М. А. Дандамаев // Вестник древней истории. –1998. №1 (224). – С. 48-56.
12. Дьяконов, М.М. Очерк истории Древнего Ирана / Дьяконов М.М. – М.: Наука,1961. – 444 с.
13. Ксенофонт. Киропедия. Пер. В.Г. Боруховича, Э.Д. Фролова. – М.: Наука, 1976. – 336 с.
14. Муродов Н.С. Освещение актуальных вопросов древней истории таджикского народа в трудах исследователей Таджикистана (вторая половина XX – начало XXI вв.): дис. ... канд. ист. наук: 5.6.1 – Отечественная история и 6.6.5 – Историография, источниковедение и методы исторического исследования / Н.С. Муродов. – Душанбе, 2022. – 175 с.
15. Накуи А. Положение Ахеменидской империи // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. –2013. №3/7(124). Часть 1. – С. 18-24.
16. Орлов В.П. Шесть знатных персов и их потомки при Дарии I: положение персидской аристократии в Ахеменидской империи / В.П. Орлов // Ученые записки Казанского университета. Серия гуманитарные науки. – 2016, Т. 158, кн. 3. – С. 776–784.
17. Пирниё Ҳасан (Мушир уд-давла). Эрони бостон. Ҷ. 1. – Теҳрон: Теҳрон, 1375/1996. – С. 999 [манбаи электронӣ] // www. TarirhBook.ir (санаи истифодабарӣ: 18.09.2023).
18. Рунг Э.В. Должность военачальника в Ахеменидской империи / Э.В. Рунг // Iranica: Иранские империи и греко-римский мир в VI в. до н.э. – VI в. н.э. / Под ред. О.Л. Габелко, Э.В. Рунга, А.А. Синицына, Е.В. Смыкова. – Казань: Изд-во Казан. ун-та, 2017. – С. 45–64.
19. Руф Квинт Курций. История Александра Македонского. – М.: Изд-во МГУ, 1993. – 464 с.
20. Сапогов А.С. Кир Великий как царь: взгляд Геродота/ А.С. Сапогов //Иран и античный мир: политическое, культурное и экономическое взаимодействие двух цивилизаций: тезисы докладов международной научной конференции (Казань, 14–16 сентября 2011 г.) / сост. и отв. ред. Э.В. Рунг, О.Л. Габелко. – Казань: Казан. ун-т, 2011. – 127 с.
21. Струве В.В. Геродот и политические течения в Персии периода Дария I / В.В. Струве // Вестник древней истории. – 1948. №3. – СС. 12–35.
22. Фрай Ричард. Наследие Ирана / Р. Фрай. – М., Наука, 1971. – 468 стр. с илл.
23. Ҳамза Камол. Низоми давлатдорӣ, вазъи иҷтимоию иқтисодӣ дар шоҳаншоҳии Ҳахоманишӣ // Мероси ниёгон. – 2019. -№ 21. – С. 60–62.

24. Ша'бани Риза. Краткая история Ирана. – СПб.: Петербургское Востоковедение, 2008. – 384 с.
25. Agut-Labordère D. Administrating Egypt under the first Persian period: The Empire as visible in the demotic sources // Administration of the Achaemenid Empire: Tracing the Imperial Signature. – Wiesbaden: Harrassowitz, 2017. – P. 676–697. (Classica et Orientalia, 17).
26. Bivar A. D. H. A «Satrap» of Cyrus the Younger. – The Numismatic Chronicle (NC): VII-th series. Pt. 1. – 1961. – P. 119–127.
27. Briant P. Histoire de I Empire perse. De Cyrus a Alexandre. Deuxième partie. – Paris, Fayard, 1996. – 558 p.
28. Collins A.W. The Office of Chiliarch under Alexander and the Successors // Phoenix. – 2001. Vol. 55. № 3-4. – P. 259-283.
29. Chantraine P. Dictionnaire etymologique de la langue grecque. Histoire de mots // L'Antiquité Classique – Année, 1970 (39-2). – PP. 645-647.
30. Frye R.N. The History of Ancient Iran. – Munich, 1984. – 300 p.
31. Keaveney A. The Chiliarch and the Person of the King // Der Achämenidenhof = The Achaemenid Court / hrsg. B. Jacobs, R. Rollinger. Wiesbaden: Harrassowitz Verlag. – 2010. – P. 499-506.
32. Meeus A. Some institutional problems concerning the succession to Alexander the Great: prostasia and chiliarchy // Historia. – 2009. Vol. 58. Ht. 3. – P. 287-310.
33. Petit T. Étude d'une function militaire sous la dynastie perse achéménide (Καϖξαλν∀: Xenophon, Helléniques, I, 4, 3): Les Études classiques. – 1983 (1–4). – P. 35–45.
34. Tadmor H. The Ararnaization of Assyria: Aspects of Westem Impact// Mesopatamien und seine Nachbam /Hrsg. von H.-J. Nissen, J. Renger. Berliner Beitrage zum Vorderen Orient 1/2. – Berlin, 1982. – S. 451-455.
35. The Cambridge ancient history: in 12 vol. – Vol IV: The Persian Empire and the West /J.B. Bury. – 1926. – 698 p.
36. G. Widengren, The Sacral Kingship of Iran // «Numen», Supplement, 4, Leiden. – 1959. – P. 242–257.

## ҲОКИМИЯТИ ШОҲАНШОҲ ВА СОХТИ ДАВЛАТДОРИИ ИМПЕРИЯИ ҲАХОМАНИШИЁН

Умури давлатдории империяи Ҳахоманишиён бар асоси низоми сезинагии ташкили ҳокимият – ҳокимияти марказӣ, ниҳодҳои минтақавии маъмурӣ-низомӣ ва сохторҳои маҳаллӣ ва анъанавии иҷтимоӣ барпо гардида буд. Сардори давлат шоҳ (шоҳаншоҳ) ҳокимияти мутлақ ва номаҳдуд дошт. Ҳокимияти шоҳӣ меросӣ буда, танҳо намояндагони сулолаи Ҳахоманишиён ҳуқуқи ишғоли мансаби сардори давлатро доштанд. Дар дарбори шоҳ иборат аз мансабдорон ва ашрофони баландмақом шуро амал мекард, ки дар қабули қарорҳои муҳимми давлатӣ ба шоҳ машварат медод. Дар аҳди Доро I девони марказӣ иборат аз се вазоратхона – хазина, артиш ва додгустарӣ фаъолият дошт. Дар умури давлатдории империяи Ҳахоманишиён аъёну ашрофи қабилаҳои порс нақши муҳим мебозиданд. Афзори муҳимми ҳокимият, таъмини амният ва тартибот лашкари доимоамалкунанда буд. Ҳудуди давлат ба чор ҳавзаи низомӣ тақсим шуда, фармондеҳи он ба шоҳ итоат менамуд. Ҳахоманишиён бо мақсади ташкил додани низоми устувори ҳокимият меъёрҳои қонунро ба танзим даровард, дар умури давлатдорӣ забони ягона ҷорӣ намуданд. Дастоварди дигари низоми давлатдории Ҳахоманишиён ташкили шабакаи интиқоли асноди расмӣ, маълумот ва таъмини робитаи устувор миёни ҳокимияти марказӣ ва маҳаллӣ маҳсуб меёфт. Ҳамин тариқ, низоми давлатдории Ҳахоманишиён на танҳо барои рушду такомули ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии мардумони эрониасл, балки қавму қабилаҳои сершумори дар ҳудуди он сукунатдошта мусоидат намуд. Таҷрибаи таърихии низоми давлатдории Ҳахоманишиён дар марҳилаҳои минбаъда – дар замони ҳукмронии Мақдуниҳо, Селевкиҳо, Ашкониён, Сосониён ва дигар давлатдориҳо эҷодкорона истифода гардид.

**Калидвожаҳо:** империяи Ҳахоманишиён, низоми давлатдорӣ, низоми идораи давлат, шоҳаншоҳ, ҳокимияти мутлақ, дарбори шоҳӣ, ҳазорпат, танзими меъёрҳои қонун, забони ягонаи расмӣ, шабакаи интиқоли асноди расмӣ, низоми андоз ва муомилоти пулӣ.

## ВЛАСТЬ ШАХИНШАХА И ГОСУДАРСТВЕННОЕ УСТРОЙСТВО ИМПЕРИИ АХЕМЕНИДОВ

Государственное устройство империи Ахеменидов основывалось на трехступенчатой системе организации власти – центральной, региональных военно-административных и местых структур и традиционных сообществ.Глава государства – шахиншах обладал абсолютной и неограниченной властью. Власть шаха была наследственной, которой имели право обладать только представители династии Ахеменидов. При дворе шаха фунионировал совет из числа высокопоставленных чиновников и аристократии, который консультировал главу государства по важнейшим государственным делам. Во времена Дария I функционировал верховный диван, состоявший из трех структур – казначейства, армии и отправления правосудия. Высшие аристократические круги персидских племен играли ключевую роль в государственном управлении империи. Важнейшим инстументом власти, обеспечения безопасности и

правопорядка была регулярная армия. Территория государства была разделена на четыре военных округа, командующие которых подчинялись только шаху. Ахемениды в целях создания устойчивой системы власти упорядочили нормы закона и ввели единый язык в государственном делопроизводстве. Была создана сеть доставки офииальных актов, информации и обеспечения устойчивых связей между центральной и местной властями.Таким образом, система государственного управления Ахеменидской империи способствовала не только развитию и совершенствованию социально-экономической и культурной жизни персов, но и многочисленных племен и народов, населяюших империю. Исторический опыт организации государственного управления Ахеменидов был широко применен в последующих исторических этапах – в период правления Македонев, Селевкидов, Ашконидов, Сасанидов и других государственных образований.

**Ключевые слова:** империя Ахеменидов, государственное устройство, шахиншах, абсолюная власть, шахский двор, хазарпат, регулирование норм закона, официальный язык, почтовая служба, налоговая и денежная система.

## THE POWER OF THE SHAHIN SHAH AND THE STATE STRUCTURE OF THE ACHEMENID EMPIRE

The state structure of the Achaemenid Empire was based on a three-stage system of organizing power - central, regional military-administrative and local structures and traditional communities. The head of state, the Shahinshah, had absolute and unlimited power. The power of the Shah was hereditary, which only representatives of the Achaemenid dynasty had the right to possess. At the court of the Shah, there was a council of high-ranking officials and aristocracy, which advised the head of state on the most important state affairs. During the time of Darius I, a supreme divan functioned, consisting of three structures - the treasury, the army and the administration of justice. The highest aristocratic circles of the Persian tribes played a key role in the government of the empire. The most important instrument of power, security and law and order was the regular army. The territory of the state was divided into four military districts, the commanders of which were subordinate only to the Shah. In order to create a stable system of power, the Achaemenids streamlined the rules of law and introduced a single language in state paperwork. A network was created to deliver official acts, information and ensure stable connections between central and local authorities. Thus, the system of public administration of the Achaemenid Empire contributed not only to the development and improvement of the socio-economic and cultural life of the Persians, but also to the numerous tribes and peoples inhabiting the empire. The historical experience of organizing public administration of the Achaemenids was widely used in subsequent historical stages - during the reign of the Macedonians, Seleucids, Ashkonids, Sassanids and other state formations.

**Key words**: Achaemenid Empire, government structure, Shahinshah, absolute power, Shah's court, Khazarpat, regulation of legal norms, official language, postal service, tax and monetary system.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Муҳаммадзода Бобоҷон Муҳаммад*** –Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, омӯзгор, кафедраи таърихи халқи тоҷик. **Суроға:** 735140, шаҳри Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 65. E-mail: **bobojon_94@mail.ru** Телефон: **(+992) 888884773**

**Сведения об авторе:** ***: Мухаммадзода Бободжон Мухаммад*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, преподаватель кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 735140, город Бохтар, Республика Таджикистан, улица Айни, 65. E-mail**: bobojon_94@mail.ru** Телефон: **(+992) 888884773**

**Information about the author:** ***Muhammadzoda Bobojon Muhammad*** – Bokhtar state University, Teacher of the Department of history of tajik nation. **Address:** 735140, Bokhtar sity, Republic of Tajikistan, Ayni street, 65. E-mail: **bobojon_94@mail.ru**. Phone: **(+992) 888884773**

ТДУ:930.85 (575.3) (581)

# НАҚШИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ИСТИҚРОРИ СУЛҲ ВА СУБОТ ДАР АФҒОНИСТОН

***Неъматов И.***

**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар низоми сиёсии олами муосир Афғонистон ҷойгоҳи хоссаеро касб намудааст. Он ҳамчун кишвари ҷангзада ва ноамни минтақа ва олами муосир муаррифӣ мегардад. Раванди сиёсии Афғонистон таъсиррасониҳои зиёдеро фарогир шудааст ва дар баробари он ба олами беруна низ тавассути пайвастагиҳо ва ҳамҷавориҳо таъсири зиёде мерасонад. Зиёда аз 4 даҳсола дар ин кишвари азияткашида моҷароҳои сатҳи мухталиф вуҷуд дошта, тамоми ҳаёт ва фаъолияти аҳолии азияткашидаи онро дар бар мегиранд. Вазъияти сиёсию иҷтимоии Афғонистон дар ин муддат нигарониҳои зиёди мардуми тараққихоҳ ва инсонгароро дар тамоми олам ба амал меорад. Моҷароҳои гуногуни сиёсӣ, махсусан ҷанги ҳамватании дарозмуддат ва аз нав ба қудрати сиёсӣ баргаштани ташкилоти тунгаро ва ифротгарои "Толибон" таваҷҷуҳи бештари оламиёнро ба амал меорад. Аз ин ҷост, ки одамони касбу кори гуногун – шаҳрвандони одӣ, муҳаққиқон ва сиёсатмадорони сатҳи гуногун дар бораи вазъияти сангин ва пурмоҷарои Афғонистон ибрози назар менамоянд. Зиёда аз ин, сиёсатмадорони кишварҳои гуногун ба он мекӯшанд, ки роҳу воситаҳои таъсиррасонӣ ба Афғонистон ва паст намудани шиддати вазъият ва моҷарои сиёсии онро пайдо намоянд. Ҳам аз ҷиҳати назариявию методологӣ ва ҳам аз ҷиҳати сиёсию амалӣ онҳо мекӯшанд, ки ҳарчи зудтар ва беҳтар таъсиррасониҳои гуногунро истифода намуда, воқеияти ҷамъиятиро дар Афғонистон дигар намуда, ба ҳалли одилонаи масъалаи мазкур муваффақ гарданд. Дар чунин раванди таъсиррасониҳои сиёсӣ ба Афғонистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақом ва нақши хоссаю арзандаро касб менамояд. Ӯ солҳои дароз дар нисбати масъалаи Афғонистон мавқеи қавию одилонаеро ихтиёр намуда, аз тамоми воситаҳо ва усулҳои дастрас истифода намуда, ба он мекӯшад, ки дар беҳтар намудани ҳолати Афғонистон ва мардуми азияткашидаи он ҳарчи бештар саҳм гирад. Дар даҳ соли охир дар тамоми баромадҳояш ба масъалаи Афғонистон дахл намуда, роҳҳои беҳтар намудани вазъи Афғонистон ва баромадан аз буҳрони сиёсии дарозмудатро нишон додааст.

Ба роҳ мондани муносибатҳои судманд бо кишвари Афғонистон ва саҳмгузорӣ дар ҳалли буҳрони ин кишвар яке аз самтҳои муҳимми сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар ин самт бар асоси манфиатҳои миллии кишвар, асли ҳамсоягии нек, бо назардошти муштаракоти ҷуғрофӣ, таърихӣ, фарҳангӣ, динию мазҳабӣ ва ҳамчунин, бо таваҷҷуҳ ба моҳияти мураккаби равандҳои геополитикӣ дар минтақа шакл мегирад.

Мавқеи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нисбати Афғонистон дар маҷмуаи суханрониҳо, пешниҳод ва иқдомоти доимии Роҳбарияти Олии кишвар ба таври возеҳу равшан ифода ёфтааст. Ҳамчунин, Тоҷикистон ба таври мудовим аз иқдомҳои ҷомеаи байналмилалӣ барои ба эътидол овардани вазъияти Афғонистон ҳимоя менамояд.

Барқарор кардани сулҳу субот дар Афғонистон масъалаи рӯзмарраю муҳимми байналмилалӣ ва минтақавӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали

истиқлолият ҳамеша тарафдори сулҳи пойдор дар ҳамсоякишвари Афғонистон аст. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои хеш аз минбарҳои баланди ҷаҳонӣ тамоми кишварҳо ва созмонҳои бонуфузи байналхалқиро ба он даъват менамоянд, ки нисбати қазияи Афғонистон бетараф набошанд ва ҳарчи бештар кумаку талошҳои худро барои истиқрори сулҳ ва таъмину таҳкими амният дар ин кишвар равона созанд. Ҳалли масъалаи мазкур имконият медиҳад, ки Афғонистон аз як кишвари ҷангзада ва бенизомии сиёсӣ ба актори муҳимми таъмини сулҳи минтақаи Осиёи Марказӣ ва ба кишвари мутараққӣ табдил ёфтани он мусоидат намояд.

Кӯшишҳое, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар масъалаи Афғонистон ба харҷ додаанд, амалҳои муҳимми таъсиррасониҳо ба ташкил ва таҳкими раванди танзимнамоӣ ба сӯйи сулҳу оромӣ мебошанд. Пешвои миллат таъкид менамоянд, ки «Раванди сулҳ бисёр мураккаб аст ва ман ин нуктаро аз таърихи талхи ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон мегӯям. Таҷрибаи раванди сулҳи тоҷиконро бояд меомӯхтанд, чунки қазияи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бо он ҷанги шаҳрвандие, ки дар кишвари мо буд, бисёр ҳам монанд ва қариб тавъам аст. Мо ҷиҳати кумаку мусоидат ба мардуми Афғонистон ва кишвари ба мо дӯсту ҳамсоя дар замони истиқлолият кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода истодаем ва боварии комил дорам, ки он рӯз дур нест, ки сулҳу амонӣ дар ин кишвари ҳамсоя пойдор мегардад» [8]. Чунин мавқеъ гирифтани роҳбари олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нисбати масъалаи Афғонистон аз мақсад ва вазифаҳои муҳимтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаъолиятҳои дигари он дар нисбати таъмини сулҳ ва суботи сиёсӣ дар кишвари ҳамҷавор мебошад. Чунин мавқеъгирӣ аз он далолат менамояд, ки Тоҷикистон дар ҳеҷ сурат наметавонад, ки ба масъалаи Афғонистон кадомин як ҳолати бетарафӣ ва бепарвоиро ихтиёр намояд. Зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Афғонистон на танҳо пайвандҳои маданию фарҳангӣ, миллию этникӣ ва ҳамбастагиҳои динию мазҳабӣ дорад, балки бо он марзи тулониро соҳиб аст. Беш аз 1344,15 км дарозӣ марзи муштараки давлатии ду кишварро ташкил менамояд [7]. Чунин омил, яъне вазъи низомиву сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодии Афғонистони ҳамҷавор моро бетафовут гузошта наметавонад ва ин боиси нигаронии ҷиддии мост[6, с.263].

Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва хизматҳои шоёни вай дар таъмини сулҳу ваҳдати миллии Тоҷикистон ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар хориҷи он ба ҳамагон маълум аст. Фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар раванди ҳалли моҷарои сиёсии Тоҷикистон ба мактаби хуби омӯзиш ва пайравӣ табдил ёфтааст, ки дар кишварҳои гуногун аз музаффариятҳои он ба таври васеъ истифода менамоянд. Роҳбарияти Афғонистон низ метавонад боз ҳам бештар ва собитқадамона аз он истифода намояд.

Дар баробари ин, Президенти кишвари мо барои дарёфти роҳҳои таъмини сулҳу субот ва амният дар Афғонистон кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода, то ҳол барои таъмини сулҳу субот дар ин кишвар аз тамоми имкониятҳо ва воситаҳо истифода менамоянд. Ӯ борҳо вай таъкид кардааст, ки сулҳу субот дар Тоҷикистон ба вазъи Афғонистон пайванди махсусеро касб менамояд. Президенти Тоҷикистон ин андешаро дар суханронии худ дар маросими ифтитоҳи конфронси байналмилалӣ дар мавзуи “Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез”, ки 4 майи соли 2018 дар ш. Душанбе баргузор шуд, бори дигар иброз дошт. Вай тазаккур дод, ки

«Таъмини сулҳу субот дар Осиёи Марказӣ ба вазъи амниятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон пайванди ногусастанӣ дорад» [1].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун роҳбар ва сардори давлати дӯст ба таври доимӣ ва ногусастанӣ барои дарёфти роҳҳои ҳалли мусолиматомези моҷарои Афғонистон ва таъмини амният дар марзи Тоҷикистону Афғонистон фаъолиятҳо анҷом медиҳанд. Фаъолияти ӯ бештар дар ду самт мутамарказ шудааст:

1. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳар фурсат аз ҷомеаи ҷаҳонӣ даъват намудааст, ки ба вазъияти сиёсию ҳарбӣ ва моҷарогароии Афғонистон, ки ба аҳволи одамон ва тамоми бошандагони кишвар таъсири бениҳоят бад мерасонад ва зиёда аз ин, сулҳу суботи минтақа таҳдид мекунад диққат диҳанд ва саъю кӯшиши неруҳои сиёсии легитимиро дар татбиқи тадбирҳое, ки ба эътидол овардани вазъияти мамлакат нигаронида шудаанд, дастгирӣ кунанд. Ҳамзамон, Пешвои миллат барои ҳалли мусолиматомези буҳрони сиёсии Афғонистон, то ҳадди ақал коҳиш додани таҳдидҳои аз ин кишвар воридшаванда ташаббусҳои мушаххас пешниҳод менамоянд.

2. Расонидани ёрии беғаразона ба ҷомеаи Афғонистон дар мубориза бар зидди неруҳои ифротгаро ва ҷангҷӯ, терроризми байналмилалӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва масъалаҳои дигари инкишофи кишвар.

Муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон 29 –уми сентябри соли 1993 аз минбари Иҷлосияи 48-уми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид изҳор доштанд, ки «дастгирии кӯшишҳои роҳбарияти ҳукумати қонунии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон барои барқарории сулҳу субот дар Афғонистон ба манфиати на танҳо ин кишвар ва минтақа, балки ба манфиатҳои тамоми ҷаҳон низ дахл дорад». Дар идома Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карданд, ки «баъзе кишварҳои ҷаҳон барои ҷанги Афғонистон маблағҳои бисёр сарф кардаанд, акнун вақти он расидааст, ки барои барқарории ҳаёти осоишта дар ин кишвар он маблағҳоро сарф намуда, мусоидат намоем» [5, с.145].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оғози таъсиси «Гурӯҳи 6+2» ба фаъолияти он фаъолона ҳамроҳ шуда, минбаъд ҳама ташаббусу тасмимҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалиро барои ҳалли мусолиматомези мушкилоти мазкур дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дастгирӣ намудаанд [2,с.31].

Бояд гуфт, ки мавқеи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша ба ҳалли мусолиматомези моҷарои Афғонистон нигаронида шудааст. Дар ҷаласаи VII сарони давлатҳои аъзои Созмони Конфронси Исломӣ, ки (13-14 декабри соли 1994, Касабланка) баргузор гардид, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷонибдории Тоҷикистонро ба Изҳороти ниҳоӣ ва Қарори Ҷаласаи VII фавқулодаи вазирони корҳои хориҷии кишварҳои ин созмон оид ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, чунин қайд карданд: “Таҷрибаи ҷанги шаҳрвандиро мо аз сар гузаронидем ва ба ҳеҷ ваҷҳ намехоҳем, ки мушкилоти мавҷудаи мардуми Афғонистон бо ёрии неру ва силоҳ ҳалли худро ёбанд” [5, с.279].

Дар гузаштаи начандон дур, пеш аз ҳама, роҳбарияти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон нисбати дастгириҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон алайҳи терроризм ва гурӯҳи ифротгарои “Толибон” миннатдор буд ва чунин дастгириҳоро қадр менамуд. Раисҷумҳури собиқи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Ҳомид Карзай дар нахустин сафари худ ба Тоҷикистон ба Эмомалӣ Раҳмон барои дастгирӣ ва мавқеи устувораш

самимона ташаккур гуфт. Чунин муносибатро ходимони давлатӣ ва сиёсатмадорони бонуфузи кишварҳои дигар низ таъкид намудаанд. Аз ҷумла, собиқ Президенти Фаронса Жак Ширак гуфтааст: "Мардуми Фаронса мавқеи устувори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро, ки бар пояи фарҳанги ғанӣ ва бузурги маънавии мардуми тоҷик асос ёфтааст, ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳад кард". Ё худ вазири дифои ҳамин кишвар Ален Фишер навишта буд: «Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мавқеи ҷасорат гирифтааст. Вай аввалин касе буд, ки аз таҳдиди мавҷуда, ки аз як нуқтаи мушаххас дар ҷаҳон бармеояд, изҳори нигаронӣ кард". Раиси Кумитаи Сенати Амрико Ҷозеф Либерман низ иқрор кард, ки "Президенти Тоҷикистон зудтар аз раҳбарони бисёре аз кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Иёлоти Муттаҳидаи Амрико таҳдиди "Толибон" ба минтақа ва ҷаҳонро дарк кард ва борҳо аз минбарҳои баланди байналмилалӣ изҳори нигаронӣ кардааст» [4, с.81-83].

Чунин андешаҳо собит месозанд, ки Президенти муҳтарами Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар нисбати масъалаи Афғонистон ва дарёфти роҳу воситаҳои осоиштаи он, таъмини сулҳу суботи сиёсӣ ва иҷтимоӣ мақом ва нақши хоссаеро дар низоми муосири олам пайдо намудааст. Мавриди зикр аст, ки заҳматҳои беандозаи Эмомалӣ Раҳмон дар ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли мусолиматомези ҷанги Афғонистон, мубориза бо терроризму ифротгароӣ ба хотири таъмини амният аз ҷониби роҳбарияти Афғонистон ва мардуми ин кишвар баҳои баландро сазовор гардидааст. Барои саҳми бузургаш дар таҳкими сулҳу субот дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва дӯстии халқҳои ду кишвар ӯ ба ҷоизаи олии давлати Афғонистон - ордени Қаҳрамони миллии Афғонистон – Аҳмадшоҳи Масъуд мушарраф гардонида шудааст [8].

Мақом ва ҷойгоҳи қавии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар давраи муосири инкишофи Афғонистон низ ба таври барҷаста аз худ дарак медиҳад. Баъди оне ки 1-уми майи соли 2021 ИМА эълон дошт, ки қӯшунҳояшро аз Афғонистон берун мекашад, "Толибон" дар як муддати кӯтоҳ ҳокимиятро ба дасти худ гирифтанд. Ҳукумати А.Ғанӣ бе муҳорибае ҳокимиятро дар таърихи 15-уми августи соли 2021 ба "Толибон" таслим намуда, аз кишвар фирор намуд.

Ҳукумати "Толибон" дар ҷомеаи афғонӣ имрӯзҳо бисёр таъсири манфию ифротӣ дорад. Хусусиятҳои фаъолияти ҳукумати "Толибон" дар равандҳои сиёсӣ бисёр махфиёна ва пинҳонӣ аст. "Толибон" дар саргаҳи муносибатҳои сиёсии Афғонистон қарор доранд. Онҳо дар рушди соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, муносибатҳои сиёсии кишвар таъсири бад мерасонанд ва дар ҳалли масъалаҳои муҳими дохилию хориҷӣ мушкилиҳои зиёде эҷод менамоянд. Онҳо дар бисёр мавридҳо ба қавмгароӣ ва афзалияти қавмӣ диққати махсус дода, нисбати паштунҳо муносибати хоссаи афзалиятнокро ихтиёр менамоянд. Монеаи таҳсили духтарон ва занон мегарданд.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳукумати нави "Толибон"-ро ба расмият нашинохт. Гарчанде ки чанде аз кишварҳо бо ҳукумати "Толибон" дар сатҳе ва ё шакле ҳамкориҳоро барқарор намудаанд, аммо аксарияти кишварҳои олам бо онҳо ҳамкорӣ кардан намехоҳанд. "Толибон" ҳамчун ҳаракати террористию ифротгаро баҳогузорӣ ёфта, дар нисбати он роҳбарони аксарияти давлатҳо назари нек надоранд.

Махсусан, дар сатҳи гуногун ба инобат нагирифтани ҳуқуқи халқҳо барои инкишофи мутаносиб, даст доштан дар идораи корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, эътироф ва эҳтироми ҳуқуқи занон ва ҳуқуқҳои дигари умумиятҳои иҷтимоӣ ва ғайра

боис шудаанд, ки ҳаракати "Толибон" эътироф нагардад ва аз ҳамкориҳо бо он ҳазар карда шаванд.

Масъалаи муносибатҳои байниҳамдигарии умумиятҳои миллию этникӣ дар шароити Афғонистони муосир проблемаи асосӣ ва марказии инкишофи ин кишвари ҳамҷавори Тоҷикистон аст. Диққати асосӣ ба фаъолияти дастаҷамъонаи умумиятҳои миллию этникии нисбатан сершумор дода мешавад. Бештар муносибатҳои байниҳамдигарии паштунҳо, тоҷикон, ҳазораҳо, ӯзбекон ва монанди онҳо диққатҷалб-кунандаанд. Маҳз муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо дар масъалаҳои рӯоварӣ ба ҳокимият асосҳои муҳимтарини инкишофи Афғонистонро ташкил медиҳанд.

Афғонистон кишвари гуногунчеҳрагии миллӣ аст, даҳҳо қавму қабилаҳо, халқиятҳо маскуни онанд. На ҳама вақт дар байни онҳо муносибатҳои муътадил вуҷуд доранд, ки заминаи ташаккули суботи сиёсӣ гарданд.

Дар ҳамин ҳолат низ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз аввалинҳо шуда, муносибати худ ва мавқеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар нисбати ҳукумати "Толибон" иброз доштанд. Таъкид карданд, ки Афғонистонро давлати бутун ва ягона мешиносем. Онро бояд ҳукумати инклюзивӣ роҳбарӣ намояд. Пас аз он ки Президенти мо мавқеашро ба таври қатъӣ баён намуд, он ҷонибдории ҳамагонро пайдо намуд. Дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳама онро дастгирӣ карданд. Афғонистон кишвари қавмҳо ва миллату халқиятҳои гуногуну сершумор аст. Аммо нақши пешбарро паштунҳо, тоҷикон, ҳазораҳо ва чанде дигарон анҷом медиҳанд. Онҳо бояд ба таври мутаносиб дар раванди идораи ҷомеа муваффақ бошанд.

Баёнияи Ҳукумати Тоҷикистон дар раванди бозиҳои геополитикӣ як баёнияи муҳим, саривақтӣ ва ҷасурона буд. Тавассути он Ҳукумати Тоҷикистон, бахусус, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мавқеи қотеонаи худро барои ҳимояи манфиатҳои мардуми тоҷики Афғонистон муайян намуданд. Баёния мушаххасан ва возеҳ маълум гардонид, ки тақрибан 45-46 % аҳолии Афғонистонро тоҷикон ташкил медиҳанд ва тарҳи Ҳукумати Тоҷикистон ин буд, ки дар низоми ояндаи Афғонистон ҳамаи қавмҳое, ки зиндагӣ мекунанд бояд дар сатҳи ҳукумати сиёсӣ мавқеъ ва таъсиррасониҳои мухталифи худро дошта бошанд.

**АДАБИЁТ**


1. Выступление на церемонии открытия Международной конференции высокого уровня на тему "Противостояние терроризму и насильственному экстремизму"04.05.2018 09:37, город Душанбе. URL: // http://www.president.tj/ru/node/17565#ishkoshim (Санаи муроҷиат: 3.09.2022).
2. Зоҳидов Н. Тоҷикистон ва раванди истиқрори сулҳу субот дар Афғонистон баъд аз соли 2014 / Н.Зоҳидов // Сиёсати хориҷӣ. -№1. -2013. -С. 31.
3. Искандаров К. Роль Лидера нации - Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в поиске путей стабилизации ситуации и обеспечения безопасности в Афганистане / К. Искандаров // Маҷаллаи академии илмию оммавӣ "Илм ва ҷомеа"-№3 (11). - 2018.
4. Назаров Т. Дипломатияи муосири тоҷик / Т.Назаров, А. Сатторзода. - Душанбе: Шарқи озод, 2006. -С. 81-83.
5. Раҳмонов Эмомалӣ. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. -Ҷ. I. Душанбе: Ирфон, 2002. -С. 145.
6. Сарвари давлат, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар бораи масъалаҳои мубрам ва ибтикороти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Мураттиб Зафар Шералӣ Сайидзода. –Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2019. - 366 с.
7. Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: https://mfa.tj/tg/.(Санаи муроҷиат: 11.10.2022).

8. Фирӯзи Р. Вазъи Афғонистон ва таъсири он ба амнияти минтақа. URL: https://khovar.tj/2019/10/vazi-af-oniston-va-tasiri-on-ba-amniyati-minta-a-mulo-iza-oi-mutahassisi-peshbari-markazi-tad-i-oti-strategii-nazdi-prezidenti-um-urii-to-ikiston/ (Санаи муроҷиат: 11.09.2022).

**НАҚШИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ИСТИҚРОРИ СУЛҲ ВА СУБОТ ДАР АФҒОНИСТОН**

Мавзуи дар мақола баррасишаванда ба яке аз масъалаҳои ҳассостарини минтақаи Осиёи Марказӣ -бухрони Афғонистон бахшида шудааст. Дар мақола мавқеи Афғонистон дар сиёсати хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ, алалхусус Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Ҳамзамон, муаллиф кӯшиш намудааст, ки пешниҳод ва ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро оид ба эътидол овардани вазъи сиёсии ҷомеаи афғон мавриди таҳқиқ қарор дода, исбот намояд, ки татбиқи ин пешниҳодҳо омили солим гардонидани ҷомеаи афғон мегардад.

**Калидвожаҳо:** Афғонистон, бухрон, амният, Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Туркменистон, Қазоқистон, Қирғизистон, ташаббус, пешниҳод.

**РОЛЬ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ЭМОМАЛИ РАХМОНА В УСТАНОВЛЕНИИ МИРА И СТАБИЛЬНОСТИ В АФГАНИСТАНЕ**

Тема, обсуждаемая в статье, посвящена одному из самых острых вопросов Центральноазиатского региона – афганскому кризису. В статье рассматривается место Афганистана во внешней политике стран Центральной Азии, особенно Республики Таджикистан. В то же время автор попытался исследовать предложения и инициативы Основателя национального мира и единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона по стабилизации политической ситуации в афганском обществе и доказать, что реализация этих предложений является фактором оздоровления афганского общества.

**Ключевые слова:** Афганистан, кризис, безопасность, Центральная Азия, Таджикистан, Узбекистан, Туркменистан, Казахстан, Кыргызстан, инициатива, предложение.

**THE ROLE OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN EMOMALI RAHMAN IN ESTABLISHING PEACE AND STABILITY IN AFGHANISTAN**

The topic discussed in the article is devoted to one of the most pressing issues in the Central Asian region - the Afghan crisis. The article discusses the place of Afghanistan in the foreign policy of the countries of Central Asia, especially the Republic of Tajikistan. At the same time, the author tried to explore the proposals and initiatives of the Founder of National Peace and Unity, the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon to stabilize the political situation in the Afghan society, and prove that the implementation of these proposals is a factor in the improvement of the Afghan society.

**Key words:** Afghanistan, crisis, security, Central Asia, Tajikistan, Uzbekistan, Turkmenistan, Kazakhstan, Kyrgyzstan, initiative, proposal.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Неъматов Икромидин*** **-** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсент, кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалӣ. **Суроға:** 734003, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Саид Носир, 33. Телефон. **(+992) 907705875**, E-mail: **i.nemat@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Неъматов Икромидин*** **-** Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат исторических наук, доцент, кафедра дипломатии и международных отношений. Адрес: 734003, городДушанбе, Республика Таджикистан, улица Саида Носира, 33. Телефон. **(+992) 907705875**, E-mail: **i.nemat@mail.ru**

**Information about the author:** ***Nematov Ikromidin*** **-** Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, candidate of historical sciences, associate professor, department of diplomacy and international relations. Address: 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Said Nosira Street, 33.Phone (+992) **907705875,** E-mail: **i.nemat@mail.ru**

УДК:930.85(575.3)

# НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА РУШДИ РОҲИ ОҲАН ДАР ТОҶИКИСТОН

*Айнулозода Н. А.*

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Яке аз бахшҳои муҳимми стратегии иқтисодиёти Тоҷикистон роҳи оҳан ба шумор меравад, ки дар комплекси саноатии ҷумҳурӣ нақши муҳим дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари кӯҳистон буда, 93 %-и қаламрави онро кӯҳсор ташкил медиҳад, ки сохтани роҳҳои оҳан дар чунин шароит хеле мушкил мебошад. Илова бар ин, сохтани чунин роҳҳо маблағ ва воситаҳои зиёди техникиро тақозо мекунад. Аммо тараққиёти хоҷагии халқ бевосита бо роҳсозӣ, махсусан бо сохтмони роҳҳои оҳан алоқаманд аст. Бесабаб нест, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон роҳҳоро «рагҳои хунгузар»-и кишвар номидааст [13].

Қайд кардан бамаврид аст, ки Осиёи Миёна барои Россияи подшоҳӣ манбаи арзони маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, хусусан пахта ва пилла ба шумор мерафт.

Бинобар ин, зарурати сохтани роҳи оҳани Осиёи Миёнаро ҳанӯз соли 1874 сармоядорони Москва ба миён гузошта буданд, вале ҳукуматдорон, махсусан амалдорони соҳаи молия, сохтани роҳи оҳанро барои Россия аз ҷиҳати иқтисодӣ зиёновар меҳисобиданд. Аз ин лиҳоз, онҳо дар ибтидо сохтани чунин роҳро дастгирӣ накарданд, аммо вазъи ҳамонвақтаи сиёсию низомии Россия сохтани ин гуна роҳро на танҳо ба миён гузошт, балки тезонид. Баъд аз он ки англисҳо дар Ҳиндустон ва немисҳо дар Эрон ба сохтмони роҳи оҳан шуруъ намуда, мавқеи худро дар ин кишварҳо мустаҳкам намуданд, ҳамчун амали ҷавобӣ императори Россия Александри II генерал-лейтенант Михаил Анненковро барои сохтмони роҳи оҳан дар Осиёи Миёна вазифадор намуд.

Сохтмони хатти якуми роҳи оҳани Урсатевская – Андиҷон дар соли 1880 оғоз ёфта, ҳукумати подшоҳии Россия талаботи рӯзафзуни шаҳру ноҳияҳои марказиро бо ашёи хом, махсусан пахта, инчунин эҳтиёҷоти хоҷагии халқи мардуми водии Фарғонаро ба эътибор гирифта, қарор дод, ки дар байни ин вилоятҳо алоқаи доимиро барқарор намояд. Сохтмони роҳи оҳан дар охири соли 1895 ба охир расид. Баъд аз ба истифода додани роҳи нав он идомаи роҳи оҳани Транскаспийск гардид, ки солҳои 1880-1881 аз ҷониби баталёни ҳарбии роҳсозони вилояти Закаспий сохта шуда буд. Бояд қайд намуд, ки 109 километри ин роҳ аз қисмати шимолии Тоҷикистон гузашта, Ҳуҷандро бо шабакаи роҳҳои оҳани империяи Россия пайваст намуд.

Қитъаи кисми роҳи оҳани Самарқанд – Андиҷон ба ҳисоб мерафт. Поездҳо дар истгоҳҳои Спиридоново (Спитамен), Драгомирово (Ҷаббор Расулов), Хуҷанд, Қайроққум Завадская (Гулистон), Қаракчикум (Веревкино), Маҳрам, Ковалский (Маданият), (Ковалевский), Мелниково (Конибодом), Қӯрғонча ва Исфара меистоданд. Номи ин истгоҳҳоро дар «Атласи роҳи оҳан», ки соли 1948 дар шаҳри Москва ба табъ расида буд, пайдо намудан мумкин аст.

Сохтмони роҳи оҳан дар мавзеъҳои кӯҳӣ душвориҳои зиёдеро ба бор меовард. Дар ин кор ба ҳалқи тоҷик инженерон, мутахассисони роҳи оҳан ва ҳарбиёни рус ёрӣ мерасонданд. Аз ин рӯ, якчанд истгоҳҳои роҳи оҳани Тоҷикистон ба номи онҳо

гузошта шудаанд. Масалан, истгоҳи Конибодом кариб 80 сол то соли 1964 бо номи Мелниково, яъне ба шарафи генерал-лейтенант, якумин вазири роҳҳои оҳани империяи Россия Павел Петрович Мелников гузошта шуда буд. Истгоҳи Қарақчиқум дар деҳаи Ҷаҳонзеби ноҳияи Конибодом дар оғоз ба номи генерал Веревкин ва истгоҳи Пролетар дар ноҳияи Ҷаббор Расулов низ ба ифтихори генерали рус Драгомирово номгузорӣ шуда буданд.

Ҳукумати Россия соли 1904 омодагиҳоро барои сохтмони роҳи оҳани Бухоро оғоз намуд, вале бо сабаби дар ҳамон сол бо Ҷопон ба ҷанг кашида шудан сохтмони роҳи мазкур ба таъхир гузошта шуд. Соли 1911 созишнома дар бораи сохтани ду хатти мустақил: Қаршӣ – Коркӣ – Тирмиз ва Қаршӣ – Гузар – Тирмиз ба имзо расид.

Моҳи августи соли 1912 инженери рус А.Н. Ковалевский иҷозатнома дар барои гузарондани корҳои омодагӣ дар бобати аз истгоҳи Когон то Тирмиз кашидани хатти роҳ ба даст овард. Аз ҷониби ӯ лоиҳае тартиб дода шуд, ки дар он сохтмони қитъаҳои Когон – Қаршӣ –Тирмиз (бо дарозии 424 км) ва хатти Қаршӣ – Китоб пешбинӣ шуда буд. Баъд аз ин соли 1913 ширкати роҳи оҳани Бухоро таъсис ёфт [12].

Дар соли 1914 ҷамъияти Роҳи оҳани Бухоро ба кори пешакии хатти пешбинишудаи Тирмиз – Душанбе шуруъ намуд. Сохтмони роҳ дар шароити хеле душвор сурат мегирифт. Барои босамар ба роҳ мондани корҳои сохтмонӣ таваҷҷуҳ ба ҳайвоноти боркаш бештар дода мешуд [8,с.10]. Дар сохтани роҳҳои оҳан он замон асбобҳои асосӣ белу кетман, лому зоғнӯл ба ҳисоб мерафтанд. Шароити номусоиди корӣ, норасоии либосу озуқаворӣ боиси авҷи бемориҳо гардида буд. Аммо Ҷанги якуми ҷаҳонӣ боис гашт, ки ин масъала ба муддати номуайян мавқуф гузошта шавад.

Соли 1924 Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми мухторият ва дар соли 1929 бошад, Ҷумҳурии шуравии сотсиалистиро пайдо намуд. Аз ҷумҳурии мухтор ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил додани Тоҷикистон барпо намудан ва тараққӣ додани саноат ва хоҷагии қишлоқро талаб мекард. Барои ҳалли ин масъалаи муҳим на танҳо роҳи оҳан, балки роҳҳои автомобилӣ ҳам сохтан лозим буд [14,с.35]. Барои коргарони хатҳои роҳи оҳан давраи нав оғоз шуд, ки онҳо акнун ҳамчун шуъбаи душанбегӣ дар ҳайати Идораи роҳи оҳани Осиёи Миёна фаъолият намоянд.

Дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ хатҳои сершумори роҳи оҳан кашида шуданд, ки онҳо бо навтарин таҷҳизотҳои техникӣ ҷиҳозонида шуда буданд. Тамоми боркашонӣ ва мусофиркашонӣ бо паровозҳо ва электровозҳои ватанӣ анҷом дода мешуд. Мисоли равшани он хатти Тирмиз – Душанбе буд, ки дарозиаш 245 километрро ташкил медод.

Давраи муҳимми навбатии тараққиёти роҳи оҳан дар мамлакат сохтмони хатти Тирмиз – Душанбе буд, ки он дар моҳи апрели соли 1926 оғоз гардида буд. Барои иҷрои супориш аз буҷаи ИҶШС 14 миллион сӯми тилло ҷудо карда шуда, Ҳукумати Шуравӣ сохтмонро бо тамоми масолеҳ ва кормандони инженер-техникии Москваю Ленинград таъмин намуд. Сохтмони роҳи мазкур бо дарозии 245 километр 1 сентябри соли 1929, яъне ду моҳу ҳафт рӯз пеш аз муҳлат анҷом ёфт [13].

11 сентябри соли 1929 аввалин поезд ба истгоҳи роҳи оҳани Душанбе омад. Поездро инженер-машинист Н. Ярко ва сардори идораи роҳи оҳан Вагаршаг Ҷавадович Карамов ба Душанбе расониданд. Ин паровози таърихии силсилаи Эу-733-24 барои роҳи оҳани тоҷик муддати тулонӣ хидмат карда, баъди аз кор баромадан ҳамчун муҷассама боқӣ монд ва соли 1999 ба ифтихори 70-солагии

омадани қатораи аввал дар боғи “Роҳи оҳан” (ҳоло “Шоҳмансур”) насб карда шуд. Дар он номи панҷ нафар ронандагон, ки дар паровозҳои ин серия кор мекарданд: Александр Струнаев, Сами Ҳусайнов, Алексей Медведев, Ҳомид Одилов ва Кайюм Фузайлов дарҷ карда шудааст.

Пайдо шудани хатти Тирмиз – Душанбе дар рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ қадами муҳим буда, имкон дод, ки барои сохтмони саноатӣ ва ҳоҷагии қишлоқ аз Россия ба Тоҷикистон таҷҳизоти махсус оварда шавад.

Шуъбаи роҳи оҳани Тоҷикистони Шуравӣ дар миёни тамоми роҳҳои оҳани ҷумҳуриҳои иттифоқии ИҶШС ҷавонтарин мебошад. Мавқеи географии ҷумҳурӣ дар он вақт имкон намедод, ки иқтидори боркашонии поездҳоро зиёд карда, суръати баланди ҳаракати онҳо таъмин карда шавад. Роҳи оҳани тоҷик ба ин камбудиҳо нигоҳ накарда, ҷумҳурии моро бо Москва ва дигар шаҳрҳои калон ва марказҳои саноатии ИҶШС пайваст намуд.

Дар ибтидои солҳои 30-юми асри гузашта дар Тоҷикистон ба хатҳои роҳи оҳани камбар диққати махсус дода мешуд, чунки онҳо барои тараққиёти иқтисодиёти мамлакати кӯҳсори мо аҳаммияти калон доштанд. Инак, солҳои 1929-1931 навбати якуми роҳи оҳани камбари Панҷи Поён - Қӯрғонтеппа ба масофаи 105 километр сохта шуд, ки минбаъд он дар сохтмони канали Вахш нақши халқунанда бозид, ки ба туфайли он даҳҳо ҳазор гектар заминҳои нав аз худ карда шуда, водии Вахш пойгоҳи асосии ИҶШС барои парвариши навъҳои пахтаи маҳиннах гардид.

Сохтмони навбати дуюми хатти роҳи оҳани камбар соли 1932 оғоз ёфта, дар ибтидои соли оянда участкаи Сталинобод – Гулистон (27 километр) ба истифода дода шуд.

Д.Х. Алимов қайд менамояд, ки “сохтмони роҳи оҳани камбар то Панҷи Поён, ки ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистонро бо ҳам пайваст менамуд, 12 марти соли 1932 ба охир расид”. Бо ҳамин мақсад 14-16 декабри соли 1933 мачлиси бюрои КМ ПК Тоҷикистон оид ба истифодабарии роҳи оҳани камбар барпо гардид. Дар маҷлиси машваратӣ қайд карда шуд, ки роҳи байни истгоҳи Панҷи Поён то истгоҳи асосӣ 102 километр буда, дарозии умумии роҳ 131,6 километрро ташкил медиҳад, дар умум 6 истгоҳ дорад. Сохтмони роҳи мазкур 5249,5 ҳазор сӯм ва бо назардошти сохтмони манзил 6339,2 ҳазор сӯмро ташкил намуд. Бо нияти бо қувваи доимӣ таъмин намудан 12 августи соли 1932 Бюрои Осиёи Миёнаи Кумитаи марказии ҳизби коммунистӣ қарор қабул кард, ки аз Ӯзбекистон 1300 нафар ба «Вахшстрой», 700 нафар аз Кирғизистон ва 1000 нафар аз Туркманистон коргари ботаҷриба фиристанд. Дар яке аз бандҳои қарор таъкид мешавад, ки «Вахшстрой» дар ибтидои соли 1933 бо супориши Ҳукумати Иттифоқӣ барои роҳи оҳани камбар 3 паровоз бо 132 вагон дастрас намудааст [1,с.27-28].

Солҳои 1934 –1941 роҳи оҳани Сталинобод – Қурғонтеппа бо дарозии 123 километр сохта шуд [2,с.14]. Дар он замон дарозии умумии роҳҳои оҳани камбар дар Тоҷикистон 440,3 километрро ташкил медод. Дар натиҷаи васеъ шудани майдони пахта, сохтмони як қатор корхонаҳои калони саноатӣ, пеш аз ҳама, барои коркарди ашёи хоми хоҷагии қишлоқ аҳаммияти роҳҳои оҳани камбар низ меафзуд. Ин буд, ки то соли 1955 роҳҳои оҳани камбар то ба шаҳри Кӯлоб сохта шуданд. Сохтмони ин гуна роҳҳо барои хоҷагии халқи Тоҷикистон аҳаммияти калон дошт чунки бисёр

корхонаҳои калони саноатӣ сохта шуда, даҳҳо ҳазор гектар заминҳои нав азхуд карда шуда, майдони пахта васеъ карда шуд.

Соли 1946 роҳи оҳани камбари кони ангишти Зиддӣ, ки дар солҳои ҷанг сохта шуда буд, ба дарозии 21 километр ба истифода дода шуд. Маҳз дар ҳамин вақт сохтмони роҳи оҳани камбари Қӯрғонтеппа — Кӯлоб оғоз ёфт. То охири панҷсола дарозии роҳҳои оҳани камбар дар Тоҷикистон назар ба солҳои баъд аз ҷанг 197 километр зиёд шуда, 339 километрро ташкил дод, ки дар натиҷаи ин ҳаҷми муомилоти боркашонӣ 2,2 баробар афзуд [5, с.133].

Дар солҳои 50-ум тамоми роҳҳои оҳани Тоҷикистон ба ҳайати роҳи оҳани Осиёи Миёна дохил буда, дарозии роҳҳои оҳани бараш муқаррарӣ 255 километр ва дарозии роҳҳои оҳани камбар 386 километрро ташкил медоданд. Дар ин давра кариб тамоми борҳо бо тепловозҳо кашонда мешуданд, ки ин самараи меҳнатро баланд бардошта, арзиши аслии боркашониро кам мекард. Ин сифати боркашониро беҳтар гардонида, вагонҳои ҳавояшон мунтазам тозашаванда ба истифода дода шуданд. Суръати поездҳои мусофиркашонӣ низ хеле афзуд. Роҳи оҳани камбар, ки Душанберо бо водии Вахш ва вилояти Кӯлоб пайванд мекард, фақат барои боркашонии дохили мамлакат хизмат мерасонид. Аммо бо сабаби ривоҷу равнақи нақлиёти автомобилӣ он оҳиста-оҳиста аҳаммияти худро гум кард. Тавассути роҳи оҳани камбар ба водии Вахш сӯзишворӣ, чӯбу тахта ва ғайра мекашонанд. Соли 1970 бо роҳи оҳани камбар 836 ҳазор тонна бор кашонда шуда буд. Дар ҳамин давра ҳаҷми корҳои нақлиётӣ дар мамлакат тақрибан 1,7 маротиба афзуда буд [9].

Қайд намудан зарур аст, ки аз соли 1929 идораи роҳҳои оҳани Тоҷикистонро «Шуъбаи Сталинободии роҳи оҳани Ашқобод» ном мебурданд. Дар натиҷаи ба тобеияти роҳи оҳани Тошканд гузаштани он ба «Шуъбаи Сталинободии роҳи оҳани Тошкент» табдил ёфт. Баъди аз Сталинобод ба Душанбе табдил додани номи пойтахти мамлакат дар соли 1961 ин роҳ бо номи Шуъбаи Душанбегии роҳи оҳани Осиёи Миёна номгузорӣ карда шуд.

Аз соли 1929 то соли 2002 роҳҳои Тоҷикистонро ходимони намоёни соҳа: В. Карамов, Б.П. Мелников, В.И. Салников, М. Бобокалонов, М. Мирзоев, А.М. Зарифов, К.В. Содиков, В. Давидов, Е. Худойбердиев, М. Хабибов роҳбарӣ намудаанд.

Дар солҳои 90-ум дарозии умумии роҳҳои оҳани муқаррарӣ дар ҷумҳурӣ 474 километрро ташкил менамуд, ки ин 0,32 фоизи тамоми роҳҳои оҳани ИҶШС-ро ташкил медод. Дар ин давра роҳи оҳан бештар мусофиркашонии байнишаҳрӣ ва байниҷумҳуриявиро ба ҷо меовард. Агар ба вазъияти кори нақлиёти роҳи оҳан аз рӯйи ҳаҷми боркашонӣ - нишондиҳандаи асосии нақлиёт баҳо диҳем, пас дар соли 1988 бо ин намуди наклиёт 3937,6 хазор нафар мусофир кашонда шудааст, ки ин 1,02 фоизи ҳаҷми умумии мусофиркашонии ҷумҳуриро ташкил медиҳад [4,с.7].

Давраи навтарин дар таърихи роҳи оҳани Тоҷикистон ба 9 сентябри соли 1991 рост меояд, ки кишвари мо истиқлолияти давлатӣ ба даст овард. Сарфи назар аз бухрони амиқи иқтисодӣ ва сиёсӣ соли 1993 Ҳукумати ҷумҳурӣ ва шахсан Президенти мамлакат Э. Раҳмонов карор дод, ки сохтмони роҳи тақдирсозро давом диҳад.

Роҳи оҳани Тоҷикистон дар аввали солҳои 90-ум барои кашондани борҳои хоҷагии халқ ва мусофирон мавқеи махсусро ишғол мекард. Яке аз сохтмонҳои

муҳимми комплекси нақлиётии Тоҷикистони соҳибистиқлол ин бунёди роҳи оҳани Қўрғонтеппа – Кўлоб ба ҳисоб мерафт.

Хатти нави роҳи оҳан мувофиқи лоиҳаи аввала ба дарозии 149 километр бо истгоҳҳои Сангтуда - Данғара -Фархор - Восеъ - Кўлоб муайян карда шуд. Сохтмони роҳи оҳани мазкур моҳи марти соли 1991 оғоз шуда буд, аммо ба сабаби пошхўрии Иттиҳоди Шуравӣ сохтмон ба таъхир гузошта шуд. Аммо, новобаста аз бuҳрони иқтисодиву сиёсии кишвар 21, сентябри соли 1993 Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори №494 «Дар бораи чораҳои тезонидани сохтмони роҳи оҳани Қўрғонтеппа-Кўлоб»-ро қабул намуд [7,с.532].

Сохтмони хатти роҳи оҳани Қўрғонтеппа – Кўлоб дар моҳи марти соли 1991 шуруъ шуд ва ба анҷом расонидани он то моҳи майи соли 1996 ба нақша гирифта шуда буд. Вале пас аз пошхўрии Иттиҳоди Шуравӣ ва вазъияти носозгори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳама гуна корҳои сохтмонӣ қатъ гардиданд. Роҳи оҳанро асосан мутахассисону коргарони маҳаллӣ сохта, таҷҳизоту масолеҳи роҳҳоро аз Федератсияи Россия ворид мекарданд. Махсусан бо маблағ таъмин кардани сохтмон бисёр душвор буд. Дар ин шароит, сарфи назар аз ноустувории сиёсӣ ва оқибатҳои офати табиие, ки дар ноҳияҳои асосии ҷумҳурӣ ба амал омад, дар мамлакат маблағгузорӣ барои сохтмони роҳи оҳани Қўрғонтеппа – Кўлоб, ки соли 1992 аз офати табиӣ зарари калон дида буд, давом дода шуд. Илова бар ин, корхонаҳо ва аҳолии вилояти Кўлоб ба ҳисоби сохтмони роҳи оҳан беш тар аз 490 ҳазор сум, ноҳияи Восеъ - 178 ҳазор сўм, ноҳияи Данғара - 155 ҳазор сўм, Советский - 143 ҳазор сўм ва коллективи автобазаи «Тоҷикпотребсоюз»–и Душанбе 29 ҳазор сўм ҳамчун кумак пул гузаронданд [6].

Аз соли 1993 сар карда Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсан Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон сохтмони ин роҳро ҷиддан ба зери назорат гирифтанд. Роҳи оҳани Қўрғонтеппа – Кўлоб дар таърихи роҳсозии Тоҷикистон мавқеи махсусро ишғол менамояд. То пош хўрдани ИҶШС чунин иншоотҳои муҳиму гаронбаҳо бо маблағу кумакҳои ҳукумати марказӣ ва тамоми халқи шуравӣ сохта мешуданд [3,с.53]. Ин аввалин иншооте буд, ки Тоҷикистон дар солҳои истиқлол бо маблағҳои буҷаи давлатӣ сохта ба истифода дод. Сохтмони роҳ дар шароити ниҳоят душвор мегузашт, вале сохтмончиён ва кормандони инженериву техникӣ аҳаммияти бузурги роҳро дарк намуда, аз уҳдаи ин кори душвор баромаданд.

То соли 1994 шабакаи роҳи оҳани ҷумҳурӣ ба ҳайати роҳи оҳани Осиёи Миёна дохил мешуд ва 17 августи соли 1994, № 403 Шурои вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъсиси Роҳи оҳани Тоҷикистон дар заминаи филиали душанбегии роҳи оҳани Осиёи Марказӣ қарор қабул кард - ин сана барои тамоми роҳи оҳани тоҷик ба иди касбӣ табдил ёфтааст [10]. Дар ҳамон сол Тоҷикистон ба Созмони иттиҳоди роҳҳои оҳан шомил шуд. Бояд қайд намуд, ки ин иттиҳод барои ташаккули меъёрҳои умумии ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ ва рушди ҳамлу нақли байналмилалии роҳҳои оҳан таъсис ёфтааст.

Натиҷаи заҳмати роҳсозон ва кормандони инженерӣ-техникӣ буд, ки 7 сентябри соли 1998 маросими ифтитоҳи навбати якуми роҳи оҳани Қўрғонтеппа— Кўлоб, бо дарозии 54 километр баргузор карда шуд, ки то истгоҳи Саргазони ноҳияи Данғара тул кашид.

Дар маросими супоридани марҳилаи аввали ин мавзеъ Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ширкат дошт. Дар суханронии худ дар ҷамъомад бахшида ба ифтитоҳи қитъаи якуми роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Саргазон қайд намуданд, ки: «Ин роҳ кӯтоҳтарин роҳи байналхалқӣ дар Осиёву Аврупо ва пеш аз ҳама барои Осиёи Миёна буда, ҳамчун дарвозаест, ки кишвари моро бо Хитой, Покистон, Ҳиндустон ва дигар мамлакатхои Осиё ва бандарҳои калони байналхалқӣ пайваст менамояд.

Илова бар ин, роҳи мазкур ба инкишофи туризми байналхалқӣ мусоидат мекунад, фишанги асосии пешрафти иҷтимоию иқтисодии мамлакат мебошад. Роҳи оҳани мазкур воқеан аҳаммияти бузурги иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва стратегӣ дошта, интиқоли борҳои аҳолиро дар дохили кишвар осон мекунад” [11]. Илова бар ин, Президенти кишвар дар назди масъулон вазифа гузоштаанд, ки то 1100-солагии давлати Сомониён сохтмони бокимондаи роҳи оҳан анҷом дода шавад.

Марҳилаи дуюми он, ки ба самти хатти Данғара — Олимтой — Қурбоншаҳид — Кӯлоб муқаррар гардида буд, 2 сентябри соли 1999 дар арафаи таҷлили 1100–солагии таъсиси давлати Сомониён ва дар остонаи солгарди навбатии истиқлоли Тоҷикистон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Дарозии умумии роҳи оҳани Қӯрғонтеппа — Кӯлоб 132 километр буда, дар масири он бисѐр иншооти сунъӣ, пулҳои хурду миёна ва 5 пули калон сохта шуд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар тантанаҳои ба истифода додани хатти нави роҳи оҳан ширкат варзида, нахустин мусофири қатораи аввалин дар ин масир гардид. Роҳиоҳанчиён ба ӯ билети мусофири «№1»-ро супурданд. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон як гурӯҳи калони намояндагони соҳаҳои гуногуни саноат барои меҳнати шуҷоатнок ва муваффақият дар сохтмони роҳи оҳани Қӯрғонтеппа — Кӯлоб бо мукофотҳои давлатӣ - ордену медалҳо ва ифтихорномаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд [15,с.266].

Дар солҳои минбаъда базаи моддию техникӣ ва вазъияти молиявӣ тағйир ёфта, гардиши бору мусофиркашонӣ дар дохили мамлакат ва берун аз он афзуд. То январи соли 2002 қарзи Роҳи оҳани Тоҷикистон аз ҳисоби кишварҳои ИДМ 37,1 миллион доллари амрикоиро ташкил медод. Барои солҳои 2002-2006 аллакай 35,1 миллион доллари он баргардонда шуд. Инчунин, қарзи молиявии Ҷумҳурии Федеролии Олмон ба маблағи 5,5 доллар пардохт шуда, дар ин муддат сехи таъмири муҳаррикҳои электрикӣ, ки бо таҷҳизотҳои олмонӣ муҷаҳҳаз шуда буданд, ба истифода дода шуд.

Беҳтар гардидани ҳолати моддию техникӣ ва молиявии роҳи оҳани Тоҷик ба зиёд гардидани шумораи хатсайрҳо низ мусоидат намуд. Дар самти Душанбе — Қӯрғонтеппа — Кӯлоб, Қӯрғонтеппа — Конибодом хатсайрҳо кушода шуд. Аз 5 октябри соли 2002 қатораи мусофиркашонӣ дар масири Душанбе — Астрахан, аз 5 майи соли 2004 дар хатсайри Хуҷанд — Саратов ва 4 ноябри соли 2005 хатсайри Душанбе — Маскав ба фаъолият оғоз намуд [5]. Роҳи оҳани Тоҷикистон имконият пайдо кард, ки дар моҳи сентябри соли 2003 аввалин корхонаи истеҳсоли шпалаҳои оҳану бетониро ба кор дароварда, дар заводи вагонтаъмиркунии Маҳрам сехи рангубор ва истеҳсоли қисмҳои эҳтиётии вагонҳои ҳаракаткунанда ба кор даромад. Соли 2006 бошад, дар Сарбанд депои нави вагонҳои боркаш ба истифода дода шуд.

Ҳамин тариқ, ҳоло дарозии умумии хатҳои КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» 978 километр буда, дарозии шоҳроҳҳои асосӣ 679,9, пайроҳаҳои истгоҳӣ 216,7, роҳҳои

даромадгоҳ 54,1 километрро ташкил медиҳад. Парки инвентаризатсияи КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» 2000 вагони боркаш, 424 вагони мусофиркашонӣ, 57 тепловоз ва 42 локомотивро дар бар мегирад. Дар нақшаҳои оянда наздик сохтмони хатҳои нави роҳи оҳани васеъ: Душанбе – Вахш (дарозии лоиҳа 100 километр), Колхозобод – Панҷи Поён (наздики 55 километр) ва Самарқанд – Панҷакент (50 километр) пешбинӣ карда шудааст [12].

Ин имконият медиҳад, ки боркашонӣ тавассути роҳи оҳан миёни кишварҳои мустақили Осиёи Миёна, Қазоқистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Белорус, Озарбойҷон, Арманистон, Гурҷистон ва ғайра вусъат ёбад.

## АДАБИЁТ


1. Алимов Д.Х. Водохозяйственное строительство и освоение целинных земель южных районов Таджикистана (20-80-е годы XX в.): Автореферат диссертации на соискание учёной степени доктора исторических наук / Д.Х. Алимов. –Душанбе, 2020. -50 с.
2. Бронштейн Я. Т. Транспорт Таджикистана и его развитие в девятой пятилетке / Я. Т. Бронштейн, А. Н. Заманов. - Душанбе, 1972. -С.**14.**
3. Гафурова Г.А. Развитие дорожного строительства и транспорта в Таджикистане в годы независимости (1991-2016 гг.) / Г.А. Гафурова. - Худжанд, 2018. -С.53.
4. Джумаев Д. Проблемы комплексного развития пассажирского автомобильного транспорта Таджикской ССР / Д. Джумаев. — Душанбе: Ирфон, 1990. - 224 с.
5. История таджикского народа.-Т.-6 . Новейшая история (1941-2010 гг.). Под редакцией Р. М. Масова.- Душанбе: Империал-Группа.-2011. - 688 с.
6. Люди, соединяющие берега //Народная газета. - 1992. - 19 июня.
7. Назриев Д. Республика Таджикистан: История независимости (хроника событий), 1993 / Д.Назриев, И. Саттаров. - Душанбе: Ирфон, 1996. - С.532.
8. Назруллаев С. Из истории транспорта и дорожного хозяйства Таджикистана (1917-2013 гг.) Краткая история / С.Назруллаев. –Душанбе, 2014. -184 с.
9. Нақлиёти роҳи оҳан [Манбаи ресурс]. - Рељаидастрасї: http://kitobam.com/cr/nakliyoti-rohi-ohan/
10. Поезда идут с Востока на Запад и с Запада на Восток. //Народная газета. - 2008. - 16 апр. №16 (19 622).
11. Рахмон Э. Речь на митинге, посвящённом открытию первого участка железной дороги Курган-Тюбе – Куляб 7 сентября 1998 года. // Джумхурият. 1998. - 8 сент.
12. Судьбоносные артерии Таджикистана [Электронный ресурс]. - Режим доступа: http://eav.ru/publ1p.php?publid=2007-06a10
13. Трапезникова К. День работников железной дороги: как в Таджикистане появились поезда [Электронный ресурс]. – Режим доступа:https://halva.tj/articles/analytics/den_rabotnikov_zheleznoy_dorogi_kak_v_tadzhikistane_poyavilis_poezda
14. Шарипов Н.А. История развития дорожного хозяйства Кулябской области Таджикской ССР (20- 80-е гг. XX в.) / Н.А. Шарипов. -Душанбе, 2016 -С.35. -385 с.
15. Шарифзода А., Косими З. Фархундапай (Благодетель). -Душанбе, 2014. (На тадж. и русс, яз.). - С. 266.


## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА РУШДИ РОҲИ ОҲАН ДАР ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур оид ба таърихи пайдоиш ва рушди роҳи оҳан дар Тоҷикистон маълумот дода шудааст. Дар солҳои аввали Ҳукумати Шуравӣ дар Тоҷикистон ба хатҳои роҳи оҳани камбар диққати махсус дода мешуд, чунки онҳо барои рушди иқтисодиёти мамлакати кӯҳсори мо аҳаммияти зиёд доштанд. Муаллиф дар мақола қайд менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари кӯҳсор буда, сохтани роҳҳои оҳан дар чунин шароит хеле мушкил мебошад. Илова бар ин, сохтани чунин роҳҳо маблағ ва воситаҳои зиёди техникиро тақозо мекунад. Аммо рушди хоҷагии халқ бевосита бо роҳсозӣ, махсусан бо сохтмони роҳҳои оҳан алоқаманд аст. Қайд мегардад, ки давраи муҳимми рушди роҳи оҳан дар мамлакат сохтмони хатти Тирмиз – Душанбе ба ҳисоб меравад. Роҳи мазкур моҳи апрели соли 1926 бо дарозии 245 километр оғоз гардида, 1 сентябри соли 1929 анҷом ёфт ва 11 сентябри соли 1929 аввалин поезд ба истгоҳи роҳи оҳани Душанбе омад. Дар натиҷаи васеъ шудани майдони пахта, сохтмони як қатор корхонаҳои калони саноатӣ, пеш аз ҳама, барои коркарди ашёи хоми хоҷагии қишлоқ аҳаммияти роҳҳои оҳани камбар низ меафзуд. То соли 1955 роҳҳои оҳани камбар то ба шаҳри Кӯлоб сохта шуданд. Сохтмони ин гуна роҳҳо барои хоҷагии халқи Тоҷикистон аҳаммияти калон

дошт, чунки бисёр корхонаҳои калони саноатӣ сохта шуда, даҳҳо ҳазор гектар заминҳои нав аз худ карда шуда, майдони пахта васеъ карда шуд.

**Калидвожаҳо:** роҳи оҳан, роҳи оҳани камбар, истгоҳи роҳи оҳан, поезд, вагон, корхонаҳои саноатӣ, хоҷагии халқ.

## ВЗГЛЯД НА ИСТОРИЮ ПРОИСХОЖДЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ЖЕЛЕЗНОЙ ДОРОГИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

В данной статье представлена информация об истории возникновения и развития железной дороги в Таджикистане. В первые годы советской власти в Таджикистане особое внимание уделялось узкоколейным железнодорожным путям, поскольку они имели большое значение для развития экономики нашей горной страны. Автор отмечает в статье, что Республика Таджикистан – горная страна, и в таких условиях очень сложно строить железные дороги. К тому же строительство таких дорог требует больших денежных и технических средств. Однако развитие народного хозяйства непосредственно связано с дорожным строительством, особенно со строительством железных дорог. Отмечается, что строительство линии Термез-Душанбе считается важным этапом развития железной дороги в стране. Эта дорога была начата в апреле 1926 года протяжённостью 245 километров, завершена 1 сентября 1929 года, а 11 сентября 1929 года на железнодорожную станцию Душанбе прибыл первый поезд.В результате расширения хлопковых полей, строительства ряда крупных промышленных предприятий, прежде всего, по переработке сельскохозяйственного сырья, возрастает и значение узкоколейных железных дорог. К 1955 году узкоколейные железные дороги были проложены до города Куляб. Строительство таких дорог имело большое значение для экономики таджикского народа, ведь было построено много крупных промышленных предприятий, освоены десятки тысяч гектаров новых земель, расширены посевные площади под хлопком.

**Ключевые слова:** железная дорога, узкоколейная железная дорога, железнодорожная станция, поезд, вагон, промышленные предприятия, народное хозяйство.

## A VIEW TO THE HISTORY OF THE ORIGIN AND DEVELOPMENT OF THE RAILWAY IN TAJIKISTAN

This article deals with about the history of the emergence and development of the railway in Tajikistan. In the first years of Soviet power in Tajikistan, special attention was paid to narrow-gauge railroad, since they were of great importance for the development of the economy of our mountainous country. The author notes in the article that the Republic of Tajikistan is a mountainous country, and in such conditions it is very difficult to build railways. In addition, the construction of such roads requires large financial and technical resources. However, the development of the national economy is directly connected with road construction, especially, with the construction of railroad. It should bi noted that the construction of the Termez-Dushanbe line is considered an important stage in the development of the railway in the country. This road was started in April 1926 with a length of 245 kilometers, completed on September 1, 1929, and on September 11, 1929, the first train arrived at the Dushanbe railway station.As a result of the expansion of the cotton field, the construction of a number of large industrial enterprises, primarily for the processing of agricultural raw materials, the importance of narrow-gage railroad is also growing. Since 1955, narrow-gage railroads were laid to the city of Kulob. The construction of such roads was of great importance for the economy of the Tajik people, because many large industrial enterprises were built, tens of thousands of hectares of new land were developed, and the area under cotton was expanded.

**Key words:** railway, narrow-gage road gage rail, railway station, train, car, industrial enterprises, national economy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Айнулозода Наҳтулло Айнуло*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои таърих, дотсент. **Суроға:** 734003, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121. E-mail: **nahtullo.87@mail.ru.** Телефон:**(+992) 918947518**

**Сведения об авторе:** ***Айнулозода Нахтулло Айнуло*** - Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кандидат исторических наук, доцент. **Адрес:** 734003, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 121. E-mail: **nahtullo.87@mail.ru.** Телефон:**(+992) 918947518**

**Information about the author:** ***Ainulozoda Nakhtullo Ainulo*** -Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, candidate of historical sciences, associate professor. **Address:** 734003, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 121. E-mail: **nahtullo.87@mail.ru**. Phone**: (+ 992) 918947518**

ТДУ:930.25 (575.3)

# АБРҲОИ ТИРАИ ОСМОНИ ЗИНДАГИИ УСТОД АЙНӢ

***Розиқзода А.Ш.***
**Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Зиндагиномаи устод Айнӣ, воқеан, ифодагари руҳи замон ва таърихи печидаи халқи тоҷик дар охири асри XIX ва нимаи аввали қарни XX мебошад. Дар назари аввал чунин ба назар мерасад, ки ҳам худи устод ва ҳам айнишиносон дар бораи зиндагиномааш ҳама матлабро гуфтаанд. Вале дар асл дар бораи зиндагинома ва осори пурғановати ӯ дар марҳалаҳои ҷудогонаи замони шуравӣ на ҳама матлабро гуфта метавонистанд.

Ин ҷо мо мехоҳем дар атрофи баъзе паҳлуҳои талху фоҷеабори зиндагии ин чеҳраи мондагори адабу фарҳанги халқи тоҷик, ки тамоми ҳастӣ, дониш ва истеъдоди хешро сарфи бақо ва ҳастии миллаташ намудааст, баъзе фикру мулоҳизаҳои хешро иброз намоем, зеро маҳз ҳамин гуна саҳифаҳои фоҷеабори зиндагии ин чеҳраи дурахшони илму фарҳанги Осиёи Миёна пурра, илман таҳлил ва ба таври бояду шояд бозгӯ нашудаанд. Ин ҷо ба андешаҳои муҳаққиқи ҷавон Ф.Наимова, ки мегӯяд, "...ҳанӯз ҳам ин мавзуъҳо таҳлили ҳамаҷонибаи илмӣ нашудаанд"[9, с.202-203], розӣ мебояд шуд. Дарвоқеъ, ба назари инҷониб хиштҳои афтодаю шикаста, пора гаштаю рехтаи бинои муҳташами зиндагиномаи ин марди дар зиндагӣ пурдидаву олам, ҳанӯз пурраю бутун нагашта ва заргарона тармим нашудааст. Фарзандони нависанда низ, ки аз ин шикасту рехти қиблагоҳашон огаҳӣ доштанд, бо чандин омилу сабабҳо дар ин хусус хомӯширо ихтиёр карда буданд. Ногуфта намонад, ки ҳатто худи устод Айнӣ ҳам, дар тамоми асарҳояш, ки вобаста ба зиндагиаш мегуфт, хеле эҳтиёткорона ҳарф мезад ва ҳар суханашро бо талаботи замон мувофиқ мекард. Кӣ медонад, агар устод Айнӣ дар замони истиқлолияти комили диёраш зиндагӣ мекард, саҳифаҳои пуралами зиндагиашро шояд дигаргуна меофарид. Дарвоқеъ, баъди ба истиқлолияти сиёсӣ расидани халқи тоҷик ва ба гуфтани суханҳои ногуфта даст ёфтани муҳаққиқон таҳлилу бознигарии баъзе аз саҳифаҳои зиндагии устод Айнӣ, ки фоҷеаю моҷароҳои зиёдро дар пай доштанд, имконият фароҳам омад. Дар ин иртибот метавон аз нигоштаҳою ишораҳои фарзандони устод Айнӣ - К. Айнӣ, Х. Айнӣ ва олимону муҳаққиқон - М. Шакурӣ, Раҳим Ҳошим, Х.Асозода, А.С. Маҳмадаминов, Қ. Расулиён, Ф.Наимова, Б. Нуъмонов ва дигарон ном бурд.

Ба қавли яке аз беҳтарин донандагони зиндагиномаю осори устод Айнӣ – академик Муҳаммадҷон Шакурӣ, ки Айнии ҷавону ташнаи илм рӯзгоре чанде ба ҳавлии онҳо пайвастагӣ ва аҷаб саргузаште дошт, "тахминан аз солҳои 1905-1907, аз он вақт, ки ба ҷунбиши ҷадидони маорифпарвар ҳамроҳ шуд, қариб пас аз ҳар даҳ сол балое ба сараш меомад. Якумин бор соли 1917 пас аз 75 чӯб, ки баробари ҳукми қатл буд, ба зӯр аз чанги аҷал наҷот ёфт. Баъд аз ин, соли 1927 боқимондаи пантуркистон ба муносибати чопи "Намунаи адабиёти тоҷик"... Ниҳоят, соли 1937 ӯро низ ба қатори "душманони халқ" номбар карданд, вале ӯ боз зинда монд. Оре, чандин бор ҷони Айнӣ ба як муй овезон буд. Метавон гуфт, ки ӯ ҳамеша зери хавфи азиме зиндагӣ ба сар мебурд ва кор мекард" [14, с.109]. Акнун ба баёни ҷузъиёти лаҳзаҳои талху ғамангези зиндагии устод мегузарем, зеро онҳо парокандаву ғайривоқеӣ инъикос ёфтанд.

Чунончи маълум аст, устод Айнӣ дар ду давра, ду сохти давлатдорӣ, ду низоми сиёсӣ умр ба сар бурдааст. Давраи бачагию наврасӣ, таҳсилу камолоташ, яъне 40-45 соли умраш дар замони истибдоди амирӣ, ба мушкилӣ ва мусибатҳои зиёде сипарӣ шуд. Чунончи, дар синни 12-солагӣ аз навозиши падару модар маҳрум гардид. Баъдтар замони дар мадрасаҳои Бухоро таҳсил намуданаш ба таъқибу истинтоқи

зимомдорони давр рӯ ба рӯ гардид. Бори аввал дар заминаи рӯйхати махфии “ахборнависони рус” (Агентии сиёсии Россия дар Бухоро) [11, с.184-185], устод Айнӣ дар қатори 40 нафар ҷавонони равшинфикру тараққихоҳ бо “гуноҳи” газетахонӣ ба ҳузури қушбегӣ даъват шуда, бо қавли худи устод ғолибан аз ин суҳбат халос шуда буд[2, с.65]. Аввалҳои апрели соли 1917 дар радифи дигар ҷавонони равшанфикри замон – ҷадидон, аз тарафи ҳукумати амирӣ 75 чӯб хӯрда, ба “Обхона” – зиндони Арки амирӣ афканда шуд: Шоҳиди он рӯзҳо ва ин фоҷеа Садри Зиё чунин менигорад: “Бародари муҳтарамам Садриддинҷони Ғиждувонии Айнитахаллусро, ки назман ва насран Амир Хованд ва Сонии Саъдии Шерозӣ ва қадди зоташ ранҷуру ба ҳоли аҷибе оварда, ба дарвозаи Арки Бухоро бераҳмона ва бешармона амиру вазир ба иқтизои аҳли балво 75 чӯб таъзир карданд ва бо яке аз маҳбасҳои он ҷо, ки Обхона меноманд, ба ҳамон ҳол андохтанд” [6, с.68]. Ин ҷо хеле бамаврид аст, ки ҷамъбасти зиндагии устод Айниро дар замони амирсолориро суханони шоири шаҳри Шарқ А. Лоҳутӣ биёварем, ки гуфта: “... бемор, низор, занҷир дар гардан ва кунда бар по, дар зери тозиёна ва чӯби фаррошогт амири Бухоро аз гардан то камар гӯшти пушташ рехта, ба таврe ки ҳамаи устухонҳояш намоён аст” [8, с.112]. Ҳамаи ин азобу кулфат ва ғаму андӯҳ барои устод Айнӣ мусибати кам набуданд. Аз ин ҷост, ки ӯ беадолатиҳои зиёд ва зулму бераҳмии зимомдорони замонро бо чунин мисраъҳо ифода менамояд:

Мил бар дида гузоранду бигӯянд: Хамӯш,
Тир бар сина халонанду бигӯянд: Манол.

Баъди 75 чӯб хӯрдани устод дере нагузашта ҷаллодон бо фармони амир додараш Сироҷиддинро ба қатл расониданд. Устод Айнӣ дар мавриди ин фоҷеа бо дарду андуҳ марсияи ҷонгудозе навишт, ки пораи зер аз он аст:

Дӯстон! Фоҷиаи сахт биёмад ба сарам,
Рафт аз ин фоҷиа руҳ аз тану нур аз басарам.
Хабаре омаду рафт аз дилу ҷон тоқату ҳуш ...
Баъд аз ин кай шавад аз ҳушу дилу ҷон хабарам?!
Хабар ин аст, ки бо теғи ситам кушта шудаст
Додарам – қуввати рӯҳу дилу қути ҷигарам
Ҷигарам об шуду рехт зи ду чашми тарам,
Ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам!
Баъд аз ин тоқату ором мапурсед зи ман!
Баъд аз ин шодии айём мапурсед зи ман!
Субҳи шодӣ абадӣ дур шуд аз ман, пас аз ин
Ғайри шоми алам анҷом мапурсед зи ман!

Ҳамзамон, дар ҷараёни ҷадидкушии амир ҷавонони зиёди бомаърифат, равшанфикру соҳибистеъдод ба қатл расонида шуданд, ки аксари онҳоро устод Айнӣ шахсан мешинохт ва аз таҳти қалб чунин фиғон намуд:

Хоҳам, он хонаи бедоду ситам вайрон бод!
Хоҳам, он маҳкамаи ҷабр мазористон бод!
Хоҳам, он тахт, ки шуд боиси бадбахтии мо,
Реза-реза шуда ба хоки сияҳ яксон бод ...
Хоҳам, он муфтию он қозию он шоҳу вазир
Сарнагун гашта ба хуни худашон ғалтон бод!

Ин марди ҷабрдида пас аз сарнагун шудани Аморати Бухоро вобаста ба шароит, руҳияи замон худро фарзанди 40-солаи Октябр номид. Ба қавли устод “Ҳукумати Шуравӣ мани чиҳилсоларо – мани чиҳилсолаи умраш дар мадраса, дар урфу одати куҳна ва дар лойдони ҷадидизм пӯсидаро тарбия кард” [3, с.69].

Бо вуҷуди он, ки ин адиби бузург дар замони Ҳукумати Шуравӣ аз пуштибонию меҳрубонӣ ва имтиёзҳо бархӯрдор гашт, дар ин давра низ абрҳои тира, туҳмати душманону ҳасудонаш аз болои сараш дур набуданд. Ҳолатҳое низ рух доданд, ки ин

нависандаи бузург ва олими тавоно, ки дар замони истибдоди амирӣ аз марг наҷот ёфта буд, нашри китобҳояшро манъ карданд, қурбони тұҳмату баҳтон гашт, кам монд, ки ӯро ба ҳабс гиранд ё ҷисман маҳв созанд.

Баъди муоличҳа дар беморхонаи Когон вазъи саломатии устод Айнӣ андаке беҳтар гардид, вале рӯзи сеюми иқомат дар Самарқанд сахт бемор шуда, дар клуб афтод. Ба қавли ӯ, "Яке аз самарқандиён, ки ман ӯро шахсан намешинохтам, аммо ӯ ба ман назари хуб доштааст, маро ба фойтун бор карда, ба хонаи худ бурд ва дар он ҷо ду моҳ бемор хобидам ва баъд аз он қуввате пайдо кардам, асозанон ба кӯча баромада тавонам" [2, с.86]. Солҳо баъд маълум мегардад,ки он шахсе, ки ба устод ёрмандӣ кардагӣ аст амаки нависанда, адабиётшиноси тоҷик Расул Ҳодизода – Ризохон Ҳодизода, будааст. Ҳатто дар ин вазъи беморӣ низ душманонаш ин марди бузургро ором нагузоштанд. Албатта С. Айнӣ дар Самарқанд низ ба иқрори худаш бо қалам муборизаро бар зидди амир ва муллоҳои мутаассибу иртиҷоӣ давом дод. "Уламо, - мегӯяд устод Айнӣ, ба воситаи гумоштагони худ ба ман мурочиат намуда, маро таҳдид карданд, ки ба муқобили амир, уламо ва ҳокимияти онҳо сухан наронам, вагарна маро ҳарчи хоҳанд кард. Бе ин ҳам вазъи сиёсии Самарқанд ҳамон шабу рӯзҳо мураккаб ва тезу тунд буд, зеро ҳарчанд қудрат ҳанӯз дар дасти Ҳукумати Муваққатӣ бошад ҳам, таъсири уламо ва Шурои исломӣ хеле бузург буд. Ин буд, ки таҳдиди мулло аз суханҳои хушку холӣ иборат нашуд ва якчанд муллоҳои кӯрдилу мутаассиб, аз он ҷумла эшони Тӯра, мулло Одил таҳти сарварии қозӣ Исохон ба ҳуҷум гузашта, бар зиди устод Айнӣ ривояте паҳн намудаанд, ки "касе, ки ба подшоҳи ислом теғ кашида, аз он ҷо ронда шудааст, (яъне аз Бухоро) дар шаҳри мусулмонон яъне (Самарқанд Р.А) иқомат кардани он аз рӯйи шариат ҷоиз нест" [7, Ҳуҷҷати №52]. Ба ин васила ӯро "мартуди рондашудаи диёри ислом" эълон ва дигар муллоҳо ва толибилмони мадрасаҳои шаҳрро ба муқобилаш ташвиқ мекарданд. Тибқи хотироти устод, "Ман, ба совдепи (Шурои депутатҳо – Р.А.) Самарқанд рафта, ин ҳолро хабар додам. Совдеп калонони муллоҳоро чеғ зада бурда, аз забони онҳо хат гирифт, ки агар ба фалонӣ зараре расад, онҳо (калонони муллоҳо) ҷавобгаранд" [7, Ҳуҷҷати №52].

Дар ин рӯзҳои душвор сокинони маҳаллаи Сӯфӣ Розиқ ба ҳимояи устод Айнӣ бархостанд. Сокини ин маҳалла Исматулло Раҳматуллоев, ки аз дӯстони худи устод буду дар ташкили маорифи халқ нақши арзанда дошт, С. Айниро дар хонааш пинҳон намуда, барои ҳимояи нависанда як мактуби дастҷамъона навишта имзо гузоштанд[7, Ҳуҷҷати №52]. Зиёда аз ин, дар ҳамон шабу рӯзҳои хавфноки аввалҳои соли 1919 ниҳоят бо мадади ёру дӯстон С. Айнӣ 2 сентябри соли 1919 шаҳрвандии Самарқанд ва ба ин васила табааи Россияро ба даст овардааст, ки дар натиҷа то андозае амнияташ таъмин гардид.

Душманони ғоявӣ, нотавонбинону ҳасудон устод Айниро барои бадном карданаш аз ҳар роҳу восита истифода карда, ба идораю ниҳодҳои махсус мактубҳои иғвогаронаю буҳтонзо ирсол мекарданд. Амир ва муқаррабонаш ин марди рӯшанфикру бедордилро дар Самарқанд низ таъқиб кард, фитнаҳои нав эҷод менамуданд. Аз ин ҷост, ки устод Айнӣ як муддат (аз апрел то охирҳои октябри соли 1918) зери фишор дар Тошканд иқомат намуд.

Баъди заволи Аморати Бухоро муборизаҳои қавмӣ, мафкуравӣ-ғоявӣ ва ҷараёнҳои мухталиф авҷ гирифтанд. Хусусан, дар арафаи тақсимоти ҳудуди миллӣ фишори пантуркистон, ки мавҷудияти халқи тоҷикро инкор мекарданд, шиддат гирифт. Туркгароён бо ҳар роҳу васила мехостанд ба таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осиёи Миёна монеа эҷод намоянд. Аз ин ҷост, ки Раиси комиссарони халқи (сарвазир) Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Тоҷикистон Абдулқодир Муҳиддинов (яъне аз номи ҳукумати тозабунёд) ба С. Айнӣ супориш дод, ки бар асоси далелҳои таърихӣ ҳастаии халқи тоҷик, забон ва фарҳанги онро исбот намояд. Дар заминаи ин супориш асари безаволу мондагори устод Айнӣ "Намунаи адабиёти тоҷик" соли 1926 дар

Нашриёти халқҳои Иттиҳоди Шуравӣ дар Москва аз чоп баромад. Ин асар воқеан, мушти сахту обдоре буд ба сари мункирони ҳастии халқи тоҷик.

Ба қавли фарзанди устод – Камол Айнӣ баъд аз чопи ин асар, ки шаҳодатномаи ҳастии забону фарҳанги халқи тоҷик маҳсуб мeёфт, дар “атрофи он - муборизаи шадиди муғризона ва сиёҳкорона аз ҷониби мутаассибони миллатгарои чағатойӣ шуруъ шуд” [4].

Ин дафъа душманони халқи тоҷик устод Айниро ба он гунаҳгор медонистанд, ки бо воситаи абёти зерини шеъри Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, ки дар он чунин мисраъҳо буданд:

“Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме! ...
Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ,
Мир зӣ ту шодмон ояд ҳаме!
Мир моҳ асту Бухоро осмон,
Моҳ сӯйи осмон ояд ҳаме!
Мир сарв асту Бухоро бӯстон,
Сарв сӯйи бӯстон ояд ҳаме!” [1]

бо таараннуми низоми амирӣ гуё С. Айнӣ амири фирорӣ - Олимхонро аз нав ба Бухоро мехонад.

Ин тухматномаи муғризонаро котиби аввали ҳамонвақтаи КМ ҲК(б) Ӯзбекистон Акмал Икромов (раёсат 1929-1937) ба сармуҳаррири рӯзномаи №1 шуравӣ “Правда” – Н.И. Бухарин дод ва аз эҳтимол дур нест, ки аз номи худ нисбат ба устод Айнӣ буҳтонҳои зиёдеро илова ҳам карда бошад. Аз ин ҷост, ки Н. И. Бухарин ба унвони идеологҳои давр эълон намуд, ки ин асар “ҳамчун китоби хатарзо” аз байн бурда шавад. Ба асоси навиштаҳои Камол Айнӣ минбаъд “... дар тамоми Осиёи Миёна кӯшиши бузурги ноҷавонмардона барои сӯхтани он (Намунаи адабиёти тоҷик - Р.А) ва нобуд кардани он ба амал омад...” [12].

Дар ин як давраи ҳассос, мураккаб ва тақдирсоз барои мардуми тоҷик, таърих, забон ва фарҳанги он, ки иддае аз душманони миллати мо, акнун ба асари безаволи устод Айнӣ “Намунаи адабиёти тоҷик” ва худи ӯ девонавор ҳуҷум намуданд. Онҳо рӯйирост тухмат мезаданд, ки муаллифи асар бо зикри ин шеър амир Олимхони гурезаро аз Афғонистон дубора ба Бухоро даъват кардааст. Устод Айниро ҳар лаҳза хатар таҳдид мекард, вале ашхосе пайдо шуданд, ки ба тарафдории устод Айнӣ ва “Намуна ...”-аш садо бароварданд. Яке аз онҳо ходими давлатию низомӣ А.А. Знаменский (1887-1943) [5] намояндаи ваколатдори Иттиҳоди Шуравӣ дар Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро (солҳои 1923-1924) буд, ки солҳои 1925-1928 ин рисолатро дар Ӯзбекистон ва Осиёи Миёна ба уҳда дошт. Аз эҳтимол дур нест, ки А. А. Знаменский дар бораи афкори устод Айнӣ ва “Намуна ...”-аш маълумоти кофӣ дошт, ки ӯ ба унвони Бюрои Осиёи Миёнагии КМ ҲК(б) ва КМ ҲК(б) Ӯзбекистон мактуб навишта, аз таъриху фарҳанги халқи тоҷик ва асари устод Айнӣ – “Намунаи...” пуштибонӣ намуд. Дар мактубаш А. А. Знаменский муносибати муғризонаро нисбат ба таъриху фарҳанги халқҳо дар замони гузашта бо андешаҳои муътамад маҳкум мекунад, ки “Албатта, назми қадим ба талаботи замони мо ва ба вазифаҳои сохтмони сотсиалистӣ ҷавоб дода наметавонад. Вале охир мо, тарафдорони ҷараёни маданияти пролетарӣ дар услуби куҳнаи он нестем. ... мо асло дастовардҳои санъатеро, ки аз асрҳои қадим ба мерос мондаанд, бе мулоҳиза пушти по зада наметавонем. Аз ин осору дастовардҳо даст кашидан лозим не, балки онҳоро бо роҳи интиқодӣ омӯхта, аз ҷиҳатҳои манфӣ ва ақибмондаи онҳо сарфи назар карда, он чи арзишнок ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим аст, нигоҳ доштан лозим аст” [3, с.564]. Знаменский дар идомаи мактубаш мантиқан ба дурустии масъала такид менамояд, зеро Маркс асарҳои классикони Юнон, Ленин осори Пушкин, Некрасов ва Толстойро бодиққат

мехонданд.“Дар чунин шароит аз адабиёти гузаштаи худ даст кашидани тоҷикон низ ҳеҷ маъно надорад ...” [3, с.564].

Устод Айнӣ дар ҷавоб ба пуштибонӣ ва андешаҳои арзандаи А. А. Знаменский чунин ҷавоб навишт, ки “Рафиқи муҳтарам! Китоби худро (яъне, “Намунаи адабиёти тоҷик” – Р.А.) ба Шумо таъриф карданам маънӣ надорад ... Фақат як чизро ба Шумо гуфтан мехоҳам: бӯйи хайрхоҳии амир аз муаллифи ин китоб фарсаххо дур аст, бӯйи амир ҳамеша барои вай нафратангез будааст, ки инро аксари рафиқони мо донистанашон лозим буд. Шахсияти ман, рафтору кори ман шоҳиди ин аст. Ягона гуноҳи ман ҳамчун муаллиф шояд дар ин бошад, ки ба қонуни таърих табаият карда, шеъри машҳури ҳазору чанд сол қабл гуфташудаи Рӯдакиро дар аввали маҷмуа ҷо додам, ки ин ҳоло сабаби паст задани ман ва китоби таълифкардаам шудааст ... ҳимояти Шумо фақат ҳимояти ман набуд, балки ҳимояти одилонаи адабиёти халқҳои Шарқ буд ...” [3, с.564].

Соли 1934 дар нахустин анҷумани Иттифоқи нависандагони Иттиҳоди Шуравӣ дар шаҳри Москва устод Айнӣ аз номи адибону нависандагони Осиёи Миёна баромад намуд. Суханронии адиб, нависандаи забардаст, муаррихи нуктасанҷ ба раиси Иттифоқи нависандагони Шуравӣ А. М. Горкий хеле писанд омад. Баъди анҷуман роҳбарони Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон нависанда А. М. Горкий ва Н. И. Бухаринро ба меҳмонӣ даъват намуданд, ки дар рафти суҳбат устод Айнӣ моҷарои бахси душманонашро дар атрофи “Намунаи адабиёти тоҷик” ба Н. И. Бухарин тавзеҳ дод. Бухарин баъди огоҳӣ аз асли қазия ба устод Айнӣ гуфт, ки ин китоб бояд ҳатман дубора нашр гардад[10, с.22]. Аз ин суҳбату суханони Н. И Бухарин устод Айнӣ дубора илҳоми тоза гирифта, дар Самарқанд барои такмилу нашри нави “Намуна ...” ба кор шуруъ кард.

Мутаассифона, нусхаи нави “Намунаи адабиёти тоҷик” бо замимааш замоне такмил дода шуд, ки аллакай Н. И. Бухарин - “маҳбуби партия”феврали соли 1937 ҳамчун “душмани халқ” ба ҳабс ва марти соли 1938 ба ҳукми қатл маҳкум гардид. Акнун мувофиқи майли душманони устод Айнӣ чопи нави “Намуна ...” бо қатли Н. И. Бухарин манъ карда шуд.

Бояд таъкид кард, ки дар замони таъқиботи соли 1937 туҳмату буҳтонҳо ба сари нависанда боз ба авҷи аъло расиданд. Дар ин ҷо зикри нақли қавл фарзанди устод - Камол Айнӣ бисёр бамаврид аст: “Чанде нагузашту абри тираи “тройка” болои хонаи мо лангар партофт, гирудорҳо бо шиори “душмани халқ” сар шуданд. Ман бачаи 9-10 сола будам. Домулло Айнӣ ба қатори душманони синфӣ дохил шуданд. Ёд дорам, дар ақиби хонаи мо навиштаҷоте ба забони ӯзбекӣ “Йуқ олсун душманлари кӯча - хиёбони Айний” (Нест бод душманони кӯча - хиёбони Айнӣ) пайдо шуд ... хатар падарамро таҳдид мекард ва ӯро ҳабси хонагӣ карда мо хабар надоштем, ки аллакай ҳукми парронданашро дар Масква Берияи хабис имзо кардааст” [4].

Дар ин лаҳзаҳои ҳассос чун устод Айнӣ дар ҳабси хонагӣ қарор дошт ва наметавонист тариқи телефон вазъиятро ба Абулқосим Лоҳутӣ фаҳмонад ва ягона имкон ин навиштани мактубҳо буд.

Инак, 14 марти соли 1937 С. Айнӣ дар номааш ба Абулқосим Лоҳутӣ навишт, ки дар давоми 7-8 моҳ аз ҷониби шахсони ҷудогона, раёсати идораҳо ва роҳбарияти нави ҳизбии шуравии шаҳри Самарқанд нисбат ба ӯ ягон беҳурматие сурат нагирифт.“Ҳар кор кард, - мегӯяд устод Айнӣ, - газетаи маҳаллӣ ва роҳбарони пештара карданд (котиби собиқи партияи Самарқанд – Ҳоҷиматуф, раиси Густпроф Умаруф, мудири собиқи рӯзномаи Самарқанд Закӣ Сатторуф, ки ташкилотчии ҳуҷум ба ман буд, ҳоло дар ҳабсанд (албатта, на барои кори ман, балки бо гуноҳҳои дигари худ). Ҳамчунин устод Айнӣ дар ин мактубаш аз он гила менамояд, ки ҳарчанд “Кӯчае, ки дар Самарқанд ба номи ман буд, ҳанӯз ҳам ба номи ман барқарор аст. Аммо идораҳои поёнии Тоҷикистон ҳар беэҳтиромие, ки мумкин буд, карданд, кӯча ва колхузҳоро аз номи ман гирифтанд” [3, с.93].

Дар номаи дигараш устод Айнӣ ба номи А. Лоҳутӣ (аз 7 октябри соли 1937 иғвогариҳои нави яке аз адабиётшиносони тоҷик – Нарзулло Ҳайдарзода Бектош (1900-1937)-ро ошкор менамояд, ки ҳарчанд -“Бектош дастгир шуд. Аммо боқимондагони ӯ ва дигар касоне, ки роҳбарони шайкаашон имрӯз фош гардидаанд, нисбат ба ман аз иғвогарӣ боз намеистанд” [3, с.101]. Аз мазмуни ин мактуб маълум мегардад, ки устод Айниро бо гуноҳи робитаи маънавию маслакӣ бо додарарӯсаш Вадуд Маҳмудӣ, ки нав аз ҳабс озод шуда буд, айбдор мекарданд. “Инак ба ҳамин муносибат, - навиштааст С. Айнӣ, - дар рӯзномаи маҳаллии Самарқанд маро ба кори Вадуд баста навиштанд. Як бор, ки номам дар қатори одамони бадном баромад, чанд бори дигар ба корҳо ва одамоне, ки ман ба онҳо ҳеҷ муносибат надоштам, баста навиштанд ... душманон як дараҷа муваффақ шуданд, ки маро беобру кунанд ва ҳар рӯз ҳабс шудани маро дар кӯчаҳо овоза карда гаштаанд” [3, с.103]. Ва дар тавзеҳи ин қазия ба А. Лоҳутӣ таъкид менамояд, ки “Шумо медонед, ки Вадуд ба ман додарарӯс аст ва инро ҳам медонед, ки миёни ман ва ӯ ҳеҷ алоқаи маънавӣ ва маслакӣ нест” [3, с.103].

Шоири шаҳир ва инқилобгаро А. Лоҳутӣ дар номаи ҷавобии содиқонааш аз 29 октябри соли 1937 ба С. Айнӣ навишт, ки “... дар Тошканд мақолаҳоро роҷеъ ба масъалаи Шумо дар газетаҳо хонда, бо рафиқони марбута машварат кардам ва ба ин қарор омадем, ки ба таври мунсифона ба ин корҳо расидагӣ кунем.

Ногуфта намонад, устод А. Лоҳутӣ ҳамчун шоири Шарқ, сарояндаи ғояҳои озодию инқилобӣ дар назди Иттифоқи нависандагону роҳбарони ҳизбии Шуравӣ аз обрӯ ва қадру манзалати вижае бархӯрдор буд. А. Лоҳутӣ ба устод Айнӣ ваъда дод, ки ба Москва баргардад, ҳатман ин масъаларо ҷиддӣ пайгирӣ мекунад.

“Инак, - навиштааст Лоҳутӣ: “корро ба омадани Маскав вогузор кардам. Дар ин ҷо бо тавассути правления (Раёсати Иттифоқи нависандагони Шуравӣ – Р.А.) ба ин кор ба таври ҷиддӣ мепардозем. Албатта, ба он чи вазифаи виҷдонӣ, айният ва каммунистӣ (ҳар се як аст) бошад, амал мекунем ва дар ин кор ҳам мисли ҳар корамон роҳи партияро сармашқ қарор медиҳем” [3, с.102].

Бояд таъкид кард, ки дар давоми моҳи октябр ва аввали моҳи ноябри соли 1937 якбора таъзиқу фишор ва туҳмату бухтонҳо дар атрофи устод Айнӣ шиддат гирифтанд. Устод Айнӣ хатари ҷиддиеро пешбинӣ мекард ва эҳсос мекард, ки душмнон ӯро метавонанд ҷисман маҳв намоянд. Бино бар ин, 6 ноябр ба дӯсти вафодораш Абулқосим Лоҳутӣ мактуби боизтиробу муфассале навишта, як навъ бегуноҳӣ ва афсурдагии худро дар баробари туҳматҳои ноҳақ тавзеҳ дод. Чунончи, С. Айнӣ дар мактубаш менигорад: “... ман дар он чизҳое, ки дар ду газета “Ленин юлӣ” ва “Ҳақиқати Узбекистон” навишта шудааст, худро айбдор намедонам. Танҳо ман ба ин айбдор ҳастам, ки ба алоқаи маҷбурии Вадуд гирифтор шудам, ман ба бадбахтии шавҳари хоҳари ӯ гирифторам ... ва натавонистам зани бемори малори, ревмотизм ва порук сертсаи худро бо бачагони хурдсол бароварда пеш кунам” [3, с.104]. Дар ин нома инчунин устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ як навъ изҳори ташаккур мекунад, ки замоне ки ӯро бо гуноҳи робитааш бо Файзулло Хоҷаев, Акмал Икромов айбдор кардаанд, ман танҳо бо кӯшиши шумо ва партия аз шарри онҳо раҳо шудам. Нависанда дар ин мактуб бо зиракӣ аз таҷрибаи пешини рафъи масъала ёдовар мешавад, ки “Шумо медонед, ки Икромуф ба “Намунаи адабиёти тоҷик” чӣ гуна ҳуҷум карда буд ... чӣ гуна ин масъаларо пеши Бухарин гузошта, ӯро ба майдон андохта буд” [3, с.105]. Аз ин бармеояд, ки устод аз дӯсташ умед дошт, ки ӯ бори дигар барои аз банди туҳмати ноҳақ раҳо намуданаш ин ҷасоратро ҳатман такрор менамояд.

Ҳамчунин, ки аз оҳангу суханҳои нигоштаи муаллиф баръало ошкор аст, ки устод Айниро дар ин шабу рӯз як навъ ҳисси ноумедию варшикастагӣ фаро гирифта буд. Ба чунин суханҳои пуралами устод Айнӣ таваҷҷуҳ намуда , ҳолати руҳию равонӣ дилшикастагии ӯро тассавур намоед: “ Имрӯз 6-уми ноябр аст, ҳамаи СССР , ҳатто

меҳнаткашони хориҷ ҳам ба иди 20-солагии Уктабри бузург тайёр мешаванд. (Замони шуравӣ 7 ноябр рӯзи ғалабаи инқилоби Октябр бо шукуҳу шаҳомати бузург ҷашн гирифта мешуд –Р.А.) Бачагони ман ҳам ба мошин лента баста истоданд...Аммо ман, мани бадбахт дар зарфи 20 сол танҳо ҳамин рӯз аст, ки дилам пурхун аст, аммо ҳеҷ зоҳир намекунам, то ки ба шодии бачагонам халал нарасонам. Ман агар пир намебудам, - давом додааст тод Айнӣ, - ба ин аҳвол сабр карда метавонистам, зеро яқин дорам, ки бо тафтиши дурусти советӣ оқибат ҳақиқат маълум хоҳад шуд. Лекин азбаски пиру барҷомонда шудаам, метарсам ки то ба зуҳур омадани ҳақиқат организми ман тоб наёварда маҳв шавам" [3, с.105]. Бинобар ин, ба дӯсташ А. Лоҳутӣ тавзеҳ медиҳад, ки доир ба тӯҳматҳои ноҳаққи душманонаш ба КМ Ӯзбекистону Тоҷикистон ва ҳам ба Иттифоқи нависандагони Иттиҳоди Шуравӣ аризаи муфассале навиштааст, вале каси дилхоҳ намеёбад, ки онро ба русӣ тарҷума кунад. Ба қавли устод Айнӣ, " ... дидам, ки касе нест ин аризаи дурударозро дар ин вақт ба ман привод карда диҳад. Бинобар ин, он аризаро ба ҳамон ҳоли тоҷикӣ ва арабиаш ба шумо фиристодам, ки дар вақти тафтиши кори ман ба Союз (Иттифоқи нависандагони Шуравӣ дар назар аст – Р.А.) привод карда ё маъниашро фаҳмонида хоҳед дод" [3, с.103].

Аз номаи мазкур чунин хулоса кардан мумкин аст, ки устод Айнӣ ба исботи бегуноҳиаш дар Ӯзбекистону Тоҷикистон умед надошт ва ягона умеду бовариаш ба марказ – Москва буд. Мувофиқи навиштаҳои С. Айнӣ "... аҳволи ҳозира ҳаминро нишон медиҳад, ки аз Ӯзбекистон ва Тоҷикистон барои беҳбудии кори ман умеде нест. Танҳо умеди ман дар Маскав, дар маркази правитор (правителство – ҳукумат – Р.А.) дар Сека ВКП(б) монда аст. Ман умед дорам, ки партия ва совет бардоштаи худро нахоҳад гузошт, ки бар хоки хорӣ афтад, охир маро сар карда Маскав ва матбуоти шуроӣ бардошта буд ... Ҳоло ҳам умеди ман танҳо ба он ҷо монд. Оҳ, кошкӣ аз ин рӯзи ман Сталини бузург хабардор мешуд ва бори дигар ба ман ҳаёт медод" [3, с.107].

С. Айнӣ ҳамчун пири хирадманд бо вуҷуди бегуноҳӣ ва умедвориаш ба тантанаи ҳақиқат дар охири нома аз дӯсти самимиаш А. Лоҳутӣ хоҳиш менамояд, ки дар ҳолати ғайричашмдошти сарнавишт, агар бо ҳамаи кӯшишҳо кори ман бад шавад, "... Шумо ба бачагони ман монанди бачагони як каси доғдор нигоҳ накунед. Кӯшиш кунед, ки инҳо дар роҳ намонанд" [3, с.103].

Чунонки баъдтар маълум гардид, Абулқосим Лоҳутӣ аризаи С. Айниро бо ёрдами завҷааш Ситсилиябону ба забони русӣ тарҷума карда, қазияро ба раиси Иттифоқи нависандагони Шуравӣ А. Фадеев шарҳ медиҳад. А. Фадеев чун устод Айниро медонист ва баромадашро дар анҷумани Иттифоқм нависандагони Шуравӣ (соли 1934) дар хотир дошт, аз ин ҳолат хеле noроҳат гардид. Дар фурсати муносиб ҳамроҳи котиби генералии Иттифоқи нависандагони Шуравӣ В.П. Ставский ва Абулқосим Лоҳутӣ ба ҳузури раиси Президиуми Шурои Олии Иттиҳоди Шуравӣ В. М. Молотов даромаданд. В. М. Молотов оҷилан ин қазияро ба Сталин расонид. Мувофиқи хотироти фарзанди устод Айнӣ "... Молотов боҷуръатона суханони Фадеевро, ки домулло Айнӣ дар анҷумани якуми нависандагони Шуравӣ Шарқро бо Ғарб ошно сохт, шарҳу эзоҳ медиҳад. Аз ин суханон Сталин безобита шуда, тавассути телефон аз Берия пурсон мешавад, ки вай нависандаи тоҷик Айниро мешиносад. Берия саросемавор чунин посух медиҳад: "Иосиф Висмарионович, фармони қатли мулло Айниро аллакай имзо кардам". Сталин бо қаҳр амр медиҳад: "Лаврентий, не дури, берегите товарища Айни. Он не виновен!" [3, с.103]. Дар ин ҷо мебояд ба иштибоҳи муаррих Қаҳҳор Расулиён равшанӣ андозем, ки ӯ дар мақолааш номи котиби генералии Иттифоқи нависандагонро саҳван А.Ставский овардааст. Авраам Ставский (1906-1948) ба адабиёт ва Иттифоқи нависандагони шуравӣ ягон иртибот надорад. Дар асл бошад, ӯ нависандаи рус В. П. Ставский (1900-1943) мебошад, ки солҳои 1936-1941 вазифаи котиби генералии Иттифоқи нависандагони

Иттиҳоди Шуравиро ба уҳда дошт. Зиёда аз ин, В. П. Ставский устод Айниро аз рӯйи асарҳояш хуб мешинохт ва нисбаташ эҳтироми хос дошт ва дар ҷашни 30- солагии фаъолияти эҷодии устод Айнӣ табрикнома фиристод, ки дар он чунин омада буд: "Ба шумо дар рӯзи юбилеи 30-солагии фаъолияти густурдаи нависандагии инқилобиатон, табрики оташин мефиристонам. Асарҳои шуморо хондам, ба Бухоро рафта, шахсан Обхонаро дидам..." [3, с.52].

Назар ба маълумоти А. Лоҳутӣ баъди ҷавоби мусбати Сталин дар соати сеи шаб оҷилан ман ҳамроҳи муовини А. Фадеев, котиби генералии Иттифоқи нависандагони Иттиҳоди Шуравӣ В. П. Ставский ва чанд шоиру нависандагони дигар ба Тошканд парвоз намудем, мегӯяд А. Лоҳутӣ. Аммо А.Лоҳутӣ тибқи як супориши А. Фадеев дар Тошканд монд ва дигарон ба Самарқанд назди устод Айнӣ рафтанд. Ба қавли Камол Айнӣ, "Соатҳои нуҳ ё даҳи рӯз буд, дарвозаи ҳавлии моро кӯфтанд. Бо ишораи қиблагоҳ модарамон аз сурохии дарвоза ба берун нигарист ва омада ба қиблагоҳ гуфт, ки дар ақиби дарвоза шахсони бегонаи бе кулоҳанд. Домулло Айнӣ дар он рӯзҳои шум ба мо, фарзандон таъкидан мегуфтанд, ки агар дарвозаро шахсони кулоҳи чармидор кӯбанд, накушоед, бекулоҳ бошанд, иҷозати даромадан диҳед ... Намояндагони ОГПУ ҳамроҳи комиссияи Москав дохили ҳавлӣ шуданд. Қиблагоҳ фикр кард, ки кор тамом. Мо, фарзандон ба қиблагоҳ часпидем, домулло Айнӣ кафи росташро болои сари ман гузошт. То ҳол гармии дасти падарро дар фарқи сарам эҳсос мекунам"[4]. Хушбахтона, ҳайат ба хотири ифшои хушхабар ба назди нависанда омада буданд ва баъди чанд лаҳза котиби генералии Иттифоқи нависандагон В. П. Ставский ба воситаи тарҷумон ба устод Айнӣ гуфт, ки онҳо бо супориши худи И.В. Сталин ба назди ӯ омадаанд. Вале устод Айнӣ, ки дар байни ин намояндагон дӯсти боваринокаш Лоҳутиро намебинад, гумон мекунад, ки ӯро бо роҳи фиреб аз хона берун бурданианд. Аз ҷост, ки С. Айнӣ аз дӯсташ Лоҳутӣ пурсон мешавад Дар ҷавоб "... намояндаи Маскав бо як меҳру муҳаббат нарангушти дасташро боло бардошта, мегӯяд "товариш Лоҳути жив и здоровь" "домулло, мо омадаем, ки шуморо ба Маскав ба хонаи Иттифоқи нависандагон барем" [4].

Тибқи шаҳодати Камол Айнӣ рӯзи дигари ин воқеа "...қиблагоҳро дар як вагони махсус ба Маскав бурданд хонаи моро силоҳдорон муҳофизат карда, дигар шиорҳои зидди устод Айнӣ ба гӯш намерасид.

Дар Масква ба устод Айнӣ меҳрубонӣ, ва муруввати зиёд" карда, ӯро барои истироҳат ба як истироҳтагоҳи Сочӣ интиқол доданд. Аз эҳтимол дур нест, ки то ба Маскав расидан худи В. П. Ставский бегуноҳии устод Айниро дар Тошканд назди роҳбарияти ҳизбии ҷумҳурӣ собит карда бошад.

Хотираҳои бачагии фарзанди устод – Камол Айнӣ дар ин маврид ҷолиб аст, ки "Тирамоҳи соли 1937 устод Айнӣ ба Самарқанд, ба хона баргашт. Бегуноҳии ӯ дар Самарқанд барқвор паҳн гашт. Устод Лоҳутӣ бо мошин қиблагоҳро давродаври шаҳр гардонд. Одамон бо сиҳату саломат дидани устод Айнӣ ашки шодӣ мерехтанд."

Боиси зикр аст, ки дар ҳамон мактуби 6 ноябри соли 1937 устод Айнӣ дар қиболи некиҳои А. Лоҳутӣ бо самимият аз дӯсташ изҳори миннатдорӣ менамояд: "Шумо дар зарфи 12 сола шиносоӣ дар бораи ман бисёр некиҳо кардед, аммо ин мактубатон (яъне, мактуби 29 октябри соли 1937– Р.А.) аз ҳамаи онҳо фарқият дорад. Дар вақте ки ман тамоман афтодаам ва ҳама аз ман даргурезанд, шумо маро дилпурсӣ кардед. Саломат бошед!" [3, с.103].

Аз номаи дигари устод Айнӣ (аз 29 ноябри соли 1937) ба номи котиби КМ Тоҷикистон Д. З. Протопопов (1897-1986) маълум мегардад, ки кормандони идораи маҷаллаи "Шарқи сурх" аз ӯ навиштани мақолаеро хоҳиш кардаанд, вале чопашро бо мухолифати "... яке аз коркунони СК-и Тоҷикистон, ки гӯё гуфта бошад, ки дарҷ накун" [3, с.108] иҷозат надодаанд. Устод Айнӣ ҳамчунин ба котиби КМ расонид, ки нашриёти Тоҷикистон баъди чопи асарҳояш баъзе матолиби онҳоро ба хрестоматия ворид сохтанд, аммо бо кадом як сабаб нашрашро нигоҳ доштаанд. Дар идома устод

арз менамояд, ки “.29 ноябри соли 1937 дар нумраи 274 (2770)-и газетаи “Тоҷикистони Сурх” (дар ҳамон рӯзҳо дар газетаи “Коммунисти Тоҷикистон” ҳам) бо имзои Очилдиев ва Ҷалилов як мақола баромада ... бе ҳеҷ асос ва бе ҳеҷ муносибат маро “миллатчии буржуозӣ гуфта ном бурда буд” [3, с.108]. “Воқеан, дар ин мақолаи ғаразнок шумори зиёди зиёиён ба унвони “душман”, “балегӯёни душманон”, “миллатчиги буржуазӣ”, “вайронкор”, “лаънаттарин душмани халқ” таҳқир шуданд. Дар охири мақола он ду нафар зимомдорони замонро ба саркӯби ҳаракати хатарноку фоҷеавӣ ташвиқ менамояд: “Ташкилоти партиягии Тоҷикистон, ки дар несту нобут кардан ва решакан кардани душманони халқ корро бисёр вусъат додааст, инчунин барои он, ки адабиёти партиягиро аз ифлосиҳои милатчигии буржуазӣ тоза карда ва ӯро ба дараҷаи баланд бардорад, дар худ қувваи даркорӣ меёбад.” [13] дар охири нома устод бо замимаи як нусха газетаи “Ленин йӯлӣ” аз роҳбари ҳизби коммунистии Тоҷикистон хоҳиш мекунад, ки кори ӯро чунонки дар Узбекистон ҳал карданд, дар Тоҷикистон ҳам бояд яктарафа намоянд, зеро “... ҳуҷум ба манро редактори собиқи ӯ, душмани фошшудаи халқ – Закӣ Сатторов дар ҳамин газета ташкил карда буд ва ҳоло ин газета дар ҳамин нумрааш нодуруст будани он ҳуҷумҳои ба ман кардаашро дар як мақолаи редаксионӣ эълон кардааст ...” [13].

Дар ниҳояти кор , 4 апрели соли 1938 дӯсти содиқу вафодораш А. Лоҳутӣ ба устод Айнӣ дар номааш мужда мерасонад, ки “Мактуби аввалии шуморо, ки гирифтам, бо забони русӣ тарҷума кунонда, ба маҷлиси секриториёт дода ва таклиф кардам, ки зудтар кори шуморо расидагӣ карда, як хотима диҳанд ... Ҳаминро ба рафиқон Прутупупуф ва Юсупуф ҳам гуфтам ... Чанд рӯз пеш телеграми рафиқ Юсупуф расид, ки муждаи дуруст шудани кори шуморо медиҳад. Ин ҳамаро хушҳол кард, ки охираш кор ба хайрият анҷом гирифт” [3, с.110-111].

С. Айнӣ ҳарчанд аз ин хушхабар огоҳ гардид, вале бо сабаби вазъи бади саломатиаш ба А. Лоҳутӣ дарҳол ҷавоб гардонида натавонист. Танҳо 8 май дар мактуби ҷавобӣ ба дӯсти вафодору пуштибонаш арзи сипос намуд, ки “... барои бартараф ва дуруст шудани кори ман қисмати шумо ба воситаи секроториёт ва шахсан ба воситаи рафиқ Стовский рули калон бозӣ кард. Рафиқ Стовский ба Тоҷикистон ҳам телеграф карда будаанд” [3, с.113].

Воқеан, аз баҳори соли 1938 дидгоҳи сиёсӣ нисбат ба устод Айнӣ ба таври мусбат рӯ ба беҳбудӣ овард. Худи нависанда дар ин мактубаш таъкид менамояд, ки “Албатта, аз он ҳуҷумҳо, хусусан, ки ҳамааш дурӯғ баромад, дар матбуот эълон карданд ва нависандагони мақолаҳо айбашонро ба гардан гирифтанд, руҳи ман наафтод, ҳатто аз аввалӣ зиёдтар қуввват гирифт” [3, с.112].

Ҳамчунин, устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ мужда дод, ки дар Ӯзбекистон дар ҷаласаву ҷамъомадҳо номашро акнун ба некӣ ёд менамоянд. 23 апрели ҳамон сол намояндаи махсуси Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон омада, дар як маҷлиси калон ва рӯзномаи “Ленин йӯлӣ” низ расман эълон кардааст, ки ҳуҷумҳо ба устод Айнӣ нодуруст аст.

5 май ба муносибати Рӯзи матбуот дар шаҳри Самарқанд маҷлиси ботантанае бо иштироки роҳбарону фаъолони шаҳр доир гардид, ки дар кори он устод Айнӣ ба унвони аъзои раёсат ширкат дошт. Ба қавли устод, дар ҳамон ҷаласа сармуҳаррири газетаи вилоятӣ ва мудири вилоятии маданият баромад намуда “... ноҳақ шудани ҳуҷумҳои ба манро ва аз тарафи киҳо шудани он ҳуҷумҳоро ба омма гуфтанд ва таклиф карданд, ки нависандагони он мақолаҳо баромада гап зананд. Баъзе аз он нависандагони мақолаҳо, ки дар маҷлис буданд, аз он ҷумла Валӣ Карим ... баромада иқрор кард, ки ман бо фармудаи редактури собиқ, ки ҳоло дар ҳабс ҳаст, он мақоларо навишта будам ва боз редактур баъзе чизҳоро худаш илова кардааст” [3, с.113-114].

Илова бар ин, дар дигар ҷаласаҳои фабрикаву корхона, колхоз ва идораҳои расмӣ туҳматҳои ғайривоқеиро дар ҳаққи устод Айниро ба омма фаҳмонданд ва бо

икрори худи нависанда “... дар Ӯзбекистон ва аз ҷумла дар Самарқанд, ки маркази ҳуҷум ба ман буд, гуфта метавонам, ки корҳо тамоман дуруст шуд” [3, с.114].

Вале аз идомаи ин номааш ба шоири тавоно ва дӯсти шафиқаш А. Лоҳутӣ маълум мегардад, ки дар муҳити Тоҷикистон дар ҳамон шабу рӯз ҳоло ҳам муносибат ба С. Айнӣ ба тарзи муғризонаю норӯшан боқӣ монда будааст. Ба андешаи устод Айнӣ “Дар Тоҷикистон корҳо (корҳои худашро дар назар дорад – Р.А.) дигарранг аст ... колхузҳо ва ҷоҳое, ки бо қарори Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ба номи ман шуда буд, бе ҳеҷ қарори Кумитаи мазкур номҳоро дигар карданд... Нависандагони ҷавон ба пеши Шанбезода омада, таклиф кардаанд, ки маҷлиси расмӣ ҷеғ зада, Айниро фош кардан даркор аст. Шанбезода ҷавоб додааст, ки агар билети партиягии маро аз дастам гиранд ҳам, бе ягон ҳуҷҷати расмӣ ... ман ин корро намекунам... Хайрият, ки ман ба Союзи нависандагони Тоҷикистон аъзо набудам, вагарна маро кайҳо аз Союз мебароварданд” [3, с.115].

Дар ин мактуб С. Айнӣ ба дӯсташ Лоҳутӣ хабар медиҳад, ки “... инро ҳам бояд гӯям, ки дар Хуҷанд як колхузро, ки ба номи шумо “Лоҳутӣ” будааст, бо як правакатсия номи шуморо аз вай гирифта, “Димитруф” мондаанд ва ҳол он, ки дар Сталинобод тиетр, кӯча ва колхузҳо ба номи шумо барқарор аст” [3, с.116]. Ҳамчунин, нависанда дар ҳамон мактуб аз А. Деҳотӣ низ шиква менамояд, ки “Деҳотӣ як мақолае барои пок кардани худ ба рӯзнома чоп карда, ба баъзе хатоҳои худаш рафиқ Садруллинро сабаб нишон дод ва Садруллинро ... ба унвони душмани халқ ном бурд ва ҳол он ки дар Тошканд кори партиявии Садруллин дуруст шуд ва дар нашриёти Совнаркоми Узбекистон мудир гардид” [3, с.116].

Баъди гирифтани ин номаи устод Айнӣ Абудқосим Лоҳутӣ 17 майи соли 1938 мактуби ҷавобӣ тафсилоти баррасии ҳуҷумҳоро ба ӯ ошкор менамояд, ки “Масъала ин аст, ки дар редоксия ба ман мисли яке аз котибҳои Союзи нависандагон маърӯза карданд ва сабаби ба шумо ҳуҷум карданро (албатта, ба ақидаи онҳо) гуфтанд. Ҳамин тавр, тарафдорони шумо ҳам ба манфиати шумо гуфтанд. Ман ҳарду тарафро гӯш дода ва гуфтам “... аз давраи ҳукумати Шуравӣ Айнӣ хидматҳои адабӣ кардааст ва инҳо ба манфиати заҳматкашон аст” [3, с.117-118].

Чунонки аз навиштаҳои боло бармеояд дар душвортарин лаҳзаҳои зиндагӣ барои раҳоӣ аз туҳмату буҳтонҳои беасос устод Айнӣ пеш аз ҳама ба дӯсти вафодорашш, шоири машҳури Шарқ Абулқосим Лоҳутӣ, ки Тоҷикистонро ҳамчун ватани дуюми худ дарёфту пазируфт нома навишта, ӯро дар ҷараёни ҳаводис мегузошт ва имдод мехост. А. Лоҳутӣ низ ба мушкилоти устод Айнӣ расидагӣ карда ва ҳар чи аз дасташ меомад, дар лаҳзаҳои маъюсию афсурдагиаш ба пуштибонии ӯ бармехост. Аз ин ҷост, ки устод Айнӣ дар аксар мукотибот аз дӯсти беғаразу вафодори соҳибистеъдодаш Абулқосим Лоҳутӣ борҳо сипосгузорӣ менамояд. Воқеан ҳам, номаҳои устод Лоҳутӣ нӯшдоруеро мемонданд, ки ба ҳар як захму дарди С. Айнӣ марҳам мешуданд.

Устод Айнӣ дар иртибот ба садоқати пуштибонаш Абулқосим Лоҳутӣ ба тарзи ҷамъбастӣ ва ҳамоно узрхоҳонаю хоксорона чунин менависад, ки “... масъалаи мудофиаи шуморо дар бораи худ дар Сталинобод, ҳатто дар баъзе маҷлисҳои хусусӣ дилсӯзиҳои аз ҳад зиёд изҳор карданатонро шунида будам. Албатта, ман ин нуктаро ба шумо нанавиштам зеро ман худро аз риё, нифоқ тамоман барӣ медонам, боз дар гуфтани номи касе ба рӯйи ӯ як навъ бӯйи “риё”-ро пай мебарам. Бинобар ин, он ва монанди он некиҳои шуморо шарм медорам, ки шахсан ба худи шумо нависам” [3, с.120].

Ин ҷо зарур медонем, ки дар атрофи як таҳқиқоти бузурги илмии устод Айнӣ дар адабиётшиносии тоҷику форс якчанд андеша ва мулоҳизаеро иброз намоем, ки қариб буд нашри он барои муаллиф як мушкилоти дигар эҷод намояд,. Сухан дар атрофи “Мирзо Абдулқодири Бедил”-и устод Айнӣ меравад, ки “...дар зарфи чанд даҳсола ҳаёти ҳамеша дар хатари он кас ба вуҷуд омадааст” [6, с.143].

Устод ба таҳқиқи осори гаронбаҳои Мирзо Абдулқодири Бедил ҳануз аз соли 1912 даст зада буд ва дар ибтидои солҳои 50 уми қарни гузашта ба муносибати ташкилу ифтитоҳи Академияи илмҳои Тоҷикистон (ҳоло Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) тамоми таҳқиқоти хешро атрофи ин суханвари бузург дар шакли китоби комил ба хонандагон пешкаш намуд. Ин таҳқиқоти вижаи илмии устод Айнӣ аз ҷониби бедилшиносони тоҷик, рус ва Шарқ баҳои баланд гирифт. Чунончи, донишманди бузурги Эрон Саид Нафисӣ онро “Кашф-ул-Бедил” унвон намуд [6, с.143]. Ховаршинос ва беҳтарин донандаи адабиёти Эрон Е.Э. Бертелс (1890–1957) дар тақризи муфассали илми хеш ба ин таҳқиқоти илмии устод Айнӣ баҳои хеле баланд дода, зикр мекунад, ки “Аз уҳдаи ин кор хеле кам касон баромада метавонистанд ва мафҳум аст, ки танҳо устоди забардасте ҳамчун С. Айнӣ, ки адабиёти гузаштаи халқи худ, забони ӯ ва ҳамаи адабиёти дар ин забон навишташударо хуб медонад, ин корро бомуваффақият анҷом дода метавонист.” [6, с.144].

Ҳарчанд аз таъсиси Академияи илмҳо як сол аллакай сипарӣ мегашт, вале аз чопи “Мирзо Абдулқодири Бедил”–и устод Айнӣ ҳанӯз дараке набуд. Назар ба маълумоти фарзанди устод Айнӣ - Камол Айнӣ рӯзе А. М. Баҳовуддинов (1911-1970) дар роҳ ба ӯ вохӯрда, ба ҳуҷраи кории худ хонда, чунин иброз намуд, ки “-Додарам Камолидддин, ман ба шумо як санад нишон медиҳам, ки агар он беҷавоб монад, ”Мирзо Абдулқодири Бедил”-и қиблагоҳро пора-пора мекунанд ва ё месӯзонанд” [6, с.146]. Сухан дар бораи як тақризи ғаразнок атрофи аз байн бурдани ин асар мерафт, ки Баҳовуддинов онро ба фарзанди устод дода, таъкид меваразад, ки ба нависанда онро нишон надиҳанд, зеро вазъи саломатиашон хуб нест. Вале Камолиддин дар як ҳолати муносиб падарашро аз ин қазия огоҳ месозад. “Қиблагоҳ, - мегӯяд Камолиддин, - гуфтаҳояшро бодиққат ва ҷиддият гӯш мекарданд ва охир илова карданд: Бачем, ман зиндагии сахт гузарнидам, ҳам пеш аз инқилоб ва ҳам пас аз инқилоб.....Пас ором, вале бо як оҳанги қатъӣ гуфтанд: - Тақризро биёр, хонем. Парво накун, агар туҳмат бошад, обию нонӣ мекунем! Ва баъд зуд ба Лоҳутӣ хабар деҳ, ки тақризро ба тарзи расмӣ барои ман фиристонанд” [6, с.147].

Устод Айнӣ аз он дар шигифту ғазаболуд шуданд, ки ин асараш аз ҷониби беҳтарин донандагони адабиёти форсу тоҷик Саид Нафисӣ, Е. Э. Бертелс баҳои арзанда гирифту барои аҳли раёсати Нашриёти давлатии Тоҷикистон маъқул нашудааст. Ба қавли худи устод Айнӣ “Магар ба туҳмат Бедил, Восифӣ, Фирдавсӣ, Рӯдакӣ баринҳоро аз байн бурда мешавад? Чи қадар мо, тоҷикон бечора ҳастем, худ ба пояи худ табар мезанем!...Вале.... гиристан фоида надорад, зеро ҳама аз содагӣ ва бемаърифатии кадрҳои мост, аз зулм ва худнамоӣ, худписандӣ ва ғурури ҷаҳолат. Агар Бедил баринҳоро хуб мутолиа кунанд, ҳатман хоҳанд фаҳмид, ки дониш ва илм бо шляпа ва галстук намеояд, бо либосу пӯшоки фохира ҳам намеояд.” [6, с.148].

Бо вуҷуди ин, устод Айнӣ босаброна “ҷавоби қурут оби гарм” гуфта, ба 8 эроди муқарриз Муллоҷонов ҷавоби саҳеҳ, ва илман асоснок дод ва китобаш “ҳамгом ва ҳамрози замону замониён шуда тавонист ва аз туҳмати зидди халқӣ ва барои ҷомеаи мо хатарнок будан раҳоӣ ёфта” охири охирон “интишор шуд ва якуним моҳ қабл аз фавти муаллиф ба дасташон расид” [6, с.150].

Дигар аз тадқиқоти арзишманди илмии устод Айнӣ – “Восифӣ ва хулосаи “Бадоеъ-ул-воқеъ” низ бо сабаби “тамғаи бадбинона“гузоштани баъзе аз ҳасудону кинаварзон 10 соли зиндонӣ шуд. Соли 1956 бо ”.... тай кардани муманаатҳое, ки барои Восифӣ низ сохта буданд...” [6, с.20], бо кӯшишҳои фарзанди устод –Камол Айнӣ рӯйи чоп омад.

Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки Қаҳрамони Тоҷикистон, нависандаи забардаст, ин марди илму хирад Садриддин Айнӣ дар зиндагии пуршӯру ширинаш на як бору ду бор дучори туҳмату буҳтони ноҳаққи дӯстону душманон гардида буд. Ӯ дар дар замони истибдоди амирӣ ва чи дар солҳои аввали шуравӣ борҳо афтодаю

бархоста, дар баробари ноҳақиҳою беадолатӣ, хиёнати баъзе дӯстону наздиконаш тоб оварда, дар баробари мубориза ву талошҳо бахри тантанаи ҳақиқату адолат ва барқарор намудани номи покаш ба халқу миллати хеш содиқонаю софдилона хидмат намуд. Ин ҷо ҳақ ба ҷониби шоир ва донишманди шинохтаи эронӣ Саид Нафисӣ аст, ки дар ҳаққи устод Айнӣ сутуда: "...осори марде, ки саросар зиндагиро вақфи хизмат ба одамизодагон кард ва партаве бар ҷаҳони маърифат тофт, ки ҳаргиз фурӯ нахоҳад нишаст, дар миён ҳаст ва хоҳад буд ва ҷовидонӣ хоҳад шуд". Мо ба нигоштаҳои устоди зиндаёд ҳамовоз гашта дар фарҷоми навиштаҳои хеш чунин хулоса менамоем: таърих гувоҳ аст, ки ҳоло номи баъзе аз душманонаш ба гӯшаи фаромушӣ рафтааст, вале номи ин нобиғаи мардуми тоҷик ба монанди дигар фарзандони барумандаш чун Рӯдакию Сино, Ҷомию Камол,Ҷалолиддини Балхию Аҳмади Дониш ва даҳҳо тани дигар то абад боқӣ хоҳад монд.

### АДАБИЁТ


1. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик/С.Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 2010. – 448 с.
2. Айнӣ С. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам/С.Айнӣ/Акнун навбати қалам аст. Осори баргузида дар ду ҷилд. Ҷилди якум. Душанбе: Ирфон, 1977.
3. Айнӣ С. Ҷавоби Садриддин Айнӣ ба табрикҳо// Садриддин Айнӣ. Мактубҳо (Таҳия, таҳрир, тасҳеҳ ва тавзеҳот аз Анзурати Маликзод ва Гулбаҳор Усмонова). –Душанбе: Меҳроҷ граф, 2023.
4. Айниро дар соли 1937 кӣ аз марг наҷот дод ?/ Бурҳон Салмонов, барои «Рӯзгор» октябри соли 2013 /Манбаи электронӣ. (Санаи муроҷиат: 10.03.2021)
5. Знаменский Андрей Александрович/https://ru.wikipedia.org/wiki/ Знаменский, Андрей_Александрович. (Санаи муроҷиат: 03.08.2023)
6. Камолиддин Садридинзода Айнӣ. Ту аҳли донишу фазлӣ, ҳамин гуноҳат бас/С.А.Камолиддин/Бист гуфтор аз маънавият. – Душанбе: Адиб, 2004
7. Книга жизни Садриддина Айни. Подготовка, издания и исследование К.С.Айни. – Душанбе:Ирфон, 1978.
8. Лоҳутӣ А. Куллиёт/А.Лоҳутӣ. – Душанбе, 1963. Ҷ. 6.
9. Наимова Ф. Зиндагиномаи С.Айнӣ дар солҳои таъқибот (дар асоси мукотиботи С.Айнӣ ва А.Лоҳутӣ)//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019.- №:4.
10. Расулиён Қ. Чаро "Намунаи адабиёти тоҷик" зиндонӣ шуд?// Саҳми Садриддин Айнӣ дар эҳёи таърих ва фарҳанги халқи тоҷик. – Душанбе: Сино, 2018. – С. 22
11. Розиқзода А. Ш. Агентии сиёсии Россия дар Бухоро (таъсис,фаъолият ва суқут)/А.Ш.Розиқзода. – Душанбе: ЭРграф, 2023.
12. Сатторзода А. Китоби муқаддаси қавми муаззам// Адабиёт ва санъат. 2016, 4 апр.
13. Тоҷикистони сурх. 1937, 29 ноябри, №274 (2770)
14. Шукуров М. Аз пайи дарёфти фаҳмиши нав/М.Шукуров// Садои Шарқ, 1990. №7.


### АБРҲОИ ТИРАИ ОСМОНИ ЗИНДАГИИ УСТОД АЙНӢ


Дар мақола муаллиф ба таҳлилу баррасии паҳлуҳои норавшани рӯзгори устод Садриддин Айнӣ пардохтааст. Ба таъкиди муаллиф, устод Айнӣ дар ду давра, ду сохти давлатдорӣ, ду низоми сиёсӣ умр ба сар бурдааст. Давраи бачагию наврасӣ, таҳсилу камолоташ, яъне 40-45 соли умраш дар замони истибдоди амирӣ, ба мушкилӣ ва мусибатҳои зиёде сипарӣ шуд. Муаллиф сари ин нукта таъкид менамояд, ки агар устод Айнӣ дар замони истиқлолияти комили диёраш зиндагӣ мекард, саҳифаҳои пуралами зиндагиашро шояд дигаргуна меофарид.



**Калидвожаҳо**: Садриддин Айнӣ, рӯзгор, сохти давлатдорӣ, халқи тоҷик, ҳақиқат


### НЕИЗВЕСТНЫЕ СТОРОНЫ ЖИЗНИ САДРИДДИНА АЙНИ


В статье автор рассмотрел и проанализировал неизвестные стороны жизни Садриддина Айни. По мнению автора Айни жил в две эпохи при двух государственных устройствах и двух политических системах. Во времена эмиратского управления период его детства, юности, зрелости, то есть 40-45 лет его жизни, были трудными и полны невзгод. Автор подчеркивает ,что если бы Айни жил во времена полной независмости своей страны,он возможно изменил бы болезненные страницы своей жизни.



**Ключевые слова**: Садриддин Айни, средства к существованию, государственное устройство, таджикский народ, правда.


### UNKNOWN ASPECTS OF SADRIDDINA AINI'S LIFE


In the article, the author examined and analyzed unknown aspects of the life of Sadriddin Aini. According to the author, Aini lived in two eras under two government systems and two political systems. During the Emirati

administration, the period of his childhood, youth, maturity, that is, 40-45 years of his life, were difficult and full of adversity. The author emphasizes that if Aini had lived during the times of complete independence of his country, he might have changed the painful pages of his life..

**Key words**: Sadriddin Aini, livelihood, government structure, Tajik people, truth.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Розиқзода Абдулҳаким Шералӣ*** **-** Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, раис. **Суроға**: 734065, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Шевченко 39. Телефон: **(+992 37) 221 91 92** E-mail:**roziqzoda@vak.tj**

**Сведения об авторе**: ***Розикзода Абдулхаким Шерали*** – Высшая аттестационная комиссия при Президенте Республики Таджикистан, доктор исторических наук, председатель. **Адрес**: 734065, город Душанбе, Республика Таджикистан, улица Шевченко, 39. Телефон.: **(+992 37) 221 91 92**. E-mail**:roziqzoda@vak.tj**

**Information about the author**: ***Rozikzoda Abdulkhakim Sherali*** – Higher Certification Commission under the President of the Republic of Tajikistan, Doctor of Historical Sciences, Chairman. **Address**: 734065, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Shevchenko street, 39. Phone: **(+992 37) 221 91 92**. E-mail**: roziqzoda@vak.tj**

ТДУ: 907 (575. 3)

# РАМЗҲОИ АНЪАНАВӢ ВА ТАСВИРӢ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ
**(аз рӯйи маводи шаҳристони Ҳулбук)**

***Ҷонибек Асрориён, Иброҳимов С. Т.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**МДТ «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р. А.»**

Муаррихон ва сайёҳони асрҳои миёна: Табарӣ (Таъриху –р-русул ва-л-мулук), Истахрӣ (Китобу-л-масолик-ва-л мамолик), Абусаъиди Гардезӣ (Зайн-ул-ахбор), Байҳақӣ (Таърихи Байҳақӣ), Хурдодбеҳ (Китобу-л-масолик ва-л-мамолик), Абулқосим Фирдавсӣ (Шоҳнома), муаллифи ношинос (Ҳудуд-ул-олам) аз мавқеи ҷуғрофии Хатлон ва авзои сиёсӣ ва иқтисодӣ ва иҷтимоии Хатлон дар асрҳои IX-XI маълумоти арзишманд медиҳанд. Хатлон водии паҳноваре буда, аз назари ҷуғрофӣ ҷойгоҳаш мусоид, сарзамини ободону обшору бо шаҳристонҳои сераҳолӣ. Бештари сарчашмаҳо аз тавону мақоми Хатлон маълумоти саҳеҳ ба бор доранд. Чуноне Мақдисӣ Хатлонро дар қатори мулкҳое ном мебарад, ки дар замони авҷу шукуфоӣ ба давлати Сомонӣ на хироҷ, балки ҳадя мефиристод. Аз ин рӯ Сомониён нуфузи чандоне дар ин самт надоштааст [16,с. 107].

Дар заминаи манбаъҳои дигар донишманди эронӣ Аббоси Қадиёнӣ [15,с.1164] ин нуктаро тасдиқ мекунад. Хатлон мавқеи муҳимми сиёсиро дар аҳди Ғазнавиён низ ба сароҳат нигоҳ медошт. Мувофиқи навиштаи муҳаққиқи тоҷик Ғолиб Ғоибов, дар ибтидои асри XI Хатлон тобеи Ғазнавиён гардид [12, с.279]. Агар ба нигориши манбаъҳо истинод кунем, пас забти Хатлон ба Ғазнавиён осон муяссар нашудааст. Аз муқовимат ва озодипарастии мардуми кишвар будааст, ки: «Маҳмуд ба хотири наздиктар шудани робитааш бо Хатлон хоҳари худро ба подшоҳи ин минтақа медиҳад. Байҳақӣ ин занро Ҳураи Хуталӣ меномад, ки дар дарбори Масъуд нуфузи зиёд доштааст. Ва Ҳура ҳам ба маънии озода аст, ки ғалатист [8, с.58].

Дар аҳди Ғазнавиён низ Хатлон аз рушду ободи бебаҳра набуд. Нуфуз ва мақоми шаҳристонҳоро Байҳақӣ низ ба василаи ахборе тасдиқ мекунад. Маълумот аз Қозӣ Бусодиқи Табонӣ меравад, ки назди Маҳмуд маҳбубияти тамом доштааст. Байҳақӣ дар бораи Бусодиқи Табонӣ мегӯяд: «Ва Амир фармуд, то ин имом Бусодиқро нигоҳ доштанд ва бинавохту мушоҳара фармуд ва пасон бо андешаи мояи рӯзгор қозоти қузоти Хатлон ӯро дод, ки он ҷо бисту анд мадрасаест бо авқоф бо ҳам ва ҳамаи рӯзгорҳо он ҷо малике буд мутоъу муҳташам» [8, с.266].

Аз навишта маълум мешавад, ки дар минтақа бештар аз 20 мадраса амал мекардааст ва яқин аст, ки толибилмон низ фаровон буда. Ба ҳамин маънӣ метавон афзуд, ки дар шаҳристонҳо майл ба дониш рӯ ба камол будааст.

Маводи моддӣ ва ковишҳои бостоншиносӣ саҳеҳияти навиштаҳои муаллифонро тасдиқ мекунанд. Дар чанд соли охири асри XX ва ибтидои аари XXI бозёфтҳои санъати меъморӣ ва нигораҳо аз шаҳристонҳои Ҳулбук, Мунк, Сайёд ва Қайнар бори дигар аз ободӣ ва сернуфуз будани Хатлон далелу дастаканд. Ишораи матнҳои хаттӣ аз мухторияти Хатлон ва сиккаҳои шоҳони минтақа аз ободии Хатлон муътамадтар менамоянд, ки осудагӣ ва имконоти фаровон барои мардумон дар замони Сомониён фароҳам будааст.

Сарчашмаҳо дар мавқеи мусоиди ҷуғрофӣ ва стратегии Хатлон натиҷа мегиранд, ки ишора аст ба водии паҳновари миёни рӯдҳои Ҷайҳун ва Вахш. Аз ахбори пешин, аз сайёҳатномаҳои чиниён то осори муаррихони Шарқ мардону занони водӣ баробари ҳунарманду кишоварз размандa ва диловару шуҷоъ қаламдод шудаанд. Дар «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ дар қисмати аввал, ҳине ки аз пайкори Рустам бо Афросиёб сухан меравад унвони Хуттал ёд мешавад. Пасон дар фасли Каёниён ва фирори Пирӯз аз Эрон ва муроҷиати ӯ ба Фағониш кишвари Ҳайтолиён хотиррасон шудааст (Бад-ӯ дод шамшерзан сӣ ҳазор (Зи ҳайтолиёи лашкари номдор) [3, с.291]).

Дар ҳунари размандагӣ ва шуҷоат на танҳо осори таърихӣ, балки метавон ба ҳуҷҷатҳои суғдии кӯҳи Муғ низ ишора кард, ки вилоятҳои Хуттулустон ва Хуттурустан номбар мешаванд. Ҳарчанд забоншиносон онро ба Хатлон айният медиҳанд, шояд сарзамини Тахористон бошад. Зеро дигар аломату намунаи тавоноӣ ва пешоварони он даврон муҳри волии сарзамин мебошад, ки бо ҳуруфи бохтарӣ дар шакли Хатлон ҳак шуда, аз воқеияти номи минтақа то замони араб маълумот додааст. Ин ҳуҷҷат на танҳо робитаи зич ва мутақобилаи минтақаҳоро тасдиқ мекунад ва ба гумони ғолиб хатлониён дар муқобили арабҳои истилогар ҳампаҳлуи муборизони суғдӣ будаанд.

Аз ягонагии мардумони як минтақаи бузург, ки пасон дар асрҳои IX-X давлати мутамарказ бунёд намудаанд, маводи фаровон дорем. Мувофиқи осори пешин, аз ҷумла Балху Тахористон як музофот ҳисобида мешуд. Ва яқин ҳам шудааст, ки дар асри миёнаи барвақтӣ ва асри миёна ҷанубИ ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон ва шимоли Афғонистон бо унвони Тахористон маъруф буд.

ОсорИ таърихӣ ва бозёфтҳо умумияти пайдоиши этники ва анъанаву оини ин минтақаи бузургро тавъам донистаанд. Дар асл намунаи таърихи ҳунари бохтарӣ дар ҳамин марз сомон гирифтааст. Гузашта аз ин, аз давраҳои хеле куҳан падидаҳои муштараки фарҳангӣ ҳамбастагиро миёни Бохтару Суғд ба вуҷуд оварда буд, ки бо гузашти асрҳо ба ташаккулёбии халқияти тоҷик мусоидат намуд.

Мо дар ин матлаб ба воқеа ва падидаҳое муроҷиат менамоем, ки сирф хосияти фарҳангӣ ва ҳунарӣ доранд, вале ифодагари вижагиҳои як халқияти томанд. Ҳаводис ва зуҳуроти воқеъшуда дар пайвандӣ буда, яке бар дигаре меафзояд ва тасаввуру андешаро дар ҳикмати офариниши эҷод комилтар мегардонад.

Аз маводи бадастомада метавон аз робитаҳои зичи сиёсӣ, хамсоядорӣ ва тиҷоратии Хатлон дар асрҳои миёна бо Суғд ва ширкати хатлониёни размандa тибқи ҳуҷҷатҳои суғдии Кӯҳи Мӯғ, дар муборизаи афшинҳои Суғд бо истилогарони араб, гуфтем. Хосиятҳои ватандӯстӣ ва шуҷоати мардони минтақа сари забон ва ба атрофу акноф паҳн шуда буд. Санъати ҳунарӣ, аз ҷумла адабиёти даврон аз ҳамин падидаҳо шаклу мазмун гирифтаанд. Дар ҳамин замина адабиёти хаттӣ ташаккул ёфтаву ифодагари моҳияти адабиёти шифоҳӣ гардидааст. Ва як падидаи умумиро, ки вижагии сарзаминҳои ориёист ва дар давраҳои пасин низ ҳамчун рамзи фарҳанги ин мардум боқӣ монд, ба эътибор бояд гирифт. Сухан аз назми оламгир ва шеър меравад. Ба ҳар ранге, ки ташреҳ мешавад, натиҷа ҳамонест эътирофшуда: назми мардуми тоҷик таърих аст. Ва як рамзу намодест, ки анъана шудааст. Чуноне таронаи овозадорӣ халқӣ, ки пас аз шикасти араб вирди забонҳо шуд:

Аз Хуталон омадия,
Ба рӯ табоҳ омадия,
Обор боз омадия,
Хушку низор омадия.

Бо дарки моҳият, ба асрор ва рушди суруда метавон аз ҳирфавияти осори бохтарӣ, то ҷое натиҷа гирифт. Мо аз пораҳое хулоса гирифтем, ки катбӣ шудаанд. Бештаре аз эҷоди он овон дар гирудори таърих ва тағйири низомҳо аз миён рафтаанд. Вале намунаи барҷаста – жанри мусиқӣ ва ҳунарие дар минтақа мавҷуд будааст, ки ин замон бо унвони "Фалак" шинохта мешавад. Сарчашмаи бунёдаш таронаҳои мардумӣ буда, бо рубоӣ ва дигар шаклҳои шеърӣ дороӣ афзуда, аз адабиёти ҳирфавӣ бардоштҳо доштааст. Ва низ ба он асар кардааст. Инчунин намунаро мо дар осори қофиласолори шеъри тоҷик, устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (Гули баҳорӣ, Бути таторӣ, набид дорӣ, чаро наёрӣ…) вомехӯрем. Аз ин бармеояд, ки иртиботи қавӣ мудом дар ҳоли рушд ва ҳамбастагӣ буданд ва доду ситади маънавию ҳунарӣ вуҷуд доштааст.

Дар ҳамин раванд санъати мусавваросозии ҳунармандони Ҳулбук андешаи моро дар мавзуи зикршуда қавитар мекунад. Анъанаҳо вобаста бо замону макон ва тағйири сохти сиёсию густариши мазҳаб аз маҳалле ба минтақае кӯчида, муқовимат кардаанд. Мисле, ки бо гузашти фосилае деворнигории Афросиёб, Панҷакат, Аҷинатеппа, ки анъанаи қаблӣ буд, дар Ҳулбук идома ёфта, нақшҳои дилчаспе то замони мо вомондаанд. Чуноне дар зери нақше зебои зан наққош суруди маъмули овони худро ҳак намудааст, ки дар жанри тарона аст. Матнро устод Ғолиб Ғоибов ба тариқи зайл хондааст:

Лаб ҳаме хвашмазза,
Абрӯ камони Ҳамза,
Тираш хаданги ғамза,
Чашмакош ҳалоки дилҳо.

Дар баробари намунаи зебои санъати шеърӣ будан, дар тарона номи шахсияти таърихӣ Ҳамза ибни Абдуллои Хуросонӣ зикр мешавад, ки парчами муборизаро муқобили волиёни Систон ва Хуросон дар ибитидои асри IX баланд бардошта буд ва дар Хатлон низ шуҳрат дошт [6, с. 132].

Бо як таваҷҷуҳи одӣ дар ду матн (дар боло зикр кардем) метавон аз чанд умумият, ки ба гузаштаи мо иртибот дорад, натиҷа гирифт. Яке, аз муборизаи қаҳрамононаи хатлониён бар зидди забткорони араб ва дувум муқовимати фарзанди озодихоҳ Абумуслими Хуросонӣ бар ҳокимони арабнажод, ки муқобили забон, анъана ва ҷашнвораҳои маҳаллӣ пайкор ороста буданд. Яъне, ҳар ду матн ба падидаҳои таърихӣ пайвандӣ ва хосияти ватанпарастона доранд ва ҳам (савум) аз рушду таҳаввули намунаи ҳунарӣ - тарона ва рубоисароӣ маълумот медиҳанд. Ҳамзамон, (чорум) имкон медиҳанд аз ташаккули забони даврон бемуҳобот ҳарф бизанем. Чи ки матнҳо аз забони имрӯзаи тоҷикӣ тафриқае надоранд, осонхон ва фаҳмоянд.

Як самти дигар дар омӯзиши осори Ҳулбук рушан мешавад. Яъне, бо тақвият аз бозёфтҳои шаҳристони Ҳулбук метавон андешаро дар мавриди рушди санъати мусиқӣ ва сароядагӣ комилтар намуд. Дақиқ аст, ки ин намуна таърихи куҳан дошта, бо анъанаҳои тоисломӣ дар пайвандӣ, дар аҳди Сомониён рушд кардааст.

Дарёфти тасвири марду зани мусиқанавоз дар девори яке аз ҳуҷраҳои шаҳристон асноди хеле муҳим мебошад, чи тасвири одам дар ислом мамнуъ буд. Метавон ба ин далел илова аз тасвири ду хунёгарзани дар курсӣ нишаста, ки аҳаммияти фавқулода доранд, намуна овард. Аз тарафи чап зане тасвир ёфтааст, ки бо камонча сози дутораро менавозад. Камонча дар дасти рости ӯст. Соз ба тори тоҷикӣ шабоҳат дорад. Ва анъанаи бо камонча навохтани торро манбаҳои дигар низ тасдиқ мекунанд. Мутриби дуюм уднавоз аст. Уд 12 тор дорад. Гирди сари ӯ бандинаи кабуди қаҳваранг, монои халқаи қудсӣ намоён аст. Ин ишора дорад ба мақоми зан, ё ба шарафу шону мусиқанавозон, ки дар даврони қаблӣ ҳамчун тоифаҳои хосса шинохта мешуданд. Ба қавли пажуҳандагон ва маводи мавҷуда, шоирон ва донишмандон низ аз хунёгарӣ бархӯрдор буданд. Тасдиқи ин нуктаро дар симои Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ибни Сино ва Форобию чандинҳо дармеёбем.

Ва анъанаи тасодуфӣ набувад. Асноде, ки дар даст дорем дар аҳди Ашкониён дар ҳоли рушд будааст. Чуноне дар замони Ашкониён мусиқӣ ва шеър ба ҳам наздик шуда буд, ки шахс наметавонист бидуни ин ки бо мусиқӣ ошно бошад ва ё дар задани яке аз созҳо маҳорат дошта бошад, шоир бошад [19,с. 870].

Аз мартабаи гӯяндагону ҳунармандону хунёргарон буд, ки дар ин аҳд дар баробари ситорашиносон, адибон ва пизишкон ба табақаи зарурӣ, табақаи сеюми ҷомеа дохил мешуданд.

Ба ҳар ранге бошад, метавон натиҷа гирифт, ки дар асрҳои миёна низ ин анъана идома кард ва хунёгарон ҳамчун қишри муҳтарами ҷомеа боқӣ монданд. Созҳои мусиқӣ такмил ёфта, ба дараҷаи эҳтиёҷи дарбор мувофиқ афтода, мувофиқи маълумоти маъхазҳо дастаҳои хосса низ ба вуҷуд омадаанд. Тасвирҳои ба хунёгарзанони Ҳулбук далели муътамади мост. Боз ҳам дар шаҳристоне, ки ба қавле канорист ва дар замони авҷу равнақи ислом занон тасвир шудаанд. Тазоди аҷибест, ки мухолифат бо асосу бунёди дини ислом дорад: тасвири инсон дар деворнигораҳо, ҷойгоҳи зан ва муқовимат бо мусиқӣ. Хулоса инчунин аст, ки анъанаҳои куҳан дар Хатлон идома доштаанд ва дастаҳои ҳунарӣ дар дарбор амал мекардаанд. Дар тақвияти фикр ковишҳои Ҳулбук аз мавҷудияти хонаи ҳунар, саҳна, пардозхона ва нишастгоҳи хунёгарон (оркестровая яма) ҳовандҳои заруриро муҳайё намуданд.

Дар ин раванд ба як анъанаи куҳан таваҷҷуҳ мебояд, ки аз умумияти намунаҳои санъати нигорасозии Бохтару Суғд намояндагӣ мекунад, ки ба дарунсӯи пешоварӣ ишорат дорад. Чунончи, дар яке аз пораҳои нигораи Панҷакат рақси маросимӣ вомехӯрад. «Ба дарозии девор суроби нимурёни мардони арғуштӣ, ки шалвори кӯтоҳи то зону доранд, тасвир шудааст. Дар дастонашон созҳои мусиқӣ намоён аст. Дар як ҳолат табли нимдоира, дар дигар табли дурӯя шабеҳи соатҳои регӣ, ки дар қисмате аз ёдгориҳои Осиёи Миёна маъмул аст ва дар ҳолати савум созе ба монанди борбат, менамояд» [14,с.107].

Агар ба паҳлуҳои руҳонӣ ва равонӣ жарфтар ворид шавем, ки ибтидо аз забону шеър то намунаҳои санъат аслиҳаи муҳимманд дар муқовимат ба душманони миллат. Нахуст, анъанаҳоро побарҷо ва устувор нигоҳ медоранд ва ҳамзамон шикасти адуро ба тамасхур мекашанд ва родмардони меҳанро ситоиш мекунанд. Дар ҳамин рав ҳунармандон қавитарин муборизони зидди араб буданд. На танҳо бо ин, балки сабку услуб ва орзуву ормонҳоро, паҳлавониро сутудаву тарғиб мекарданд. Ин замон низ вассофони аслии истиқлолу озодӣ ва ватанпарварӣ ҳамин тоифаҳоянд.

Тасвир ва нақшҳо як орои одиву бемақсад нестанд. Дар бештар ҳолат рақсҳо хосияти қудсӣ дошта, дар иморатҳои хосса, ҳангоми маросимҳо ва ҷашнвораҳо анҷом мехӯрданд. Олимон собит карданд, ки «рақси маросимӣ бо созҳои мусиқӣ дар назди илоҳа ё эзидон адо карда мешуд» [14, 30, 31].

Осори Ҳулбук ва тасвирҳои занон бо сози мусиқӣ аз анъанаи куҳан ва густаришхӯрдае будааст, ки то мирӯз миёни сарояндагон ва арғуштиёни навоҳии Кӯлоб, водии Қаротегин ва Бадахшон боқӣ мондааст [17, с.76]. Метавон як умумият ва ҳамбастагии анъанаву русумро дар сарзаминҳои Суғду Бохтар дарёфт, ки решааш ба давлатдории Кӯшониён мерасад. Яъне, ин занҷира дар ҳоли мудовимат будааст. Чуноне, дилкашолӣ ва таваҷҷуҳ ба рақсу суруд. Дар ин маврид солномаҳои чинӣ низ мавод доранд. Чуноне аз Самарқанд дар а. VIII ба Чин дар баробари дигар туҳфаҳо раққосаҳо низ фиристода мешуданд. Ва ҳам манбаъҳо тасдиқ мекунанд, ки соли 733 шоҳи Хуттал ба Чин занони хунёгарро равон карда буд [20,с.107].

Намунаи навбати осори ҳунарӣ, ки анъанаи тоисломӣ дорад ва то имрӯз вомондааст, нигораҳои ҳандасӣ, наботӣ (нахлӣ) ва зооморфӣ (тасвири махлуқот) мебошад. Пасон ба онҳо тасвирҳои ислимӣ афзуда шуд. Дар ин давра тасвири воқеии гулу гиёҳҳо ба миён меояд, ки дар девору дару сутунҳо ва шояд пираҳану маснуоти дигар нақш мебастанд. Ҳунармандони Ҳулбук таносуби рангҳоро медонистанд ва бо маҳорати хосса истифода мекарданд. Дар офаридаи онҳо рангҳои нилин, зард ва гулобӣ устокорона ба ҷилва меоянд. Ҳамзамон, нақшҳои себарга, барги чинор ва дигар гиёҳҳо, ки иртиботи қарин бо асотир ва таърихи тоҷикон доранд, дар нигораҳои аз гаҷ сохташуда вомехӯранд.

Яқин аст, ки истифодаи рангҳо кӯркӯрона набуда, намод ва рамзҳои хоссаро ифода мекарданд. Ҳунармандон на танҳо мизоҷи рангҳо: сарду гармро медонистанд, балки ба тарзи худ дар ранги зарду сурх тимсоли хуршеду оташ ва қудрату неру, дар ранги сабз сабзишу зоиш, оромишу осудагӣ ва сафед орзу ва ормон, нур, покиву покдоманиро мешинохтанд.

Ҳине, ки Ричард Фрай бо гаҷкориҳои Ҳулбук ошно шуд, ба пираҳани чакани бонувон ва тоқиҳои мардона мутаваҷҷеҳ гардида, бо фараҳ гузаштаро бо имрӯз дар қиёс гирифт. Ричард Фрай иброз дошт: «Дар Бағдод як кӯча аст, ки бо номи санъатварони хатлонӣ шуҳрат дорад. Пешаварони ҳайталӣ он ҷо иқомат доранд ва ин сулола то ба ҳоло идомат мекунад. Нақшу нигори лавҳҳои гаҷкории Ҳулбук ва бисёр биноҳои Бағдод ба ҳам монананд.

Дар Ироқ дар шаҳри Саморо низ инчунин сабкро дидам. Шояд дар Ҳулбук он даврон, яъне солҳои ҳазорум санъати меъморӣ то дараҷае тараққӣ карда бошад, ки оламиён аз он истифода мекарданд.

Ман дар диёри бостонии Хуттал ба пероҳан, сарандоз, шерозаҳо, тоқиҳои мардона ва сӯзаниҳо диққат додам. Мардуми Хатлон аз замонҳои қадим то ҳанӯз нақшу нигори гаҷкории аҷдодро, ҳатто дар либоси худ нигоҳ доштанд. Аз ин рӯ мегӯям, ки нақшу мусавварҳои Ҳулбук суннатист ва он танҳо маҳсули тахайюл ва эҷоди ҳунармандони ҳамин сарзамин аст» [7,с.4].

Ба андешаи Ричард Фрай, мардуми зарбаҳои мудҳиши таъриххӯрда муқаддасоти худро на танҳо дар хотира, балки дар либосу анвои рӯзгор кӯчонданд, ки падидаи нодирест.

Воқеан, тасвири косагулҳо дар тоқӣ, сӯзанӣ ва пешу бару домон ва ситорагулҳои ду паҳлуи чоки гиребон, шоҳбаргҳо, гулҳои товусу мурғобӣ аз намунаи хеле куҳани анъанаҳо намояндагӣ мекунанд. Онҳо бо рангҳои сурху зарду бунафш, гулобию ҷигарӣ муҷалло ва дилфиребанд. Ва ба ақидаи донишмандон, тасвирҳо намод ва рамзи хуршед, фарри эзидӣ ва покдоманӣ будаанд. Дар онҳо орзуву ормонҳо, ки аз оину расми аҷдод ҳосил шудаанд, таҷассум ёфтаанд.

Бо вуҷуди кашмакашиҳои сиёсӣ, шикасту рехт ва қурбониҳои ҳангуфт мардуми тоҷик забонро гум накард ва бетағйир ба ворисон, ба қавли халқ дар «пахтаи маллаӣ», то имрӯз расонд. Забони анъана, забони шеъри ноби оину русум ҳунар будааст, ки рӯйи матоъ нақш кардаанд ва ба сони катибаҳо дар рафидаву мухпару остинча ва нақшҳои рӯйи нону кулчаҳо бо зебоию нафосат муҳр бастанд. Мӯҳри воқеӣ ва носутуданӣ.

Мувофиқи тасдиқи муаррихон, косагулҳо ва нақшу нигори турӣ намоди офтоб, себарга, шоҳбарг ва анвои дигари гиёҳо рамзи дарахти ҳаёт будааст. Ба қавли олимон, ин нишонаҳо аз густариши митроизм далелу дастаканд. Ба тақвияти фарзияи худ аз тасвирҳои зиёди шер дар сутуну деворҳо ва ҳайкалчаҳои ин ҷонвари қудсӣ намуна меоранд.

Чуноне дарёфти ҳайкалчаи шер, ба қавли Юсуфшоҳ Ёқубшоҳ «миҷмари биринҷии шер» мисоли равшани гуфтаҳои фавқ аст. Миҷмар ковок аст. Пушт бо себарга ва пойҳои пеш бо шоҳбаргҳо зиннат ёфтаанд. Чуноне зикр шуд ин гиёҳҳо дар овони тоисломӣ муқаддас шуморида мешуданд. Ковокии миҷмарро барои сӯхтани бухор ва испанд муқаррар мекунанд, ки ба оини тоисломӣ дар робита аст. Бостоншинос Э. Ғуломова тимсоли шерро дар ҷаҳонбинии хатлониён марбут ба рамзи посбонии хонадон аз офатҳо мешуморад. Академик Ю.Ёқубшоҳ шерро рамзи худои офтоб меҳисобад, ки аз аҳди бостон чун тимсоли митроизм густариш дошт. Барои собит сохтани ақидаи худ Ю. Ёқубшоҳ ба решаи таърихии вожаи Хатлон муроҷиат мекунад. Ӯ таъкид мекунад, ки Хатлон «…аз номи халқи ориёӣ-ҳайтолиён баромадааст. Маънои луғавии ҳайтал-шердил, далер, ҷасур мебошад. Ҳамин тавр, шоҳи Хатлон рамзӣ ба шер нисбат дошт ва аз ин рӯ лақаби шерро гирифта буд» [13,с. 51].

Агар ба ақидаи олимон мувофиқ шавем, маълум мегардад, ки Меҳр дар Турон Худои Офтоб, шоҳи Худоён пазируфта мешуд. Рамзи он дар тасвир: шер бо ахтарон, шарораҳо ё бо нақши салибӣ ороиш меёфт. Ҳамин гуна осор дар харобаҳои қасри шоҳони Хатлон-Ҳулбук ва шаҳраки Сайёд аз гаҷ ба даст омадаанд.

Дар шаҳраки Сайёд саҳнаест девори хонаро оро медиҳад, ки шерону палангон дар манзараи нақшу нигори наботӣ рушан менамояд. Ин анъана идома ёфта, бори дигар аз тарафи Н. Белинская дар нақшҳои девори масҷиди Ғеш (Муъминобод) кашф гардид [9,с. 267].

Бо ин ҳама метавон натиҷа гирифт, ки авҷи осори ҳунарии замони Сомониён, ки аз анъанаҳои куҳани мардуми мо оғоз мешавад, муддати тулонӣ ба намунаҳои санъат асар намуда, давронҳоро убур карда, бо тағйироти ҷузъӣ дар ҳунари мусиқӣ, сарояндагӣ ва гулдӯзӣ то имрӯз омада расидаанд. Дар ин раванд намунаҳои санъату ҳунари Бохтару Суғд аз ҳамдигар фосилаи ҷиддӣ надоштанд, балки яке аз дигар муассир шуда, намунаи арзишмандро ба вуҷуд оварда буданд, ки ин замон боқист.

Дар миёни осори шифоҳӣ, дар мисоли таронаи вомондаи сокинони Балх ва навиштаҷоти Ҳулбук аз ташаккули забон ва осори ҳирфавии адабиёт далели муътамад.

Дар пайвандии осори анъанавии ҳунарӣ ва санъати тасвирӣ метавон аз жанрҳои созию овозӣ, ки муддати асрҳо шаклу мазмун дигар накардаанд, ҳарф зад.

Нигораҳои Ҳулбуки куҳан ва тасвирҳои бадастомада аз шеваи комили гулдӯзиҳо, ки ба асотир, анъана ва оинҳои пешин дар пайвандиянд, маълумот медиҳанд.

Тасвирҳои косагулҳои пеши бар, ки ишора, аз оини куҳан доранд рамзи нуру рушноӣ ва нигаҳбону покдорандаи анъанаву русуми тоҷиконанд.

**Муқарриз: Шарипов Ҷ.С. – н.и..т., ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абуисҳоқи Истаҳзӣ. Китобу-л- мамолик ва-л- масолик - омодаи Н. Неъматов ва Ю. Малсева // Илм ва ҳаёт.- 1989.- № 6-12.
2. Абусаъиди Гардезӣ. Зайну-л-ахбор. -Душанбе: Бухоро, 2014.- 416с.
3. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома.- Ҷ. 8. - Душанбе: Адиб,2008.-480с.
4. Асрориён, Ҷ. Сиккаҳо ва ҷузъиёти падидаҳои таърихӣ // Паёми ДМТ. -2015. -№3/8. -С.41-45.
5. Асрориён. Дж. О. Исторические памятники воплощении традиции и подвигов // Учённые записки. Серия гумманитарно- общественных наук ХГУ им. Академика Б. Гафурова.- 2017.- № 4.-С. 37-41.
6. Асрориён. Дж. О. Куляб в памятниках истории и культуры (проблемы сопоставления и исторической интерпретации). –Душанбе: Балоғат, 2019.- 232с.
7. Асрориён Ҷ. О. Мардуми Хатлонро дӯст дорам / Муколама бо бостоншинос Ричард Фрай // Адабиёт ва Санъат.- 1990.- С.4.
8. Байҳақӣ, Абуфазл. Таърихи Байҳақӣ. Таҳиягари матн, муаллифи муқаддима, ҳавошӣ ва феҳристҳо Сайфуллоҳи Муллоҷон. –Душанбе:Бухоро, 2014. – 774 с.
9. Белинская, Н. Резной ганч Таджикистана/ в кн.: Искусство таджикского народа.- Вып.3.- Душанбе,1965.
10. Гулямова, Э. Хульбук- столица Хутталя / Э. Гулямова. – Душанбе: Ирфон, 1969.
11. Гулямова, Э. Музыкальные инструменты в живописи Хульбука / Э. Гулямова // Изв. отдел обществ. наук НИ Тадж. ССР. – 1985.- №4.- С. 69-72.
12. Гоибов, Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз / Таърихи сиёсӣ ва ҷуғрофияи таърихӣ / Ғ.Гоибов. – Душанбе, 2006. - 906с.
13. Ёқубов, Ю. Шери Хатлон / Ю.Ёқубов // Илм ва ҳаёт.- 1989.- № 12.-С. 17-18.
14. Живопись древнего Пенджикента.- М.: Изд. АИ СССР, 1954.
15. Қадиёнӣ, А. Фарҳанги тавсифии таърихи Эрон.- Ҷ.3.- Теҳрон: Интишороти фарҳанги мактуб, 1384.- 1788с.
16. Муллоҷонов, С. «Таърихи Масъудӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ (муруре пиромуни сохтори идорию русумоти дарбори ғазнавиён) / С.Муллоҷонов. - Душанбе: Ирфон, 2013.- 240с.
17. Табарӣ, Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таъриху-р-расул ва-л-мулук.-Душанбе: Саред.энсиклопедияи миллӣ, 2014.-кит.5.- С.3697-31716.
18. Хурдодбеҳ. Китоб-ул-масолик ва-л-мамолик.-Боку, 1986.
19. Ҷаҳонгир Насрӣ Ашрофӣ, Охудошти Аббос. Таърихи ҳунари Эрон. - Ҷ. 2.- Теҳрон: Интишороти Орвон, 1388.
20. Ҳудуд-ул-олам.- Душанбе: Бухоро, 2014. – 588с.
21. Шеффер Э. Золотые персики Самарканда / Э. Шеффер - М.: Гл. ред. вост. лит,1981.


## РАМЗҲОИ АНЪАНАВӢ ВА ТАСВИРӢ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ
### (аз рӯйи маводи шаҳристони Ҳулбук)

Матлаб дар асоси пажуҳиши манбаъҳои хаттӣ ва бозёфтҳои шаҳристони Ҳулбук: навиштаҷот, пораҳои шеърӣ ва тасвирҳои мутрибону нигораҳои наботию ҳайвонот иншо шудааст. Дар маҷмуъ, маълумотномаҳо далели ҷиддӣ ва сареҳанд дар омӯзиши таърихи Хатлон. Метавон шеър (аз шикасти араб то таронаи халқӣ), нигораҳо, тасвирҳои хунёгарони Ҳулбук, деворнигораҳоро бо арғуштиёни Панҷакату Самарқанд дар қиёс гирифта, ҳамчун умумияти анъана ва русуми урфи минтақаи паҳновар

қаламдод намуд. Бозёфҳои арзишманди бостоншиносӣ ва манбаъҳои таърихӣ аз мавҷудияти доманадори анъанаҳои тоисломӣ далели муътамаданд. Дар баробари муайян намудани рухдодҳои таърихӣ, муборизаи диловарони сарзамин бар зидди забткорон маводи мавҷуда рамзу намодҳоеанд, ки аз ташаккул ва равнақи забони тоҷикӣ, жанрҳои созию овозӣ, қадимияти санъат гувоҳӣ медиҳанд.

**Калидвожаҳо:** Ҳулбук, Хатлон, Хутурустон, Хатлон, "Фалак", хунёгар, мусиқӣ, ҳола, падозхона, Суғд, Бохтар, рақсҳои маросимӣ, косагул, миҷмар, шерони Хатлон.

## СИМВОЛЫ ТРАДИЦИОННОЙ КУЛЬТУРЫ И ЖИВОПИСИ КАК ИСТОРИЧЕСКИЙ ИСТОЧНИК
**(по материалам городище Хульбук).**

В статье на основе письменных источников и археологических находок городища Хульбук (надписи, росписи, стихотворные строки и народные песни после поражения арабов до упоминания Хамзы ибн Абдулла Озарак), изображения женщин, музыкантов, причудливых традиционных растительных узоров) автор глубже вникает в историю профессиональной музыки и смысл народного творчества, которые имеют многовековую историю. Изображения женщин-музыкантов, играющих на инструменте с двумя струнами и арфе вызывают большой интерес и исторической науке. Использование доисламской композиции в хульбукской живописи является продолжением традиций, отражённых в росписях Педжикента и Самарканда.. Изображение антропоморфных существ и хульбукская живопись свидетельствует о том, что мастера Хульбука продолжали местные традиции и вопреки суровым законом ислама сохранили их для потомков.

**Ключевые слова:** Хульбук, Хатлон, Хутуристон, Хайтал, "Фалак", Согд, Бохтар, музыканты, нимб, культовые танцы, узоры, трилистник, резьба по ганчу, стилизованное изображение львов, курильница, и т.д.

## SYMBOLS OF TRADITIONAL CULTURE AND PAINTING AS A HISTORICAL SOURCE
**(according to the materials of the settlement Hulbuk)**

In the article, the phenomenon of migration is studied from the socio-historical process. The study of this problem shows that migration is a property of the entire historical development of mankind, and at the present stage it has acquired new qualities. This study shows that the author explores the main stages and factors in the development of migration from a social and historical point of view. It is noted that the problem of the social and historical process is solved in the study of the phenomenon of migration from the position of contradiction as the driving force behind the development of society. The interaction of social and historical parameters of migration determines the establishment of the socio-historical process as a system of scientific knowledge about migration as a social phenomenon. Therefore, migration as a multidimensional process plays an important role in solving some social and historical problems, which in each period of the history of human development differed significantly. Although the current migration processes are generated by the new conditions in which many peoples of Central Asia and Europe found themselves, however, from the process point of view, social processes tend to reveal the

general nature of the social process and its main relationships with history.The study of the above materials allows us to conclude that both in the historical and social process, migration has always become one of the main factors in the transformation and development of many countries.

**Keywords:** migration, social, historical, process, alienation, phenomenon, contradiction, social contradiction

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳаитов Фирдавс Қаюмович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, дотсент. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ,17.

**Сведения об авторе:** ***Хаитов Фирдавс Каюмович*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, доцент**. Адрес:** 734025, , город Душанбе, Республика Таджикистан,проспект Рудаки,17.

**Information about the author:** ***Khaitov Firdavs Kayumovich*** **-** Tajik National University, Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki avenue, 17.

УДК:297+295 (091)

# МУНОСИБАТИ ИСЛОМИ СУННАТӢ ВА САЛАФИЯ БА ОИНИ ЗАРДУШТӢ

*Нурулҳақ Қамар*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Имрӯз яке аз мавзуъҳои асосии тарғиботи ҷараёни салафияи ифротиро инкори арзишҳои миллӣ ташкил медиҳанд. Сабаби аз ҷониби салафия инкор гардидани арзишҳои миллӣ на танҳо дар он аст, ки салафия миллату ватанро эътироф надорад, ҳамчунин дар он мебошад, ки арзишҳои миллӣ дар гузашта бо дини зардуштия иртибот доштанд ва он аз ҷониби арабу ислом дини "ширк"-у "ботил" ҳисобида шудааст. Албатта, аз ҷониби арабу ислом "ботил" эътироф шудани зардуштия ду сабаби асосӣ дорад. Сабаби аввал, маълумоти нокифоя ва нодуруст доштани араб доир ба зардуштия мебошад, ки дар натиҷа ба зардуштия аз мавқеи муносибати ислом ба динҳои ширку бутпарастии тоисломии хеш муносибат кардааст. Сабаби дигар он аст, ки араб аз қадим ба мардумони эронитабор кинаву бадбинӣ дошт ва зардуштия дини расмии давлати Сосониён буд. Ин бадбинӣ ва ҳадафи истилои Эронзамин аз ҷониби вай зарурияти "ботил" ҳисобидану инкор кардани онро ба миён овард.

Бинобар ин, дар ислом ду иштибоҳ нисбати дини зардуштия роҳ ёфт. Чуноне ки муҳаққиқи англис Олег Грабар мегӯяд: "Арабҳое, ки исломро ба Эрон овардаанд, дар бораи ҷаҳони эронӣ тасаввуроти ниҳоят кам доштанд, ки он бо вазъият дар минтақаи Ҳилоли Аҳмар ё бо Баҳри Миёназамин комилан муқоисанашаванда мебошад" [13]. Муносибати муғризонаи арабу ислом нисбати дину фарҳанги тоисломии тоҷику форс минбаъд аз араб ба руҳонияти тоҷику форс ба мерос монд ва ин руҳонияти арабгаро ин сиёсатро барои саркӯб кардани фарҳанги тоисломии хеш ва ташаккул додани мафкураи зиддимиллӣ ва дар руҳи бегонапарастӣ тарбия намудани мардумони хеш истифода карданд, ҳарчанд назари Қуръону суннат доир ба зардуштия дар як вақт ихтилофнок низ ҳаст ва дар кулл ислом нисбати дини зардуштия назари мусбӣ дорад, ки он аз назари руҳонияти ислом берун мондааст.

Аввал, фаҳмиши нодурусте, ки дар таълимоти исломӣ доир ба зардуштия роҳ ёфтааст, ин аст, ки зардуштия ҳамчун дини санавият, яъне дугароӣ ё худ ширк шинохта шудааст. Ин масъала дар Қуръон танҳо дар як маврид ёдрас мешавад: "Ситоиш Худойро аст, ки осмону заминро офарид ва торикию равшаниро пайдо кард ва боз кофирон ба Парвардигори хеш баробар мекунанд" (Анъом, ояти 1). Дар сарчашмаҳои исломӣ ояти мазкур ба ин мазмун тафсир ёфтааст: "кофирон баъд аз мушоҳидаи ин офариниши азим маъбудони ботилеро ба ӯ баробар мекунанд ва шарик меоваранд, ки бар чизе аз он чи ки Худованди мутаол ба он тавоност, қодир нестанд ва ин нишондиҳандаи нодонӣ ва бешармии онҳост" [3,с.144]. Мувофиқи тафсирҳо, аз ҷумла "Тафсири Ҳусайнӣ," ояти мазкур ба офариниши осмону замин, торикию равшанӣ марбут буда, ҳарду махлуқи Худои ягонаанд. Вале маҷусия (зардуштия) офарандаи нурро Худо ва офарандаи зулмотро шайтон медонад [14,с.207].

Дар айни замон, дар Қуръону суннат далелҳое низ ҳастанд, ки дини яктопарастӣ будани зардуштияро собит месозанд:

Далели аввал: дар Қуръон (сураи "Ҳаҷ", ояти 17 ) мардумон аз рӯйи эътиқод ба се гурӯҳ тақсим карда шудаанд: имоновардагон (мусулмонон), аҳли китоб ва мушрикон. Дар тафсири ин оят нисбати зардуштия чунин омадааст: "маҷус, яъне зардуштиён, ки оташро мепарастанд ва бар онанд, ки олам дорои ду асл аст - нур ва зулмот, ба қавле онон дар асл яктопараст буда ва китобе осмонӣ низ доштаанд. Сипас ба ин инҳироф кашида шуданд ва китобашон аз миёнашон бардошта шуд"

[3,с.82]. Дар ин оят на танҳо ба яктопарастӣ ва соҳиби китоби осмонӣ будани зардуштиён ишора шудааст, ҳамчунин онҳо аз мушрикон ҷудо карда шуда, дар қатори аҳли китоб номбар шудаанд. Илова ба ин, оят ба таҳрифу тағйир ёфтани зардуштия ишора мекунанд, ки дарвоқеъ дар зери таъсири нооромиҳои иҷтимоӣ таҳрифу тағйир ёфтани зардуштия дар адабиёти зардуштшиносӣ қайд шудааст. Аз ҷумла, донишманди ислом Мавлоно Абдулкаломи Озод гуфтааст: "Дини Зардушт аз шоибаи бутпарастӣ мубарро буда, ба ҳеҷ ваҷҳ шакле аз ашколи парастиши бутҳоро иҷоза намедод. Муддатҳо, ки бар ин дин гузашт, таҳрифу табдил дар он роҳ ёфт, агарчи пайравони он маазолик ҳаргиз рӯ ба бутпарастӣ наовардаанд " [9,с.179].

Далели дувум: мувофиқи маълумоти муаррихи араб Балозурӣ боре дар маҷлиси халифа Умар ибни Хаттоб баён мекунад, ки ӯ ба зардуштиён чӣ гуна муносибат карданашро намедонад. Яке аз саҳобагони наздики Пайғамбар Абдураҳмони Авф, ки дар маҷлис ҳузур дошт, шаҳодат медиҳад, ки боре Пайғамбар фармудааст: "Ба зардуштиён ба мисли мардуми аҳли китоб муносибат кунед" [6,с.2018-219].

Далели савум: дар китобҳои набиёни яҳудия Ишаъё, Ирмиё, Дониёл ва дигарон Куруши Кабир ҳамчун масеҳ (наҷотбахш), расул ва фиристодаи Худо эътироф шудааст. Вақте ки бо иғвои яҳудиён мушрикони Қурайш аз Пайғамбари ислом дар бораи Зулқарнайн-Куруши Кабир савол медиҳанд, баъдан дар сураи "Каҳф"-и Қуръон дар 16-оят (аз 83 то 99) дар бораи Куруш маълумоти дақиқ пайдо гардид, ки дар онҳо Зулқарнайн мусулмон шинохта шудааст. Ҳол он ки ҳеҷ мумкин нест, ки Куруши зардуштӣ, ки дини расмии давлаташ низ зардуштия буд, мусулмон бошаду вале зардуштия дини ширк.

Далели чаҳорум: "Аз амиралмуъминин Алӣ (ас) ривоят шудааст, ки фармуд: " Ман медонам, зардуштиён шариате доранд, ки ба д-он рафтор мекунанд ва китобе, ки ба он имон доранд. Бинобар ин бо онон ҳамон муомилаи аҳли китобро раво доред" [9,с.184]. Чуноне ки мебинем, таълимоти ислом дар бораи зардуштия ихтилофнок аст. Ҳарчанд дар ояти якуми сураи "Анъом" мувофиқи тафсирҳо зардуштия дини ширк дониста шудааст, аммо дар далелҳои ишорашудаи дигар зардуштия ҳамчун дини яктопарастӣ ва пайравони он аз "аҳли китоб" эътироф шудаанд, ки аз назари баъзе муҳаққиқон ва бахусус руҳонияти тоҷику форс берун монда, мавриди таҳқиқи ҳаматарафа қарор нагирифтааст.

Вале бояд таъкид намуд, ки дар ояти якуми сураи "Анъом" ба санавият айният додани дини зардуштия аслан ба эътиқодоти маздоияи куҳан, ки қабл аз зардуштия ҷой дошт, тааллуқ дорад. Воқеан, дар маздоияи куҳан чунин эътиқод, яъне боварӣ ба ду Худо-Худои рӯшноию некиҳо- Аҳуромаздо ва Худои торикиву бадиҳо- Аҳриман (шайтон) вуҷуд дошт ва дар байни онҳо мубориза мерафт. Аммо асли ислоҳоти динии Зардушти Спитамон низ дар ҳамин буд, ки ӯ ин дугароии маздоияи куҳанро ба яктопарастӣ табдил дода, Аҳуромаздоро ҳамчун Худои ягонаи офарандаи оламу одам шинохт. Зардушт мардумро ба дини тавҳид, ки онҳоро аз ширку бутпарастӣ манъ мекард, даъват намуд ва муътақидоти муғҳои қадимро ботил шуморид. Дар зардуштия неруҳо ва худоёни бешуморе, ки гӯё офарандаи хайру шарр, бадию некӣ, рӯшноию торикӣ буданд, вуҷуд надоранд, балки як Худо, Худои поку доно Аҳуромаздо мебошад ва Ӯ ягонаю беҳамтост. Ба ақидаи зардуштия неруҳои рӯҳоние, ки дар шакли хайру шарр мубориза мебаранд, холиқ нестанд, балки махлуқи Аҳуромаздоянд. Дар дини зардуштия ду навъи ашёю ҳодисаҳо - хуб ва бад мавҷуданд, ки аз мабдаҳои гуногун – некӣ аз Аҳуромаздо ва бадӣ аз Аҳриман падид омадаанд. Ин ду неруро зардуштия ба табиати инсон, ки дар мафкураи ӯ ҳам кори бад ва ҳам кори нек алоқаманданд, марбут медонад. Дар банди ҳафтуми суруди 24 Готҳои Авасто, ки Зардушт ба қалами хеш навиштааст, баъди аз Аҳуромаздо ба саволҳои зиёд посух гирифтан аз Аҳуромаздо мепурсад: "Эй маҳиндодори

ҳастибахш! Мекӯшам то дар партави хиради пок туро офарандаи ҳама чиз донам". Хулоса, фикри муҳаққиқон дар бораи Худои ягонаи зардуштия гуногун бошад ҳам, аммо ҳақиқат он аст, ки Зардушт танҳо Худои ягонаро тарғиб кардааст.

Бояд ёдовар шуд, ки масъалаи кӣ будани сарчашмаи бадиҳо дар ҳамаи динҳои тавҳидӣ мавриди баҳс аст. Дар ислом низ Шайтон чун неруи мустақили ба Худо итоатнакунанда омили бадиҳост. Дар динҳои сомӣ Худованд офарандаи ҳам неку ҳам бад аст, вале дар зардуштия Аҳуромаздо ҳеҷ гоҳ бадиро намеофарад. Дар ислом некию бадӣ аз Худост, аммо боз таъкид мешавад, ки Ӯ наметавонад сарчашмаи бадиҳо бошад, яъне масъалаи мазкур чандон равшан баён нашудааст. Дар Қуръон омадааст: "Ва номаи амали ҳар одамиро ба гардани ӯ баста сохтем [7: Сураи "Исро", ояти 13]. Ё худ "Ба мо ба ҷуз он чи Худо барои мо навиштааст, ҳаргиз чизе нарасад. Ӯ корсози мост..." [7: Сураи "Исро", ояти 13] Пайғамбари ислом дар ин хусус низ гуфтааст: "Имон ин аст, ки имон биёрӣ ба Аллоҳ ва малоикаҳояш ва китобҳояш ва Пайғамбаронаш ва рӯзи охират ва тақдири некӣ ва бадӣ, ки ҳама аз Худост" [10,с.184]. Чуноне ки мебинем, мувофиқи ин оятҳо ва ҳадиси Пайғамбар Худованд на танҳо сарчашмаи некиҳост, ҳамчунин сарчашмаи бадиҳост. Хулоса, бадию некӣ ҳама аз Худост. Ин масъала ҳанӯз аз ибтидои таърихи ислом дар байни уламои ислом баҳсҳои шадидро ба вуҷуд оварда, сабаби ба фирқаҳо тақсим шудани мусулмонон гардид. Барои ҳалли ин масъалаи ихтилофнок доир ба тақдир каломи исломӣ Худоро хайри маҳз дониста, ашъария "назарияи касб"-ро коркард намуд. Ҳарчанд калом кӯшиш кард, ки ин масалаи баҳснокро бо усули хос ҳал намояд, вале он то ба ҳол ҳалли пурраи худро наёфтааст ва имрӯз ҳам дар байни равияҳои гуногуни исломӣ доир ба масъалаи тақдир баҳс давом дорад.

Дар зардуштия бошад, тавассути муборизаи инсон ва бо пуштибонии Аҳуромаздо бадӣ аз байн меравад. Зардушт Аҳуромаздоро худои ягонаи пок эълон кардааст ва дар он мақоми Аҳриман бо мақоми Шайтон баробар аст, он неруе аст, ки дар ҷаҳони ботинии инсон ангезандаи бадиҳо мебошад. Аммо инсон бо парастиши Аҳуромаздо ва пайравӣ аз принсипи "Пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек" метавонад шайтонро мағлуб сохта, ҳам дар ниҳоди худ ва ҳам дар олам ғалабаи некиро аз болои бадӣ таъмин созад ва саодати хешро дар ҳарду олам ба даст оварад. Чунин масъалаи ихтилофнок, яъне дар як вақт сарчашмаи некию бадӣ будани Худо дар ягон дини тавҳидии дигар ба монанди зардуштия ҳалли худро, ки Худовандро аз бадӣ дар канор медонад, наёфтааст. Беҳуда нест, ки ин ҷанбаи таълимоти зардуштия диққати бисёр донишмандони бузурги оламро ба худ ҷалб сохта, он мавриди илҳому ситоиш қарор гирифтааст.

Дар зардуштия ҳарчанд баъзе тасаввуротҳои динҳои қадими эронӣ боқӣ монда бошанд ҳам, вале дар он парастиши Худои ягонаи тавоно Аҳуромаздо ҷойи асосиро ишғол мекунад. Зиёда аз ин, дар зардуштия инсон соҳибирода ва соҳибихтиёр буда, ӯ созандаи тақдири хеш аст. Чуноне ки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон мегӯяд: "Оини Маздоясно бар хилофи оинҳои дигар тақдири инсонро ба дунболи худ намекашад, балки инсон пешопеши сарнавиши худ ҳаракат мекунад. Беш аз пеш ӯ мустақил аст, ки роҳу равиши худро дар ҷаҳони моддию маънавӣ мушаххас намуда, барои файзу баракати худ ва ободонии ин ҷаҳон бикӯшад ва инояти худовандиро дар ҷаҳон сазовор гардад" [16,с.633]. Дар робита ба ҳамин масъала аввалин бор дар таърихи адён дар зардуштия таълимоти эсхатологӣ, яъне таълимот дар бораи он дунё ба вуҷуд омад, ки баъдан ин таълимот ба динҳои сомӣ-яҳудия, насронӣ ва аз онҳо ба ислом интиқол ёфтанд. Мувофиқи ин таълимот, агар инсон дар зиндагиаш роҳи рост

(Аша)-ро интихоб карда, бадӣ (Аҳриманро) мағлуб сохта бошад, мукофоти ӯ дар он дунё фирдавс (ҷаннат) мебошад ва дар ҳолати акс мукофоти ӯ дар он дунё табиист, ки дӯзах аст. Барои он ки инсон бо роҳи мағлуб сохтани бадӣ (шайтон) ба саодати он дунё расад, ӯ дар зиндагии заминӣ (индунёӣ) бояд аслҳои сегонаи ахлоқӣ "Пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек"-ро сармашқи фаъолияти рӯзмарраи хеш қарор диҳад. Бинобар ин, таълимоти эсхатологии зардуштия сирф хусусияти ахлоқӣ дошта, ӯ тақдирашро дар ҳар ду дунё вобаста ба роҳи интихобкардааш худ муайян менамояд. Худои оқилу тавоно Аҳуромаздо бошад, ба ӯ танҳо ин ду роҳро нишон дода, ихтиёрро ба уҳдаи ӯ мегузорад ва дар охират аз рӯйи амали индунёиаш ба вай мукофот (ҷаннат ё дӯзах) медиҳад. Ҳадаф аз таҳлили зардуштия ҳифз ва васфу ситоиши он нест. Аммо нуктаи бебаҳс он аст, ки зардуштия чун дини миллӣ-давлатии эрониён арзишҳои фарҳангии мардумони эронзаминро дар шакли ривоятӣ бошад ҳам, ифода кардааст. Он аслҳои ахлоқӣ, андешаҳои фалсафӣ ва дигар нуктаҳои арзишманд, ки дар зардуштия инъикос ёфтаанд, инъикосгари воқеияти зиндагию арзишҳои фарҳангии тоҷикон, тамоми мардуми Эронзамин аст. Ин арзишҳо таҷассумгари чеҳраи миллии мо тоҷикон мебошанд. Ин арзишҳои фарҳангӣ дар робита ба зардуштия ба вуҷуд наомадаанд, балки ниёзҳои иҷтимоии наслҳои гузаштаи тоҷику форс онҳоро ба вуҷуд овардаанд, ба мисли ҷашни Наврӯз, ки дар рӯзгори мардумони эронитабор айёми бедоршавии табиат, баробаршавии рӯзу шаб, оғози киштукори марди деҳқон, ивазшавии сол ва ғайраро инъикос мекунад. Пайдоиши ҳамаи ин падидаҳо ба ягон дин вобастагӣ надорад. Ин ҷашнро тарзи зиндагию ниёзҳои мардуми кишоварзу ҳунарманд ва муқиминишин ба вуҷуд овардааст, ки фаслҳои сол аз рӯйи гардиши офтоб муқаррар мешаванд. Ҳанӯз қабл аз зардуштия ва динҳои тозардуштӣ Наврӯз ва дигар арзишҳо ҳамчун арзишҳои миллӣ арзи вуҷуд кардаанд. Дини ислом зардуштияро иваз карда бошад ҳам, вале фаслҳои солу тарзи зиндагии кишоварзию ҳунармандӣ ва муқиминишинии мо тағйир наёфтаанд. Пас Наврӯз низ ҳамчун падидаи табиӣ-иҷтимоӣ зинда мемонад ва ҳамчунин ҷашну маросимҳои дигар.

Зиёда аз ин, дар китоби муқаддаси зардуштия "Авасто" маҷмуи таҷрибаю малака ва донишҳои астрономӣ, риёзӣ, тиббӣ, гигиенӣ, экологӣ, кишоварзӣ, ахлоқӣ ва афкори сиёсии мардумони ориёии қадим, бавижа ниёгони тоҷику форс, таҷассум ёфтааст, ки таъсири зиёде ба фарҳанги ҷаҳонӣ, бахусус ба фарҳанги юнонӣ, динҳои иброҳимӣ ва ғайра расонидааст. Даъватҳои дини зардуштӣ воқеан хусусияти умумибашарӣ доштанд. Бинобар ин, муҳаққиқи эронишиноси англис Мэри Бойс онро қадимтарин дини ваҳйи ҷаҳонӣ номидааст, ки бевосита ва бавосита ба башарият аз ҳамаи динҳои дигар бештар таъсир гузоштааст [12,с.6]. Бесабаб нест, донишмандони аврупоии шарқшинос мардумони тоҷику форсро тамаддунсоз ва эҷодкор ҳисобидаанд, ки дар он нақши зардуштия хеле калон аст. Масалан, яке аз файласуфони машҳури ҷаҳон Гегел навиштааст: "Форсҳо аввалин халқи таърихианд... Бори аввал дар Форс рӯшноӣ дамид ва он оламро бо ранги дигар, бо ранге равшанӣ дод, ки онро нахуст зардуштия барафрӯхт ва он ба олами маърифати руҳ мансуб аст... Дар давлати Форс мо ваҳдонияти ботинии неку муътабарро ҳамчун нахустмабдае мебинем, ки озодии фардро фарогир аст... Принсипи инкишоф дар таърихи Форс ошкор мегардад ва аз ин рӯ таърихи умумиҷаҳонӣ, хулоса, аз таърихи он оғоз мешавад. Зеро манофеи куллии Руҳ дар он аст, ки то ҳадди беохир вориди ботину ҳастии субъективии хеш гашта, тавассути тазоди мутлақ (ягонагии зидҳо-Н.Қ.) созиш ба даст меорад. Кулл (шинохти руҳи ҷаҳонӣ, яъне Худои ягона-Н.Қ.) дар

Форс зуҳур мешавад ва ба шарофати он фард аз Кулл худро фарқ мекунад ва дар як вақт хешро бо он омезиш медиҳад... Инак, Воҳид (Кулл, Худо), бори нахуст ба принсип табдил мегардад, ки низоми бехирадонаи зоҳир нест” [4,с.211]. Гегел шинохти ҳам Худои ягона ва ҳам ягонагии зидҳо (Воҳид)-ро мансуб ба гузаштагони тоҷику форс дониста, чун дини санавият (дуалистӣ, ширк, духудоӣ)-шинохтани зардуштияро иштибоҳи бузург меҳисобад ва мегӯяд: “Маҳз ҳамин халқ (форс-Н.Қ.) дарк намуд, ки ҳақиқати мутлақ бояд шакли воҳидияти Куллро дошта бошад. Дини форсӣ бутпарастӣ нест ва ашёҳои алоҳидаи табиатро не, балки танҳо худи Кулл (Худо)-ро мепарастад” [4,с.213]. Ҳамин тариқ, Гегел гузаштагони тоҷику форсро ҳамчун аввалин кошшофони қонуни инкишофи олам - қонуни ягонагӣ ва муборизаи баҳамзидҳо низ шинохтааст [10,с.208-218]. Дар ҷойи дигар низ Гегел ёдрас мешавад, ки таърихи ҳақиқии башарият аз “Авасто”-и форсҳо оғоз меёбад.

Бояд таъкид кард, ки зардуштия танҳо таълимоти динӣ нест, хамчунин таълимоти фалсафӣ-ахлоқӣ буда, таҷрибаи ғании мардумони кишоварзу эҷодкор ва донишҳои гуногуни аҳди қадими тоҷиконро дар бахши ситорашиносӣ, тиб риёзиёт, ки ба фарҳанги ҷаҳонӣ таъсиргузор аст, дар худ таҷассум кардааст ва он бо унвони тамаддуни ориёӣ-эронӣ машҳур мебошад. Ҳамчунин, фаромӯш набояд кард, ки тамаддуну фарҳанге, ки тоҷикон дар аҳди ислом офариданд, дар миёни оламиён ҳамчун тамаддуну фарҳанги арабӣ-мусулмонӣ шуҳрат дорад, на тоҷикӣ-мусулмонӣ. Яъне, тоҷикон тули садсолаҳо дар хизмати бегонагон қарор гирифта, дар зери таъсири фарҳангу мафкураи бегона теша ба решаи худ зада, бегонапарасту пароканда гардиданд.

Воқеан, фарҳанги тоисломии тоҷикон, бахусус таълимоти динӣ ва фалсафию ахлоқии зардуштия, ба фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ таъсири калон расонидааст ва дар тағйир додани симои маънавию мафкураи мардумони аҳди қадим, ки бештар дар зери таъсири ҷаҳонбинии асотирӣ қарор доштанд, нақши бориз бозидааст. Таъсири он ба динҳои сомӣ, яъне ба яҳудияю насронӣ ва тавассути онҳо ба ислом, ба фалсафаи Ҳераклиту Афлотуну пайравони онҳо, ба динҳои баъдинаи эронӣ ва ҳаракатҳои зиддиарабӣ дар аҳди ислом, ба бедорию худогоҳии мардумони эронитабор, ба фалсафаи аврупоии замони нав ва ғайра хеле зиёд аст. Бисёр файласуфону тамаддуншиносони ҷаҳон, бахусус аврупоиён, дар садаҳои 19-20 ба зардуштия ҳамчун як падидаи нодири тоисломӣ ва яке аз сарчашмаҳои маънавии фарҳанги умумибашарӣ нигаристанд ва осоре дар пайравии ӯ эҷод кардаанд. Файласуфи олмонӣ Нитсше (садаи 19) дар пайравӣ ба инсони Зардушти таърихӣ образи “абаринсон”-ро офарид, ки рисолати таърихию башарии ӯ дар олам нобуд сохтани амали бадӣ (шайтон, Аҳриман) ва таъмини ғалабаи некӣ аз болои шарру бадӣ мебошад [11,с.362].

Файласуф ва фарҳангшиноси олмонӣ Карл Ясперс дар нимаи аввали садаи 20 назарияи наверо доир ба таърихи гузаштаи инсоният кашф намуд, ки “Замони меҳвар” ном дорад ва он аз садаи 8 то 2 пеш аз мелод, тули 600 солро фаро мегирад. Мувофиқи ин назария дар ҳамин қисмати таърихӣ инсоният панҷ “фарҳанги меҳвар” ба вуҷуд омад, ки фарҳангҳои маънавиасос буда, симои маънавии оламро ба куллӣ тағйир доданд. Ба ин фарҳангҳо ворид мешаванд: фарҳанги эронӣ (ба туфайли зардуштия), ҳиндӣ (ба туфайли буддоия),чинӣ (ба туфайли конфутсизм), юнонӣ ба туфайли илму фалсафае, ки юнониён эҷод кардаанд ва яҳудӣ дар бахши дин. Ба

ақидаи Карл Ясперс, таърихи ҳақиқии инсоният маҳз аз ҳамин “Замони меҳвар”, ки маҳсулаш “фарҳангҳои меҳвар” аст, оғоз меёбад. Ин фарҳангҳо барои он меҳварӣ номида мешаванд, ки дар ин давра фалсафаю илм ба вуҷуд омада, ба фарҳанг ворид гашта, руҳу ҷони онро ташкил доданд. Минбаъд тамоми фарҳангҳои дигар то ба замони муосир маҳз дар атрофи ҳамин панҷ фарҳанг ташаккул ёфтаанд, ки яке аз он фарҳангҳои баъдина фарҳанги ба ном исломист, ки дар асл пайдоишу рушди он ба фаъолияти зеҳнӣ-эҷодии мардумони эронитабори Осиёи Марказӣ - форсу тоҷикон мансуб аст. Фарҳангҳои меҳвар аз ҳазораи якуми то мелод сар карда то имрӯз симои маънавии оламро тағйир дода, ба пайдоиши фалсафаю илм асос гузошта, муносибати инсонро ба олам ба куллӣ тағйиру такмил доданд. Ба ақидаи Карл Ясперс, дар оғози пайдоиши ин фарҳангҳои меҳвар фарҳанги эронӣ қарор мегирад, ки дар Осиёи Миёна, [5,с.32-76] яъне дар ватани таърихии тоҷикон зуҳур ёфта, офарандаи он ниёгони тоҷикони муосир, аз ҷумла Зардушт, мебошанд.

Ба дини тавҳидӣ будани зардуштия ҳатто баъзе донишмандони исломӣ, ба монанди Мавлоно Абулкаломи Озод (1888-1958), ки дар ш. Макка ба дунё омада, факултети илоҳиёти Донишгоҳи Ал-Азҳари Қоҳираро хатм карда, беҳтарин “Тафсири Қуръон”-ро барои мусулмонони Ҳиндустон навиштааст, эътиқод доранд. Ӯ шахсияти Куруши Кабирро, ки дар Қуръон (сураи “Каҳф”, оятҳои 83 то 99) бо унвони Зулқарнайн ёд шуда ва дар китобҳои набиёни яҳудӣ Дониёл, Яшъаёҳ, Ярмиёҳ ҳамчун Масеҳ (наҷотбахш), расул ва фиристодаи Худо шинохта шудааст, ба риштаи таҳқиқ кашида, дар як вақт дини зардуштияро, ки эътиқоди Куруши Кабир буд, мавриди омӯзиши комил қарор медиҳад ва хулосаи андешаи худро доир ба зардуштия чунин баён мекунад: “Зардушт мардумро ба дини Маздоясно, яъне дини тавҳид, даъват намуд. Зардушт... гуфт:... Фақат як Худо ҳаст ва он Аҳуромаздо аст, ки ҳамто надорад ва яктост, пок Худои ҳақ ва Нур, холиқи ҳакиму тавоност, ки ҳеҷ кас дар Худоӣ ва подшоҳии ӯ шарик нест. Қуввои руҳӣ, ки гумон мекарданд, холиқи хайр ё шарранд, холиқ нестанд, балки худи онҳо махлуқи Аҳуромаздо маҳсуб мешаванд. Ҳамчунин, Зардушт тасреҳ кард, ки барои шарр Худои хос нест, балки мазҳари он Анграминюш ё Шайтон ном дорад... таърихи қадим ҷуз ду тан надидааст, ки дар дунёи бутпарастии он замон мардумро ба яктопарастӣ даъват кунанд, иштибоҳ накардаем. Ин ду пайғамбар иборатанд аз Иброҳим алайҳисалом аз қавми сомӣ ва Зардушти пайғамбар аз миллати ориёӣ” [9,с.179-180]. Ба муқобили бутпарастӣ мубориза кардани Зардушт ва аз ҷониби зардуштиён сӯхта шудани бутҳо бо мақсади паҳн кардани дини беҳинро Ҳаким Фирдавсӣ низ таъкид кардааст.

Мар ин дини беҳро биёростанд,
Аз ин дин гузориш ҳаме хостанд.
Бутон аз сари гоҳ месӯхтанд,
Ба ҷои бут оташ барафрӯхтанд [1,с.147-148].

Ҳамин тариқ, имрӯз дар илмҳои шарқшиносӣ, диншиносӣ ва ҳатто илоҳиётшиносӣ ба дини тавҳидӣ будани зардуштия ягон шакку шубҳае ҷой надорад. Танҳо руҳонияти тоҷику форсанд, ки ба сабаби надонистани таъриху фарҳанги бостонии хеш ва надоштани дониши комил аз ислом зардуштияро ба динҳои ширк маҳсуб дониста, аз ҳамин мавқеъ таъриху фарҳанг ва ниёгони худро таҳқиру рад мекунанд.

Ҳамзамон, иштибоҳи дигаре, ки дар мафкураи исломгароён ҷой дорад, ин бо маҷусия (оташпарастӣ) айният додани зардуштия аст. Вожаи “маҷус” ба арабӣ

маънои оташпарастро дорад. Мувофиқи гуфтаи Геродот ва дигар муаррихон, "Муғ" дар асл номи руҳониёни динҳои маҳаллии давлати Мод (Эрони Ғарбӣ) мебошад, ки оташпарастӣ ва сеҳру ҷоду як қисми фаъолияти динии онҳо будааст. Дорюши ҳахоманишӣ дар катибаи худ низ аз сарвари шӯриши зидди салтанати Ҳахоманишиён Гаумот бо лақаби "Мағуш", яъне пайрави дини қадими Мод (маҷусия) ёд кардааст. Дар катибаи кӯҳи Бесутун Дорюш аз пахш кардани ин шӯриш (шӯриши Гаумоти муғ) ёд карда, ғалабаҳои худро аз пуштибонии Аҳуромаздо медонад [9,с.174-175]. Дар динҳои қабл аз зардуштӣ, ки мардумони ориёӣ, бахусус тоҷикон, мепарастиданд, аносири табиат, пеш аз ҳама хоку оташ ва ҳавою об ҳамчун муқаддасот, ҷойгоҳи хос доштанд. Руҳониёне, ки ба динҳои ориёӣ қабл аз зардуштия хизмат мекарданд, онҳоро "карпон" ё "карпан" мегуфтанд, на муғ. Карпанҳо ба амалҳои сеҳру ҷоду низ даст доштанд ва шуғл ба сеҳру ҷоду ҷузъи фаъолияти динии онҳо буд. Вақте ки Зардушт дини худро тарғиб кард, дар китоби муқаддаси худ "Готҳо", ки ӯ бо дасти хеш иншо кардааст ва қисмати куҳантарини "Авасто"-ро ташкил мекунад, карпанҳоро барои амалҳои соҳириашон сахт танқид карда, онҳоро бо Аҳриман (шайтон)-у дев баробар медонад. Аз ҷумла, дар "Хурд-Авасто омадааст: "Эй Ҳурмузхудой (Худо Аҳуромаздо-Н.Қ.) Аҳриман нотавону дур рондаву задаву шикаста бод! Аҳриман, дев Дуруҷ (дурӯғ-Н.Қ.), ҷоду: дурванд (дурӯғпарастон, Кавӣ (фармонравоёни душмани дини Зардушт), Карпан, ситамгар, гунаҳкор, Ашмут (барҳамзанандаи ростӣ(Аша), бедин, мулҳид, руҳонии дурӯғин-Н.Қ.), душману парӣ задаву шикаста бод! Шаҳриёри бад нотавон!" [2,с.430]. Ё дар боби Миҳр яшт омадааст: "Пирӯзӣ ҳаройна ёбем бар ҳама девону мардум, париву ҷоду ситамкор кавиён, паргуна карпан" [2,кардаи 8]. Ҳамчунин, Аҳуромаздо Зардуштро ба мубоpизаи зидди ҷодугарон даъват карда, мефармояд: "Эй Зардушт... Он гоҳ дурвандони девпарасти кинавар ва ҷодувоне, ки ҷодуӣ ба кор оваранд ва париёне, ки ба корҳои париёна даст задаанд, биҳаросанд ва рӯ дар гурез ниҳанд" (сурӯш яшти ҳодухт, кардаи якум) [2,с.305]. Чуноне ки мебинем, Зардушт пайваста бо сеҳру ҷодугарон, яъне карпанҳо ва дигар бовариҳои бутпарастӣ мубориза карда, танҳо парастиши Худои ягона Аҳуромаздоро тарғиб намудааст.

Бо маҷусия айният надоштани дини маздоясно ё зардуштиро бисёр донишмандон низ таъкид сохтаанд, ҳарчанд худи оятҳои авастоӣ дар ин маврид далели раднашавандаанд. Дар ин хусус Мавлоно Абулкаломи Озод ба қатъият баён намудааст: "Дини Зардушт дини тавҳиду ахлоқи фозила буда ва парастиши оташ ва ақидаи санавият аз он дин нест, балки аз бақоиёи мазҳаби маҷусии модӣ аст, ки баъдҳо бо мабонии мазҳаби зардуштӣ омехта шудааст" [9,с.176]. Воқеан, зардуштия ягон умумияте бо маҷусия надорад. Динест, ки дар Эрони Шарқӣ (Турон) арзи ҳастӣ кардааст ва дар мубориза бо динҳои ширку бутпарастӣ, қомат афрохта, то ба Эрони Ғарбӣ, ки дар он ҷо давлатҳои Порсу Моди ориёӣ ба шоҳигарии бузурги Ҳахоманишӣ табдил ёфта буданд, паҳн гардид ва мавқеи динҳои маҳаллии қадими Порсу Модро, аз ҷумла муғҳои Модро маҳдуд сохт. Зардуштия чун ба дини расмии давлати Ҳахоманишиён табдил ёфт, руҳонияти динҳои маҳаллии Мод муғҳо барои он ки мақоми иҷтимоии худро аз даст надиҳанд, шомили зардуштия гардида, онро тарғибу ташвиқ намуданд ва дар як вақт номи муғ ва баъзе ақоиду одоби динҳои ботили гузаштаро ба Зардуштия интиқол дода, онро махсусан баъди шоҳигарии Курушу Дорюш олуда сохтанд. Ҳол он ки дар ягон саҳфаи "Авасто" номи "муғ"

бурда нашудааст ва руҳониро дар зардуштия “мубад” меноманд. Аммо зардуштия “дар асри императории румиҳо ва замони Антуан комилан ба шакли дигаре тағйир ёфта, содагии аввалияи худро аз даст дод ва чунон ақоиди нобоб дар он бофта ва он қадар пироя гирифта, ки агар худи Зардушт бозомадӣ, онро бознашинохтӣ” [9,с.183].

Фарҳанги пурғановати эрониён, албатта, ҳамеша якнавохт ва бетаъсир набудааст. Масалан, ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ ба Эронзамин давлатдории эрониёнро на танҳо шикасту аз нигоҳи сиёсӣ маҳдуд сохт, ҳамзамон зарбаи ҷиддӣ ба фарҳанги эрониён ворид сохт. Искандар ҳатто “Авасто”-ро, ки дар рӯйи 12 ҳазор пӯсти гов бо оби зар навишта шуда буд, ба Юнон интиқол дода, қисматҳои фалсафию илмиашро ба юнонӣ тарҷума карда, сипас онро сӯхт. Баъд аз 500 сол давлати Порс, императураи Сосонӣ аз нав эҳё шуд ва шоҳи Сосонӣ Ардашери Бобакон “Авасто”-ро аз нав гирд овард. Маълум аст, ки дар ин муддат дини зардуштӣ, ки амалан бемуҳофиз монда буд, бисёр тағйиру таҳриф ёфт ва дигар он дини холиси Зардушт набуд, балки дине буд, ки бо ақоиди маҷусияи қадим ва ақоиди юнонӣ махлут гардида буд. Илова бар ин, он бо сиёсати давлати Сосонӣ сахт пайванд хӯрд ва дар низоми давлати Сосонӣ мақоми баланди сиёсӣ касб кардани мубадон (руҳониён)-и зардуштӣ низ ба олудашавии зардуштия мусоидат кард. Ва минбаъд араб ва дигарон маҳз бо ҳамин зардуштия олудашуда шиносоӣ пайдо карда, натавонистанд онро дуруст шиносанд ва аз ҳамин сабаб дар Қуръону суннат андешаҳои ихтилофнок доир ба зардуштия роҳ ёфтанд.

Мусаллам аст, ки ҳамаи динҳо ба ҷуз парастиши худоён ё Худои воҳид дар динҳои тавҳидӣ муқаддасоти худро доранд. Ҳеҷ кадом дин бидуни муқаддасот наметавонад ақоид ва ҷаҳонбинии худро дар пайравонаш ташаккул диҳад. Муқаддасоти ҳар кадом дин аз ҳамон муҳити табиию иҷтимоие, ки эҷодкунандагони ин ё он дин дар он муҳит зиндагӣ мекунанд, маншаъу ғизо мегирад. Онро дар муқоисаи динҳои иброҳимӣ ва динҳои эронию ориё-ҳиндӣ метавон мушоҳида кард. Офтобу оташ, ки рамзи гармию ҳаёт аст, барои халқҳои ориёӣ, ки аз қадим ҳаёти муқиминишинӣ ва кишоварзӣ доштанд, аҳммияти аввалиндараҷа доранд. Дар адёни ориёӣ аз қадим унсурҳои асосии ҳаёт, бахусус ҳаёти кишоварзӣ-хок, об, оташ (гармӣ) ва ҳаво муқаддас дониста мешуданд, ки ҳар кадоме фалсафаи худро дорад ва онро на ҳар кас, бахусус руҳонияте, ки ҳатто дини худро дуруст намедонад, дарк мекунад. Аз ин рӯ, оташ дар адёни ориёӣ танҳо як муқаддасот аст, ки мувофиқи эътиқоди эрониён-тоҷикон Худованд ҳамчун як неъмати бузург барояшон ато кардааст ва бинобар ин, оташ барои онҳо аз ҳама бештар муқаддас аст. Агар гармӣ набошад, ҳатто хоку обу ҳаво худ ба худ наметавонанд асоси зиндагии инсон бошанд. Нуру гармӣ ҳасту ҳаёт ва инсон ҳаст, пас чаро он муқаддас набошад.

Дигар ин ки, ашёи муқаддас дар ҳамаи динҳо, аз ҷумла дар ислом низ мавҷуданд, ба монанди санги сиёҳ (“Ҳаҷар-ул-асвад”)-и хонаи Каъба, ки дар асл мувофиқи таҳқиқи донишмандон як порча метеорит аст, ки арабҳои замони ҷоҳилия онро парастиш мекарданд. Умуман, сангпарастӣ дар миёни арабҳо пеш аз ислом хеле ривоҷ ёфта буд, санги сиёҳ яке аз онҳост. Ҳарчанд баъди зуҳури ислом ҳамаи бутҳои хонаи Каъбаро шикаста нобуд карданд, вале санги сиёҳ ба сабаби аҳаммияти сиёсӣ ва иқтисодӣ доштанаш дар хонаи Каъба нигоҳ дошта шуд. Имрӯз аз ҳисоби маросими ҳаҷ ба буҷаи Арабистони Саудӣ ҳар сол даҳҳо миллиард доллари америкоӣ ворид мешавад ва барои араб он барои чӣ “муқаддас” набошад. Аз ин лиҳоз, нақши Арабистони Саудӣ дар ҳаёти сиёсии ҷаҳони ислом низ таъсирбахш аст.

Ҳол он ки, асосгузори ҷараёни ваҳҳобия (салафия) Муҳаммад Абдулваҳҳоб дар садаи 18 ин сангро ҳамчун нишонаи бутпарастӣ аз хонаи Каъба бароварда партофта буд. Вале ба сабаби барои арабҳо арзиши иқтисодӣ ва сиёсӣ доштанаш онҳо ваҳҳобиёнро сарзаниш карда, онро боз ба хонаи Каъба баргардониданд. Вале мо наметавонем исломро, ки дини тавҳидист ва Аллоҳ объекти парастиши он аст, бо сангпарастӣ айният диҳем. Ҳамин тавр, муқаддас донистани оташ маънои бо оташпарастӣ айният доштани зардуштияро надорад, зеро зардуштия парастиши Худои ягона Аҳуромаздоро тарғиб кардааст ва мувофиқи эътиқоди зардуштиён "Авасто" ваҳйи Аҳуромаздо ба Зардушт аст ва зардуштия дорои тамоми унсурҳои дини тавҳидист, ки ба динҳои дигар, бахусус динҳои сомӣ, иброҳимӣ таъсири зиёд дошта, аз нигоҳи ақида ягон зиддияти ҷиддие ба онҳо надорад, ба ҷуз дар маросимҳо, ки низ дар амал ҳамон ақидаи яктопарастиро дар пайравони зардуштия ташаккул медиҳанд. Зиёда аз ин, маҳз зардуштия дар ташаккули динҳои иброҳимӣ, бахусус дар бахши эсхатология, таъсири калон гузоштааст.

Чуноне ки мебинем, нигоҳи ислом ба дини зардуштия бо сабабҳои гуногун ихтилофнок мебошад. Вале бо вуҷуди ҳамин ҳам, дар ислом тамоили ба "аҳли китоб" шомил донистани зардуштия авлавият дорад, бахусус дар суннат. Аммо исломгароён, бахусус руҳонияти тоҷику форс, ҳангоми муайян кардани муносибати ислом ба зардуштия, умуман ба фарҳанги тоисломии хеш ин ҳолатҳоро ба ҳисоб намегиранд, ки аз бегонапарастию мафкураи зиддимиллӣ ва сатҳи пасти маърифати исломӣ доштани онҳо дарак медиҳад. Имрӯз бо такя ба ҳамин суннатгароие, ки нисбати дини зардуштия дар миёни диндорон боқӣ мондааст, ҷараёни салафия тамоми арзишҳои миллии мардуми тоҷику форсро тавассути адабиёти динию шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун фарҳангу арзишҳои "ботил" инкор карда, риояи онҳоро аз ҷониби шаҳрвандон ҳамчун амали "куфр" баҳо дода, дар кори мағзшӯӣ кардани онҳо ва ба гурӯҳҳои ифротӣ ҷалб сохтани ҷавонон мусоидат менамоянд, ки, албатта, барои суботи ҷомеа ва давлати миллию дунявӣ хатарбор мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Azraf D.M. National Character / D.M. Azraf //"The Pakistan Phitosophical Journal" vol.v. -1961. -№1.
2. Rafiuddin M. National Character / M.Rafiuddin //"The Pakistan Phitosophical Journal" vol.v. -1961. -№1.
3. Абдуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ. Кимиёи Саодат. Ҷ. Аввал. Таҳияи Дӯстмуҳаммади Дӯст ва Ҳ. Элчибеков. – Душанбе: Эр-Граф, 2008.
4. Абурайҳони Берунӣ. Осор-ул-боқия. –Душанбе: Ирфон, 1990.
5. Алии Шариатӣ. Бозгашт ба хештан. –Теҳрон: Нашриёти «Талсо», 1394.
6. Амирҳусайни Лодан. Худосолорӣ ва дармондагӣ. –Теҳрон: Китоб, 1993 (2014).
7. Браун Э. Таърихи адабиёт / Э. Браун. – Теҳрон, 1397.
8. Васильев Л.С. История религий. Учебное пособие / Л.С. Васильев. - М., 2008.
9. Гордон-Полонская Л. Р. Мусульманские течения в общественной мысли Индии и Пакистана, Критика мусульманского национализма. 2. гл. VII. -М., 1963.
10. Колесников А.И. Завоевание Ирана арабами / А.И. Колесников. -М.: Наука, 1982.
11. Қуръони карим. Сураи «Фатҳ», ояти 21.
12. Меҳрони Бомдод. Ҳикмати бедормағзӣ. -Душанбе, 2023.
13. Мутаҳҳарӣ М. "Хадамоти мутақобили Эрон ва Ислом". Ройзании фарҳангии Эрон дар Тоҷикистон. -Душанбе, 1999.
14. Муҳаммадамини Риёҳӣ. Фирдавсӣ (Зиндагӣ, андеша ва шеъри ӯ). Ба алифбои криликии тоҷикӣ баргардони Дорои Дӯст. –Душанбе: Шуҷоиён, 2010.
15. Назаров Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон / Ҳ. Назаров. - Душанбе, 2005.
16. Ноҷӣ Муҳаммадризо. Таърихи тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. -Теҳрон, 1387.
17. Ҳаёт-ул-саҳоба. -Ҷилди 3.
18. Ҷ. Зайдон. Таърихи тамаддуни ислом. -Теҳрон, 1382.

## МУНОСИБАТИ ИСЛОМИ СУННАТӢ ВА САЛАФИЯ БА ОИНИ ЗАРДУШТӢ

Дар мақола омадааст, ки имрӯз инкори арзишҳои миллӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти тарғиботии салафияи ифротӣ мебошад. Сарчашмаи ғоявии ин тарғиботи зиддимиллиро муносибати ислом ва руҳонияти суннатӣ ба оини зардуштия ташкил медиҳад. Зеро ислом ва руҳонияти суннатӣ арзишҳои миллии тоҷиконро ба оини зардуштия, ки аз нигоҳи онҳо дини «ботил» аст, мансуб медонанд. Ҳол он ки арзишҳои миллӣ мансуби ягон дин набуда, дар заминаи ҳаёти табиӣ ва талаботҳои иҷтимоии мардуми эронитабор, ки муқиминишин ва кишоварзу ҳунарманд буданд, ба вуҷуд омадаанд. Дар айни замон муаллиф ҳангоми нишон додани муносибати иртиҷоии ислом ва руҳонияти суннатӣ ба дини зардуштия таъкид месозад, ки муносибати таълимоти ислом дар бораи дину фарҳанги ориёӣ – эронӣ ихтилофнок буда, аз огоҳии нокифоя доштани араб дар бораи дини зардуштия, онро дуруст нашинохтани онҳо ва ҳамчунин аз муносибати муғризонаи араб умуман ба Эрону мардумони эронитабор бармеояд. Ихтилофи арабҳо бо эрониён таърихи қадим дорад. Муаллиф таълимоти ихтилофноки исломро дар бораи зардуштия нишон дода, дар айни замон таъкид месозад, ки дар маҷмуъ дар Қуръону суннат назари мусбӣ нисбат ба андешаи манфии арабҳои мусулмон ба зардуштия афзалият дорад ва зардуштиён аз «аҳли китоб» шинохта шудаанд. Аммо руҳонияти суннатии тоҷику форс таълимоти исломро дар бораи зардуштия дуруст наомӯхта, дар ин масъала ба иштибоҳ роҳ додаанд. Аз ҳамин нигоҳ, муносибати руҳонияти суннатӣ фарҳанги миллӣ, арзишҳои миллӣ, хусусияти миллатситезӣ касб кардааст. Маҳз ҳамин муносибати ихтилофноки ислом ба оини зардуштӣ ва ноогоҳию муносибати зиддимиллии руҳонияти суннатӣ ба оини зардуштӣ имрӯз сабаби муносибати иртиҷоии салафияи ифротӣ ба арзишҳои миллии мардумони эронитабор, бахусус тоҷикон, гардидааст.

**Калидвожаҳо:** зардуштия, ислом, руҳоният, Қуръон, салафия, фарҳанг, миллатситезӣ, суннат, арзишҳои миллӣ, ифрот, куфр.

## ОТНОШЕНИЕ ИСЛАМСКОГО СУННИЗМА И САЛАФИЗМА К ЗОРОАСТРИЗМУ

В статье указывается, что на сегодняшний день отрицание национальных ценностей является одним из основных направлений пропагандистской деятельности крайних салафитов. Предполагаемым источником этой антинациональной пропаганды является отношение ислама и традиционной духовности к зороастризму. Потому что ислам и традиционная духовность относят национальные ценности таджиков к зороастризму, который, с их точки, зрения является «ложной» религией. Хотя национальные ценности не принадлежат ни одной религии, они создавались на основе естественной жизни и социальных потребностей людей иранского происхождения, которые были поселенцами, земледельцами и ремесленниками.В то же время автор, показывая реакционное отношение ислама и традиционной духовности к зороастризму, подчеркивает, что отношение исламских учений к арийско-иранской религии и культуре противоречиво, что связано с недостаточной информированностью арабов о зороастризме, их несостоятельностью правильно его понять, а также от враждебного отношения арабов к Ирану и иранскому народу в целом. Конфликт между арабами и иранцами имеет долгую историю. Автор показывает противоречивость учений ислама о зороастризме, и в то же время подчеркивает, что в Коране и Сунне позитивный взгляд на зороастризм преобладает над негативным мнением арабов-мусульман, а зороастрийцы известны как «люди книги»". Однако традиционное таджикско-персидское духовенство не изучило должным образом учение ислама о зороастризме и допустило ошибку в этом вопросе. С этой точки зрения, отношение традиционного духовенства к национальной культуре, национальным ценностям приобрело противоречивый характер. Именно это противоречивое отношение ислама к зороастризму, невежество и антинациональное отношение традиционного духовенства к зороастризму сегодня стало причиной реакционного отношения крайних салафитов к национальным ценностям иранского народа, особенно таджиков.

**Ключевые слова:** зороастризм, ислам, духовенство, Коран, салафизм, культура, антинационализм, сунна, национальные ценности, экстремизм, неверие.

## THE RELATION OF ISLAMIC TRADITIONALISM AND SALAFISM TO ZOROASTRIANISM

The article points out that today the denial of national values is one of the main directions of the propaganda activities of extreme Salafis. The alleged source of this anti-national propaganda is the relationship of Islam and traditional spirituality to Zoroastrianism. Because Islam and traditional spirituality attribute the national values of Tajiks to Zoroastrianism, which, from their point of view, is a “false” religion. Although national values do not belong to any religion, they were created on the basis of the natural life and social needs of the people of Iranian origin, who were settlers, farmers and artisans.At the same time, the author, showing the reactionary relation of Islam and traditional spirituality to Zoroastrianism, emphasizes that the relation of Islamic teachings to the Aryan-Iranian religion and culture is contradictory, which is due to the insufficient awareness of the Arabs about Zoroastrianism, their failure, to correctly recognize it, and also from Arab hostility towards Iran and the Iranian people in general. The conflict between Arabs and Iranians has a long history. The author shows the inconsistency of the teachings of Islam about Zoroastrianism, and at the same time emphasizes that in the Koran and the Sunnah, a positive view of Zoroastrianism prevails over the negative opinion of Muslim Arabs, and Zoroastrians are known as "people of the book." However, the traditional Tajik-Persian clergy did not study Islam's teachings about Zoroastrianism properly and made a mistake in this matter. From this point of view, the relation of the traditional

clergy has acquired a national culture, national values and nationalism. It is this contradictory attitude of Islam towards Zoroastrianism and the ignorance and anti-national attitude of the traditional clergy towards Zoroastrianism today that has become the cause of the reactionary attitude extreme Salafism to the national values of the Iranian people, especially the Tajiks.

**Key words:** Zoroastrianism, Islam, clergy, Koran, Salafism, culture, anti-nationalism, sunnah, national values, extremism, unbelief.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Нурулҳақ Қамар*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, профессор, мудири кафедраи диншиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **93-315-02-46.**

**Сведения об авторе:** ***Нурулхак Камар*** – Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, профессор, заведующий кафедрой религиоведения. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **93-315-02-46.**

**Information about the author**: ***Nurulkhak Kamar*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Professor, Head of the Department of Religious Studies. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Phone: **93-315-02-46**

УДК 297

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ОНТОЛОГИЯ ДАР КИТОБИ «ШАРҲИ ТААРРУФ»- МУСТАМЛИИ БУХОРӢ

***Каримов А.А.***
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Таърихи тамаддуни халқи тоҷик давраҳои гуногуни таърихиро аз сар гузаронида, дорои унсурҳои мухталиф гаштааст, ки ба гардишҳои бузурги таърихӣ алоқаманд будааст. Махсусан, бо омадани ислом, ба сарзамини тоҷикон, ба тағйири вазъияти иҷтимоӣ, сиёсию динӣ дучор гардида, мазмуну мундариҷаи худро комилан дигаргун намудааст. Бо паҳншавии ҳикмати Юнон дар хилофат, дар асри IX варивоҷи тарҷумаи осори мутафаккирони юнонӣ илму фалсафа хеле инкишоф ёфт. Дар баробари ақлгароии илмию фалсафӣ равияҳое ба вуҷуд омаданд, ки ба ирратсионализм [бадеҳисозӣ] дар ҷустуҷӯйи ҳақиқат ва тарзи зиндагии зоҳидона майл намуданд, яъне илму фалсафа ва ҳамчунин, ирфон [тасаввуф] ҳам аз унсурҳои муҳимми фарҳангию маънавии тоҷик гардиданд. Суфизм ҳодисаи мураккаби динӣ ва эътиқодӣ буда, фалсафаи ахлоқӣ ва тасвияи маънавии инсон аз ҷониби мутафаккирон маҳсуб мешуд, ки дорои се асли асосӣ: миститсизм, аскетизм ва пантеизм буд. Онҳо дар якҷоягӣ низоми муайяни фикриро ташкил дода, аз ҳудуди дини расмӣ берун баромаданд. Дар пояи чунин тасаввурот на танҳо фалсафаи хосси ирфонӣ, балки адабиёти бузурги бадеӣ ба вуҷуд омад, ки шухрати умумиҷаҳонӣ пайдо кард. Пас, тасаввуф фақат эътиқоду дин набуд, он ахлоқ, маънавиёти баланд, камолоти шахсӣ ва умумиинсониро таҷассум мекард ва бо ин хусусиятҳояш унсури муҳимми фарҳанги эрониён [тоҷикон] гардид.

Шарти онтологии тасаввуф дар таълимоти ҳастӣ, табиат, инсон ва таълимот дар бораи имкони ақл, таҷрибаи эҳсосӣ, дониш ва ғ. мебошад. Суфиён дар ҳарду нусха аз матншиносии асотирӣ, тамсил, шеър ва фалсафа ба таври васеъ истифода кардаанд. Онҳо заминаҳои онтологии фалсафаи тасаввуфро ташкил медоданд. Тавассути тасаввуф ва достонҳои асотирӣ дарк кардани ҳақиқат ба дигар динҳо низ хос аст. Тавре бисёре аз муҳаққиқон қайд мекунанд, «муносибати шабеҳ ба матнҳои муқаддас», то ин ва ё он хусусияти дигар ирфони мусулмонӣ бо дарки хосси таҷрибаи динии мазҳабҳои гуногун ва таҳаммулпазирии динии тасаввуф, ки дар натиҷаи ин фаҳмиш бармеояд, иртибот дорад [19,с.24].

Ба таҳқиқи тасаввуф, аз ҷумла фалсафаи он, бисёр муҳаққиқон таҳқиқоти назаррас анҷом додаанд. Дар онҳо ҳарчанд масоили иҷтимоию ахлоқии тасаввуф мавриди баҳс қарор дода шуда бошанд ҳам, масоили он дар фарҳанги тоҷик, таносуби онтологияи тасаввуф бо дигар равияҳои фалсафӣ ва ғоявӣ, аз ҷумла машшоия, ба таври бояду шояд, нишон дода нашудаанд. Чун таълимоти онтологии тасаввуф зери бори таълимоти фалсафа қарор доштааст, моҳияти таълимоти онтологии тасаввуфро дар муқоиса бо равияҳои фалсафӣ, аз ҷумла машшоъ метавон ба дурустӣ шарҳу тафсир намуд.

Маълум аст, ки Бухоро дар асрҳои миёна яке аз калонтарин марказҳои сиёсию мадании Осиёи Миёна буд. Дар Бухоро донишмандони бузурге, ки нисбаи «мустамлӣ» доштанд, маъруф буданд. Фақеҳ ва мухаддиси марвазӣ Абдулкарим ас-Самъонӣ [1113-1167] дар китоби «Ал-Ансоб» [1] дар бораи онҳо маълумоти

арзишманд додааст. Калимаи «мустамлӣ» аслан арабӣ буда, маънояш «такрор, тавзеҳ, тафсир» аст. Шогирд-ёвари муаллим унвони мустамлиро дошт; ин истилоҳ дар замони Абдуллоҳ ибни Тоҳир ё эҳтимолан пештар зикр шудааст. Ибни Тоҳир ишора мекунад, ки вазифаи «мустамлӣ» такрори суханони устод барои касонест, ки тавони фаҳмидани таълимоти ӯро надоштанд ва мустамлӣ мураббӣ ҳам буд [18].

Яке аз асосгузорони мактаби тасаввуфи Бухоро [тасаввуф] - аллома, имом-пешвои суфиён, мутарҷими ҳадис Абуиброҳим Исмоил ибни Муҳаммад ал-Мустамлӣ ал-Муфассир аз Бухоро будааст. Ӯ дар назди устодонаш – Абулаббос Ҷаъфар ибни Муҳаммад ан-Нақбуни ал-Бухорӣ, қозӣ Абусаид Халил ибни Аҳмад ас-Сиҷзӣ, Абуҳамид Муҳаммад Соигӣ таҳсил кардааст. Муҳаддисон Абдулазиз ибни Муҳаммад ан-Наҳшабӣ ва Абубакр Муҳаммад ибни Алии Ҷаъфарӣ аз суханони ӯ ҳадис ривоят мекардаанд. Абдулазиз ан-Нахшабӣ дар асари энсиклопедии «Муъҷам аш-шуюх» аз Мустамлии Бухорӣ ёдовар шудааст [15].

Асари «Ат-Таарруф ли мазҳаб-ат-тасаввуф» [минбаъд «Шарҳи таарруф»]-ро Абубакр ибни Исҳоқ Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Яъқуб ал-Бухорӣ Алкалободӣ таълиф кардааст ва Хоҷа Имоми аҷал, зоҳир ва фақеҳи олам Абуиброҳим ибни Исмоил ибни Муҳаммад Абдулло ал-Мустамлии Бухорӣ [с.ваф1043], ки муаллифи китобро шайх мехонад, шогирди ӯ буд ва бо хоҳиши дигар шогирдони устодаш [бинобар забони арабиро надонистани онҳо ва шарҳи дурусти масоили таълимоти суфиён] бар китоби ӯ шарҳ менависаду онро «Шарҳ-ат-Таарруф ли мазҳаб-ит-тасаввуф» унвон мегузорад. Ин китоб бо номи «Нур-ул-муридин» низ маъруф аст.

Ин китоб аз ҷониби олимони тоҷик мавриди таҳқиқи жарф ва ё шарҳу баррасии ҷудогона қарор нагирифтааст, ба истисноии мақолаҳои акдемик К.Олимов*, ки ҳангоми таҳлили осори файласуфону суфиёни асримиёнагии Мовароуннаҳру Хуросон бархе аз масъалаҳои онтологии китоби мазкур, аз ҷумла масъалаҳои иҷтимоию ахлоқӣ иқтибос ва шарҳ оварда шудаанд. Инчунин, филологҳои тоҷик ҳамчун адабиёти суфия паҳлуҳои ҷудогонаи онро мавриди пажуҳиш қарор додаанд. Масалан, дар бораи ҷанбаҳои забонӣ, сабку услуби ин китоб, ҳамчун насри форсии ҳамон давр, метавонед мақолаи «Нигоҳе ба «Шарҳи «Таарруф»–и Мустамлии Бухороӣ» [16]-ро мутолиа намоед...

Дар муқаддимаи китоби «Шарҳ-ат-Таарруф ли мазҳаб-ит- тасаввуф» чунин оварда шудааст: Куҳантарин нусхаи бозшинохта аз «Шарҳи таарруф» осорхонаи миллии Қарочӣ дар Покистон аст. Бар ҳасби таърихи китобат шавволи 472ҳ.қ. пас аз китоби «Ал-анбиёю –ъан ҳақоиқ ал-адвия,» дувумин нусхаи таърихдори махтутоти форсӣ аст. Бо ёрии мудири маркази таҳқиқотии форсии Эрону Покистон – Оғои Акбар Субут аз он нусхаи асл аксбардорӣ кардем.*

Китоби "Шарҳи таарруф" аз аз чор рубъ иборат буда, ҳар боби он рубъ дорои як фасл аст.

Рубъи якум аз 8 боб иборат аст.
Рубъи дуюм аз 10 боб иборат аст.
Рубъи савум 24 боб иборат аст.
Рубъи чорум 36 боб иборат аст.

---

* Ниг: Олимов К. Суфизм в свете актуальных проблем современности // Научные сообщения. - С.308-324. ва диг. мақолаҳо

* Онро Абдулзай Ҳабибӣ –донишманди фақиди афғонӣ нақду баррасӣ кардааст.

Муаллифи китоб бар таълимоти ҷараёнҳои мухталифи замони хеш - муътазилиён[♥] ва ҷамоати аҳли суннат, мазҳаби аҳли маърифат, оид ба масъалаҳои гуногуни метафизикӣ – Худо, олам, одам, руҳ, кавну макон, анбиёву малоик ва ғ. ақоиди ҳамзамононашро иқтибос оварда, баъзан мувофиқ шуморида, баъзан баҳсталаб ҳисобида, тавассути далоил он масъалаҳоро аз рӯйи ақоиди динию афкори тасаввуфӣ шарҳу эзоҳ дода, худ ҷонибдори ақоиди аҳли маърифат будааст.

«Тасаввуф, -мегӯяд муҳаққиқи тасаввуфшиноси рус В.Дроздов,- як ҷаҳонбинии вижаи ирфонӣ, мазҳабӣ ва фалсафӣ мебошад, ки дар чаҳорчӯбаи ислом ба вуҷуд омада, намояндагони он муътақиданд, ки иртиботи мустақими руҳии инсон [тафаккур ё иттиҳод] бо Илоҳӣ тавассути таҷрибаи равонии шахсӣ имконпазир аст. Ин муоширāт тавассути ҳолати ваҷдӣ ё равшании ботинӣ ба шахсе, ки бо муҳаббат дар қалбаш дар «роҳ» ба сӯйи Худо қадам мезанад, ба даст меояд» [6,с.117].

Масъалаи асосӣ дар тасаввуф ин ҳулул дарёфтан бо Худост ва дарки асосноки назарияи ин ваҳдат мебошад, аз ин рӯ, рубъи аввали ин китоб ҳам, нахуст ба масъалаи шинохти Худо бахшида шуда, чанде аз сифоти Ӯ ба ташреҳ кашида мешаванд. Масалан, «Худои таъоло ба худ азиз аст. Ҳар чизеро бадал ҳаст ва Худоро бадал нест».

Муаллиф мегӯяд, ки ҳадаф аз шинохти Худо “дидор” [7,с.3] ва сабаби маърифат бахшидани Ӯ ба халқ шиносо гардонидани Ӯ буда [7,с.7], сифати Ҷаббор будани Ӯро аз забони арабӣ ба маънои шикастабанд «ҳама шикастагиҳои бандагонро Ӯ дуруст кунад» [Ҳамаро дармон бахшад] маънидод намудааст [7,с.4].

Доир ба масоили сифоти Худо Сино баҳси мантиқӣ оварда, сифатҳоро тардид менамояд. «Ба ғайр аз ин чор сифат[ҷисм, сапед, олим, падар], чизҳое ҳастанд, ки бесифатанд. Масалан, сангро мурда, беҷон мегӯянд, бинобар он ки дар он зиндагӣ нест. Аз ин хотир, Воҷибулвуҷудро «нашояд, ки сифатҳои бисёр бувад».

«Ӯро ёр нест, -мегӯяд Сино,- ва ҷузву баҳра нест. Гӯянд «азалӣ» ва ҳақиқати Вай он аст, ки ҳастии Вайро оғоз нест. Ин ҳар ду гуна сифатҳоеанд, ки андар зот бисёрӣ наоваранд ва эшон чизе наянд андар зот, балки пайвананд ва пайванд маъниест ақлӣ, на чизе андар зот, ё нафй ва салб, ки вай на ҳастии сифатҳои бисёр бувад, балки баргирифтани сифатҳои бисёр аст» [2,с.255].

Ба андешаи Мустамлӣ гумон [занн] ба шак ва яқин ҷудо шуда, шак ҳам ба ҷаҳл ва занн мунқасим мегардад ва Худоро «ба гумон натвон шинохтан ба яқин тавон шинохт»- мегӯяд, зеро «ҳастӣ ва маърифат бе яқин дуруст набошад». Худо халқро маърифате дода, то Ӯро бишносанд, вагарна мардум Ӯро идрокнашаванда мепиндоштанд. Ин нуктаро Муҳаммад Ғазолӣ ҳам тасдиқ карда, дар китоби «Мақосид-ул –фалосифа» 8 зинаи маърифатро ташреҳ дода, мегӯяд: «Илми яқинӣ, илме аст, ки ҳақиқати маълум дар он ошкор мегардад, ба тавре, ки ҳеҷ шакке дар он боқӣ намонад ва имкони хато ва ғалат дар он вуҷуд надошта бошад... ҳамон тавре, ки ҳукми ақл омад ва хатои ҳисро ошкор кард, имкон дорад ҳукми дигаре пайдо шавад, то аҳкоми ақлро ботилу беасос кунад. Сипас, бо зикри корҳое, ки дар хоб

---

[♥] Муътазилиён - фирқа ё равия дар теологияи схоластикии мусулмонӣ, ки дар таълимоти он озодии иродаи инсон, таълиф ёфтани Қуръон тарғиб карда мешуд ва воқеияту ҷовидонагии сифатҳои илоҳӣ инкор мешуданд. Муътазилиён ба нуфузи баландтарини худ дар замони Аббосиён расидаанд.

мебинем ва баъд аз бедорӣ ба ғайривоқеӣ будани онҳо пай мебарем, мегӯем: «аз куҷо ки дар он олами хоб набошем ва ҳамаи амалҳое ки воқеӣ мепиндорем, хоб набошад?» Бинобар ин, дар ҳама чиз имкон дорад, ки шакку шубҳа вуҷуд дошта бошад» [20, с.44]. Пас аз таҳқиқи мантиқии шакку шубҳа, иқрор мешавад, ки тавассути «нури илоҳӣ» ба яқин расидааст [11, с.12].

Ба андешаи Сино, «ориф», худ манбаи покизагӣ буда, дар ин дунё ба ҷуз Ҳақ ӯро чизе ба худ машғул натвонад кард ва маърифатро аз Ақли фаъол мегирад ва ӯро чизҳое маълум гардад, ки ақли инсон аз он оҷиз аст, ӯ аз олами ғайб бархӯрдор мешавад: «Он ҳангом, ки нафс истиҷлои маъқулоти ҳақ кунад аз ҷиҳати мабодӣ ва бо вай мунозаат накунад, то нафс ба ақли фаъол пайвандад ва чизҳо дармеёбад ва нури вай бар вай метобад ва ин ҳол ӯро малакае шавад мустақар, то ҳар вақте ки хоҳад ӯро иттилоъ уфтад ба нури Ҳақ ва ҳеҷ қувват ӯро музоҳамат накунад, бал ӯро ёрӣ диҳанд, то ба ҳамагии худ мунҳарит бошад дар силки қудс» [2,с.526].

Муаллифи китоби «Инсони комил»• омилҳои маърифат дарёфтани соликро аз олами ғайб, пок доштани ботину зоҳир, зеро «малоик ҳама поконанд» ва хоби рост дидан мегӯяд [12,с.43].

Аз ин нуктаҳо бармеояд, ки Ибни Сино шомили ҳоли суфиён будааст ва ё худ ҳулуле бо Худо дарёфтааст, ки "ҳол"-ро то ҷузъиёташ шарҳ медиҳад. Албатта, суҳбати ӯ бо Абусаиди Абулхайр ҳам тасдиқи ин гуфтаҳост. Яъне, боз як гаравидани намояндаи машшоия ба таълимоти тасаввуф ошкор гардид.

Дар масъалаи зоти Худо баҳрамандии суфиён аз таълимоти машшоия мушоҳида мешавад. Ба андешаи Мустамлӣ, «Худои таъоло ягона аст ба зоти хеш ва зот ҳастӣ бувад, мавҷуду шайъу нафс ва ин ҳама иборат аз ҳастӣ бувад. Пас, ҳастии Ӯ ба касе намонад, зеро ки ҳама ҳастиҳо бо ҷисманд ё ҷавҳар ва ҳастии Ӯ ҷисму ҷавҳар нест. Ва ҳама зотҳо ё дар маконанд ё дар замонанд ва зоти Худо дар макону замон нест ва ҳама зотҳоро ибтидову интиҳо Ӯст ва зоти Худоро ибтидову интиҳо нест» [7,с.5]. Дар ин нукта андешаҳои Ибни Сино низ тавъами гуфтаҳои болоянд. «Ҷуз воҷибулвуҷуд ба зот ҳеҷ чиз хайри холис ва камоли маҳз нест...Ва гоҳе унвони "хайр" бар чизе гуфта мешавад, ки камолоти ҳамаи чиз аз ӯст, яъне онҳоро ифода мекунад, ё барои онҳо судманд аст» [2,с.560].

Ё худ ҳамин гуна баҳрамандии суфиён бар саволи тавҳид чист? Мустамлӣ ҷавоби Ҷунайдро иқтибос меоварад ва муътакид мешавад, ки тавҳид ягона доштани қадим аз ҳадс аст. Ба андешаи ӯ, сифати Худой қадим буда, араз нест ва ба ҷуз Ӯ ҳама муҳдасанд. Аз ин хотир, сифати муҳдас муҳдас буда, сифоти муҳдасон ҳама аърозанд ва аразҳо ҳама абадӣ нестанд. Ӯ таъкид мекунад, ки чун «**Сифати Худо қадим аст ва ба қадим фано раво набувад» [7,с.5].**

Ибни Сино дар асли дувуми «Илоҳиёт»-и хеш исбот намудааст, ки Худо яккаву ягона аст. Ба андешаи ӯ, ҳар чизе ки духӯра аст, аз ҳам бояд фарқ дошта бошад [ё зотӣ ё аразӣ]. Араз, ки баъди анҷом пазируфтани зоти чиз ба он ҳамроҳ карда мешавад, ё яке онро дошта бошад ё ҳарду. Дар ин сурат «аразӣ пеш аз чизе бошад, ки

---

• Орифи машҳури қарни 7 ҳиҷрӣ Азизаддини Насафӣ (Нахшабӣ) аввал дар Хоразм в сипас дар Бухоро солҳои зиёд иқомат доштааст. Ӯ аз муридони Шайх Саъдиддини Ҳамавӣ буд.Соли 417 ҳиҷрӣ баъд аз ҳуҷуми муғулон ба Бухоро, он ҷоро тарк карда ба Хуросон рафт.

лозим барои вуҷуд аст ва дар яке аз онҳо бошаду дар дигаре на, пас, он чизе, ки араз надорад Воҷибулвуҷуд хоҳад буд» [3,с.476].

Ӯ мегӯяд, ки Худо ҳеҷ гоҳ дар нобудӣ [маъдум] набуд, то ҳаст шавад ва бар ҳастии Ӯ нестӣ раво набудааст. «**Сифоти Худо азалӣ, чунонки зоти Ӯ азалӣ, чунонки зоти варо вуҷуд сифатӣ аст» [9,с.927].**

Он муҳаббате, ки маҳсули сабаб аст, баъди нест шудани сабаб метавонад адоват гардад ва баръакс адоват ба муҳаббат. Муҳаббату адоват маҳсули сабабу натиҷаанд. «Муҳаббат ба сабаб манфиати натиҷа, адоват ба сабаб мазаррати натиҷа».

Аммо «муҳаббату адовати Ҳақ ба сабаб қоим нест, зеро онҳо азалианд ва хилофу мувофиқати банда вақтӣ. Пас, адовату муҳаббат собиқайнанд».

Аз ин ҷо Мустамлӣ хулоса менамояд, ки мувофиқати банда сababи муҳаббати Худо набуда, баръакс муҳаббати Худо сababи мувофиқати банда мебошад. Ҳамин гуна мухолифати банда ҳам сababи адовати Худо нагардида, ***«адовати Ҳақ*** сababи мухолифати банда аст» [9,с.927].

Аммо дар ин нукта Ибни Сино ихтилофназар аст. Ӯ дар фасли «Феъли Воҷибулвуҷуд» исбот менамояд, ки аз Худо танҳо некӣ меояд, на адоват, ки он тааллуқ ба хислати хосси инсон дорад [дар Ҳавои нафс]. Сино мегӯяд, ки ҳастии инсон аз ғаразе ҳаст. Чун чизе беҳад ё эътиқоде, донише, гумоне, тахайюле. Дар пайи он чи моро судманд аст: Баъди эътиқод орзу неруманд мешавад, андомҳои коркуниш ба ҷунбиш меоянд ва он кор ҳосил мешавад.

Аммо феъли Воҷибулвуҷуд аз ғараз нест ва ӯро ба чизе орзу намеафтад, пас, хости Вай аз дониш ба он хотир бувад, ки хостии ин ё он чиз дар нафси худ хайр ва некӣ бошад. Аммо дар фасли «Фи мақомот-ил-орифин» ҷонибдори андешаҳои суфиёна гардидааст: «Ва воҷиб аст андар он шаръ, ки накукорро ва бадкорро ҷазо бошад аз Худои олам» [2,с.526]. Дар ҷойи дигар, "Ӯ аст, ки барои зоти худ ҳама чизро ифода мекунад. Пас. Воҷибтаъоло аз ин ҷиҳат низ хайр аст ва шарр ва нуқсе дар зоташ роҳ надорад" [2,с.560].

Мувофиқи таълимоти сӯфиён маънии худро шиносонидани Худо огаҳ шудани мардум аз камоли қудрати Ӯ буда, мардум оҷизии хешро дарк намоянд ва бидонанд, ки Худойро мислу монанд нест ва «Ӯ худро ба "дӯстон"-и хеш ба номҳо ва сифатҳои хеш шинохта гардонидааст»... [7,с.7].

Ба андешаи Мустамлӣ, мақсади лутфи Худо машғул будан ба тоат [риҷо] ва ҳадафи ҳайбати Ӯ тарки маъсият [хавф] буда, бандаи бо риҷо наздику мутеътар ба Худо буда, ҳарчанд хавф қавитар бошад, банда аз маъсият дуртар мешудааст.

Мустамлӣ ақидаҳои антропоморфистии муътазилиёнро оид ба тавонмандии одам [«то мо чунин накунем Худои а.ва.ҷ. накунад»] тардид намуда, ба андешаҳои худомарказӣ гароида, муътазилиёнро Худоношинос меномад ва «Савоб додан аз рӯйи фазл аст ва иқоб адл аст, яъне бар банда ҳеҷ чиз воҷиб набошад, илло ба эҷоби Худо» мегӯяд [8,с.475-476].

Ҳамин гуна, чандин ақоиди дар тақдири хеш оҷиз будани инсон ва як навъ оҳанги таҳдид ба хотири хавфу тарси мардум аз Худо, дурӣ ҷустан аз ҳаёти иҷтимоӣ иброз карда мешавад, ки боиси ихтилофу баҳси муътазилиёну аҳли маърифат ва машшоиён мегардад. Масалан, "Худо сарҳои дӯстонро ба худ Наздиккунанда аст ва «*Азиз он аст, ки бо Худо аст,* ***на он ки бо халқ аст****»[ишораи курсив аз мо]* [7,с.8].

Ба ақидаи суфиён, кору рафтори банда дар ихтиёри ӯ набуда, - «*Худо агар хоҳад, **то рӯзи марг дар ҳукми бандагӣ медорад ва агар нахоҳад озор кунад***» [7,с.13].

-*Ҳар кӣ ба наздики Худост, ба хидмат, ӯро ҳайбате пайдо мешавад, ки **халқ аз онҳо битарсанд** [7,с.28].*

***...инсон аз ҳайбати Худо, фариштагон тарсад [8,с.660]***

-*Худо бо банда он чи беҳтарӣ бошад, кунад ва* **он чи бадтар бошад, кунад** [8,с.473].

-*Дунё бе марг ба донагӣ наярзад [8,с.641].*

Ба андешаи **муътазилиён, рафтори хубу нек [савобу-подоши кори нек ва иқоб-озор] вобаста ба одам аст**, вале дар ҷавоб Мустамлӣ ташреҳ медиҳад, ки «миқдори иқоб бар миқдори феъл нест: зино, шароб... Уқубат бар ҷаримат ***чандон ниҳад, ки Вай хоҳад***» [8,с.477]. Яъне, савобу иқоб бар дасти Худост, мегӯяд.

Муътазилиён ин масъаларо баҳсталаб шуморида, онро зулм бар банда шуморидaнд: «агар савоб диҳад бе тоат ва ё азоб кунад бе маъсият, зулм бошад» [8,с.478].

Мустамлӣ ҷавоб медиҳад, ки зулм нест, зеро «иқоб бар ҷиноят зулм бошад, бе ҷиноят ҳам озору шиканҷа додан зулм аст... Азбаски халқ махлуқи Худост, амру фармон ҳам фармони Ӯст, ҳарчи хоҳад кунад Ӯрост ва *аз ҳеҷ касе дастуре набояд*» [8,с.472].

Ба андешаи муътазилиён, нестии мавҷуд муҳол буда, нестӣ бечизӣ [ғайримоддӣ] аст ва бечизиро сабаб нест. Ҳама натиҷаҳо вобастаи сабаб ҳастанд. Аз ин хотир, сабаби зулм наҳй [манъ кардан] аст. Мустамлӣ ҷавоб мегӯяд: «Ҳар касе, ки сад ман бор бар касе ниҳад, ки варо тоқати 10 ман нест, чиз ба ноҷойгоҳ ниҳода бошад, зулм аст. Худо ҳар чизе, ки ниҳад, ба ҷойгоҳ ниҳад ва он зулм нест» [8,с.489].

Суфиён ҷавоб доданд, ки чун зулм як навъ тасарруф кардан аст ва ҳама мавҷудотро Молик Худост, зулм нест агар моли касеро бигирад. Зулм сифати Худо нест ва Ӯ золим набуда, «ҳар чӣ бикунад, аз вай ҷавр набошад» [8,с.493].

Муътазилиён гуфтанд, ки ба ҳар ҳол бад дар моҳияти худ бад аст ва неку ба моҳияти хеш неку бошад. «Аз баҳри он ки ҳар чӣ мо ба шоҳиди зишт ёфтем, аз баҳри тақдими наҳй ёфтем. Ҳар чӣ неку ёфтем, аз баҳри тақдими амр ёфтем» [8,с.494].

Дар ҷавоб муаллифи китоб андешаҳои худомарказӣ меоварад, ки Худо дар қисмати одам бадӣ ё некиро аз азал дар сиришташ ниҳодааст. Андешаҳои теологии Ибни Сино, Носири Хусрав ва Саноиву Низомӣ тавъами ҳамдигар буда, сабаби зуҳури ҷавҳарро на аз нестӣ, балки аз Худо медонанд, яъне ҷонибдори креатсионизм буданд.

Дар боби 16, дар фасли «Дар маърифати Аллоҳ» муаллифи китоб ақидаи муътазилиёнро оид ба шинохти растионалии Худо ва андешаи аҳли суннатро [Худоро ба далел тавон шинохтан] инкор намуда, андешаҳои мазҳаби аҳли маърифатро ҷонибдорӣ намудааст. Ба ақидаи онҳо Худоро бо Худо метавон шинохт, аз баҳри он ки Худо моро хабар дод, аз чизҳое, ки эшонро ақл нест, Худоро шиносанд». Бо овардани чанд ҳикояти «Ҳудҳуди Сулаймон», ривояти «Намл» исбот менамояд, ки маърифати Худо намебуд, ин парандаву намл Сулаймонро [ҳамчун паёмбар] намешинохт, яъне «агар сабаби маърифат ақл будӣ, бе ақл маърифат муҳол будӣ» [8,с.703] ғалат аст.

Консепсияи шинохти Худо, аз ҷониби аҳли тасаввуф, дар ду марҳила сурат мегирад:

1. Дарки жарф то ба субстансия, бо ҷудосозии эманатсияи асмо, сифатҳо ва пардаи олами беруна. Ин танҳо ба Худо муяссар мешавад ва аз олам Ӯ бо пардаи маҳфуз ниҳон аст. Кӯшиши субстансияи Худо бенатиҷа аст.

2. Дарки Худо дар зуҳури мухталифи Ӯ. Вай, дар навбати худ, ба ду назар идрок мешавад: дарк бо мазмуни васеяш: инсон Худоро дармеёбад, ҳастиашро меёбад ва дарки мураккаб: инсон тафаккур мекунад, ки дарёфтааст ва дарки расидани ӯ ин ҳамон ҳастии Худо дар зуҳуроти Ӯ мебошад. Дар назари аввал шуур ҳам пӯшида нест, зеро инсон дар дарёфти чизе далели ҳастии онро дармеёбад ва ҳастӣ танҳо тавассути Худо тафаккур карда мешавад [5,с.293].

Тасаввуроти онтологии аҳли тасаввуф аз дуализми метафизикии Офаридгор ва офариниш ғолиб омада, аксар вақт барои аз доираи ҷаҳонбинии исломӣ хориҷ кардани он хизмат мекунанд. Бояд қайд кард, ки дар тасаввуф ин формулаи креатсионизм ҳифз шудааст, аммо дар фаҳмиши диалектикии Офаридгор ва офариниш дигаргуниҳои назаррас ба амал меоянд. Ин алалхусус дар таълимоти ваҳдати вуҷуд, оид ба ягонагии мутлақи ҳама мавҷудот дар Худо аён аст.

«Тавҳид дар исломи расмӣ тафовути ҷиддӣ дорад. Худои ягонаи берун аз олам-мовароуттабиӣ дар тасаввуф вуҷуд надорад, баръакс Худо ва табиат як асли воҳид, як гавҳар дониста мешавад. Тавҳиди тасаввуф ҳама мавҷудотро, ҷуз Худо, танҳо намуд мешуморад, на вуҷуди воқеӣ. Мавҷуди ҳақиқӣ фақат Худост, боқӣ ҳама таҷаллии Худо мебошанд. Ҷуз Худо ҳеҷ чиз вуҷуди воқеӣ надорад» [17].

Ин маъниро В.Дроздов дар асоси осори муътамад таъкид карда буд: «Худо дар ҳеҷ як ҷузъи субстансияи худ нест, балки дар он танҳо ҳамчун оинаи таҷаллӣ зоҳир мешавад» [6,с.117].

Дар таълимоти динӣ инсон ҳамчун бандаи Худо, аз оғози мавҷуд то ба рафтан ба фано дар чаҳорчӯбаи хости Ӯ ба Молик ва Холиқ бандагӣ, мекунад, яъне бандаи мавҷуднабуда ҳаст гашт ва мавҷудбуда нест гардад, яъне инсон дар сарнавишти хеш соҳибихтиёр нест. «Куфру имон сифати бандаанд ва сифате, ки андар вай мавҷуд набуд, ҳаст гардад» [9,с.927]. «Ва он саодат ва шақоват аст, чунонки туро зинда кардам ва туро хабар на ва ихтиёр на. На аз вақти ниҳодан хабар дорӣ, на аз вақти бардоштан ба саодат ва шақоват ҳамин кунам ба ихтиёри ту накунам. ...ва аз адам ба вуҷуд овардам ба ин сифат, ки ман хостам. Ва боз берун бурдам ва аз вуҷуд ба адам он гаҳ, ки ман хостам..» [8,с.670].

Ба андешаи муаллифи китоб, мақоми Паёмбари ислом аз тамоми паёмбарон ва малоик болотару фозилтар арзёбӣ мегардад. Дар суоли малоик фозилтар ё одамӣ «муътазилиён ва ҷамоати аҳли суннат малоикаро тафзил кунанд бар Бани Одам». Онҳо малоикро нахуст, бинобар муқаррибони Худо буданашон фозилтар ҳисобиданд, сипас барои он ки малоик ба Одам саҷда карда буд, лекин «фазл ба тафзили Худо бошад, на ба тоати банда» [8,с.865]. **«Ба андешаи мо (Мустамлӣ) одамиён бар малоик фозилтаранд, зеро андар миёни одамон Муҳамад с.а.в. ҳаст ва андар малоик баробари вай нест». [8,866]**

Ин ҷо таъкид меравад, ки «Худо малоикро андар ин ҷаҳону он ҷаҳон хидматгори одамиён кард ва ҳеҷ ҷой одамиёнро ходими малоик нагардонидааст.

Малоикро муъмин ва мутеъ маҳсуб дониста, одамиёнро ба муъмин кофир ва осӣ ҷудо кардаанд, инчунин байни одамиён нафароне ҳастанд, ки фозилтар аз малоиканд ва онҳо анбиё мебошад [8,с.868].

Аз рӯйи таълимоти аҳли тасаввуф «Худо ҳама ҳайвонотро 7 маърифат додааст:

1. Сонеи хешро бишносанд.
2. Модари хешро бишносанд.
3. Муаккали хешро бишносанд.
4. Муодили хешро бишносанд.
5. Дӯсти хешро бишносанд.
6. Ҷуфти хешро бишносанд.
7. Душмани хешро бишносанд.

Хосса, одамирост ва он илм марг аст. Одамӣ донад, ки вайро бибояд мурдан ва дигар ҳайвонот надонад, агар донанд ба серӣ алаф нахӯранд» [8,с.704].

Суфиён инкор мекунанд, ки Худоро бо далелу афкори ратсионалӣ метавон шинохт. Ба андешаи онҳо, ба зуҳуру таназзули ҳама мавҷудот сабаб Худост: «Худо он ёбад, ки Варо хоҳад, Худо он ёбад, ки Ӯ далели вай бошад» [8,с.706].

Барои маърифати илоҳӣ агар ақл ва далоил сабаб мебуданд, «ҳама оқилон маърифат дармеёфтанд ва ҳама бинандагони бурҳону оёт ба Худо роҳ меёфтанд. Ин ҷо ба қувваи фавқуттабиӣ, ки каромоти Худост, ишора меравад: «Сабаб нигаристан нест, сабаб намудан аст. На он бинад, ки нигарад, чи он бинад, ки бинамояндаш. Ва шак нест, ки бемаърифат ва беимон биҳишт натвон ёфт, агар сабаби имон ақл будӣ ё оёти истидлол будӣ» [8,с.707].

Ба андешаи ӯ, ақл муҳдас, ҳамчунонки оқил муҳдас буда, ба ҳамсони хеш роҳ менамояд на зиёда аз ақли худ. Яъне, ҳар кас ба миқдори қуввати хеш кор кунад ва мақсадаш ҳам мувофиқи қуввати вай ҳосил шавад.

Ақл барои донистани илм, илм барои донистани маърифат, маърифат барои шинохтани Худост. Аз ин рӯ, ҳар чизе, ки ба ақл ба ғайри Худо ҳосил шавад, он чиз ба сабаби ғайри Ӯ пойдор бимонад. «Ҳар чизе, ки он ба Ҳақ ҳосил ояд, ҷуз ба Ҳақ қоим нагардад» [8,с.718;803]. Маърифати илоҳӣ ба ғайри Ҳақ ҳосил нагардад. Маърифат маълумоте дар зеҳн доштан аст, ҳар он вақте ки маърифат ноқис гардад, қадри маъруф нашносад, ба ғайри Ӯ қаноат кунад.

Дар таълимоти аҳли тасаввуф Худо сабаби ҳама ҳастию нестӣ маҳсуб меёбад, яъне сабаби ҳама амалҳоро сабабе ҳаст, аммо аъмоли Худо бидуни сабаб сурат мегирад. Исботи он чунин аст, ки ҳама сабабҳо вобастаи қадим ё муҳдас будан ҳастанд, аз ин рӯ, сабаб агар қадим бошад, натиҷааш ҳам мебояд қадим бошад ва агар сабаб бенатиҷа бошад, пас он сабаб нест.

Маълум мешавад, ки агар таҳқиқи файласуфони машшоъ бо истидлоли мантиқӣ сурат гирад, исботи аҳли тасаввуф ба таври мистикӣ, тахайюлӣ анҷом мегирад. Файласуфон аҳли истидлоланду суфиён аҳли шуҳуд ва васли инсону Худо. Бо вуҷуди ин, заъфи истидлол ва дарёфти яқиният бисёр файласуфонро ноумед сохта, майли онҳоро ба тасаввуф бештар кардааст. Масалан, Ибни Сино исбот менамояд, ки Худо [Воҷибулвуҷуд] ҳаст ва ба сабаб ниёзманд нест. Барои исботи ин масъала омилҳои муайянкунандаи мавҷуд ва вуҷудро собит менамояд. Мавҷуд, ба андешаи ӯ, барои ҳаст шуданаш ё сабаб дошта бошад ё надошта бошад. Агар сабаб дошта бошад мумкин аст ва ҳар он чи вуҷудаш мумкин аст, ба вуҷуд дохил мешавад, ҳарчанд қабл аз вуҷуд ё дар зеҳн мавҷуд бошад. Агар мавҷуд барои ҳастии худ сабабе надошта бошад, пас Худо аст. Ин қоида ба он маънӣ аст, ки «дар вуҷуд мавҷуде ҳаст, ки дар вуҷуди хеш сабаберо доро нест» [3,с.475].

Ба ақидаи аҳли тавҳид қадим танҳо Худо ва сифоти Ӯ мебошанд.

«Ҳама натиҷаҳо вобастаи сабабанд. Тооти бандагон вобастаи амр [таблиғи корҳои нек]. Маосии [гуноҳи] бандагон вобастаи наҳй [манъшуда]. Чун он амру наҳй бардоштанд, аз бандагӣ асар намонад» [8,с.485].

Муътазилиён розӣ набуданд, чун ҳама натиҷаҳо бастаи сабабанд: «маъдумии мавҷуд муҳол бошад ва нестӣ лошайъӣ бошад, лошайъии сабаб муҳол бошад» [8,с.488].

Таҳаввули ирфоншиносии тасаввуф ҳамчун таълимоти «ҳақиқатҳои илоҳӣ» [ҳақоиқ] ва усулҳои дарки онҳо дар роҳи онтологии тадриҷии ҳақиқат сурат гирифтааст: дар доираи тасаввуфи фалсафӣ дар бораи шинохти ҳақиқат ҳисси дарки он, балки дарк кардан ё «амал» [таҳқиқ]-и ҳақиқат дар ҳастӣ, «тасдиқи бевоситаи он дар пеш ва тавассути шахс» ва ё кашфи мустақими ҳақиқат «чун ҳаст» дар он сухан гуфта намешавад. Дар тасаввуфи фалсафӣ танҳо дониши ирфонӣ ё «дастёбӣ ба ҳақиқат» [таҳқиқ], ки дар он ҷудоии онтологӣ ва гносеологии субъект ва объект вуҷуд надорад, ҳамчун василаи ҳалли масъалаи бунёди дониши ягонае бояд баррасӣ шавад. Принсипи бунёдии ҳастӣ [Худо]-ро ҳамчун мувофиқат бо худи ин мавҷудият [бо ҷаҳон] тавсиф мекунад ва ба ин васила мушкилоти дониши мустақим ва дискурсиро бартараф мекунад.

Ин тафовути бунёдии дониши ирфонии тасаввуфӣ буда,- мегӯед И.Носиров,- тасаввуфи типи ғарбӣ ба маънии интуитивизм аст: он барқарорсозии афлотунизм дар сарзамини исломӣ нест. Дониши тасаввуфӣ як равобити мавҷудист: он чизе, ки ба вуҷуд меояд, дониш дар бораи ҳастӣ нест, балки дониш - будан, дарки худи ашё аст [13,с.5].

Тасаввуфи нав, ки «декадентҳо» ба он меоянд, бухрони руҳи муосирро инъикос намуда, таҷрибаи мусбати муошират бо оламҳои дигар, таҷрибаи нафсонии ирфонӣ ва шоистагии онро дар танқиди таълимоти кӯҳна – шуури динӣ, зуҳди абстрактӣ ва ахлоқи абстрактӣ ошкор менамояд. Ин диндории ирфонӣ нест, ки мо онро рад мекунем.

Дин набояд ахлоқӣ бошад, балки ахлоқ динӣ ва ирфонӣ бошад. Аммо барои ба даст овардани натиҷаи динӣ аз бухрони муосир, ки хатари ба фоҷиаи доимӣ табдил шуданро дорад, бояд аз тасаввуф, ки ташвиқи андешаҳои ирратсионалиро мепарварад, паси сар кард, иддаои тасаввуфи адогматикиро рад кардан лозим аст. Аммо ҷанбаи иҷтимоиву ахлоқии таълимоти он омӯхтанӣ аст. Академик К.Олимов дуруст мегӯяд, ки риояи дурусти тариқат аз дидгоҳи Калободиву Мустамлӣ дар ниҳоят боиси аз байн рафтани зулм мешавад, яъне одам муносибаташро бо ҷамъият тавре барпо мекунад, ки вай ба поймол кардани ҳуқуқи одамони дигар роҳ надиҳад. Мустамлӣ ин масъаларо дар доираи фаҳмиши динии озодии ирода ва иртиботи иродаи илоҳиву башарӣ мавриди баррасӣ қарор дода, ҳолатҳои рафтори инсонро [некӣ ва ё бадии ӯро ба дигарон] аз рӯйи адолат ташреҳ медиҳад. Ҳамин чиз ҷолиби диққат аст, ки ӯ муносибатҳои моддии байни одамонро аз мадди назар дур намекунад. Ин аз таърифи зулму ситам маълум аст: «Зулм он аст, ки моли дигаронро бе ризоияти соҳибаш мегирӣ. Агар шахсе либоси аз они худаш пӯшад ва таоми аз они худашро бихӯрад, золим намешуморад. Аммо, агар чизе аз шахси дигарро бе ризоияташ аз худ кунад, золим аст» [14, с.312].

Тақвою зуҳду зоҳидӣ ҳанӯз зиндагии динӣ нест, зеро ин зиндагӣ ҳамеша пур аз файз аст, ҳамеша бо Худо робитаи мусбат ва шодмонӣ вуҷуд дорад. Асоси ҳаёти динӣ на худро бо азобу уқубат гирифтор кардан, балки кори мусбат, эҷоди образҳои

равшан, раҳоӣ аз маҳдудият ва ғуломии ин ҷаҳон, илоҳӣ кардани инсон дар Худо мебошад [4,с.26].

Тасаввуф сафаре аз фоҷиа ва азоби мухолифатҳои оштинопазир, ваҳдати замину осмон, ҷисму руҳ, инсоният ва илоҳият, шахсият ва олам аст. Он на дар бораи худдорӣ аз зуҳд ва қаноатмандии гедонистӣ, балки дар бораи шахсият будан, тасдиқ кардани шахсияти ирфонии худ дар кайҳони илоҳӣ аст.

**Муқарриз: Давлатов П.Н. – н.и.ф., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдулкарим ас-Самъоний. Насабнома [Ал-Ансоб]. Перевод: Хаджи Абдулгафур Раззак Бухари и Камилджан Рахимов. – Бухара: Бухара, 2003. – С. 107.
2. Абуалӣ ибни Сино. Осор.– Душанбе: Дониш, 2005. - Ҷ.1. -С.262.
3. Абуалӣ ибни Сино. Осор. – Душанбе: Дониш, 2005. - Ҷ.4. -С.484.
4. Бердяев Н. Новое религиозное сознание и общественность / Н. Бердяев. Санкт-Петербург: Изд. М.В. Пирожкова, 1907. - L, 233, [2] -С. 26.
5. Бертельс К.Э. Суфизм и суфийская литература / К.Э. Бертельс. - М., 1965. -С.453-454 [с.293]
6. Дроздов В. А. Мусульманский мистицизм: учебное пособие / В. А. Дроздов. - Санкт-Петербург: Президентская библиотека, 2015. – 183 с. С.117.
7. Мустамлии Бухорӣ. Шарҳ-ат-таарруф ли мазҳаб-ит-тасаввуф. –Лакхнав, 1327 с.ҳ., Нусха аз осорхонаи миллии Қарочӣ. 472ҳ.қ. Рубъи 1. - С. 672.
8. Мустамлии Бухорӣ. Шарҳ-ат-тааруф ли мазҳаб-ит-тасаввуф. –Лакҳнав,1327 с.ҳ., 472ҳ.қ. Рубъи 2. - С. 672.
9. Мустамлии Бухорӣ. Шарҳ-ат-таарруф ли мазҳаб-ит-тасаввуф. Лакҳнав.1327 с.ҳ., Нусха аз осорхонаи миллии Қарочӣ. 472ҳ.қ. Рубъи 3. - С. 672.
10. Мустамлии Бухорӣ. Шарҳ-ат-таарруф ли мазҳаб ит-тасаввуф. Лакҳнав.1327 с.ҳ. Нусха аз осорхонаи миллии Қарочӣ. 472ҳ.қ. Рубъи 4. - С. 672.
11. Муҳаммад Ғазолӣ. Мунқизу мин-залола. -Бейрут: Дорул Андалус 1983. -124с.
12. Насафӣ Азизаддин. Инсони комил. Соли нашр дарҷ наёфтааст. Ба хатти форсӣ. -С.175.
13. Насыров И.Р. Основания исламского мистицизма: генезис и эволюция / И.Р. Насыров. - 2009.- С.5.
14. Олимов К. Суфизм в свете актуальных проблем современности. Научные сообщения / К.Олимов. - С.308-324.
15. Рахимов К. Р. Абдулкарим ас-Самъани из Мерва о бухарских Ал-Мустамли / К. Р. Рахимов. – Ташкент, 20.05.2009.
16. Сатторов А.Ҳ. Нигоҳе ба «Шарҳи «Таарруф»–и Мустамиллии Бухороӣ / А.Ҳ. Сатторов //Номаи Донишгоҳ. – Хуҷанд, 2015. -№ 3[44]. -С.130-134.
17. Таърихи динҳо. -Душанбе: Дониш, 2014.-368с.
18. Триттон С. Мусульманское образование в средние века / С.Триттон. – Лондон: Лузак, 1957. – Р. 87.
19. Фильштинский П. Концепция единства религиозного опыта у арабских суфиев // В кн.: Суфизм в контексте мусульманской культуры / П. Фильштинский. - М.: Наука, 1989. -С.24.
20. Ҳасан Муаллимӣ. Маърифатшиносӣ дар фалсафаи исломӣ. -Теҳрон: Интишороти Пажуҳишгоҳи фарҳангӣ ва андешаи исломӣ, 1387ҳ. Нашри аввал, - 168 с.


## ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ОНТОЛОГИЯ ДАР КИТОБИ «ШАРҲИ ТААРРУФ»- МУСТАМЛИИ БУХОРӢ

Ташаккули маънавиёт, ки ба ниёзҳои инсони муосир мувофиқ аст, вазифаи ҳаётан муҳим буда, бидуни дарки падидаи тасаввуфӣ, ки ҷузъи муҳимми фарҳанги маънавӣ мебошад, ҳалнашаванда аст. Таҳлили таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки тасаввуф борҳо катализатори назарраси динамикаи иҷтимоӣ будааст. Таъсири таълимоти тасаввуфӣ ба тафаккур ва усули амали ислоҳотгароёни маъруф маълум аст. Дар асрҳои X-XII, дар Мовароуннаҳру Хуросон тасаввуф ҳам дар ислоҳот ва ҳам дар тавлиди равияҳои гуногун нақши муҳим дошт. Ҷалби фарҳанг ва унсурҳои гуногуни фарҳангии тасаввуф, алалхусус дар давраи буҳрон, намунаи маъруфи рушди иҷтимоӣ мебошад. Аз ин нуқтаи назар, омӯзиши тасаввуф, ҳам аз ҷиҳати амиқтар фаҳмидани механизмҳои динамикаи иҷтимоӣ ва ҳам аз ҷиҳати рушди методологияи идоракунии иҷтимоӣ, хусусан идоракунии равандҳои буҳронӣ, аҳаммият дорад. Дар ин мақола бархе аз масоили метафизикӣ дар таълимоти суфиёнаи китоби “Шарҳи таарруф”-и Мустамлии Бухорӣ зикр гардида, баҳрамандии аҳли тасаввуф аз таълимоти машшоия ва таъсири таълимоти суфия ба андешаҳои намояндагони ҷараёни машшоия бо мисолҳо

шарҳ ёфтаанд. Ҳадафи асосии муҳаққиқ таҳлили муқоисавии баъзе нуктаҳо оид ба Худо ва сифоти Ӯ, маърифати илоҳӣ ва ғ. дар асоси китоби “Шарҳи таарруф”-и Мустамлии Бухорӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** тасаввуф, машшоия, Худо, муътазилия, маърифати илоҳӣ, худомарказӣ, Ибни Сино, Мустамлии Бухорӣ, малоик.

**СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ НЕКОТОРЫХ ВОПРОСОВ ОНТОЛОГИИ В КНИГЕ «ШАРХ АТ-ТААРУФ» - МУСТАМЛИ БУХОРИ**

Развитие духовности, отвечающей потребностям современного человека, является жизненно важной задачей, которая не может быть решено без понимания мистического явления, являющегося важной частью духовной культуры. Анализ исторического опыта показывает, что суфизм неоднократно выступал значимым катализатором социальной динамики. Известно влияние суфийского учения на мышление и методы действия знаменитых реформаторов.В X-XII веках суфизм сыграл важную роль как в реформах, так и в создании различных течений в Восточном Мавераннахре и Хорасане. Вовлечение культуры и различных культурных элементов суфизма, особенно во времена кризиса, является хорошо известным примером социального развития. Изучение суфизма важно как с точки зрения более глубокого понимания механизмов социальной динамики, так и с точки зрения разработки методологии социального управления, особенно управления кризисными процессами.В данной статье затрагиваются некоторые метафизические вопросы суфийского учения книги Мустамли Бухари «Шархи Таарруф», поясняется примерами влияние учения перипатетиков на суфиев и влияние суфийского учения на взгляды представителей перипатутизма. Основной целью исследователя является сравнительный анализ некоторых положений о Боге и Его атрибутах, божественном знании и т. д. на основе книги Мустамлия Бухари «Шархи Таарруф».

**Ключевые слова**: суфизм, перипатетизм, Бог, мутазилиты, божественное знание, богоцентричность, Ибн Сина, Мустамли Бухари, ангелы.

**COMPARATIVE ANALYSIS OF SOME ISSUES OF OTOLOGY IN THE BOOK “SHARKH AT-TAARUF” - MUSTAMLI BUKHORI**

The development of spirituality that meets the needs of modern man is a vitally important task and cannot be solved without understanding the mystical phenomenon, which is an important part of spiritual culture.An analysis of historical experience shows that Sufism has repeatedly acted as a significant catalyst for social dynamics. The influence of Sufi teaching on the thinking and method of action of famous reformers is known.In the 10th-12th centuries, Sufism played an important role both in reforms and in the creation of various movements in Eastern Movarounnahr and Khorasan. The involvement of culture and the various cultural elements of Sufism, especially in times of crisis, is a well-known example of social development.From this point of view, the study of Sufism is important both from the point of view of a deeper understanding of the mechanisms of social dynamics, and from the point of view of developing a methodology for social management, especially crisis management.This article touches on some metaphysical issues of the Sufi teachings of Mustamli Bukhari’s book “Sharhi Taarruf”, explains with examples the influence of the teachings of the Peripatetics on the Sufis and the influence of the Sufi teachings on the opinions of representatives of peripatetism.The main goal of the researcher is a comparative analysis of some provisions about God and His attributes, divine knowledge, etc. Based on the book of Mustamliya Bukhari entitled “Sharhi Taarruf”.

**Key words**: Sufism, Peripatetic, God, Mu'tazilites, Gods knowledge, God-centricity, Ibn Sina, Mustamli Bukhari, angels.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Каримов Аслам Азамҷонович*** **-** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, дотсент, кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ. **Суроға:** 735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, микроноҳияи 17, бинои 1. E-mail: **aslam73@list.ru**. Телефон: **(+992) 770-61-31**

**Сведения об авторе:** ***Каримов Аслам Азамжанович*** - Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, кандидат философских наук, доцент, кафедра общественных наук. **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, 17 микрорайон, дом 1. E-mail: **aslam73@list.ru**. Телефон: **(+992) 770-61-31**

**Information about the author:** ***Karimov Aslam Azamjonovich***, - Tajik State University of Law, Business and Politics, Candidate of Philosophy, Associate Professor. **Address:** 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, microdistrict 17. Building 1. E-mail**: aslam73@list.ru.** Pone: **(+992) 770-61-31**

УДК:1(09) (575.3)

# НИГОҲЕ БА ФАЛСАФАИ ТАЪРИХИ ИБНИ МИСКАВАЙҲ

*Давлатов П.Н.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ибни Мискавайҳ аз зумраи мутафаккиронест, ки дар баробари машғул шудан ба фалсафа, ба тиббу кимиё, шеъру адаб, таърихнигорию таърихнависӣ ва фалсафаи таърих низ таваҷҷуҳ дошта, дар рушду инкишофи ин соҳаҳо саҳми арзанда гузоштааст. Асари таърихии ӯ «Таҷориб-ул-умам» далели ин гуфтаҳо мебошад, ки дар он мутафаккир доир ба нодиртарин ҳодисаҳои таърихӣ, шахсиятҳо ва масоили иҷтимоӣ дар давраҳои мухталиф, инчунин маъно ва муҳтавои ҳодисаҳои таърихӣ дар раванди рушди ҷомеа маълумот додааст. Месазад гуфт, ки Ибни Мискавайҳ дар ин асари худ бори аввал масъалаи фалсафаи таърихро ба миён гузоштааст ва худи ӯ яке аз аввалин муаррихони мусулмон аст, ки нигоҳи фалсафӣ ба таърих дошта, ҳодисаву рӯйдодҳои таърихро таҳлили фалсафӣ намудааст. Саҳми арзандаи мутафаккирро дар таърихнигорӣ ва инкишофи фалсафаи таърих ҳам мутафаккирони ҳамасраш, ҳам муҳаққиқони муосир бузург ҳисобида, ӯро аз муаррихони машҳури асримиёнагӣ ва «Таҷориб-ул-умам»-и ӯро асари таърихию фарҳангии фарогири масоили фарҳангиву иҷтимоӣ дар ҳаводиси таърих донистаанд. Аз ҷумла, Абуҳаёни Тавҳидӣ, ки аз муосирони Ибни Мискавайҳ буд, чунин назар дошт, ки «Ибни Мискавайҳ ба илми таърих диққати тамом дода, «Таърихи Табарӣ»-ро назди Ибни Комил, ки аз мусоҳибони Муҳаммад Ибни Ҷарири Табарӣ буд, фаро гирифта, масоили мухталифи онро шарҳ додааст» [2,с.5]. Ҳамзамон, худи мутафаккир низ таъкид менамояд, ки: «Ман китоби таърихи Абуҷаъфари Табариро ба назди Абубакр Аҳмад ибни Комили Қозӣ шунавоӣ кардам» [1,с.232]. Аз ин маълум мегардад, ки мутафаккир ба «Таърихи Табарӣ» таваҷҷуҳи хосса дошта, аз он дар таълифи китоби «Таҷориб-ул-умам»-и худ васеъ истифода намудааст. Ҳамин аст, ки як навъ ҳамоҳангӣ миёни осори зикршуда эҳсос мегардад.

Ибни Мискавайҳ аз «Таърихи Табарӣ»-и Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ илҳом гирифта, бо ҳамин сабк, вале бо истифода аз усулҳои герменевтикӣ ва гипотетико-аксиоматикӣ ҳодисоти таърихиро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Мутафаккир дар «Таҷориб-ул-умам» аз воқеаҳои асри сеюми ҳиҷрии қамарӣ ёдовар шуда, муҳити фарҳангии он давраро бо замони худ қиёс намуда, ҳусну қубҳи давраи мазкурро ошкор намудааст. Ҳамоҳангии «Таърихи Табарӣ» ва «Таҷориб-ул-умам» дар он аст, ки мафҳум ва истилоҳоти зиёди якхела доранд, вале дар тафовут аз Табарӣ, Ибни Мискавайҳ ба воқеаҳои таърихии мардуми ориёӣ бештар таваҷҷуҳ менамояд.

«Таҷориб-ул-умам»-и Ибни Мискавайҳ асари дорои арзиши зиёди таърихию фарҳангӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоию сиёсӣ буда, диққати муҳаққиқони зиёди шарқиву ғарбиро ба худ ҷалб кардааст. Аз ҷумла, шарқшиносони маъруфи рус И.Ю. Крачковский, А.Ю. Якубовский, А.Э. Шмидт, А.А. Семёнов, А. Хури, Б.Я. Шидфар ва дигарон дар бораи «Таҷориб-ул-умам» мухтасар маълумот дода, дар хусуси баъзе аз қисматҳои ин асар ибрози ақида намудаанд» [6,с.143]. Мутафаккир дар ин асари худ аз усулу равиши тавсифӣ, ахборотӣ, маърифатӣ, диалектикӣ, иҷтимоӣ, интиқодӣ, таҳлилӣ, муқоисавӣ, фалсафӣ, таҷрибагароӣ ва хирадмеҳварӣ истифода намудааст, ки ин усулҳо дар осори таърихии муаррихони дигар камтар мушоҳида мешавад. Инчунин, ӯ дар асари худ аз усули танқидӣ низ истифода намуда, дар ташаккули сабку усули интиқодии таърихнигории асримиёнагӣ саҳми арзанда гузоштааст.

«Таҷориб-ул-умам» фарогири ҳодисаҳои нодири таърихии кишварҳо аз замонҳои қадим то рӯзгори худи мутафаккир буда, дар баробари таҳлили ҳаводис ва воқеаҳои таърихӣ, инчунин, масоили фалсафӣ, ахлоқӣ, динӣ, фарҳангӣ, иҷтимоиву сиёсиро дар бар мегирад. Бо назардошти ҳамин хусусият, асари мазкур бо аксари

забонҳои олам, аз ҷумла, форсӣ, русӣ, англисӣ, фаронсавӣ ва ғайра тарҷума шуда, дар бузургтарин китобхонаҳои дунё маҳфуз мебошад. Мутафаккир дар ин асар аз сарчашмаҳои муътамади таърихии ба ӯ дастрас ва қиссаву ривоятҳои қобили эътимод истифода намуда, дар рушду инкишофи таърихнигории шарқӣ такони ҷиддӣ додааст. Дар ин асари калонҳаҷму бисёрҷилда ҳодисаҳои таърихи умумиҷаҳонӣ, то соли 369 ҳиҷрӣ мутобиқ ба солҳои 979-980 мелодӣ, ки худи Мискавайҳ бевосита шоҳиди онҳо будааст, таҷассум ёфта, сабабҳои ба вуқуъ пайвастани ҳодисаву рӯйдодҳо ва таъсири онҳо ба муҳити иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа нишон дода шудаанд.

Бояд қайд кард, ки назарияҳои таърихии Ибни Мискавайҳ зери нуфузи шароиту муҳити мураккабу печ дар печи сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва динию мазҳабӣ ташаккулу такомул ёфтаанд. Яъне, чун Ибни Мискавайҳ дар як асри пур аз ҷангу моҷароҳо, низоъҳои сиёсиву иҷтимоӣ, аз ҷумла байни давлату хилофатҳо ва ҳатто байни аъзоёни як авлоди шоҳӣ барои ғасби салтанату ҳокимият ва баҳсу ихтилофҳои фарҳангӣ, диниву мазҳабӣ зиндагӣ ва фаъолият намудааст, ҳамаи инҳо дар ҷаҳонбинӣ ва афкору осори фалсафию таърихии ӯ таъсири худро расонидаанд. Махсусан, асрҳои миёна, ки Ибни Мискавайҳ дар он давра зиндагӣ ва фаъолият мекард, давраи динмеҳварӣ буд ва ҳама масъалаҳои илмию фалсафӣ, фарҳангию ахлоқӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ аз диди ислом ва шариати исломӣ ҳаллу фасл ва шарҳу тавзеҳ мешуданд. Мутафаккир ҳангоми таҳлилу баррасии масоили ахлоқӣ, иҷтимоию сиёсӣ, зикри ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ ва шарҳу тавзеҳи онҳо пардапӯшона ва эҳтиёткорона муносибат карда бошад ҳам, вале воқеънигарии ӯ эҳсос мешавад. Маҳз ҳамин хусусияти таълимоти мутафаккир боис гардидааст, ки то замони имрӯз аҳамияти худро ҳифз намояд. Комилан дуруст аст, ки «афкори арзишманди мутафаккирони гузашта доир ба масоили иҷтимоӣ имконият медиҳад, ки моҳият ва хусусияти ҳастии инсон, сафҳаҳои дониши вай дар ин самт ва ҷойгоҳи ин арзишҳо дар фарҳанги муосир равашан карда шаванд» [3, с.127].

Аз таҳлилу баррасии осори Ибни Мискавайҳ, аз ҷумла «Таҷориб-ул-умам» маълум мегардад, ки як бахши муҳимми таълимоти ӯро таърихнигорӣ ва фалсафаи таърих ё мавриди таҳқиқу таҳлили фалсафӣ қарор додани ҳодисаҳои таърихӣ ташкил медиҳад. Мутафаккир кӯшиш менамояд, ки ҳодисаҳои таърихиро дар алоқамандӣ ба маънавиёт, тафаккур ва ҷаҳонбинии мардум, инчунин, ҷанбаҳои манфии ҳодисаҳо, сабаби ба вуқуъ пайвастан ва оқибати фоҷиабори онҳо мавриди шарҳу баррасӣ қарор диҳад. Асари мазкурро ба таври мушаххас метавон асари таърихӣ-иҷтимоӣ ва худи мутафаккирро файласуфи таърих номид.

Маҳз бо ҳамин хусусиятҳо таърихнигории Ибни Мискавайҳ аз таърихнигории дигар муаррихон фарқ мекунад. Яъне, ӯ ба таърих диду назари хосси худро дорад. Аз ҷумла, тафовути назари ӯ аз дигар муаррихон дар он аст, ки назари вай дар бораи таърих ҷанбаи фалсафӣ, илмӣ ва интиқодӣ дорад. Ба андешаи ӯ, таърих достони саргармкунанда дар бораи подшоҳон набуда, балки дар он ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавии халқу миллатҳо, пайдоиш ва ташаккулу таҳаввули фарҳангу тамаддунҳо, миллатҳо ва давлатҳо инъикос мёебад. Аз ин рӯ, муаррих бояд воқеъбин ва дорои руҳи интиқодӣ бошад ва болотар аз ҳама набояд танҳо ба зикру тавсифи ҳодисаҳо қаноат, балки онҳоро таҳлилу тафсир карда тавонад [1,с.180]. Мутафаккир ҳадафи асосии таърихро аз диди фалсафаи назарӣ ва фалсафаи интиқодӣ баҳо медиҳад. Ҳарчанд Ибни Мискавайҳ дар таълимоти сиёсии худ нақш ва мақоми ҳокиму роҳбар, шоҳу султон ва ё бо ибораи худаш “мудири мудаббир»-ро муҳим ҳисобад ҳам, вале ба тавзеҳи ӯ таърих танҳо мутааллиқ ба шахсони алоҳида ҳамчун подшоҳон, амирону вазирон ва ё танҳо иборат аз зиндагиву рӯзгор ва ҳукмронии онҳо нест, балки он маҷмуи ҳодисаву рӯйдодҳо ва тағйироту таҳаввулоти сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва диниву мазҳабиест, ки дар давру замонҳои муайяне ба вуҷуд меоянд. Аз назари ӯ, таърих ифодакунандаи маданияту тамаддуни давлатҳо ва халқу миллатҳо буда, оммаи мардум дар офариниши таърих нақши

муҳим доранд. Хулоса ва бардошти муҳиме, ки аз иқтибоси зикршуда ҳосил мешавад он аст, ки андешаҳои ӯ доир ба таърих моҳияти фалсафӣ доранд ва ӯ кӯшиш кардааст, ҳар як ҳодисаву воқеаҳо, сабабҳо ва омилҳои сар задани онҳоро аз ҷиҳати фалсафӣ баррасӣ намояд.

Агар Герберт Спенсер - файласуф ва ҷомеашиноси англис ҷомеаро ба як организми зиндаи дар ҳоли рушду инкишофёбӣ ташбеҳ дода бошад, Ибни Мискавайҳ таърихро ба монанди ҷомеа ба як организм ё вуҷуди зиндае ташбеҳ медиҳад, ки он пайваста дар ҳоли тағйиру таҳаввул ва рушду инкишоф буда, бо пешрафти ҷомеаи инсонӣ таърихи он низ тағйир ва рушд меёбад: «Таърих як мавҷуди зинда ва дар ҳоли рушд аст - менависад мутафаккир, ки бофт ё сохти онҳо ба василаи ормонҳои миллатҳо ва давлатҳо муайян мегардад» [1,с.83]. Яъне, таърих ҳамчун пулест, ки гузаштаро бо оянда пайваст месозад, ҳама он дастовардҳои нодири моддиву маънавии фарҳангию таърихӣ ва таҷрибаҳои бою ғаниеро, ки одамият дар тули ҳастии дурударози худ ҳосил намудааст, инъикос мекунад ва ба насли оянда ба мерос мегузорад. Яке аз сабабҳои асосии чунин номгузорӣ шудани асари бунёдии таърихии Ибни Мискавайҳ «Таҷориб-ул-умам» низ ба он хотир аст, ки он баррасии ҳамин таҷрибаи андӯхтаи халқу миллатҳои гуногун дар давраҳои мухталиф мебошад. Мутафаккир зикр мекунад, ки: «гӯи ҳамагӣ озмудаи худи ӯст, гӯи худ ба онҳо дучор омада ва дар бархӯрд бо онҳо фарзона ва устувор шудааст, гӯи худ дар ҳангомаи онҳо зиста ва худ бо онҳо рӯ ба рӯ будааст» [1,с.1-25].

Ибни Мискавайҳ дар «Таҷориб-ул-умам» нигоҳи худро ба таърих ва моҳияти он чунин тавзеҳ медиҳад: «Ман чун саргузашти мардумон ва корномаи шоҳонро варақ задам ва саргузашти кишварҳо ва номаҳои таърихро хондам, дар он чизҳо ёфтам, ки метавон аз онҳо, дар он чи монандаш ҳамеша пеш меояд ва ҳамтояш пайваста рӯй медиҳад, панд гирифт ва низ дидам, ки агар аз ин гуна рӯйдодҳо дар гузашта намунае биёбам, ки гузаштагон онро озмуда бошанд ва озмуданашон роҳанамои ояндагон шуда бошад, аз он чи мояи гирифтории касоне мебуд, дурӣ ҷуста, ба он чи мояи некбахтии касони дигар чанг задаанд, чунки корҳои ҷаҳон ҳаммонанд ва дархӯри якдигаранд…» [1,с.51-52].

Муҳаққиқи аврупоӣ Розентал муътақид аст, ки Мискавайҳ мехост таҷрибаҳо ва озмунҳои миллатҳоро барои пандомӯзӣ ва ибратгирӣ дар ихтиёри хонандагони худ қарор диҳад, аз ин рӯ, ҳодисаву воқеаҳоеро, ки чунин хусусиятҳоро надоранд ва дар дигар таърихҳо зикр гардидаанд, аз китоби худ ҳазф намояд [14,с.195]. Гуфтан мумкин аст, ки таърих, аз назари Мискавайҳ, мактаб ва ё равандест, ки инсони хирдманд аз ҳаводису рӯйдодҳои он, ки мумкин аст дар рӯзгори баъдӣ такрор шаванд, таҷриба ва панду ибрат гирад. Нуктаи муҳимми дигаре, ки аз иқтибоси зикршуда ҳосил мешавад, ин аст, ки мутафаккир дар таърихнависии худ танҳо он ҳодисаву воқеаҳои таърихиро ривоят карда, дар осори худ ҷой додааст, ки дар тарозӯи ақлу хирад санҷида шудаанд, аз хурофоту асотир дуру ба воқеият наздиканд ва инсонҳо метавонанд аз онҳо таҷриба ва панду ибрат гиранд. Масъалаи дигареро, ки Розентал ишора кардааст ин аст, ки Ибни Мискавайҳ дар «Таҷориб-ул-умам» аз зикри ҳодисаву воқеаҳое, ки хусусияти умумӣ доранд ва дар китобҳои дигари таърихӣ зикр гардидаанд ва аз онҳо ҷуз ахбору маълумоти тавсифӣ чизи дигаре бардошт намешавад, худдорӣ кардааст.

Ибни Мискавайҳ муътақид аст, ки маълумоту гузоришҳои дурусти таърихӣ бо қиссаҳои беасос ва афсонаҳо омехта шудаанд ва баъзан муаррихон бидуни асосу ҳуҷҷат ва ё аз забони шахсони сеюму чаҳорум воқеаҳоро ривоят кардаанд. Аз ин рӯ, ӯ аз зикри онҳо худдорӣ мекунад ва муътақид аст, ки он афсонаҳо ҳеҷ суде ҷуз хоб овардан ё саргармӣ надоранд ва мардум наметавонанд аз онҳо таҷрибае бигиранд. Аз назари мутафаккир яке аз вазифаҳои илми таърих шинохт ва мушаххас намудани афсонаҳо аз воқеиятҳо мебошад. Ба назари мутафаккир, амали мазкур хеле муҳим аст, зеро афсона, хурофот, хобу каромот ва муъҷизаҳо асосу воқеият надоранд ва агар дошта бошанд ҳам, мардум наметавонанд аз онҳо ҳеҷ ибрат гиранд ва баҳри

беҳбуд бахшидани ҳаёти худ истифода намоянд, бинобар ин, онҳо дорои аҳаммият ва арзиши таърихӣ нестанд.

Аз таҳлилу таҳқиқи осори Ибни Мискавайҳ равшан мегардад, ки таърих аз диди ӯ шомили рӯйдодҳо ва ё ганҷинаву махзанест, ки наслҳои пешин барои баъдиҳо ба мерос гузоштанд ва инсон метавонад дар зиндагии фардӣ ва иҷтимоии хеш аз он панду таҷриба гирад ва баҳри рафъи ҳаводис ва мушкилоти рӯзгор ба кор барад.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар таърихнигорӣ, ки аксари муаррихон, аз ҷумла Ибни Мискавайҳ ба он таваҷҷуҳи зиёд доштааст, масъалаи ҳадаф ва фоидаи таърих аст. Мутафаккир дар «Таҷориб-ул-умам» менависад: «Такомул ва танзими сареҳи назарот ва фарзиёт дар бораи таърих чи ба василаи муаррихони касбӣ ва чи муҳаққиқон дар риштаҳои марбутаи илми ҳадис, дар навбати аввал, маълули ҳамлаҳое буд, ки файласуфон ва мутакаллимон дар асри сеюм ва чаҳоруми ҳиҷрӣ ба адабиёти таърихӣ ва фарзияҳои он мекарданд, яъне дар давроне, ки фоидаҳо ва хусусиятҳои илми таърих мавриди тардид буд» [1,с.54].

Муҳаққиқони зиёди шарқиву ғарбӣ дар осори худ дар хусуси фоидаи таърих ва аҳаммияти он ба таври мустақил ва муфассал маълумот додаанд. Ибни Мискавайҳ низ ба монанди дигар муаррихон дар боби фоидаву аҳаммияти таърих ибрози андеша намуда, ҳадафу моҳияти онро муайян кардааст. Мутафаккир дар осори худ мафҳуми «таърихи амалӣ»-ро истифода намуда, онро ҳамчун як мактаби таҷрибаомӯзӣ, ибратомӯзӣ барои аҳли башар, бахусус қудратмандону ҳукуматдорон маънидод кардааст. Бинобар ин, ибратомӯзӣ ва пандомӯзӣ аз ҳаводиси таърих муҳимтарин ҷиҳат ва ташхисдиҳандаи таърихнигории Мискавайҳ аст: «Ман дар ин ҷо – менависад мутафаккир, хулосае гуфтам, то хонандагон панд гиранд. Инҳо озмудаҳои мардум аст, ки чун пайдарпай меояд, бояд аз он парҳез шавад…» [1,с.7-9, 264].

Саҳми Ибни Мискавайҳро дар тасвир ва таҳқиқи таърих Абдулҳусайни Зарринкӯб таъкид намуда, зикр менамояд, ки «дар байни муаррихони исломӣ ҳеҷ кас ба андозаи Мискавайҳ ба ҷанбаи судманди таърих таваҷҷуҳ надоштааст» [7,с.73]. Албатта, ин ки аз таҷрибаҳои гузашта метавон дар рӯйдодҳои оянда суд бурд ва аз онҳо панду ибрат гирифт ва аз таҷрибаи гузаштагон барои бартараф намудани нуқсонҳои ҷомеа истифода намуд, бар ҳеҷ кас пӯшида нест ва аксари муаррихон инро эътироф кардаанд. Вале он чи Мискавайҳро аз дигарон ҷудо месозад, ҳамоно назари фалсафӣ ва таҳлили мантиқии ӯ аз ҳодисаҳо ва воқеаҳои таърих ва баррасиву арзёбии онҳо ва таҷрибаҳои ҳосилнамуда аз он мебошад. Моҳият ва аҳаммияти таҷрибаҳои таърихӣ аз он иборат аст, ки онҳо инсони гузаштаро ба инсони ҳозира ва оянда мепайванданд ва барои инсони ҳозира ва оянда роҳи ҳалли мушкилиҳои пешомадаро нишон медиҳанд. Аз ин андешаҳои мутафаккир чунин бардошт мешавад, ки ӯ таърихро ба як мактаби таҷрибаомӯзӣ ва озмоишгоҳу омӯзишгоҳе ташбеҳ кардааст, ки инсон метавонад аз он биомӯзад, баҳра бардорад ва барои худ таҷрибаи лозима бигирад, чунки ҳар як ҳодисаи он дарси ибрат ва санҷидашуда дар таҷриба мебошад.

Ба ақидаи Ибни Мискавайҳ, ҳадафи таърих ҳаракат ба самти рушду такомул ва расидан ба саодати башарӣ аст. Яъне, ҳадаф аз таърих таҷриба гирифтан аз ҳаводиси он аст, то инсон тавонад дар асоси таҷрибаҳои ҳосилкардаи худ мушкилиҳои дар давронаш бавуҷудомадаро бартараф кунаду ба ҳаёти амну осоишта, камолоти моддию маънавӣ ва саодати инсонӣ бирасад. Аз назари ӯ таърих шоҳиду шомили ҳама гуна ҳодисаву рӯйдодҳоест, ки инсони оқилу хирадманд метавонад аз он баҳри ноил шудан ба камолот ва зиндагии осоишта ва дафъи ҳаводиси харобиовару азбайнбарандаи кишварҳо ва сулҳу субот дар ҷомеаҳо истифода намояд ва хушбахтиву саодати инсонии худро таъмин кунад. Ибни Мискавайҳ саодати инсониро на дар лаззати ҳиссӣ ва ҷисмонӣ, ки муштарак миёни инсон ва дигар ҳайвонҳост, мебинад, балки шарофат ва бартарии инсон аз дигар мавҷудот аз неруи ақл ва қувваи назарӣ ва амалии он сарчашма мегирад ва маҳз ҳамин гуна инсонҳо

эҷодкунанда ва субъекти фаъоли таърих мебошанд. Таърих метавонад бо нишон додани мисолу намунаҳо аз рӯзгори пешин ҳамчун манбаи муҳимме барои такмили қувваи назарӣ ва амалии инсон баромад кунад, чунки ҳадаф аз таърих танҳо нақлу ривоёт набуда, балки таҷрибаомӯзӣ ва пайдо кардани роҳи ҳалли мушкилоту рӯйдодҳое мебошад, ки дар гузаштаи таърихӣ он ҳодисаҳо болои мардумон омада буданд ва инчунин истифодаи таҷрибаҳо аз таърихи халқу миллатҳои гузашта баҳри ҳаракат ба самти такомул ва рушду инкишоф аст.

Хусусияти дигари таърихнигории Ибни Мискавайҳ мушаххас кардани ҳақиқат ва нодурустии маълумоту ахборе мебошад, ки ӯ онҳоро дар осораш истифода намудааст. Мутафаккир дар интихоби ахбор ба манбаъҳои муътамад такя карда, ба ҳақиқату ботилияти ривоёти худ аҳаммияти ҷиддӣ додааст. Ӯ дар осори худ танҳо он ривоётеро зикр кардааст, ки орӣ аз асотиру хурофот буда, бо ақли солим зиддият надоранд. Аз назари ӯ, вазифаи таърих танҳо сабти воқеаву ҳодисаҳо набуда, нишон додани ҳадаф ва аҳаммияту арзишмандии онҳо низ муҳим мебошад.

Хусусияти дигари таърихнигории Ибни Мискавайҳ истифодаи сарчашмаву матолиби нодиру камназирест, ки дар китобҳои таърихии дигар зикр нашудаанд. Масалан, дар осори таърихии худ баъзе матнҳоеро истифода намудааст, ки дар осори муаррихоне ҳамчун Табарӣ, Масъудӣ ва Ибни Халдун нестанд. Мисоли равшани ин гуфтаҳо «Корномаи Ардашери Бобакон» ё шарҳи ҳоли Анӯшервон ва суханронии ӯ мебошад, ки саршор аз ривоёту маълумоти муфиду арзишманди таърихӣ аст.

Хусусияти дигари таърихнигории Ибни Мискавайҳ таваҷҷуҳи хос доштан ва арзишу эҳтироми зиёд қоил будан ба таърихи Эрони бостон, ба гузаштаи миллати фарҳангдӯсту тамаддунофари худ аст. Чун Ибни Мискавайҳ як мутафаккиру муаррихи худшиносу худогоҳ ва дорои ғуруру ифтихорӣ миллӣ буд, ҳамеша қасд доштааст, то ҳувияти миллии худро эҳё намояд. Бинобар ин, дар ин самт саъю талоши зиёде анҷом додааст. Тарк кардани анъанаву суннати таърихнависии муаррихони пеш аз худ ва таърихнигории худро бо номи подшоҳони куҳани эронӣ оғоз кардан, худ гувоҳе бар ин матлаб мебошад. Ӯ анъанаи аксари таърихнависонро, ки аз ҳодисаҳои пеш аз тӯфони Нуҳ оғоз мекарданд, шикаста, асари худро бо шарҳи саргузашти подшоҳони пешдодии ориёӣ оғоз ва бо зикри шарҳи ҳоли ҳокимон ва вазирони Оли Бувайҳ, ки Ибни Мискавайҳ дар замони онҳо зиндагӣ ва фаъолият карда, шоҳиди бевоситаи ҳодисаву воқеаҳои он давр будааст, анҷом медиҳад. Ба андешаи ӯ, ахбору маълумоти ин давр муътамадтар ва дорои иттилооти муҳиму боарзише мебошанд. Ҳамин муносибат ва таваҷҷуҳи ӯро ба таърихи миллаташ мушоҳида карда, шарқшинос ва исломшиноси муосири олмонӣ-амрикоӣ Ф. Розентал [15] ӯро мутафаккири миллатгаро номида, муҳаққиқи дигар Бернар Карра де Во таърихи вайро бештар таърихи Эрон донистаст на таърихи ислом [11].

Яке аз хусусиятҳои дигари таърихнигории Ибни Мискавайҳ истифода аз усули мушоҳида барои дастёбӣ ба иттилоот мебошад. Ӯ барои ба даст овардани иттилоот илова бар китобхонаҳо ва манбаъҳое, ки дар ихтиёр доштааст, аз мушоҳидот ва шунидаҳои худ ҳам истифода мекунад. Ибни Мискавайҳ то ҳадди имкон аз ҷонибдорӣ ва бетарафии нисбӣ дар хусуси ҳодисаву рӯйдодҳои таърихӣ, низоъҳои сиёсӣ ва мазҳабӣ парҳез мекунад. Ба ибораи дигар, Ибни Мискавайҳ ҳангоми зикри ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ ва шарҳу тавзеҳи онҳо муносибати холисона доштааст ва новобаста аз мавқеи ҷаҳонбинӣ, мансубияти милливу мазҳабӣ, вазъи сиёсии замонаш ҳақиқати таърихиро нишон додааст. Яъне, мутафаккир кӯшиш намудааст, то дар таърихнигории худ асли бетарафӣ ва инсофро риоя кунад. Масалан, бо вуҷуди он ки ӯ муддати дароз дар хидмати амирони Оли Бувайҳ буд, дар навиштаҳояш танҳо ба мадҳу ситоиш ва тарафдории онҳо напардохтааст, балки кирдорҳои хубу бади онҳоро чуноне ки буд, бозгӯ карда, баъзан мавриди танқиду сарзаниш низ қарор додааст. Бинобар ин, маълумоти пешниҳодкардаи ӯ дорои аҳаммияти зиёди таърихӣ мебошад.

Ибни Мискавайҳ доир ба робитаи ногусастании ахлоқ бо таърих ва таъсири мутақобилаи онҳо сухан ронда, онҳоро бо ҳам пайваст медонад. Масалан, ӯ ба рафтору кирдори ҳокимон ва ахлоқу одоби онҳо диққати ҷиддӣ медод, чунки аз назари ӯ шахсони алоҳида, аз ҷумла шоҳону вазирон, амирону сарлашкарон дар ҷомеа намунаи ибрат буда, дар эҷоди таърих низ нақши зиёд доранд. Таълимоти ахлоқии ӯ дар ҷиҳати тарҳи тасвири ормонӣ аз шоҳ ё ҳокими адолатпарвар, ки дар «Таҷориб-ул-умам» дар мисоли «Андарзномаи Ардашери Бобакон» зикр гардидааст, намунаи барҷастаи он аст. Ин раванд дар осору рисолаҳои баъдӣ боз ҳам тақвият меёбад, чунончи дар «Қобуснома», махсусан, дар боби ҳаштуми он дар мавриди пандҳои Анӯшервон зикр гардида, он ҳамчун як шоҳи ормонӣ тасвир шудааст [15;16;18,с.32].

Робитаи ахлоқу таърихро Ибни Мискавайҳ чун василаи дастрасӣ ба фазилатҳо нишон дода, тарбият ва муҳити иҷтимоиро муҳимтарин омили касби фазоили ахлоқӣ медонад. Ибни Мискавайҳ «фитрӣ будани фазилатҳоро рад мекард ва ба иктисобӣ будани онҳо бовар дошт» [5, с.105-115].

Умуман, Ибни Мискавайҳ дар таълимоти худ аз рӯзгори шоҳону вазирон ва ахлоқу одоби онҳо ва низому тартиби кишвардорӣ ва умуру тадбири сиёсӣ ё сиёсати мудун нақлу ривоятҳо карда, ахлоқи ҳамидаву одоби волои баъзе аз онҳоро таърифу тавсиф намуда, пайравӣ ва ибрату таҷриба гирифтан аз онҳоро таъкид ва ахлоқи мазмумаву одоби пасти баъзе аз онҳоро мавриди мазаммату сарзаниш қарор дода, дурӣ ва парҳез аз онҳоро лозим меҳисобид. Ҳамин тавр, ҳикмати амалӣ ва ё фалсафаи ахлоқ дар таърихнигории мутафаккир аз ҷойгоҳи воло бархӯрдор буда, чуноне ки қаблан зикр намудем, аз диди ӯ, таърих бо дигар улум, аз ҷумла ахлоқ, пайвасти ногусастанӣ дорад. Ибни Мискавайҳ бештар дар таърихнависӣ аз он ривояту ахбор ва ҳодисоти таърихӣ нақл кардааст, ки дорои аҳаммияти муҳимми амалӣ бошанд ва насли оянда тавонанд аз онҳо таҷриба гиранд ва дар ҳаёти рӯзмарраашон таъсиргузор бошад. Аз ин ҷост, ки ӯ дар асари худ «Таҷориб-ул-умам» аз панду андарзҳо ва ахлоқу одоби шоҳону вазирон, амирону ҳокимони пешину даврони худ, бахусус аз андарзномаҳои шаҳриёрону шоҳаншоҳони эронӣ, мисолҳои зиёд оварда, назарияҳои таърихии худро ғанӣ гардонидааст ва онҳоро барои насли баъдӣ намунаи ибрат донистааст.

Хулоса, Ибни Мискавайҳ зимни таъсирпазирӣ аз муаррихони пешин ба нақд ва санҷиши ривоят диққати том дода, унсурҳои ақлгароиро дар таърихнигорӣ ва баҳогузорӣ ба воқеоти таърихӣ тақвият бахшидааст. Ба итминон метавон гуфт, ки биниш ва нигариши Ибни Мискавайҳ ба таърих дар асоси равиши таҷрибагароёна ва ақлгароёна мебошад. Равиши таърихнигории ӯ интиқодӣ ва ривоятӣ бо такя бар истинод ва баёну таҳлили ҳодисаву рӯйдодҳо буда, хусусияти фалсафӣ, мантиқӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ дорад. Ин тарзи муносибат ба таърих имконият медиҳад, ки нуқсонҳои содиршудаи таърихӣ аз ҷомеа берун ва ташаккули бонизоми давлату давлатдорӣ таъмин гардад.

**Муқарриз: Ахмедов С.А. – д.и.ф., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абуалӣ Мискавайҳ. Таҷориб-ул-умам. Ҷ. 1. Тарҷумаи Абулқосим Имомӣ. Теҳрон: Суруш, 1389.
2. Абуалӣ Мискавайҳ. Ҷовидон хирад. Тарҷумаи Тақиуддин Муҳаммади Шуштарӣ. –Теҳрон: Ковиш, 1378.
3. Амирхон Ш.Т. Фалсафаи иҷтимоии Қутбиддин Шерозӣ //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. № 3. —Душанбе, 2021. –С. 122-130.
4. Амондуллоев Б.С. Сарчашмаҳои таърихии ташаккули афкори фалсафии Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино / Б.С. Амондуллоев //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. № 2. —Душанбе, 2022. –С. 59-69.
5. Амондуллоев Б.С. Таҳлили муқоисавии «Таҳсил-ус-саодат»-и Форобӣ ва «Таҳзиб-ул-ахлоқ ва татҳир-ул-аъроқ»-и Ибни Мискавайҳ / Б.С.Амондуллоев, П.Н. Давлатов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. № 5. –Душанбе, 2021. –С. 105-115.
6. Давлатов П.Н. Абуалӣ Мискавайҳ ва мақоми ӯ дар таърихи афкори фалсафӣ / П.Н. Давлатов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2020. № 4. – С. 143-149.

7. Зарринкуб Абдулҳусайн. Таърих дар тарозу. –Теҳрон, 1354.
8. Зарёб Хӯи Аббос. Муаррихони Эрон дар давраи ислом. –Теҳрон, 1379.
Ва чунин муносибат асосан тавассути «мантиқи ҳузур» дар умумии (ҳастӣ) махсус ва муҷаррад (субстансия ва объектҳои материалӣ), инчунин ба воситаи «мантиқи тафсир»-и махсус ва муҷаррад дар умумӣ (объектҳои материалӣ бо тамоми боигарии хосиятҳо ва муносибатҳои гуногуни худ мазмуни ҳақиқии худи субстансияро ташкил медиҳанд ва охирин ҳамчун воситаи бунёдии амалишавии ҳастӣ амал мекунад) амалӣ мегардад.

**Муқарриз: Диноршоева З. М.- д.и.ф., профессори ИФСҲ ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ**

**АДАБИЁТ**


1. Акчурин И. А. Единство естественнонаучного знания / И. А. Акчу- рин. - М. : Наука, 1984. - 207 с.
2. Алексеев И. С. О критериях научной рациональности / И. С. Алексеев // Методологические проблемы историко-научных исследований / под общ. ред. И. С. Алексеева. - М. : Наука, 1982. - С. 112-113.
3. Антология мировой философии в 4 т. / под общ. ред. В. В. Соколова. - М. : Мысль, 1969. - Т. 1. - Ч. 2. - С. 577-936.
4. Аристотель. Метафизика / Аристотель // Соч. в 4 т. - М. : Мысль, 1976.-Т. 1.-552 с.
5. Аскин Я. Ф. Философский детерминизм и научное познание / Я. Ф. Аскин.- М.: Мысль, 1977.- 188 с.
6. Асмус В. Ф. Иммануил Кант / В. Ф. Асмус. - М. : Наука, 1973. – 539 с.
7. Баженов J1. Б. Строение и функции естественнонаучной теории / JI. Б. Баженов // Синтез современного научного познания. - М. : Наука, 1973. - С. 390-420.
8. Барт Р. Избранные работы: Семиотика, Поэтика / Р. Барт. - М. : Спутник, 2003.-271 с.
9. Батищев Г. С. Категория противоречия и ее мировоззренческая функция / Г. С. Батищев // Диалектическое противоречие. - М. : Политиздат, 1979.-248 с.
10. Батищев Г. С. Противоречие как категория диалектической логики / Г. С. Батищев. - М. : Высшая школа, 1963. - 362 с.
11. Бахтин М. М. Человек в мире слова / М. М. Бахтин. - М. : Изд-во Российского открытого ун-та, 1995. - 140 с.
12. Бердяев Н. Философия свободного духа / Н. Бердяев. - М. : Республика, 1994.-324 с.
13. Библер В. С. Понятие как элементарная форма движения науки / В. С. Библер // Анализ развивающегося понятия. - М. : Наука, 1967. - 439 с.
14. Босенко В. А. Всеобщая теория развития / В. А. Босенко. - Киев : Наука, 1966. - 327 с.
15. Бурдье В. Основные идеи философов двадцатого века в их произведениях / В. Бурдье. М. : Едиториал УРСС, 2011. - 872 с.

16. Гадамер Х. Г. Актуальность прекрасного / Гадамер Х. Г. - М. : Искусство, 1991. - 367 с.
17. Гайденко П. П. Научная рациональность и философский разум / П. П. Гайденко. - М. : Прогресс-Традиция, 2003. - 528 с.
18. Гартман Н. К основоположению онтологии / Н. Гартман. - СПб. : Наука, 2003. - 640 с.
19. Гартман Н. Метафизика познания / Н. Гартман. - СПб. : Галатея, 2011.-274 с.
20. Гартман Н. Познание в свете онтологии / Н. Гартман. - Екатеринбург : Западная философия, 1997. - 529 с.
21. Гартман Н. Старая и новая онтология / Н. Гартман. - М. : Историко- философский ежегодник, 1988. - 386 с.
22. Гартман Н. Строение реального мира / Н. Гартман. - СПб. : Галатея, 2011.-262 с.
23. Гегель Г. В. Ф. Лекции по истории философии. Книга первая / Г. В. Ф. Гегель // Соч. в 14 т. - М. : Партийное издательство, 1932. - Т. 9. - 306 с.
24. Гегель Г. В. Ф. Лекции по истории философии. Книга вторая / Г. В. Ф. Гегель // Соч. в 14 т. - М. : Партийное издательство, 1932. - Т. 10. - 448 с.
25. Гегель Г. В. Ф. Лекции по истории философии. Книга третья / Г. В. Ф. Гегель // Соч. в 14 т. - М. : Соцэкгиз, 1935. - Т. 11. - 520 с.
26. Гегель Г. В. Ф. Наука логики / Г. В. Ф. Гегель. - М. : Мысль, 1970. - Т. 1.-482 с.
27. Гегель Г. В. Ф. Наука логики / Г. В. Ф. Гегель. - М. : Мысль, 1971. - Т. 2. - 228 с.
28. Гегель Г. В. Ф. Наука логики / Г. В. Ф. Гегель. - М. : Мысль, 1972. - Т. 3.-310 с.
29. Гегель Г. В. Ф. Наука логики. Энциклопедия философских наук / Г. В. Ф. Гегель. - М. : Мысль, 1974. - Т. 1. - 452 с.
30. Гегель Г. В. Ф. Письмо Гете от 24 февраля 1821 г. / Г. В. Ф. Гегель // Работы разных лет : в 2 т. - М.: Мысль, 1973. - Т. 2. - 567 с.
31. Гегель Г. В. Ф. Система наук. Часть первая. Феноменология духа / Г. В. Ф. Гегель // Соч. в 14 т. - М.: Изд. социально - эконом, лит., 1959. Т. 4. - 435 с.
32. Гегель Г. В. Ф. Философия духа. Энциклопедия философских наук / Г. В. Ф. Гегель. - М. : Мысль, 1977. - Т. 3. - 408 с.
33. Гегель Г. В. Ф. Философия истории / Г. В. Ф. Гегель // Соч. в 14 т. - М. : Гос. соц.-эконом. изд. 1935. - Т. 8 - 424 с.
34. Гейзенберг В. Физика и философия / В. Гейзенберг; Пер. с нем. И. А. Акчурина, Э. А. Андреева. - М. : Иностранная литература, 1963. - 335 с.
35. Гуссерль Э. Философия как строгая наука / Э. Гуссерль. - Новочеркасск : Философские истоки, 1994. - 643 с.
36. Ғафорова М.Қ. Асосҳои фалсафа. Душанбе, 2012. - 184 с.
37. Делез Ж. Что такое философия / Ж. Делез, Ф. Гваттари. - СПб. : Изд-во ЛГУ, 1998.-473 с.
38. Диоген Лаэртский. О жизни, учениях и изречениях знаменитых философов / Лаэртский Диоген. - 2-е изд., испр. - М. : Мысль, 1986. - 570 с.
39. Иванов С. Ю. Категории единичного, особенного, всеобщего: опыт логико-философского анализа : монография / С. Ю. Иванов. - Магнитогорск : Изд-во МаГУ, 2008. - 232 с.
40. Ильенков Э. В. Единичное / Э. В. Ильенков // Философская энциклопедия. - М. : Советская энциклопедия, 1962. - Т. 2. - 682 с.
41. Ильенков Э. В. Единство / Э. В. Ильенков // Философская энциклопедия. - М. : Советская энциклопедия, 1962. - Т. 2. - 694 с.
42. Ильенков Э. В. Философия и культура / Э. В. Ильенков. - М. : Изд- во полит, лит-ры. 1991. - 464 с.
43. Кант И. Критика чистого разума / И. Кант // Соч. в 6 т. - М. : Мысль, 1964.-Т. 3.-799 с.
44. Кант И. Критика практического разума / И. Кант // Соч. в 6 т. - М. : Мысль, 1964.-Т. 4.-687 с.
45. Кант И. Пролегомены ко всякой будущей метафизике, могущей появиться как наука / И. Кант // Соч. в 6 т. - М. : Мысль, 1965. - Т. 4. - ч. 1. - 504 с.
46. Кант И. Критика способности суждения / И. Кант // Соч. в 6 т. - М. : Мысль, 1966. - Т. 5. - 530 с.
47. Кант И. Логика. Пособие к лекциям / И. Кант // И. Кант. Трактаты и письма. - М. : Наука, 1980. - 444 с.
48. Кедров Б. М. О «диалектике природы» Ф. Энгельса / Б. М. Кедров. - М. : Высшая школа, 1973. - 184 с.
49. Кедров Б. М. Оперирование научными понятиями в диалектической и формальной логике / Б. М. Кедров // Диалектика и логика. Формы мышления. - М. : Изд. АН СССР, 1962. - 344 с.
50. Клементьев Е. Д. К вопросу об определении категорий единичного и общего / Е. Д. Клементьев // Доклады второй научной конференции кафедр общественных наук. - Томск, 1979. - 246 с.
51. Курбанов Р. О. Мировоззрение в философии и физике / Р. О. Кур- банов. - Баку : ЭЛМ, 1983.- 184 с.
52. Лакатос И. История науки и ее рациональная реконструкция / И. Лакатос // Структура мира и развитие науки: Из Бостонских исследований по философии науки. -М. : Образование, 1978. - 235 с.
53. Леви-Строс К. Печальные тропики / К. Леви-Строс. - М. : Наука, 2002. - 279 с.
54. Леви-Строс К. Структурная антропология / К. Леви-Строс. - М. : Наука, 2001.-485 с.
55. Лосев А. Ф. Философия. Мифология. Культура / А. Ф. Лосев. - М. : Республика, 1991. - 525 с.
56. Лотман Ю. М. Структура художественного текста / Ю. М. Лотман. -М. : Наука, 1970.-484 с.

57. Мамардашвили М. К. Классические и неклассический идеалы рациональности / М. К. Мамардашвили. - М. : «Логос», 2004. - 238 с.
58. Мамардашвили М. К. Эстетика мышления / М. К. Мамардашвили. - М. : Моск. шк. Полит. исследов., 2000. - 416 с.
59. Мареев С. Н. Диалектика формального и содержательного в познании (историко - методологический очерк) / С. Н. Мареев // Проблемы материалистической диалектики как теории познания. - М., 1979. - 188 с.
60. Маркс К. Тезисы о Фейербахе / К. Маркс // Маркс К., Энгельс Ф. Соч. - 2-е изд. Т. 3, - 639 с.
61. Ойзерман Т. И. Главный труд Канта / Т. И. Ойзерман // Кант. Соч. в 6 т. - М. : Мысль, 1964. - Т. 3. - 596 с.
62. Принцип единства / отв. ред. Я. Ф. Аскин. - Саратов : СГУ, 1980. -256 с.
63. Противоречие как источник развития. Проблемы диалектики: меж- вуз. сб. / отв. ред. Ф. Ф. Вяккерев. - Л. : ЛГУ, 1988. - Вып. XIII. - 184 с.
64. Сагатовский В. Н. Основы систематизации всеобщих категорий / В. Н. Сагатовский. - Томск : Томский медицинский институт, 1973. - 431 с.
65. Спиноза Б. Избранные произведения в 2 т. / Б. Спиноза. - М. : Ин- терра, 1996.-Т. 2.-592 с.
66. Спиркин А. Г. Особенное / А. Г. Спиркин // БСЭ. - 3-е изд. - М., 1974.-Т. 18.-869 с.
67. Столяров В. И. Диалектика как логика и методология науки / В. И. Столяров. - М. : Политиздат, 1975. - 247 с.
68. Таърихи фалсафаи тоҷик. Аз қадим то асри XX. Ҷилди II. Душанбе, 2016. - 892 с.
69. Фейербах Л. Избр. филос. произведения: в 2 т. / Л. Фейербах. - М. : Гос. изд. полит, литер., 1951. - Т. 1. - 483 с.
70. Философский словарь. - М. : Политиздат, 1987. - 590 с.
70. Философский энциклопедический словарь. - М. : Советская энциклопедия, 1983.-840 с.
71. Франк Ф. Философия науки / Ф. Франк. - М. : Иностранная литература, 1960.-543 с.
72. Фролов И. Т. Этика науки: Проблемы и дискуссии / И. Т. Фролов, Б. Г. Юдин. - М. : Политиздат, 1986. - 398 с.
73. Чепиков М. Г. Интеграция науки: (Философский очерк) / М. Г. Че- пиков. - М. : Наука, 1981. - 246 с.
74. Чупин П. П. Философские основы логики и методологии научного познания / П. П. Чупин. - Свердловск : Изд-во Свердловского ун-та, 1975. - 328 с.

## ҶУЗЪИ ОНТОЛОГИИ ТАСВИРИ ОЛАМ

Ҷанбаи онтологии тасвири оламро дар асоси дарки олами объективӣ аз нуқтаи назари якҷояи мантиқии физикӣ, химиявӣ, биологӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ намудан лозим мебошад. Дар мақола асосҳои категориалии фалсафӣ (умумӣ, махсус, муҷаррад), ки моҳияти сатҳҳои асосии баёни воқеиятро дар ҷузъи онтологии тасвири олам ифода мекунанд, ба ҳам пайваста, ба ҳам алоқаманд мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Ҳамин тариқ, умумӣ дар ҷузъи онтологии тасвири олам тавассути категорияи ҳастӣ, махсус тавассути категорияи субстансия, муҷаррад тавассути маҷмуи мафҳумҳо дар бораи ҳақиқати муҷаррад ва гуногунрангии объектҳо пешниҳод карда мешаванд. Асосҳои категориалии фалсафӣ (умумӣ, махсус, муҷаррад), ки моҳияти сатҳҳои асосии баёни воқеиятро дар ҷузъи онтологии тасвири олам ифода мекунанд, ба ҳам пайваста, ба ҳам алоқаманд ва тобеъ мешаванд. Ва чунин муносибат асосан тавассути «мантиқи ҳузур» дар умумии (ҳастӣ) махсус ва муҷаррад (субстансия ва объектҳои материалӣ), инчунин ба воситаи «мантиқи тафсир»-и махсус ва муҷаррад дар умумӣ (объектҳои материалӣ бо тамоми боигарии хосиятҳо ва муносибатҳои гуногуни худ мазмуни ҳақиқии худи субстансияро ташкил медиҳанд ва охирин ҳамчун воситаи бунёдии амалишавии ҳастӣ амал мекунад) амалӣ мегардад.

**Калидвожаҳо:** онтология, тасвири олам, умумӣ, махсус, муҷаррад, категория, воқеияти объективӣ.

## ОНТОЛОГИЧЕСКАЯ ОСНОВА КАРТИНЫ МИРА

Изучение картины мира должно осуществляться на основе логического общего анализа с позиций физики, химии, биологии и социологии. В статье рассматриваются категориальные философские основы (общее, особенное, единичное), которые выражают сущность основных уровней выражения реальности в онтологической составляющей картины мира во взаимосвязи. Таким образом, всеобщность в онтологической части образа мира представлена через категорию существования, конкретно через категорию субстанции, абстрактную через совокупность представлений об абстрактной истине и многообразии объектов. Категориальные философские основания (общее, специальное, индивидуальное), представляющие собой суть основных уровней выражения действительности в онтологической составляющей образа мира, взаимосвязаны и подчинены. И такое отношение осуществляется преимущественно через «логику присутствия» в общем (бытии) особенном и абстрактном (вещество и

материальные объекты), а также через специальную и абстрактную «логику интерпретации» в общем (материальные объекты со всеми богатствами их свойств и различных отношений составляют истину самой субстанции и последняя выступает основным средством реализации существования).
**Ключевые слова:** онтология, картина мира, общее, особенное, единичное, объективная реальность

**ONTOLOGICAL BASIS OF THE WORLD PICTURE**

The study of the picture of the world should be carried out on the basis of a logical general analysis from the positions of physics, chemistry, biology and sociology. The article examines categorical philosophical foundations (general, particular, individual), which express the essence of the main levels of expression of reality in the ontological component of the picture of the world in interconnection. Thus, universality in the ontological part of the image of the world is represented through the category of existence, specifically through the category of substance, abstract through a set of ideas about abstract truth and the diversity of objects. Categorical philosophical foundations (general, special, individual), which represent the essence of the main levels of expression of reality in the ontological component of the image of the world, are interconnected and subordinated. And such a relationship is carried out primarily through the "logic of presence" in the general (being), special and abstract (matter and material objects), as well as through the special and abstract "logic of interpretation" in the general (material objects with all the riches of their properties and various relationships constitute the truth the substance itself and the latter acts as the main means of realizing existence).
**Key words**: ontology, picture of the world, general, special, individual, objective reality

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Субҳонзода Салоҳиддин Икром –*** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои фалсафа, мудир, кафедраи фалсафа. **Суроға**: 735140, шаҳри Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 67. E-mail: **salohsubhon1985@mail.ru** Телефон: **918136760**

**Сведения об авторе*:*** ***Субхонзода Салохиддин Икром*** **-** Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава**,** кандидат философских наук, заведующий**,** кафедра философии. **Адрес**: 735140, , город Бохтар, Республика Таджикистанулица Айни 67. . E-mail: **salohsubhon1985@mail.ru** Телефон: **918136760**

**Information about the author: Subkhonzoda Salohiddin Ikrom -** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Candidate of Philosophy, Head, Department of Philosophy. **Address:** 735140, Bokhtar city, Republic of Tajikistan, Aini street 67. E-mail: **salohsubhon1985@mail.ru** Phone: **918136760**

ТДУ:1/14 (091) (575.3)

# ОЗОДӢ ВА ФАРМОНБАРДОРИИ ШАХС ДАР МУНОСИБАТ БО ҲОКИМИЯТИ СИЁСӢ-ИҶТИМОӢ

*Зикирзода Ҳ.*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Ҳокимият ва озодӣ одатан ҳамчун мафҳумҳои мутақобила маънидод мешаванд. Ҳангоми вуҷудияти қудрат ё ҳокимияти касе озодии шахси дигар коҳиш меёбад. Ҳадафи таҳқиқотамон дар ин мақола баррасии моҳияти ин нуқтаи назари бартаридошта дар бораи муносибатҳои байни ду мафҳум ва пешниҳоди тафсири мураккабтар дар фалсафаи машшоиёни шарқӣ аст. Муносибатҳои байни қудрат ва озодӣ дар ин ҷо дар асоси фарқияти ду тафсири қудрат, яъне қудрат барои тобеъ кардан ва қудрат барои пешравии инсон ё ҷомеа баррасӣ мегардад. Ҳокимият барои тобеъ кардан, ки таърифи классикӣ ва васеътари қудратро ифода мекунад, онро ҳамчун як навъ муносибати иҷтимоӣ маънидод мекунад. Ҳангоме ки машшоиёни шарқӣ ва умуман мутафаккирони файласуф дар бораи қудрат ҳарф мезананд, одатан ба муносибатҳои иҷтимоии байни ҳокимон ва фармонбардорони онҳо ишора мекунанд, ки дар онҳо фард метавонад таҳти таъсири фаъолият (ё бефаъолияти)-и каси дигар қарор гирад.

Ҳамин тавр, ҳокимият ба монанди озодӣ яке аз шартҳои маъмултарини афкори иҷтимоӣ-сиёсӣ буда, монанди мафҳуми “озодӣ” он яке аз баҳсбарангезтарин аст. Бидуни шак, яке аз муҳимтарин консепсияи ҳокимият дар таърихи афкори сиёсии замони муосир ба номи М. Вебер мутааллиқ дониста мешавад, ки онро дар асараш бо номи “Хоҷагидорӣ ва ҷомеа” пешниҳод намудааст. Вай ҳокимиятро чунин тафсир медиҳад: “Ҳокимият ҳамчун қудрат ба маънои васеи он, яъне ҳамчун имконияти тобеъ кардани рафтори шахси дигар ба иродаи хеш мебошад, ки метавонад дар шаклҳои гуногун вуҷуд дошта бошад. Агар, масалан, тавре ки баъзан анҷом дода мешавад, мо ба ҳайси қудрат даъвоямонро шуморем, ки онро қонун барои як шахс дар нисбати каси дигар ё дигарон, ки чунин ҳуқуқ надоранд, эътироф мекунад, масалан, ҳуқуқи даъвои қарздиҳанда нисбат ба қарздор, ки дар натиҷа мо тамоми соҳаи ҳуқуқи хусусии муосирро ҳамчун ғайримарказикунонии ҳукмронӣ дар дасти онҳое шарҳ медиҳем, ки барои истифода аз зӯрии қонун ҳуқуқ доранд [2,с.348].

Оё муносибати мутафаккирони машшоияи шарқӣ ба чунин тарзи баёни таносуби ҳокимият ва озодии инсон дар ақоиди файласуфони муосири Ғарб чӣ гуна мутобиқат карда метавонад? Қабл аз ҳама, бояд мутазаккир шуд, ки дар маҷмуъ Ал-Киндӣ, Форобӣ, Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ муътақиданд, ки инсон бино ба табиаташ ва ниёзҳои шахсиаш ночор ба ҳаёти иҷтимоӣ ворид мешавад. Аз ҷониби дигар, инсон ба зоташ тамоюл ба истиқлол дорад ва аз ин ки озодӣ ва хостаҳояш ба василаи дигарон маҳдуд мешаванд, хосияти эътироз пайдо мекунад: ҳеҷ кас баробар бо сиришти аввалия намехоҳад, то дигаре дар кораш дахолат кунад ва то касе хоҳони роҳнамоӣ ва кумак нашавад, гурез дорад, ки дигаре ӯро ба роҳу равише водор нанамояд ва ҳаёти вай аз дигарон вобастагӣ надошта бошад, ки ин маънии истиқлолхоҳии ӯст. Он ки дигарон ӯро ба суди худ истифода накунанд ва дар зери фармони дигарон умр ба сар набарад, бо ғаризаи озодихоҳии ӯ баробар аст. Аммо, чуноне ки Ибни Сино навиштааст, дар ин матлаб нуктаи дигаре ҳам ҷой дорад:

“Инсон ҳатман бояд шахси дигаре аз навъашро қонеъ кунад, он шахс дар навбати худ ин ва назири ин (шахс)-ро қонеъ гардонад. Масалан, ин барои он (чизе) биёрад, он барои ин нон пазад, ин барои дигар дӯзандагӣ кунад, дигарӣ барои ин сӯзан тайёр кунад ва ҳамин тавр чун ба ҳам оянд, кори онҳо барор гирад. Бинобар ин, маҷбур шуданд, ки эшон ба шаҳрҳову ҷамоатҳо бигараванд. Баъд, ҳар кӣ аз эшон дар гаравидани шаҳри худ ба шартҳои шаҳр риоя накунад ва ӯ бо шариконаш фақат ба ҷамоате кифоя кунанд, ҷинсе ҳосил шавад, ки аз мардум қариб дур буда, ҷудо аз камолоти одамиён бошад [1,с.232]. Ба ибораи дигар, агар ниёзҳои мардум яктарафа бошанд, шумораи камтари онон муҷиби пастию хорӣ мегардад, зеро агарчи ҳар касе ба дигарон ниёз дорад, аммо дигарон ҳам аз ҷиҳати дигар ба ӯ ниёз доранд ва агар ҷанбаҳои гуногуни ниёзмандиҳои онҳо аз ду тараф бо ҳам баробар бошанд, ҳеҷ як аз мардум бар дигаре бартарӣ нахоҳад дошт ва адлу баробарии дурусти байни онҳо фароҳам намеояд ва касе камарзиштар аз дигаре нахоҳад буд. Аммо, агар таодули дуруст байни корҳо набошад, яке камтар ва дигаре бештар кор кунад, он яке, ки камкор аст ва ё кораш камарзиштар аст, ниёзмандтар ва сабуку хортар хоҳад буд. Ба маънои дигар, ишора мекунад Ибни Сино, “раво нест, ки дар он кор мардум ба ақидаҳои хеш озодбуда ихтилоф кунанд ва ҳар яке чизи мувофиқаш бударо адл ва бархилофи он бударо – зулм пиндорад” [1, с.200]. Барои ҳамин мутафаккирони машшоӣ будани ҳокимро дар танзими ин корҳо зарур мешуморанд ва ин ҳокимиятро дар ибтидо ҳамчун ҳокимияти илоҳӣ ё аниқтараш, ҳокимияти пайғомбарӣ маънидод менамоянд.

Машшоиёни шарқӣ аҳаммияти таълимоти диниро ба назар гирифта, тадриҷан дар доираи осори сиёсиву фалсафии худ хусусиятҳои онҳоро ифшо мекунанд, аммо ин гуфтор маънои онро надорад, ки онҳо бар зидди таълимоти динӣ баромада бошанд, балки аксари ин файласуфон саъю кӯшиши худро барои дарк кардани он бахшидаанд, ки дин бояд ҳамчун як шакли ҷаҳонбинӣ фақат бо низоми эътиқоду ибодат маҳдуд набошад. Фалсафаи машшоиёни шарқӣ хусусияти пешгӯии низоми диниро бартараф карда, онро дар самтҳои дигари идроки ақлонӣ баррасӣ мекунад. Ҳамин тариқ, онҳо як навъ озодандеширо дар фалсафаи умумиисломӣ монанди мактабҳои дигари ақлгаро поя гузошта, онро дар таълимоти гуногунашон, аз ҷумла, таълимоти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва бавижа, ислоҳоти давлатдорӣ бар асоси таълимоти умумиисломӣ ва такя ба фалсафаи юнонӣ дар сурати ақоиди афлотунӣ ва арастуӣ ба роҳ монданд. Ба як маънӣ, ин синтези ақоид ба ормонисозии як давлати сиёсии комил, идеалӣ ва қариб утопиявӣ бурда расондааст. Тавре ки аз асарҳои мухталифи машшоиёни шарқӣ дида мешавад, ин таълимоти онҳо ҳамчун омехтаи фалсафаи амалӣ ва назариявӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар он дониши фалсафӣ бояд ба татбиқи он дар ҷомеа равона карда шавад. Фалсафаи онҳо имкон медиҳад, ки як шаҳри ормонӣ ё ба истилоҳи онҳо – “мадинаи фозила” ташкил карда шавад, ки дар он, ба ақидаи онҳо, озодии инсон ва саодати дунявӣ ба даст хоҳад омад. Дар иртибот бо ин, шиносоии мутафаккирони машшоияи шарқӣ бо “Ҷумҳурият” ва “Қонунҳо”-и Афлотун наметавонад фақат ҳамчун як фаъолияти зеҳнӣ, балки заминаи фаҳмиши алтернативии созмон додани ҳокимияте маънидод мешавад, ки бунёд намудани давлат ва ҷомеаи дорои хусусияти сиёсиро имконпазир мегардонад: симои подшоҳ-файласуфи афлотуние, ки дар “Ҷумҳурият” ва тасвири қонунгузоре, ки ба “Қонунҳо” хос аст, дар таълимоти сиёсӣ-иҷтимоии машшоиёни шарқӣ бо симои пешвои сиёсӣ-

мазҳабӣ, ба монанди паёмбари ислом “оштӣ” дода мешавад. Форобӣ дар китоби “Ас-Сиёсат ул-мадания” масъалаи ҳокимиятдориро баррасӣ намуда, савол мегузорад, ки кадом шахс ба маънои мутлақи он роҳбари аввали шаҳри ормонӣ шуда метавонад ва посух медиҳад, ки “ӯ ҳамон шахсест, ки комилан ниёз ба касе надорад, то ӯро роҳбарӣ кунад...; барои вай [ҳатмӣ] нест, ки қобилияти батафсил донистани ҳама чизҳои ҷудогонаеро, ки бояд ба иҷро расанд, дошта бошад, аммо ӯ қодир аст, ки ба таври олиҷаноб ҳамаи дигаронро нисбат ба ҳама чизҳое, ки худаш медонад, роҳнамоӣ кунад. Чунин шахсро пешиниён ҳокими ҳақиқӣ меҳисобиданд ва дар бораи ӯ метавон гуфт, ки ба ӯ ваҳй нозил шудааст [3, с.14]. Мафҳуми “ваҳй”-ро дар ислом ба пайғомбар нисбат медиҳанд, ки он аз ҷониби Худо ва аз тариқи фаришта нозил мешавад. Форобӣ бошад, аз чунин тафсири қуръонии “ваҳй” ба ҷанбаи навафлотунии ин тафсир рӯ оварда, тасдиқ мекунад, ки “ваҳй” ба инсон танҳо дар ҳолате нозил мешавад, ки агар вай барои пазируфтани он руҳан омода бошад. Ба ибораи дигар, агар байни ӯ ва ақли фаъол миёнараве вуҷуд надошта бошад. Ба ақидаи Форобӣ, ақли ғайрифаъол ба модда монанд буда, ҳамчун субстрат барои ақли муктасаб ҳисоб меёбад ва ақли муктасаб бошад, ба моддае шабоҳат дорад, ки субстрат барои ақли фаъол буда, аз он ақл қуввае содир мешавад, ки бо ёрии он шахс метавонад чизҳо ва амалҳоро муайян намуда, онҳоро барои ба даст овардани саодат равона месозад [3, с.120].

Барои ҳамин, таҳияи назарияи фалсафӣ, ки дар он созишномаи ормонии байни шоҳ, паёмбар, файласуф ва қонунгузор имконпазир буда метавонист, вазифаи асосии Форобӣ ва пайравони дигари машшоияи шарқӣ ба шумор меравад. Сухан инчунин дар бораи тамоюлоти фикрӣ-сиёсии онҳо меравад, ки тавассути он ин мутафаккирон барои ҷустуҷӯи роҳҳои ҳаллу фасли бархӯрдҳои фарҳангӣ ва низоъҳои байни афкори ақлонӣ ва динӣ саъй меварзиданд. Аз ин сабаб, фалсафа барои машшоиён ҳамчун қонунҳои бунёдии куллӣ танзим шудааст, ки новобаста аз эътиқод ё мазҳабҳои хосси ҳар як шахс мураттаб сохта шудаанд ва маҳз аз ҳамин сабаб метавонанд аз ҷониби ҳама эътибор дошта бошанд ва қабул гарданд. Дар ин ҷо озодии баён ё фикрии ин мутафаккирон ва талқини он дар муносибат ба тафаккури динӣ муайян мегардад.

Муаррифии афкори иҷтимоӣ-сиёсии машшоиёни шарқӣ аз муҳокимаи ҳадафи ниҳоии инсон оғоз гардида, сипас ба нишон додани табиати инсон ҳамчун як ҳайвони оқил ва пеш аз ҳама, ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ интиқол меёбад. Ба ибораи дигар, инсон, ба ақидаи ин файласуфон, ҳамчун мавҷуде зоҳир мешавад, ки зарурати муттаҳид шудан бо дигарон, яъне шомил шудан ба ҷомеаро барои дарк кардани қобилиятҳои хосси табиати худиаш эҳсос мекунад. Аммо якҷоя будани одамон ҳамчун иттиҳодияи одии онҳо кифоя нест, балки барои расидан ба ҳадафи умумӣ якҷоя бо роҳбари он саъй варзидан лозим аст. Масалан, Форобӣ менависад: “Агар онҳо (одамон – З.Ҳ.) халқро ташаккул диҳанд, ин халқ фозил аст ва агар ин одамонро як ҷойи сукунат муттаҳид созад, ин маскани умумии онҳост, ки ҳамаи онҳоро таҳти чунин роҳбарӣ (роҳбарии аввал – З.Ҳ.) якҷоя мекунад, мадинаи фозила ном дорад. Агар онҳо бо як сукунатгоҳ муттаҳид нашуда, балки дар ҷойҳои гуногун ҳаёт ба сар мебаранд ва дар ҷойҳои гуногун зиндагӣ карда, сокинони онҳо на ба ин роҳбар, балки ба роҳбари дигар итоат намоянд, дар ин ҷойҳо одамони фозил бегонаанд” [3, с.123]. Одамон бошанд, ба туфайли ҳуқуқи интихобии худ метавонанд дар истинод

бар одатҳои ҳаётию амалҳо ва тибқи фазилатҳои фитриашон ҳастии хешро рушд диҳанд (ҳатто то омезиш бо вуҷуди илоҳӣ, чуноне ки дар тасаввуф аст) ё бо ҳидояти ҳамон принсипи тафаккур ба сӯйи шарру бадиҳо роҳ паймояд (ва ҳатто бо ҳайвоноти дигар айният пазирад). Бо таъкид бар қобилияти интихоб кардан Форобӣ баҳс мекунад, ки агар шахс комилан фозил бошад, вай дар байни дигар одамон мақоми баландтареро ба ҳайси ҳоким соҳиб хоҳад гашт: “Номи “ҳоким” ба қудрат ва азамат ишора мекунад. Қудрати том бошад, маънои бузургтарин қувваи тавоноӣ ва далели онро дорад, ки қудрати ӯ бар чизе танҳо ба воситаи ашёи берунӣ дар нисбати ӯ амалӣ намешавад, он дар худи вай дар натиҷаи қобилияти бузург имконпазир аст, ба шарте ки агар санъат, табъ ва фазилати ӯ ба қувваи хеле қавӣ доро гардад. Ин кор танҳо бо ҷой доштани қобилияти бузурги маърифатӣ, қобилияти тафаккури бузург, қувваи бузурги фазилат ва санъат имконпазир аст. Дар акси ҳол, ба ӯ қудрати мутлақ соҳиб намешавад ва қудрат ҳам нахоҳад дошт [3, с.120]. Ба таври умум, ин маърифат дар мафҳуми “ҳикмат” ҷамъбаст мешавад, ки онро Форобӣ ҳамчун ҳадафе маънидод менамояд, ки маҳз тавассути таълим бояд ҳокимон аз ҷаҳолат берун бошанд, зеро ҳокимони ҷоҳил наметавонанд бар шаҳр ҳукмронӣ кунанд. Ин ҳадаф ба он маъно дақиқ аст, ки ҳоким барои аъзоёни гурӯҳҳои сершумор, ки аз рӯйи дараҷаҳои гуногун аз ҳамдигар фарқ мекунанд, бояд намунаи ибрат бошад.

Чунин фарқияти мартабавӣ ва мақомии одамон на фақат дар фалсафаи Форобӣ, балки дар таълимоти ҳамаи мутафаккирони машшоиёни шарқӣ ба мушоҳида мерасад: барои онҳо фарқияти ҳам табақавӣ ва ҳам мартабавии байни одамон вуҷуд дорад ва он фарқияти табииест, ки онҳо дар муқоиса бо одамони дигар дар мақому мартабаҳо гузошта мешаванд. Аз ҷониби дигар, агар шахс бо сабаби маҳдудиятҳои худ баъзе вазифаҳояшро иҷро карда натавонад, вай метавонад дар иттиҳодия бо дигарон фаъолияти худро бо истифода аз фазилатҳои хеш анҷом диҳад. Ин имконият ва зарурати дар гурӯҳ фаъолият намудани шахс бо дарназардошти таҷрибаю малакаҳои гуногуни аъзои он фароҳам мегардад. Ин фазилати ахлоқӣ аст, яъне фазилатест, ки инсон ҳангоми дарк кардани он, ки наметавонад ҳама чизро барои пурра амалӣ сохтани имкониятҳояш дошта бошад, инкишоф медиҳад ва бинобар ин аз амалҳои шоистаи дигарон истифода мекунад. Аз рӯйи аҳамҳияти худ, фазилати ахлоқӣ дар байни шаклҳои дигари он, ки шахс дар гурӯҳ ва ё ҳатто дар шаҳр амалӣ месозад, олитарин аст. Чунин тафаккур ба ташаккули сохторе мувофиқат мекунад, ки ҳар як ҷузъи он барои нигоҳдорӣ ва таҳаввули дигараш ҳамкорӣ мекунад. Ба маънои дигар, ҳаёти иҷтимоии шахс зарурат аст, ки дар он имкони озодӣ ва ё фармонбардории хешро нишон дода метавонад. Дар ҳаёти иҷтимоиаш инсон барои таъмини ризқу рӯзиаш маҷбур аст ба ягон шуғле машғул шавад ва ин шуғлҳо гуногунанд – аз касбҳои мушаххас, монанди дуредгарӣ, оҳангарӣ, хидматгорӣ то ба ҳокимиятдории ҳокимон, ки бо зердастонашон муносибати хосса доранд. Насируддини Тӯсӣ дар фасли “Дар сиёсати хидам ва одоби аттибои мулук”-и “Ахлоқи Носири”-аш менависад, ки сиёсати ҳокимон ду навъ аст: сиёсати фозила ва сиёсати ноқиса “ва соис (сиёсатмадор)-и аввал тамассук ба адолат кунад ва раиятро ба ҷойи асдиқо дорад ва мадинаро аз хайроти омма мамлу кунад ва хештанро молики шаҳват дорад. Ва соиси дувум тамассук ба ҷавр кунад ва раиятро ба ҷойи хавал ва абид дорад ва мадинаи пуршурур ом кунад ва хештанро бандаи

шаҳват дорад. Ва хайроти омма амн бувад ва сукуну маваддат бо якдигар ва адлу афофу лутфу вафо ва амсоли он... Ва мардумон дар ҳар ду ҳол назар бар мулук дошта бошанд ва иқтидо ба сирати эшон кунанд [5, с.212].

Ба ин маънӣ, дар таълимоти Насируддини Тӯсӣ ва дигар файласуфони машшоӣ фарқияти байни одамон, аниқтараш фарқияти табиӣ, ки онҳоро аз нигоҳи сохтори ҷисмонию зеҳнӣ муқаррар намудааст, ҷой дорад. Аз ин ҷо, ба иллати маҳдудияти ақлонию ҷисмониаш фард на ҳамаи вазифаҳо ва ё шуғлҳоро иҷро карда метавонад. Ин, дар навбати худ, тақозо мекунад, ки фард имкониятҳо ва зарурияти шахсиашро бо назардошти маҳорату малакаи онҳо, дар гурӯҳҳо амалӣ намояд ва фазилати ҳам касбӣ ва ҳам ахлоқии ӯ дар муқоиса бо дигарон дар муҳити умумии иҷтимоӣ санҷида ва баҳогузорӣ карда мешаванд. Ба ин маънӣ, файласуфони машшоӣ бо тасдиқи ихтилофи ақлонӣ-ҷисмонии одамон навъҳои қобилият, пеш аз ҳама, навъҳои тамоюлоти одамонро барои рушди онҳо ва малакаашонро барои маърифати ашё ва падидаҳо баррасӣ менамоянд. Ба иборати дигар, шаҳрванди мадинаи фозилаи ин мутафаккирон, масалан Насируддини Тӯсӣ, аз таҳаррук ва ҳаққи ширкат дар корҳои иҷтимоӣ бархӯрдоранд ва дар ҷавобгӯӣ ба ниёзҳое, ки дар иҷрои ҷамъи манофеи онҳо матраҳ аст, ба тавонҳои фардиашон вазифадоранд. Сухан, аз ҷумла, дар бораи муносибатҳои иҷтимоии аъзои он, аз ҷумла нисбат ба ҳокимони ҷомеа ё давлат меравад. Ин нуктаро мутафаккир дар муносибати ходимон ба ҳоким шарҳ дода, менависад, ки касе, ки ба хидмати онҳо машғул бошад, "сабили ӯ он бувад, ки мулозимати коре намояд, ки ба садри он кор бувад ва мувозибат кунад ва бар вазифае, ки мутакаффили он шуда бошад ва ҷаҳд кунад дар он ки насабулайни махдум бошад ба ҳар вақт, ки ӯро талаб кунад ва аз мудовамати ҳузур, ки муаддӣ бувад, ба малолат ҳам эҳтироз намояд, чӣ малолат аз касрати издиҳоми мардум бошад. Ва чун заҳмати халқ бар даргоҳи руасо бештар бувад, эшон ба малолат авло бошанд ва бояд ки ба ҳар кор, ки махдуми ӯ содир шавад, ӯро мадҳ гӯяд ва он корро ба ростӣ ситоиш кунад" [5, с.321]. Дар ин ҷо фармонбардории ходим ба ҳоким ба маънои фармонбардории ғулом ба ғуломдор маънӣ намегирад, балки меъёри рафтору кирдори расмиест, ки дар сатҳи давлатдории он давра қабул шудааст. Аз ҷониби дигар, мутафаккир шарҳ медиҳад, ки дар олам коре нест, ки дутарафа – хайр ва шарр набошад ва барои ҳамин ходим бояд ҷанбаҳои одилонаи фаъолияти ҳокимро ҷустуҷӯ карда, саъй намояд, ки дар пояи онҳо ба ситоиши ҳоким пардозад.

Ин нуктаи назарро, ки бештар хусусияти иҷтимоӣ-ахлоқӣ дорад, тақрибан дар осори ҳамаи машшоиёни шарқӣ ёфтан мумкин аст. Масалан, Форобӣ бо муқаррар кардани дараҷаҳо, сатҳҳо ва намудҳои касб ва имкониятҳои зеҳнию ҷисмонии одамон таваҷҷуҳро ба бунёди рушди мадинаи фозила намуда, ақидаеро пайгирӣ менамояд, ки ҳамаи одамон дар ҷомеа баробар нестанд ва аммо азбаски онҳо аз рӯйи ҷинсашон баробаранд ва аз ин ҷиҳат гӯё озоданд, нисбат ба онҳо муносибати хосса доштан зарур аст. Дар ҷомеа ба табақа ҷудо шудани одамон, моҳиятан, сохторест, ки гуногунрангии бешакки хислатҳо ва имкониятҳои онҳоро дар бар мегирад ва барои озодию фармонбардории онҳо, бартарии як гурӯҳ бар гурӯҳи дигар ва итоати дуюмӣ ба гурӯҳи аввалро замина мегузорад. Форобӣ дар бораи сохтори мадинаи фозилаи ормонии худ андеша намуда, фарқи байни онҳоеро, ки бояд ҳукмронӣ намоянд ва онҳое, ки бояд таҳти ҳукмронӣ қарор гиранд, возеҳан гузоштааст. Аз ҷумла, ӯ

менависад: "Дар ҳар як қисмати шаҳр як роҳбаре ҳаст, ки болотар аз ӯ аз байни мардуми як ҷамоа роҳбари дигаре нест ва фармонбардоре ҳаст, умуман бар ҳеҷ кас роҳбарӣ намекунад ва ҳам чунин [шахсе] ҳаст, ки ӯ бар онҳое, ки дар поёнтари ӯ қарор гирифтаанд, роҳбарӣ мекунад ва барои онҳое, ки аз ӯ болотаранд, тобеъ аст. Ин қатори [одамонест], ки дар мадинаи фозила аз ҷиҳатҳои гуногуни фазилаташон аз ҳамдигар бартарӣ доранд [3,с.121]. Аммо бо ин ҳама, вақте ки файласуф аз чунин сохтор дифоъ мекунад, ӯ ба зарурати доштани роҳнамое истодагарӣ мекунад, ки метавонад онҳоро ба роҳи рост ҳидоят карда, барои касби саодати ҳақиқӣ ба одамони мадинаи фозила кумак расонад. Ин маънои онро надорад, ки онҳое, ки роҳбарӣ мекунанд, бояд беаҳаммият будани роҳбарони дигарро тасдиқ кунанд ва шаъни онҳоро паст зананд. Ҳамаи онҳо дар ташаккули мадинаи фозила аҳаммият доранд, зеро ҳамаи онҳое, ки ҷузъи он ҳастанд, вазифаҳои махсуси худашонро доранд ва бояд барои ба ҳадди камол расонидани он кор кунанд.

Ибни Сино низ монанди Форобӣ ва Афлотуну Арасту дар тасвири моҳияти мадинаи фозила аз маданиуттабъ будани инсон оғоз кардааст. Бар асоси ин назария ҷомеаи инсонӣ дар ибтидо аз фардҳои ҳақиқӣ барпо шудааст, ки онҳо таҳти фишори ниёзҳо дар баровардани ҳоҷатҳои рӯзафзуни ҳаёташон, ки аз иродаи озодашон бармеояд, ба мафҳуми "лузуми ҳамёрӣ" ва хислати иҷтимоии зистан бо афроди дигар таркиб ва иҷтимоъ кардаанд. Муҳимтарин ва нахустин ҳадафи қонун ва қонунгузор, аз назари Ибни Сино, муқаррар намудани суннатҳои мадина бар асоси аҷзои сегонаи ҳокимон, пешаварон ва посдорон ва низ тартиби раёсати силсиламаротиб аст. Ибни Сино дар ин бора дар "Илоҳиёт"-и "Аш-Шифо" чунин овардааст: "Воҷиб аст, ки аввалин вазифаи возеи қонун (яъне қонунгузор – З.Ҳ.) вазъи суннан ва тартиби мадина ба маънои аҷзои сегонаи мадина – ҳокимон, асҳоби фоқиди мақом (пешаварон), посдорон (ал-мудаббир, ас-сунноъ, ал-ҳофиз) аст ва низ дар ҳар табақае аз онҳо низ раис мушаххас кунад, ки ба ин тартиб ҳамвора баъд аз ӯ ҳам силсиламаротибе аз руасо то поинтарин инсонҳо тартиб ёфтаанд, ҳифз шавад. Набояд ҳаргиз дар шаҳр фарди бекор ё фоқид ҷойгоҳи муайяне дошта бошад... Бар қонунгузор аст, ки батолат ва бекорагиро таҳрим карда, роҳи баҳрамандӣ аз ҳаззе, ки барои фарди дигар аст, масдуд бошад [2, с.212].

Дар баҳси эҷод ва таквини мадинаи одила Ибни Сино муътақид аст, ки баробарӣ ва адолати мутлақ дар низоми иҷтимоӣ ҷой надорад ва дар акси ҳол, боиси нобудии он мегардад. Дар "Рисолат ус-сиёса" мутафаккир овардааст: "Дар ҷомеаи яксон, бетабақа ва бидуни ихтилоф, ки ҳамаи аъзои он дар вазъияти баробар бошанд, сарнавиште ҷуз нобудӣ надорад" [3, с.121]. Ба маънои дигар, мадинаи одилаи Ибни Сино бар пояи тафовутҳои байни аъзои мардуми он шаҳр асос меёбад. Сабаби пешрафти ҷомеаи ноҳамгуна, ки гуногунии он, ба андешаи мутафаккир, аз мазоҳири заҳмат ва ҳикмату тадбир ва лутфи илоҳӣ аст, чизе ба ҷуз аз саодат ва адолат нахоҳад буд. Ӯ дар идомаи ин қазия менависад, ки василаи расидан ба ин саодатро тақсими кор бар асоси тафовутҳо дар миёни мардуми ҷомеа медонад, ки дар пайи он мафҳуми асосии "таовун" ("ба ҳам ёрирасонӣ, ҳамкорӣ") дар фалсафаи иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Сино зоҳир мешавад. Он таовунест, ки таҳти парчами қонун тавассути суннатгузор ва қонунгузор сурат мегирад ва қонунгузор, бошад, ҳамон ҳоким ё шоҳи мудаббир аст, ки Ибни Сино ӯро бартарин дар миёни одамон дониста,

ба ин сурат, ҳаёти иҷтимоиро дар мадинаи одила бар асоси нобаробарӣ ва низоми иҷтимоӣ-сиёсии силсиламаротиб баён месозад. Дар ин ҷо, мутафаккир ба тобеияти дараҷаи паст ба боло, фармонбардор бар фармондеҳ ва омма ба ҳоким таъкид намуда, аз ҷониби дигар зарурати аз озодии мутлақашон даст кашиданро ба хотири дар чаҳорчӯбаи қонунҳо ва низоми иҷтимоӣ ворид шуданаш нишон додааст [2, с.432]. Нобаробар будани силсиламаротиби табақаҳои ҷомеаро Насируддини Тӯсӣ низ таъкид намуда чунин навиштааст: "Ва ҳар ду шахс, ки миёни эшон дар саноате ё илме иштирок бувад, миёни эшон раёсате собит бувад, яъне, яке ки аз дигар дар он саноат комилтар бошад, раис ӯ бувад ва он дигар шахсро тоати ӯ бояд дошт, то мутаваҷҷеҳ бошад ба камол. Ва интиҳои ҳамаи ашхос бо шахсе бувад, ки мутои мутлақ ва муқтадои навъ бошад ба истеҳқоқ. Ё ашхосе, ки дар ҳукми як шахс бошанд, аз ҷиҳати иттифоқи орои эшон дар маслаҳати навъ" [5, с.200].

Ин матлаб дар таълимоти мутафаккирони дигари машшоияи шарқӣ ҳам ҷой дорад ва "ихтиёрӣ" даст кашидан аз озодии мутлақашон ҳамчун роҳи камол ва ба саодат расиданашон дар ҳамкорию ҳамбастагӣ бо аъзои дигари ҷомеа ва инчунин як навъ озодии маънавӣ маънидод карда мешавад. Ба маънои дигар, дар ташаккул ёфтани шаҳри ормонии машшоиёни шарқӣ, таваҷҷуҳи хосса ба он нукта дода мешавад, ки дар ин шаҳр саодат барои ҳамаи аъзои он имкон дорад ва симои ҳоким ҳамчун инсоне пешкаш гардидааст, ки дараҷаи олии донишҳоро касб намуда, имкони аз пайи хеш ба сӯйи пешравӣ бурдани боқимондаи одамонро дорад. Масалан, Ибни Сино чунин овардааст: "Дар тадбири умур ва ҳусни сиёсат сазовортарини мардум подшоҳону шаҳриёронанд, ки Худо ононро зимомдори умури бандагони худ намуда ва барои танзими билод дорои тасаллут ва қудрат кардааст... Ҳақиртарин ва кӯчактарин мардум ба сиёсати хуб ва тадбири неку ва тафаккури зиёд ва таъдибу таъҷил ва ба роҳи рост даровардану аз роҳи нодуруст боздоштан ва билҷумла, ба ҳамаи он чи ки шаҳриёр эҳтиёҷ дорад, муҳтоҷу ниёзманд аст [5, с.421].

Ҳангоми ташаккули мадинаи фозила ё одила, машшоиёни шарқӣ бо таваҷҷуҳи махсус бар он ақидаанд, ки дар он ҷое, ки хушбахтӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳимтарин ва нишондоди озодӣ барои ҳамаи сокинони он имконпазир аст, барои ҳоким ё роҳбари ормонӣ шудан фақат файласуф будан шарти зарурӣ ба шумор меравад, зеро ӯ ягона касест, ки ба сатҳи баландтарини донишу маърифат расида метавонад. Онҳо ҳамчун шахсоне муаррифӣ карда мешаванд, ки аллакай тавассути донишҳои назариявӣ ва амалӣ ба саодат расидаанд ва ҳамин тариқ ба дараҷаи олие расидаанд, ки онро дар нисбат ба фазилати инсонӣ бояд ба даст овард. Ҳамин тавр, файласуф барои роҳнамоии рафтори худ ба роҳнамо ё қонунгузоре ниёз надорад, балки касе буда метавонад, ки дигаронро роҳнамоӣ мекунад.

Аз гуфтаҳои фавқуззикр хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст: аввалан, фаҳмиши консепсияи озодӣ ва фармонбардории шахс дар чаҳорчӯбаи ҳокимияти динӣ ва сиёсии машшоиёни шарқӣ дар зери таъсири возеҳи ақидаҳои файласуфони Юнони қадим ташаккул ёфтааст ва моҳияти озодию фармонбардориро дар иртибот бо саодат ҳамчун ҳадафи озодӣ ва роҳҳои ба даст овардани он тафсир меёбад. Сониян, инсон ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ баҳогузорӣ шуда, дар ҷомеа зарурати амалисозии қобилият ва қудрати фард дар муносибат бо одамони дигар ва роҳбарону ҳокимон оғоз мешавад. Дар ин муносибатҳо инсон озодии мутлақашро аз

даст медиҳад, зеро ӯ ночор тобеи қонуну қоидаҳо ва амру фармонҳои раисону ҳокимон қарор мегирад, ки ӯро ба фармонбардорӣ водор месозанд. Ин фармонбардорӣ ихтиёрӣ аст ва ба хотири нафъи умумииҷтимоӣ бо дигарон озодӣ хусусияти нисбӣ пайдо мекунад. Чунин тарзи озодӣ ва ё фармонбардориро дар муносибати инсон ба Худо тавсиф додан мумкин аст, ки хусусияти метафизикӣ дорад, аммо дар таълимоти машшоиён он бо хусусияти иҷтимоии масъала тавъам маънидод карда мешавад

**Муқарриз: Самиев М.Ҷ. – д.и.ф., профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ**

## АДАБИЁТ


1. Абуали ибни Сино. Осор. - Душанбе, 2007. -С. 348.
2. Абуалӣ ибни Сино. Тадбири манзил // Осори мунтахаб (Иборат аз даҳ ҷилд). -Душанбе, 1980. -Ҷ. 2. -С. 14.
3. Аль-Фараби Абу Наср. Социально-этические трактаты. Пер. с араб. - Алма-Ата: Наука, 1973. -С. 123-124.
4. Вебер М. Хозяйство и общество: очерки понимающей социологии. В 4 т./ М.Вебер. Пер. с нем. - М.: Изд. дом Высшей школы экономики, 2019. -Т. 4. -С. 18.
5. Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. – Душанбе, 2009. -С. 237-238.
6. ابن سینا. الهیات. القاهرة 1964. ص. 441.
7. عمید زنجانی. میانی اندیشه سیاسی اسلام. تهران 1393 هـ. ص.17
8. ابن سینا. الشفاء. الهیات. القاهرة 1964. ص. 441
9. ابن سینا. الاشارات و التنبیهات. ج. 4. تهران 1404. ص. 61
10. ابن سینا. الشفاء. الهیات. ص. 441
11. الشیخ الرئیس ابو علی ابن سینا. کتاب السیاسة. دمشق 2006. ص. 61
12. رضوان سید/ سیاست و جامعه مدنی نزد شیخ ابو علی سینا. بیروت 1962. ص. 151
13. حنا الفاخوری و خلیل الجر. تاریخ فلسفه در جهان اسلامی. ج.2. تهران 1358. ص. 509
14. ابن سینا. الشفاء. الهیات. القاهرة 1964. ص. 451-452.
15. ابن سینا. شفا، الاهیات. القاهرة، 1404، جلد چهار، ص. 447


## ОЗОДӢ ВА ФАРМОНБАРДОРИИ ШАХС ДАР МУНОСИБАТ БО ҲОКИМИЯТИ СИЁСӢ-ИҶТИМОӢ


Дар мақолаи мазкур муаллиф оид ба ҳокимият ва озодӣ ҳамчун мафҳумҳои мутақобила маълумот додааст. Муаллиф бар он назар аст, ки ҳангоми вуҷудияти қудрат ё ҳокимияти касе озодии шахси дигар коҳиш меёбад. Ҳадафи таҳқиқот дар ин мақола баррасии моҳияти ин нуқтаи назари бартаридошта дар бораи муносибатҳои байни ду мафҳум ва пешниҳоди тафсири мураккабтар дар фалсафаи машшоиёни шарқӣ аст. Муносибатҳои байни қудрат ва озодӣ дар ин ҷо дар асоси фарқияти ду тафсири қудрат, яъне қудрат барои тобеъ кардан ва қудрат барои пешравии инсон ё ҷомеа баррасӣ мегардад. Ҳокимият барои тобеъ кардан, ки таърифи классикӣ ва васеътари қудратро ифода мекунад, онро ҳамчун як навъ муносибати иҷтимоӣ маънидод мекунад. Ҳангоме ки машшоиёни шарқӣ ва умуман мутафаккирони файласуф дар бораи қудрат ҳарф мезананд, одатан ба муносибатҳои иҷтимоии байни ҳокимон ва фармонбардорони онҳо ишора мекунанд, ки дар онҳо фард метавонад таҳти таъсири фаъолият (ё бефаъолияти)-и каси дигар қарор гирад.



**Калидвожаҳо:** озодӣ, ҳаюло, мадинаи фозила, фармонбардорӣ, озодӣ,ихтиёрӣ.


## СВОБОДА И ПОСЛУШАНИЕ ЧЕЛОВЕКА ПО ОТНОШЕНИЮ К ПОЛИТИКО-СОЦИАЛЬНОЙ ВЛАСТИ


В этой статье автор дал информацию о власти и свободе, как правило, как обоюдных понятиях. Автор считает, что когда есть власть или авторитет кого-то, свобода другого человека уменьшается. Цель нашего исследования в данной статье — рассмотреть сущность этого господствующего взгляда на соотношение между двумя понятиями и предложить более сложную интерпретацию в философии восточных мистиков. Отношение между властью и свободой обсуждается здесь на основе различия между двумя интерпретациями власти, т. е. властью подчинять и властью продвигать человека или общество. Власть подчинять, которая представляет собой классическое и более широкое определение власти, интерпретирует ее как своего рода социальные отношения. Когда восточные философы и философы вообще говорят о власти, они обычно имеют в виду социальные отношения между правителями и их подчиненными, при которых на человека могут влиять действия (или бездействие) другого.



**Ключевые слова:** свобода, чудовище, добродетели, послушание, свобода, добровольность.

**FREEDOM AND OBEDIENCE OF A PERSON IN RELATION TO POLITICAL AND SOCIAL POWER**

In this article, the author gave information about power and freedom, as a rule, as mutual concepts. The author believes that when there is power or authority of someone, the other person's freedom decreases. The purpose of our study in this article is to consider the essence of this dominant view of the relationship between the two concepts and to propose a more complex interpretation in the philosophy of the Eastern mystics. The relationship between power and freedom is discussed here on the basis of the difference between two interpretations of power, i.e., the power to subjugate and the power to advance a person or society. The power to subdue, which is the classical and broader definition of power, interprets it as a kind of social relationship. When Eastern philosophers and philosophers generally speak of power, they usually mean the social relationship between rulers and their subjects, in which one can be influenced by the actions (or inactions) of another.

**Key words:** freedom, monster, Madina of virtue, obedience, freedom, voluntariness.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Зикирзода Ҳобил*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои фалсафа, дотсент, кафедраи фалсафаи фарҳанг. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. E-mail:**Hobiljon1981@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Зикирзода Хобил*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кандидат философских наук, доцент, кафедра философии культуры. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121. E-mail:**Hobiljon1981@mail.ru**

**Information about the author:** ***Zikirzoda Khobil*** **-** Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Candidate of Philosophy, Associate Professor, Department of Philosophy of Culture. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 121. E-mail: **Hobiljon1981@mail.ru**

ТДУ:16+101 (091)

# МАҚОМ ВА МОҲИЯТИ ОРМОНҲОИ ЗЕБОИШИНОСӢ ДАР ОСОРИ БАДЕИЮ ИРФОНИИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

*Амонатова Ф.Қ.*
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ**

Падидаи ахлоқ ва зебоишиносӣ ҳамчун соҳаҳои муҳимми фаъолияти инсон муайян гардидаанд, ки дар раванди инкишофи ҷомеа ҳамеша таваҷҷуҳи одамонро ба сарчашмаҳои маънавиёт, ахлоқи олӣ ва тарбия дар руҳияи ахлоқи ҳамида ва зебоишиносӣ ҷалб менамояд. Бинобар ин, вобаста ба талаботи ҳаёти ҷомеа қисми алоҳидаи донишҳо – илм дар бораи ахлоқ ва илм дар бораи зебоишиносӣ ташаккул ёфт. Бинобар ин, зиёии имрӯза, хусусан омӯзгоре, ки ба таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавон сарукор мегирад, бояд аз уҳдаи таҳлилу тадқиқи масоили ахлоқи ҳамида ва тарбияи зебоишиносӣ баромада тавонад ва то ҷое нақши сарвару роҳнамои маънавиро дар гурӯҳҳои хурду калони иҷтимоӣ бомуваффақият иҷро намояд.

Аввалин бор дар таърихи инсоният ба асоси зебогии идеали эстетикии инсон тан ва рух меистад. Зебогии маънавии инсон бо зебогии ҷисми маънавӣ ҳам аз ҷиҳати ҷисми зебо бошад, яъне ватандӯстӣ, ҳиссиёти баланди инсонӣ, рушди чаҳонбинии ӯ бояд бо зебогии ҷисмонӣ мувофиқат кунад. Инсон бояд ҷисман зебо, обутобёфта, пурқувват бошад, ки ин гуна зебоӣ диққати бисёр шоирон, донишмандон ва рассомонро ба худ ҷалб карда буд.

Дар шароитҳои замони муосир муассисаҳои таълимӣ вазифадоранд, ки мутахассисони ояндаро бо тарбияи ахлоқию маънавӣ фаро гирифта, сифатҳои неки инсонӣ, аз ҷумла зебоию зебоипарастиро ба онҳо талқин намоянд.

Аслан, зебоӣ ду хел мешавад: зебоии зоҳирӣ ва ботинӣ. Зебоии зоҳирӣ намуди берунии инсон: рӯю мӯй, чашму абрӯ, зару зевар ва сару либоси зеборо дар бар мегирад. Ҳусни зоҳирии инсонро «ҳусни худодод» низ мегӯянд. Аммо, ба ғайр аз зебоии зоҳирӣ, инсон бояд ботинан низ зебо бошад. Ҳусни ботинии инсон, ки ниҳон аст, рафтору гуфтору кирдори нек, шарму ҳаё, самимияту лутфу эҳтиром ва дигар хислатҳои мусбату шоистаи шахсро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, рафтору гуфтору кирдори ҳар як шахс нишондиҳандаи симо ва сифати ахлоқӣ мебошад. Тавре мутафакири бузурги тоҷику форс Абдураҳмони Ҷомӣ мефармояд:

Рӯй дар қоидаи эҳсон кун,
Зоҳиру ботини худ яксон кун!

Бешубҳа, ин фармудаи Ҷомӣ дар бораи зебоии зоҳирию ботинии инсон бо илҳом аз каломи нобу ҳикмати гӯёи шоири маъруфи тоҷику форс Саъдии Шерозӣ эҷод шудааст, ки мефармояд:

Тани одами шариф аст ба ҷони одамият,
На ҳамин либоси зебост нишони одамият.
Агар одамӣ ба чашм асту даҳону гӯшу бинӣ,
Чӣ миёни нақши девору миёни одамият?

Ҷомӣ дар эҷодиёти бою пурғановати худ зебоию зебоипарастиро пайваста васф кардааст. Аз ҷумла, дар ғазалиёти шоир табиат бо як зебоии нотакрор шоирона тасвир меёбад. Фасли баҳор, тамошои боғу бӯстон, шукуфтани гулҳо ҳаётро рангин карда, ба инсон руҳу илҳоми тоза мебахшанд. Дар ғазалиёти шоир мавзуи васфи

табиати диёр низ мавқеи хосса дорад, табиатро бо як зебоии нотакрори шоирона тасвир намудааст:

Мехиромад сӯйи бӯстон шоҳиди раънои гул,

Меравад оби равон, то сар ниҳад бар пойи гул.

Ёфт абр аз сим ришта, сӯзан аз зар сохт меҳр,

То сабо дӯзад қабои лутф бар болои гул.

Дар эҷодиёти Ҷомӣ аксар маъниҳои ошиқона ва матолиби орифона дарҷ ёфта, масоили тасаввуфу ирфон дар пардаи ишқу ошиқу маъшуқ баён гардидаанд. Ҳамчунин, дар ғазалиёти ӯ баъзан мазаммати аҳли чоҳу риё, ахлоқи разилаи ашхоси манфур, ситоиши бархе аз подшоҳони замон, панду насиҳат ва марсия низ ба мушоҳида мерасанд. Дар қасидаҳои мутафаккир аз тавҳиду наът ва муноҷот, ирфону ҳикмат, панду андарз, шарҳи ҳол, шиква, васфи табиат, мадҳу ҷавоби мактуботи подшоҳони муосири ӯ сухан рафтааст. Муаммоҳои Ҷомӣ дар шакли дубайтӣ, рубоӣ ва байт навишта шудаанд. Мутафаккир дар девони якум доманаи мавзуъро фарох гирифта, анқариб ба ҳама масоили ҳаёт дахл кардааст. Дар ду девони дигараш бошад, мавзуи онон нисбатан маҳдуд шуда, бештар чиҳатҳои таълимоти тасаввуфию ирфонии ӯ арзёбӣ шудаанд.

Ҷомӣ дар девонҳояш аз санъатҳои бадеӣ фаровон истифода бурдааст. Ӯ дар ғазале ашки бари рухсораи маъшуқаро ба қатраи борони баҳорӣ, ки болои лола мечакад, ташбеҳ дода, бо маҳорати хоссаи суханварӣ тасвир намудааст:

Ашке, ки туро бар гули рухсор давида,

Борони баҳор аст, ки бар лола чакида..

Дур суфт ба васфи гуҳари ашки ту,Ҷомӣ,

З-ин сон сухани поку равон кас нашунида.

Дар ҷойи дигар шоир чашми маъшуқаро ба сод ва сари зулфи ӯро ба дол монанд месозад:

Чашми ту –“сод” асту сари зулф –“дол”,

Бо худ аз он ҳар ду маро сад хаёл.

Хост мусаввир, ки кашад нақши ту,

Чеҳра кушодиву кашид инфиол.

Дар ғазали дигар Ҷомӣ аз санъати саволу ҷавоб истифода бурда, басо ҷаззобу дилчаспу зебо мефармояд:

Гуфтам: “Аз ту бар дилам ҳар дам кам аз сад ғам мабод”!

Зери лаб хандиду гуфто: “Беш боду кам мабод”!

Гуфтамаш: “Сарриштаи корам шуд аз зулфи ту гум”!

Гуфт: “Кори кас чунин ошуфтаву дар ҳам мабод”!

Дар асарҳои назмии Ҷомӣ ҳамаи принсип, зуҳурот ва сифатҳои ахлоқӣ тавассути хирад баррасӣ мешаванд [16, с.77]. Ҳамзамон, принсип ва меъёрҳои ахлоқ ба дигар категорияҳои ахлоқ вобастагӣ доранд, аз ҷумла, ба шаъну шараф, шаҳомату бузургӣ, сабру тоқат, одилию мардонагӣ, саховатмандию ростқавлӣ ва ғ. Принсипу меъёрҳои ахлоқӣ, ба андешаи Ҷомӣ, ченаки зебоии инсон мебошанд.

Ҷомӣ зимни таҳлили ҳақиқати ҳастии инсон бо истифодаи арзишҳои адабию тасаввуфӣ ба олами ҳикмати фалсафӣ ворид мешавад. Шоир дар эҷодиёти худ чунин консепсияи ахлоқро ба вуҷуд овард, ки дар он на нишонаҳои накукорӣ, балки худи накукорӣ чун категорияи алоҳидаи ахлоқ баррасӣ мегардад. Ба ғайр аз ин, Ҷомӣ на

танҳо моҳияти категорияҳои ахлоқро ошкор менамояд, балки ба талаботи ҷисмонии табиати инсон ҳам баҳои ахлоқӣ медиҳад.

Доираи андешаҳои Ҷомӣ вобаста ба масъалаҳои ахлоқӣ, зебоишиносӣ ва иҷтимоию сиёсӣ хеле васеъ буда, ба дигар мутафаккирони номдори шарқ Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Форобӣ, Тӯсӣ, Розӣ, Хайём, Саъдӣ, Носири Хисрав ва дигарон монанд аст [14, с.41].

Бино ба тасдиқи муҳаққиқон, ахлоқ нишонаи зебоии ботинӣ буда, ташаккул додани ахлоқи ҳамидаи инсонӣ басо муҳим аст. Асоси тарбияи ахлоқии насли наврасро арзишҳои умумиинсонӣ ва меъёру сифатҳои ахлоқӣ ташкил медиҳанд [7,с.102].

Эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомиро таҳлил намуда, ба чунин хулосае омадан мумкин аст, ки мутафаккир дар асарҳои худ волидон, муаллимон ва аҳли ҷамъиятро даъват намудааст, ки насли наврасро бо чунин сифатҳои ахлоқӣ, ба монанди меҳнатдӯстӣ, инсонпарварӣ, ватандӯстӣ, раҳмдилӣ, меҳрубонӣ, ростқавлӣ, адолатпарварӣ ва эҳтироми волидайн тарбия намоянд. Эҷодиёти ӯ мукаммал буда, як давраи комили адабиро бо тамоми асолату анъанаҳои чандинасраи эстетикӣ ва ормонҳои ҳукмрони иҷтимоию ахлоқӣ таҷассум менамояд [2,с.81].

Агар то ба Ҷомӣ мутафаккирони дигар танҳо дар бораи як ҷиҳат – дар бораи аҳаммияти дониш барои таҷрибаи инсон сухан мегуфтанд, пас, Ҷомӣ ин ҷиҳатро бо эътирофи ҷиҳати дигар – аҳаммияти таҷриба барои таҳкиму тақвияти донишҳои наву куҳна пурра гардонд. Ин аллакай нигоҳи нав ба афкори педагогии халқи тоҷик буд. Шоир ҷавононро даъват мекард, ки на танҳо таҷрибаи инсони алоҳида, балки таҷрибаи гурӯҳи одамонро аз бар намоянд [11,с.237].

Одоб ва рафтору гуфтори нек чун меъёрҳои ахлоқ аз ҷумлаи асоситарин хислатҳое мебошанд, ки дар ҳама давру замон барои инсон муҳиму аввалиндараҷа ба шумор мерафтанду мераванд. Одоб ҷамъи калимаи адаб буда, ба маънии хулқу атвор ва рафтору гуфтори нек низ истифода мегардад. Ҳамчунин, одоб ин рафтори одамон дар ҷамъият нисбат ба якдигар мебошад. Одоб омили муҳимми танзимгари рафтору кирдори шахс ба шумор меравад [5,с.82]. Ҳамаи он хислатҳое, ки дар инсон дида мешаванд, маҳз аз одоб сарчашма мегиранд: ростқавлӣ, хушгуфторӣ, вафодорӣ, поктинатӣ, нексириштӣ ва монанди ин. Муоширот яке хислатҳоест, ки маншааш одоб аст. Чунин ҳам ҳаст, ки муошироти хуб аз ҳусну ҷамол боло меистад ва зебоиву ҳусну ҷамоли инсон аз ахлоқ ва одоби муошират вобаста аст. Муошират бошад, аз муносибати байни одамон ба миён меояд ва ин муносибатро маҳз тариқи сухан ба роҳ мемонанд [8,с.61]. Зимнан, масъалаҳои тарбия ва ахлоқу одоб дар гузашта муҳимтарин унсурҳои зиндагии инсонӣ доништа шуда, аз нигоҳи донишмандон, ба сифати фалсафаи амалӣ дар танзими фарҳанг ва маънавиёти башар нақши калидӣ доранд [7,с.96].

Аз замоне ки инсон ҳамчун мавҷуди дорои фикр, андеша ва хираду тафаккур арзи вуҷуд кард, одобу ахлоқ барои ӯ яке аз мавзуъҳои муҳим будаанд. Зеро тарбия дар руҳияи одобу ахлоқи ҳамида чун зебоии ботинии инсон омили муҳимми саодату камолоти шахси алоҳида ва ҷамъият дар маҷмуъ аст [8,с.47].

Тавре Ҷомӣ дар асари худ «Панд ба фарзанд» мефармояд:

Нахуст аз касби дониш баҳравар шав,
Зи ҷаҳлободи нодонӣ бадар шав.

Андешаҳои ахлоқӣ ва созандаи Ҷомӣ то имрӯз барои инсонҳо дарси ибрат буда, аз он шаҳодат медиҳанд, ки бояд ҳар дақиқаи умрро сарфакорона истифода бурд. Шоир ба ин маънӣ мефаромояд:

Ҷавонмардо, ҷавонмардӣ биомӯз,

Зи мардони ҷаҳон мардӣ биомӯз.

Дарун аз кини кинҷӯён нигоҳ дор,

Забон аз таъни бадгӯён нигаҳ дор.

Ҷомӣ дар қасидаи «Луҷҷат-ул-асрор» ба масъалаҳои тарбиявию ахлоқӣ диққат дода, таъкид менамояд, ки ҷавононро аз кӯдакӣ бояд тарбия кард, ба роҳи рост ҳидоят намуд. Зеро, ба андешаи шоир, ҷавонон ҳам ба мисли дарахтони навбарг ё ниҳоли нозуканд. Агар ин ниҳолҳо аз хурдӣ хуб парвариш ёбанд, ҳосили аъло медиҳанд ва ҷавонон низ, чун ба камол мерасанд, корҳои нек ва судбахшро анҷом медиҳанд:

Дар ҷавонӣ саъй кун, гар бе халал хоҳӣ амал,

Мева бенуқсон бувад, чун аз дарахти навбар аст,

Дар идомаи қасида Ҷомӣ таъкид мекунад, ки агар шахс соҳиби донишу камолот бошад, муҳтоҷи касеву чизе нест:

Гар надорад симу зар доно, манеҳ номаш гадо,

Дар бараш дил баҳри дониш, ӯ шаҳи баҳру бар аст.

Шоири бузург мегӯяд, ки ба инсон на аз рӯйи сарвату мансаб, балки ҳунармандиаш баҳо бояд дод, зеро:

Қимати мард на аз симу зар аст,

Қимати мард ба қадри ҳунар аст.

Ай басо банда, ки аз баҳри ҳунар

Қадраш аз хоҷа басо бештар аст!

В-ай басо хоҷа, ки аз беҳунарӣ

Дар раҳи бандаи худ пайсипар аст!

Худи мартабаи ҳамин ғуломи ҳунармандро аз хоҷаи беҳунар боло гузоштани Ҷомӣ яке аз фикрҳои пешқадами ӯст, ки аз зубдаи афкори мутараққии инсондӯстонаи аслофи ӯ, хусусан Саъдӣ, ибтидо мегирад. Аз рӯйи ин таълимот, барои қадри инсон сурати зоҳирӣ ҳам аҳаммият надорад, кас бояд ботинан зебову ғанӣ бошад, чунки:

Тан бувад чун ғилофу ҷон шамшер,

Кор шамшер мекунад, на ғилоф!

Ҷомӣ дар рубоиёт ва қитъаҳояш бештар афкори пандуахлоқии худро ифода кардааст. Чунончи, дар қитъаи зерин ба масъалаи муҳимми рӯзгори хеш дахл намуда, таъкид мекунад, ки инсон бояд меҳнатдӯст бошад. Ӯ бояд омӯхтан ва меҳнат карданро барои худ ор надонад, аз пайи номи падар нашавад, балки фазлу ҳунари худро дар назди мардум нишон диҳад. Агар ин сифатҳоро надошта бошад, мисли шохи беҳосили дарахти мевадор аст, ки он ҳезуме беш нест:

Ҳар писар, к-ӯ аз падар лофад, на аз фазлу ҳунар,

Филмасал гар дидаро мардум бувад, номардум аст.

Шохи бебар, гарчи бошад аз дарахти мевадор,

Чун наёрад мева бор, андар шумори ҳезум аст.

Ҷомӣ қадру қимати инсонро на дар симу зар доштан, балки дар илму дониш медид. Шоир китобро ёри ғамхор, устоди беминнат ва сарчашмаи ҳамаи донишҳо номидааст:

Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,

Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест.

Ҳар лаҳза аз ӯ ба гӯшаи танҳоӣ

Сад роҳате ҳасту ҳаргиз озоре нест.

Инкишофи ақидаҳои фалсафӣ-ахлоқӣ, эстетикӣ ва ирфонӣ дар асри XV, давраи ҳаёти мутафаккир, бо бисёр омилҳо мушкил гардид ва вобаста ба ин саҳми Ҷомӣ бебаҳо аст. Асарҳои «Ҳафт авранг»-(«Силсилат-уз-заҳаб», «Саломон ва Абсол», «Тӯҳфат-ул-аҳрор», «Сабҳат-ул-аброр», «Юсуф ва Зулайхо», «Лайлӣ ва Маҷнун» ва «Хирадномаи Искандарӣ» «Баҳористон», «Чиҳил ҳадис»-и Ҷомӣ дорои аҳаммияти калони адабиву эстетикӣ мебошанд. Омӯзиши ҳаёту эҷодиёт ва афкори Абдураҳмони Ҷомиро Аълохон Афсаҳзод аз таҳқиқи «Лайлӣ ва Маҷнун»-и ӯ шуруъ кард ва баъдан омӯзиши кулли эҷодиёти ӯро фаро гирифта, яке аз ҷомишиносони маъруф дар доираҳои илмии Шарқу Ғарб шинохта шуд.

Андешаҳои ахлоқӣ-зебоипарастӣ дар ислом бениҳоят бузург аст. Худованд зебоиро дӯст медорад. Паёмбари охирзамони дини ислом ҳазрати Муҳаммад (с.а.с) покиву зебоиро дӯст медоштанд. Тамоми саҳобаву имомони дини мубини ислом, ба монанди Имоми Аъзам Абуҳанифа олуфтаву беолоиш, зебо ва боахлоқ буданд. Зебоии зоҳирӣ ва ботинӣ дар симо ва хислати Паёмбар Юсуф дидан мумкин аст, ки бо зебоияш дили Зулайхоро рабурдааст. Боиффат будан, поктинату ростқавл будан хосси инсон мебошад. Юсуф ҳамаи ин хислатҳои ҳамидаи инсониро доро буд. Ҳамаи андеша ва ақидаҳои Ҷомӣ аз ин нигоҳ сарчашма гирифта, дар баёни андешаҳои ирфонӣ ва зебоишиносӣ ғолибан шоири классики мо ба ин қиссаи пурҷозиба таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Таълифи ишқномае чун достони "Юсуф ва Зулайхо" ва офариниши симои дилдодагоне ба ҳайси Зулайхо ва Юсуф аз чашмаҳои каломи раббонӣ сероб гардида, дар адабиёти оламшумули классикии тоҷику форс ба як анъанаи нерӯманде табдил ёфтааст. Ин анъана на танҳо дар офаридани достонҳои ишқии алоҳида, беш аз ин дар тамоми қасидаву ғазал ва рубоиёти Ҷомӣ мавқеи шоистае пайдо кардааст.

Абдураҳмони Ҷомӣ бештар моҳияти иҷтимоӣ ва эстетикии шеър, мавқеъ ва нақши онро дар зиндагӣ ба хубӣ ҳис карда буд. Дар шеърҳояш мавзуи зебопарастӣ нақши бузург мебозад. Шоир ибораҳои “пайи аҳли дил”, “баҳри аҳли муҳаббат ва вило”, “баҳри ҳарифони хок”, ва “ муштоқони ҳоҷатманд “ шеър гуфта, сурудаҳояшро “туҳфаи ҳар маҳфили роз”, “туҳфаи силки суҳбат ва ҳадяи назми ҷамъият мегардонд ва меваҳои тозаву тари нахли назмашро перомуни аҳбоб мерехт. Ҷомӣ аз баҳри мардумон шеър мегуфт, на аз баҳри хеш ва ба манфиати худ:

Қасди шуҳрат набуд Ҷомиро,

К–ин ҳама назми обдор навишт.

Баҳри аҳбоб бар саҳифаи дил,

Нуқтае чанд ёдгор навишт [15, с.8].

Вай на танҳо мехост, ки бо суруди дилкашу назми хушаш “вақти аҳли дилу аҳбобро” хуш намояд (Нест дилкаштар суруде Ҷомӣ аз назми хушат, Вақт хуш мекун бад – ин дилкаш суруд аҳбобро;) Ҳар чи гӯӣ Ҷомӣ аз дил гӯ на аз васвоси табъ, То шавад хуш вақти аҳли дил зи анфоси хушат), балки таманнои он ҳам дошт, ки ба шеъри хеш марҳами дилҳо созад (Ҷомӣ бисоз марҳами дилҳо ба шеъри хеш, Гӯ реш

шавад зи неши ҳасад синаи ҳасуд, марҳами дидаи пурдард шавад, аз баҳри дили ғамхора чорае ҷӯяд (Гоҳе аз баҳри дили ғамхора, Сози аз назми рубоӣ чора... Гаҳ, ба як байт зи ҳам фард шавӣ, Марҳами дидаи пурдард шавӣ ва "аз ҳуҷуми самуми гардиши даҳр" ба мардум ҳомии дил гардад (аз ҳуҷуми самуми гардиши даҳр -Шеъри Ҷомист ҳомии дили ман.

Муаллиф умед кардааст, ки асарҳояш дар зиндагӣ "сабҳавор дастовези азпойафтодагон ва ангуштнамои сардастаи аздастдодагон гардад" ва дар хотимаи китоби худ "Туҳфат – ул-аҳрор" ба ин "маънӣ гуфтааст: "Ба сарҳади эҳтимом расида шуд ва дар риштаи интизом кашида омад ин муҳраҳои харошида аз садафи хазаф тарошида. Ҳарчанд чу лӯлӯи обдор гарданбанди сарварон ва гӯшвораи ҳунарваронро шояд, умед аст, ки сабҳавор дастовези азпойафтодагон ва ангуштнамои сардастаи аздастдодагон гардад. Беҳуда нест, ки ӯ шеъри худро "нақши шифономаи Эсо"ва "тумор", "меҳнат" номидааст ва фахр намудааст, ки дурри назми хешро "дар гӯши замона гӯшвора" кардааст:

Ҷомӣ зи зару гавҳар агар ҷайби ман тиҳист,

Ҳошо, ки фикри беҳуда дорад мушаввашам.

Ин бас маро, ки шуд садафи дурри шоҳвор,

Гӯши замона аз гуҳари назми дилкашам [15,с.9].

Аз рӯйи гуфтаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ ва баъзе ишораҳои ӯ маълум аст, ки вай қадру қимати шеърро маҳз ба моҳияти иҷтимоӣ ва эстетикии он марбут мешуморад ва ҳар ҷо ки аз фазилати каломи бадеӣ сухан рондааст, ишорае ҳам ба нақши тарбиявӣ ва таъсири нафсонии он кардааст. Ӯ "Навбоваи бӯстони латоиф сухан аст, Дебочаи девони маориф сухан аст" гӯён таъкид намудааст, ки "Ба сухан зангҳо зудуда шаванд, Ба сухан бандҳо кушода шаванд" ва шоир ба воситаи шеъри мушкин доми дилҳо мениҳаду ба туфайли шеъри ширин коми дилҳо медиҳад. (Ниҳад з-ин шеъри мушкин доми дилҳо, Диҳад з-ин шеъри ширин коми дилҳо ва шунавандаро "коми ҷони роҳати руҳ"мебахшад (мустамеъро зи фатҳбоби футуҳ – Медиҳад коми ҷони роҳати руҳ.

Муроди муаллиф аз таъбири"коми ҷони роҳати руҳ", равшан аст, ки ишора ба моҳияти иҷтимоӣ ва эстетикии шеър аст. Шоир бояд шеъре гӯяд, ки ба нафаси шунаванда ва хонанда таъсир намояд. "Ва яке аз фазоли шеър он аст, ки, - мегӯяд Ҷомӣ,- самои дарвешон, ки аз аҷалли аҳволи эшон аст, дар ағлаби авқот мубтанӣ бар истамои шеър аст ва шак нест, ки чун эшонро вақт хуш шавад, шоирро аз он файзе шомил ва ҳазе комил ва ҳазе хоҳад буд ва бисёр бошад ки ба дуои хайр ёд кунад".

Аз таъсири шеър ба нафс на танҳо вақти кас хуш мешавад, балки дилҳои хандон гирён мешавад:

Гаҳе лабро нишоти ханда орад,

Гаҳ аз дида нами андӯҳ борад.

Аз ӯ хандад лаби андӯҳмандон,

В-аз ӯ гирён шавад дилҳо хандон.

Диҳам аз дил бурун рози ниҳонро,

Бихандонам, бигирёнам ҷаҳонро [15, с.9].

Ҷомӣ шеърро аз рӯйи чигунагии таъсири он дар нафс "ба ду қисми мутақобил, ки яке осоиши ҷон асту дигаре коҳиши дил" тақсим менамояд ва якеро аз "гуфтори арбоби вафо ва висоқ" ва дигареро аз "ашъори зумраи нифоқ ва талбис" мешуморад.

Муаллиф шеърро навои мурғи хирад номида, мисоли мулки абад мегӯяд ва зикр мекунад, ки мисли он ки қадри мурғ аз он равшан мешавад, ки дар гулшан аст ва ё гулхан, қимати шеър ҳам ба он вобаста аст, ки ба шунаванда коми ҷону роҳати руҳ медиҳад ва ё меҳнати хотир асту ранҷи димоғ:

Шеър чӣ бувад? – Навои мурғи хирад,
Шеър чӣ бувад? – мисоли мурғи абад [15, с.10].

Мавлоно Ҷомӣ, ки адабиёти классикии форсу тоҷикро бо асарҳои баркамолаш ҷамъбаст кардааст, наметавонист ба масоили ахлоқӣ бетафовут бошад ва мушкилоти ахлоқию тарбиятӣ аз назари ӯ дур афтанд. Мавлоно, чуноне ки муҳаққиқи барҷастаи аҳволу осораш А.Афсаҳзод гуфтааст, муаллими ахлоқи писандидаи замони худ буда, дар ахлоқшиносии асрҳои миёна нақши бориз дорад. Ҳарчанд ки Мавлоно Ҷомӣ дар эҷод ва таълифу таснифи асарҳояш аз бузургони илму адаби гузашта фаровон истифода бурда бошад ҳам, дар онҳо дид ва назари шахсии ӯ басо бузург аст. Омили асосии беандоза шуҳратёр будани Абдураҳмони Ҷомӣ, бузургии ӯ ва мондагории асарҳои адабиву илмиаш дар тули шашсад соли охир на танҳо дар қаламрави забон, адабиёт ва фарҳанги тоҷикии форсӣ, балки берун аз он дар муҳтавои олии инсондӯстиаш зоҳир мегардад, ки ин намунаи ибрат, шоистаи пайравӣ ва ифтихори ҳар як фарди тоҷик аст. ... Мо имони комил дорем, ки фарҳанги ғании гузаштаамон ва осору афкори олии инсондӯстонаи бузургоне монанди Абдураҳмони Ҷомӣ бароямон дар ин равандҳои ҳассосу пуртазод пуштибон ва мададгор мегарданд.

Хулоса, метавон гуфт, ки ахлоқ ва меъёрҳои он чун нишонаи зебоии ботинии инсон, инчунин васфи зебоиҳои табиат дар осори Абдураҳмон Ҷомӣ инъикос ёфта, ифодагари ормонҳои зебоишиносии мутафаккири барҷаста мебошанд. Асарҳои Ҷомӣ дар ганҷинаи афкори ҷамъиятӣ ва ахлоқиву эстетикии халқи тоҷик дурдонаҳои бебаҳое мебошанд, ки имрӯз ҳам аҳаммияти бузурги тарбиявӣ ва арзиши баланди умумиинсонӣ дошта, як ҷузъи маънавиёти моро ташкил медиҳанд. Ақидаву ормонҳои Ҷомӣ ганҷинаи нодири аҳли башар буда, бо мурури замон аҳаммияту арзиши онҳо беш аз пеш меафзояд. Вазъи нави таърихӣ-фарҳангӣ касро водор месозад, ки ба арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷомеа, аз ҷумла дастовардҳои илмӣ бо диди тозае назар афканад.

**Муқарриз: Раҳимов М.Ҳ. – д.и.ф., профессори ДДТ ба номи академик М.С.Осимӣ**

## АДАБИЁТ


1. Абдураҳмони Ҷомӣ. Мунтахаби ғазалиёт. – Душанбе: Адиб, 2016.
2. Афсаҳзод Аълохон. Таҳаввули афкори Абдурраҳмони Ҷомӣ. – Душанбе: Дониш, 1981. -С.125.
3. Афсаҳов А., Достони “Лайлӣ ва Маҷнун”- и Ҷомӣ. Абдураҳмони Ҷомӣ. Маҷмуаи мақолаҳо / А.Афсаҳов. - Д.,1965.
4. Афсаҳов Аълохон. “Баҳористон” ва шуҳрати он, - Абдураҳмони Ҷомӣ. Баҳористон / А. Афсаҳов. - Д., 1966.
5. Афсаҳзод, Аълохон. Абдурраҳмони Ҷомӣ. - Душанбе: Маориф, 1978. -190 с.
6. Девони комили Ҷомӣ, бо муқаддимаи Ҳошим Разӣ. -Теҳрон,1341.
7. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Бо корвони ҳулла. Маҷмуаи нақди адабӣ. Таҳия ва тавзеҳи Шодӣ Шокирзодаи Нуъмонпур, Райҳон Мамадазимзодаи Соҳибназар. – Душанбе: Пайванд, 2004.
8. Комилов Р. Назарияи ҷомеаи ормонӣ дар таърихи фарҳанги форсу тоҷик / Р.Комилов. – Душанбе: Маориф, 1997. -288с.
9. Куллиёти Ҷомӣ. Нусхаи 1331 Институти шарқшиносии АФ Ӯзбекистон.

10. Маснавии “Ҳафт авранг”. Таълифи устод Нуриддин Абдураҳмон б) Аҳмади Хуросонӣ, ба тасҳеҳ ва муқаддимаи оқои Муртазо Мударриси Гелонӣ. – Теҳрон, 1337.
11. Обидов И.О. Философия и история образования. Учебное пособие для студентов педагогических вузов Республики Таджикистан/ И.О.Обидов, А.Н. Михайлов. – Душанбе, 2005.
12. Подласый И.П. Педагогика. Новый курс: Учебник для студентов педагогических вузов / И.П. Подласый. – Москва, 2000.
13. Пономарева В. Таджикская литература / В.Пономарева З.А. Чёрных. - Москва, 1961.
14. Раджабов М. Абдуррахман Джами и таджикская философия XV века / М. Раджабов. - Душанбе, 1965.
15. Сатторов Абдунабӣ. Афкори адабӣ ва эстетики Абдураҳмони Ҷомӣ / А. Сатторов. – Душанбе: Ирфон, 1975. -105 с.
16. Афзалов Х.Таърихи педагогикаи тоҷик / Х. Афзалов, Б. Раҳимов. – Душанбе: Маориф, 1994.

## МАҚОМ ВА МОҲИЯТИ ОРМОНҲОИ ЗЕБОИШИНОСӢ ДАР ОСОРИ БАДЕИЮ ИРФОНИИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

Мақола ба баррасии ормонҳои зебоишиносии Абдураҳмони Ҷомӣ бахшида шудааст. Ҷомӣ дар эҷодиёти бою пурғановати худ зебоию зебоипарастиро пайваста васф кардааст. Аз ҷумла, дар ғазалиёти шоир табиат бо як зебоии нотакрор шоирона тасвир меёбад. Дар ғазалиёти шоир мавзуи васфи табиати диёр низ мавқеи хосса дорад. Ҷомӣ дар ғазалиёташ табиатро бо як зебоии нотакрори шоирона тасвир намудааст. Дар асарҳои назмии Ҷомӣ ҳамаи принсип, зуҳурот ва сифатҳои ахлоқӣ тавассути хирад баррасӣ мешаванд. Ҳамзамон, принсип ва меъёрҳои ахлоқ ба дигар категорияҳои ахлоқ вобастагӣ доранд, аз ҷумла, ба шаъну шараф, шаҳомату бузургӣ, сабру тоқат, одилию мардонагӣ, саховатмандию ростқавлӣ ва ғ. Принсипу меъёрҳои ахлоқӣ, ба андешаи Ҷомӣ, ченаки зебоии инсон мебошанд. Ҷомӣ зимни таҳлили ҳақиқати ҳастии инсон бо истифодаи арзишҳои адабию тасаввуфӣ ба олами ҳикмати фалсафӣ ворид мешавад. Шоир дар эҷодиёти худ чунин консепсияи ахлоқро ба вуҷуд овард, ки дар он на нишонаҳои накукорӣ, балки худи накукорӣ чун категорияи алоҳидаи ахлоқ баррасӣ мегардад. Ба ғайр аз ин, Ҷомӣ на танҳо моҳияти категорияҳои ахлоқро ошкор менамояд, балки ба талаботи ҷисмонии табиати инсон ҳам баҳои ахлоқӣ медиҳад. Ба андешаи муаллиф, ахлоқ ва меъёрҳои он чун нишонаи зебоии ботинии инсон, инчунин васфи зебоиҳои табиат дар осори Абдураҳмон Ҷомӣ инъикос ёфта, ифодагари ормонҳои зебоишиносии мутафаккири барҷаста мебошанд.

**Калидвожаҳо:** Абдураҳмони Ҷомӣ, зебоишиносӣ, ахлоқ, тарбия, некӣ, дӯстӣ, зиндагӣ, шеър, ишқ, зоҳир ва ботин, мактаб, омӯзгор, ҷамъият, инсондӯстӣ, адабиёти тоҷику форс

## СТАТУС И СУЩНОСТЬ ЭСТЕТИЧЕСКИХ ИДЕАЛОВ В ХУДОЖЕСТВЕННЫХ И МИСТИЧЕСКИХ ПРОИЗВЕДЕНИЯХ АБДУРРАХМАНА ДЖАМИ

Статья посвящена обсуждению эстетических идеалов Абдуррахмана Джами. В своих богатых произведениях Джами всегда восхвалял красоту и эстетику. В частности, в газелях поэта природа описана с неповторимой поэтической красотой. Тема природы края также занимает особое место в газелях поэта. В стихах Джами все принципы, явления и моральные качества рассматриваются через мудрость. В то же время принципы и нормы морали зависят от других категорий морали, включая честь, достоинство, величие, терпение, справедливость и отвагу, щедрость и честность и так далее. Согласно Джами, моральные принципы и нормы являются мерой человеческой красоты. Джами входит в мир философской мудрости, анализируя реальность человеческого существования, используя литературные и мистические ценности. В своем творчестве поэт создал такое понятие морали, в котором не признаки добра, а само добро рассматривается как отдельная категория морали. Кроме того, Джами не только раскрывает сущность категорий морали, но и дает моральную оценку физических требований человеческой природы. По мнению автора, мораль и ее нормы отражены в произведениях Абдуррахмана Джоами как признак внутренней красоты человека, а также описание красот природы и выражают эстетические идеалы выдающегося мыслителя.

**Ключевые слова**: Абдуррахман Джами, эстетика, нравственность, образование, доброта, дружба, школа, жизнь, любовь, общество, стихи,учитель, подростки и молодежь, гуманизм, таджикская и персидская литература.

**THE STATUS AND ESSENCE OF AESTHETIC IDEALS IN THE ARTISTIC AND MYSTICAL WORKS OF ABDUL RAHMAN JAMI**

The article is devoted to the discussion of the aesthetic ideals of Abdul Rahman Jami. In his rich works, Jami has always extolled beauty and aesthetics. In particular, in the poet's gazelles, nature is described with unique poetic beauty. The theme of the nature of the region also occupies a special place in the poet's gazelles. In his gazelle, Jami depicts nature with unique poetic beauty. In the verses of Jami, all principles, phenomena and moral qualities are viewed through wisdom. At the same time, the principles and norms of morality depend on other categories of morality, including honor, dignity, greatness, patience, justice and courage, generosity and honesty, and so on. According to Jami, moral principles and norms are the measure of human beauty. Jami enters the world of philosophical wisdom, analyzing the reality of human existence, using literary and mystical values. In his work, the poet created such a concept of morality, in which not signs of good, but good itself is considered as a separate category of morality. In addition, Jami not only reveals the essence of the categories of morality, but also gives a moral assessment of the physical requirements of human nature. According to the author, morality and its norms are reflected in the works of Abdul Rahman Jami as a sign of the inner beauty of a person, as well as a description of the beauties of nature and express the aesthetic ideals of an outstanding thinker.

**Keywords:** Abdul Rahman Jami, aesthetics, morality, education, kindness, friendship, school, teacher, adolescents and youth, Tajik and Persian literature, ethics, humanism,society, life, poetry, love, outward and inward,

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Амонатова Фирӯза Қудратуллоевна*** – Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, ассистент, кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ. **Суроға**:734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо, 10, Телефон: **917335922; 931159669.** E-mail: **firuzaamonatova-71@yandex.ru**

**Сведения об авторе**: ***Амонатова Фируза Кудратуллоевна***– Таджикский технический университета имени академика М.С.Осими, ассистент, кафедра общественных дисциплин. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, улица академиков Раджабовых, 10. Телефон: **917335922; 931159669.** E-mail: **firuzaamonatova-71@yandex.ru**

**Information about the author:** ***Amonatova Firuza Kudratulloevna*** – Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi, assistant, department of social disciplines. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Academicians Radjabov Street, 10. Phone: **917335922; 931159669.** E-mail: **firuzaamonatova-71@yandex.ru**.ru

УДК: 316.454.4 (5)(54)

# ТАҲЛИЛИ МУҲТАВОИИ ТАЪРИФҲОИ «ВАҲДАТИ МИЛЛӢ»

***Файзуллаев Х.Ҳ.***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Андешаи «ваҳдати миллӣ» яке аз асоситарин қисми таркибиву тавонбахши тафаккури миллӣ ва маркази тамоми дигар консепсияҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меояд. Ғояи «ваҳдати миллӣ» дар масъалаи ташхиси самти асосии инкишофи давлатдории навини кишвар ҳамчун роҳнамо хизмат мекунад. Ба қавли Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон: «Ҳама гуна ҷомеа ба ҳадафу қутбнамое ниёз дорад, ки роҳи рушди устувори худро мутобиқи он муайян созад. Чунин андеша ва ҳадафи муттаҳидкунанда барои мо, бешубҳа, ғояи ваҳдати миллӣ ба шумор меравад [17, с.410]. Маҳз давлати миллӣ, давлати соҳибистиқлолу озоди демократӣ имконияти таърихӣ фароҳам овард, ки мо андешаи ваҳдати миллиамонро ба вуҷуд орем ва роҳу равиши халқамонро ба сӯйи оянда муайян кунем» [17,с. 424]. Бинобар ин, таваҷҷуҳи муаккад ба «ваҳдати миллӣ» ба ин хотир сурат мегирад, ки усулан «ҳар як неруи сиёсӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки консепсияи мушаххаси идеологиеро ба вуҷуд оварад ва ба воситаи он модели махсуси рафтори иҷтимоиро ташаккул диҳад» [7, с.96].

Ба ин хотир, «ваҳдати миллӣ» метавонад чун идеологияи ҷомеаи навбунёд пазируфта шавад, то ин ки дар роҳи боло бурдани ҳувияти миллӣ ва таҳкими давлатдории миллии тоҷикон хидмат намояд [3, ҷ.6, 154]. Зеро миллате, ки идеяи миллӣ надорад, қурбонии таҷовузгарони хориҷӣ гашта, рӯ ба олами фано хоҳад овард. Пас, агар савол ба миён ояд, ки оё мо - тоҷикон идеяи миллӣ дорем ё не? Ба ин савол посух чунин аст: мо тоҷикон идеяи миллӣ дорем ва бунёди онро ватандӯстию ваҳдати миллӣ ташкил медиҳад [14].

Дар ҷомеаи навбудёди Тоҷикистон ҳамчун идеология матраҳ шудани «ваҳдати миллӣ» беасос нест, зеро аввалан аз нуқтаи назари сиёсатшиносӣ яке аз вазифаҳои идеология ин «сафарбарнамоӣ ва ҳамгироии одамон аст. Маҳз ба воситаи идеология одамон муттаҳид гардонида шуда, барои ҳимояи манфиатҳои умумӣ сафарбар мешаванд» [7, с.96-97]. Дуюм ин ки, агар ба маънидоди фалсафии ин падида рӯ оварем, идеяи миллӣ ба савол дар бораи маънии ҳастӣ ва ҳадафи мавҷудияти як ҷомеаи муайяни таърихӣ, яъне миллат ва давлат, инчунин, рисолати маънавии миллати мушаххас посух медиҳад. Сеюм, рисолати идеяи миллӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ дар он таҷассум меёбад, ки як миллати мушаххасро аз як нуқтаи таърих ба марҳилаи нави тараққиёти ин миллат, яъне ба пешрафт ва ба фардои муваффақ интиқол медиҳад. Чаҳорум ин ки аз назари руҳӣ-равонӣ маҳз идеяи миллӣ моро илҳом мебахшад ва ба мо баҳри хизмат барои рушди Ватан неруи тозаи мудовим медиҳад [14]. Бо таваҷҷуҳ ба ин нуктаҳо мебинем «дар даврони Истиқлолияти давлатӣ бо ибтикори Сарвари давлат идеяи миллии тоҷикон дар шакли олии назариявӣ-методологӣ, яъне дар идеологияи миллӣ бо номи «ваҳдати миллӣ» таҷассуми худро пайдо намуд» [14]. Ин ғоя сарҷамъкунандаи миллат ва омили бунёдгариву созандагӣ мебошад [6, с.103].

Аммо «ваҳдати миллӣ» истилоҳан чӣ маъно дорад? Таърифи он чист? Дар идома баъзе таърифҳои ин истилоҳро аз забону қалами донишмандону давлатмардон ёдовар мешавем. Нахуст таърифи машҳури ин истилоҳро аз назари Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр мекунем, сипас ба таърифҳои дигар ишора менамоем:

**1 -** Ваҳдати миллӣ ё ягонагии миллӣ ин худро ба сифати як ҷузъи миллат амиқан дарк кардан, ҳифзи онро вазифаи шахсии худ ва тамоми ҷомеа донистан, дар роҳи татбиқи марому мақсадҳои миллат саъй кардан аст. Чунин эҳсос бояд дар замири ҳар як сокини мамлакатамон, сарфи назар аз мансубияти милливу мазҳабӣ ҷой дошта бошад ва барои ташаккули ифтихори ватандории онҳо мусоидат намояд [18, с.260].

**2 -** Ваҳдати миллӣ мафҳумест, ки дар он пеш аз ҳама натиҷаҳои амали ҳуқуқию сиёсӣ, психологӣ ва сиёсати пурсамару созандаи дохилии миллӣ ҳамчун раванди инкишофёбандаи амали муштараки бомуваффақияти қувваҳои гуногуни миллӣ-этникӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ дар ҳудуди як давлати муайян ифода меёбад [3, ҷ.6, 143].

**3 -** Ваҳдати миллӣ ин ягонагии иҷтимоии этникӣ дар қаламрави давлати миллист, ки аз ҳамназдикиву иттиҳоди мардуми ҳама ноҳияҳо, вилоятҳо ва минтақаҳои кишвар фаро хоҳад расид ва дарки зарурати ҳамбуди миллӣ, қабулдошти зарурати ягонагии ҳама мардуми қаламрави давлати миллиро ба миён хоҳад овард ва онро чун шарти ҳатмии ҳастии миллӣ устувор хоҳад кард [8, с.110].

**4 -** Ягонагӣ ва иттиҳод (ваҳдат)-и миллӣ ҳоло барои тоҷикон чунин маънӣ дорад, ки руҳияи содалавҳонаи музофӣ ва маҳалгароиро бартараф намоянд, мардумони ҳамаи ноҳияву вилоятҳо худро чун як воҳиди кул, чун миллат бишиносанд ва дар талоши пешрафти миллӣ аз як гиребон сар бароваранд [8, с.39].

**5 -** Ваҳдати миллӣ яъне ягонагии ақидаҳои мардум доир ба арзишҳои муҳимтарини маънавӣ мебошад. Ин арзишҳо, ки дар асоси ҳаммонандии дастаҷамъии милливу фарҳангӣ ташаккул меёбад ва онҳоро тамоми сокинони кишвар қабул медоранд, маҳаки ваҳдати миллиро ташкил медиҳанд [3, ҷ.11, 263].

**6 -** Ваҳдати миллӣ, яъне ин ки ҳар кадом шаҳрванд новобаста ба касбу кор ва мавқеи ишғолнамудааш дар ҷамъият ҷуз мусоидат намудан ба тараққиёти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъият манфиати дигареро надонад ва хуб дарк бояд кунад, ки беҳбуди зиндагии чанд нафар маънии беҳбуди зиндагии ҷамъиятро надорад [3, ҷ.6, 199].

**7 -** Ваҳдати миллӣ, яъне ин ки миллати соҳибдавлат соҳибистиқлолии давлаташро тавассути дастовардҳои азими илмӣ, техникӣ, иқтисодию сиёсӣ ва фарҳангиаш чун ситора дар байни давлату миллатҳои дигар ҷило дода, он аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати пешрав эътироф карда шавад [3, ҷ.6, 199].

**8 -** Ваҳдати миллии воқеӣ ҳолатест, ки аҳли як миллат ё ҷомеа, хусусан, нухбагони он, дар мавриди арзишу муқаддасоти усулии миллӣ, фарҳангӣ ва сиёсии худ фаҳму таърифи ягона дошта, дар бораи саволҳои асосии миллӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ақидатии он ҷомеа посухи мушобеҳ доранд; дар бораи самти ҳаракат ва ҳадафи ниҳоии рушди ҷомеаи худ назари ҳамсон дошта, дар ин замина ба самти муайян ҳаракат мекунанд. Яъне, ваҳдати миллӣ, пеш аз ҳама, як мафҳуми арзишӣ аст [1, 66 ва 97-98].

**9 -** Ваҳдати миллӣ падидаи воқеан мураккаби иҷтимоиест, ки баёнгари сатҳи ташаккули миллӣ буда, дар ҷавҳари миллат тағйироти сифатӣ ва тавонмандии

рақобатпазирӣ ба вуҷуд меоварад ва афроди миллатро муттаҳиду неруҳои зеҳниву ҷисмии онҳоро барои ҳифзи манофеи миллӣ ва расидан ба ҳадафҳои умумӣ мутамарказ карда, миллатро ҳамчун низоми иҷтимоӣ ва сиёсӣ ташаккул медиҳад [2].

Хусусиятҳо ва унсурҳои таркибие, ки барои «ваҳдати миллӣ» дар таърифҳои боло зикр шудаанд ба қарори зеранд:

- Нахустин унсуре, ки дар таърифҳои зикршуда ба он таваҷҷуҳи махсус дода шудааст, ин «миллат/миллӣ» мебошад. Яъне, «ваҳдати миллӣ» аз номаш ҳувайдост, ки бояд миллате вуҷуд дошта бошад, то ин ки онҳо бо ҳам ба ваҳдат бирасанд ва ягона гарданд. Дар луғат вожаи «миллат»-ро «мардуми як кишвар, ки аз як нажод ва тобеи як давлат бошанд» [15,с. 1845] маъно кардаанд. Аз назари улуми сиёсӣ ва равобити байналмилал бошад, чунин маънидод шудааст: «Умумияти таърихан ба ҳам омадаи мустаҳками одамон, ки дар заминаи умумияти забон, марзу бум, ҳаёти иқтисодӣ ва сохти равонии онҳо фароҳам омадааст» [13,с. 801]. Ё «гурӯҳе аз мардум, ки худро ташкилдиҳандаи иҷтимоӣ бо ҳувияти сиёсии мутамоиз аз соири инсонҳо медонанд ва суннатҳои таърихию фарҳангии муштарак доранд ва бештар дар сарзамини мушаххасе зиндагӣ мекунанд» [4].

Ҳарчанд унсури «миллат/миллӣ» айнан бо ҳамин ибора дар таърифҳо зикр шудааст, бо ин ҳол ибораҳои дигар низ барои расонидани ин маъно ба кор рафтаанд, масалан дар таърифи якум: ҳар як сокини мамлакат; дар таърифи дуюм: қувваҳои гуногуни миллӣ-этникӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ; дар таърифи сеюм: ягонагии иҷтимоии этникӣ ва мардуми ҳама ноҳияҳо, вилоятҳо ва минтақаҳои кишвар; дар таърифи чаҳорум: тоҷикон, мардумони ҳамаи ноҳияву вилоятҳо, воҳиди кул; дар таърифи панҷум: мардум ва сокинони кишвар; дар таърифи шашум: ҳар кадом шаҳрванд ва ҷамъият; дар таърифи ҳаштум: аҳли як миллат ё ҷомеа, ҷамъ омадани аҳли як ҷомеа хусусан нухбагони он; дар таърифи нуҳум: афроди миллат ва сатҳи ташаккули миллӣ.

Албатта, бояд ёдовар шуд, ки таъкиду таваҷҷуҳ ба унсури «миллӣ» маънои онро надорад, ки нисбати шаҳрвандоне, ки ҳамчун ақаллиятҳои этникӣ дар ҳудуди кишвар умр ба сар мебаранд, беэътиноӣ ва ё ҳуқуқпоймолкунӣ шавад. Имрӯз дар ҷаҳон кишваре ёфт намешавад, ки шаҳрвандони он намояндаи фақат як миллат бошанд, балки дар ҳар як кишвар ва умуман «дар ҷаҳон милали гуногуне вуҷуд доранд ва он чизе, ки онҳоро ба шакли як миллати воҳид ва ягона даровардааст, зиндагии якҷоя ва қонуну ҳукумати ҳамҷояву муштарак аст, на чизи дигар аз қабили миллату нажод ва мазҳабу хун. Ваҷҳи муштараки ин воҳидҳо он аст, ки онҳоро ҳукумати воҳиде идора мекунад» [16, с.143]. Бо таъкиди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Соҳиби давлати миллӣ гаштани мо ва таваҷҷуҳи хосса доштан ба низоми давлати миллӣ ҳаргиз маънои маҳдуд кардани ҳуқуқи дигар миллатҳоро надорад [18, 260]. (Ва) мо барои ҳифзи асолат, забон ва фарҳанги ақаллиятҳои миллии муқими Тоҷикистон ҳамаи имкониятҳоро фароҳам меорем» [19]. Бинобар ин, дар шароите ки «ваҳдати миллӣ» ҳамчун консепсия ё идеология матраҳ мешавад, ин масъалаи ҳассос бояд ба инобат гирифта шавад, зеро усулан «ҳангоми дар бораи идеология сухан рондан хусусиятҳои тарзи ҳаёт, тарзи тафаккури халқҳо ё халқиятҳои дар давлат зиндагикунандаро ба назар гирифтан лозим аст» [5, с.17].

Ба илова, дар ин самт, сатҳи дарку шуури халқиятҳои гуногун нисбати масъалаи ваҳдат низ бояд бо воситаи омӯзиш додан боло бардошта шавад. «Чун қарор аст, ки

сарчашмаҳои аслии тазоди иҷтимоӣ дар ҷаҳлу худхоҳӣ ёфт шавад, табиӣ аст, ки умед ба барқарории адолат аз тариқи афзоиши огоҳию шуурнокӣ ва хайрхоҳӣ, ба таври мудовим бояд таҷдид шавад. Шакке нест, ки омӯзиш метавонад бисёре аз мушкилоти ҷомеаро ҳал кунад, метавонад зарфияти дарунии одамонро афзоиш диҳад, то битавонанд ниёзҳои якдигарро бароварда созанд ва дар канори ҳамдигар бо робитаҳои ҳамоҳанг ва мунсифона зиндагӣ кунанд» [11, с.37; 43-47]. Бинобар ин, «ҳатто агар як кишвар аз чандин қавму қабилаю гурӯҳ ташкил шуда бошад, метавон бо боло бурдани сатҳи огоҳӣ ва дарку шуури мардум, дар байни онҳо ҳамбастагӣ ва инсиҷом ба вуҷуд овард» [12,с. 154-155].

● Унсури муҳимтарин дар таърифи якум ин «амиқан дарк кардан, донистан ва эҳсос намудан» аст. Яъне, барои таҳаққуқи ваҳдати миллӣ огоҳии сатҳиву ғайриилмӣ ва матбуотиву намоишӣ кифоят намекунад. Ба гуфтаи донишманди машҳури тоҷик Муҳаммадҷон Шакурӣ: «Худро ба як миллат нисбат додан кам аст, чун намояндаи миллат огоҳона амал кардан даркор аст» [8, с.16]. Яъне, лозим аст дар умқи вуҷуди ҳар як шаҳраванд дарку донишу эҳсоси ҳақиқӣ эҷод гардад, ки ӯ як ҷузъи миллат аст ва ҳифзи ваҳдат вазифаи шахсии ӯ ва тамоми ҷомеа мебошад.

Унсури мазкур дар соири таърифҳо низ бо ибораҳои дигар мавриди таъкид қарор гирифтааст, масалан дар таърифи сеюм: дарк ва қабулдошт; дар таърифи чаҳорум: шинохт; дар таърифи панҷум: қабул доштан; дар таърифи шашум: хуб дарк кардан ва дар таърифи ҳаштум: фаҳму назар. Умуман, ин унсур ба ҳолати дарунӣ, яъне зеҳнӣ-маънавӣ ва мафкуравии инсонҳо дахл дорад.

Бо таваҷҷуҳ ба ин ки унсури мазкур дар бештари таърифҳо ба таври сареҳ зикр гардида, балки дар баъзеи он мавриди таъкид қарор гирифтааст, метавон ба чунин хулоса омад, ки поя ва бунёди ваҳдати миллӣ, пеш аз ҳама, ба илму дониш ва шинохту маърифат вобастагӣ дорад. Ба ин хотир мебинем, ки аксари нивисандагону донишмандон ҳангоми баррасии масъалаи ваҳдат ба ин унсур таъкид намудаанд:

Хеле судманд хоҳад буд, агар ваҳдати миллӣ на ҳамчун шиор ба таври сатҳиву ғайриилмӣ ва матбуотиву намоишӣ, балки ҳамчун падидаи иҷтимоиву сиёсӣ ба таври дақиқу амиқи илмӣ ба хотири ояндасозӣ мавриди омӯзишу таҳқиқи олимони ҷомеашиносу сиёсатшинос қарор гирифта, роҳҳои муассири ташаккул додани он дар ҷомеаи парокандатаркиби мо дарёфт гардад ва ҳамзамон бо истифода аз дастгоҳи ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи ҷомеа ба таври устувору мондагор татбиқ карда шавад [2]. Бинобар ин, оянда ва дурнамои оптимистонаи ваҳдати миллӣ, пеш аз ҳама, ба дониш ва биниши илмӣ, ахлоқу мафкураи устувори миллӣ ва фарҳанггустарии табақоти сиёсӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ ва умуман, фаъолони иҷтимоӣ иртибот дорад [9]. Яъне, ваҳдати миллӣ бо роҳи ҳидоят сохтани ҷомеа ба сӯйи илму маърифат падид меояд [10].

Асосан огоҳӣ доштан ва дарку эҳсос пайдо кардан дар бораи ҳамаи мавзуоту масоили зиндагӣ як чизи муҳим, матлуб ва айни муддаост, аммо дар мавриди ваҳдати миллӣ, ки як падидаи ҷамъӣ аст ва ҷанбаи ҳамагонӣ дошта, ба сарнавишти кулли ҷомеа вобастагӣ дорад, аз аҳаммияти бисёр ҳам болое бархӯрдор аст. «Бахусус дар шароити кунунии ҷомеаҳои инсонӣ, муассиртарин ва инсонитарин василаи бавуҷудоварандаи ваҳдату ҳамбастагӣ, боло бурдани сатҳи огоҳии мардум аст, то ин

ки аз тариқи он, худ ба арзишҳои воқеӣ пай бибаранд ва лозиму зарурӣ будани ваҳдатро ташхис диҳанд» [12, с.154-155].

● Унсури таркибии дигар дар таърифҳои зикршуда ин «саъй, талош ва амал» мебошад. Агар унсури «дарк/шинохт/эҳсос» марбут ба ҳолатҳои дарунӣ ва зеҳнӣ-маънавии инсон аст, пас унсури «саъй/талош/амал» ба вазъияти берунии инсон, яъне ҳолати ҷисмонӣ-зоҳирӣ ва фаъолияти физикии ӯ вобастагӣ дорад. Унсури мазкур, дар таърифҳо бо ин ибораҳо баён гардидааст: дар таърифи якум: вазифа, татбиқ ва саъй; дар таърифи дуюм: амал; дар таърифи чаҳорум: талош; дар таърифи шашум: мусоидат; дар таърифи ҳафтум: дастовардҳо; дар таърифи ҳаштум: ҳаракат ва дар таърифи нуҳум: ҳифз (кардан) ва расидан. Ин ибораҳо ҳарчанд гуногунанд, вале моҳиятан дарбардорандаи маънои ягона ё муштараке ҳастанд, яъне амал.

Аз будани ин унсур дар бештари таърифҳо, чунин натиҷа ба даст меояд, ки «ваҳдати миллӣ» на танҳо бояд бо дарку шинохту эҳсос қабул шавад, балки он бояд дар амал татбиқ гардад ва натиҷаи мушаххаси амалии худро нишон диҳад. Ҳар як аъзои ҷомеа бояд дар ин самт ҳаракат ва амал намояд ва ба шиори забонии ваҳдат иктифо накунад.

● Унсури дигар дар таърифҳои ваҳдати миллӣ ин «ҳадафҳо ва арзишҳои муштарак» аст. Ин унсур дар таърифҳо бо ибораҳои гуногун баён гардидааст: дар таърифи якум: марому мақсадҳои миллат; дар таърифи сеюм: қаламрави давлати миллӣ; дар таърифи чаҳорум: пешрафти миллӣ; дар таърифи панҷум: арзишҳои муҳимтарини маънавӣ; дар таърифи шашум: тараққиёти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъият ва беҳбуди зиндагӣ; дар таърифи ҳафтум: дастовардҳои азими илмӣ, техникӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ; дар таърифи ҳаштум: арзишу муқаддасоти усулии миллӣ ва фарҳангию сиёсӣ, ҳадафи ниҳоӣ ва самти муайяни рушди ҷомеа; дар таърифи нуҳум: манофеи миллӣ ва ҳадафҳои умумӣ.

Аҳаммияти ин унсур басо бузург аст, зеро муҳимтарин чизе, ки мардумони ҳамаи ноҳияҳо, вилоятҳо ва минтақаҳои кишварро бо вуҷуди ҳама гуна сифатҳо, хислатҳо, андешаю назарҳо, майлу гароишҳо ва хостаҳою талаботҳои шахсӣ ё гурӯҳӣ ба иттиҳоду ягонагӣ оварда мерасонад, ин будани «ҳадафҳо ва арзишҳои муштарак» аст. Ҳадафҳо ва арзишҳои муштарак ба мисли риштае ҳастанд, ки мардуми гуногун ва ба донаҳои пароканда монандро дар як ҷо гирди ҳам ҷамъ намуда, ба ҳаракату амали онҳо самту сӯйи мушаххас таъин мекунанд. Муваффақияти афрод дар гурӯҳ ва гурӯҳҳо дар ҷомеа ва ҷомеаҳо дар сатҳи байналмилалӣ то ҳадди зиёде вобаста ба муваффақият дар таъини ҳадафҳои муштараки муайяншуда аст. Гурӯҳҳо ва ҷомеаҳо наметавонанд бе доштани ҳадафҳои муштарак ва бидуни ангезаи дастёбӣ ба онҳо, ба натиҷаҳои дилхоҳу мантиқӣ бирасанд. Ҳадафҳои муштарак сабаб мешаванд, ки аъзоёни як гурӯҳ ё афроди як ҷомеа барои дастёбӣ ба онҳо бо якдигар ҳамкорӣ кунанд. Дар раванди ин ҳамкорӣ ҳам рафторҳои байниҳамдигарӣ ё худ кунишҳои мутақобилаи афрод афзоиш меёбанд ва ҳам дараҷаи ангеза ва шӯру шавқи онҳо барои муваффақият, яъне дастёбӣ ба натиҷаи матлуб боло меравад. Ҳамаи инҳо, ҳамзамон, ба таҳкиму тадовуми ҳамбастагии иҷтимоӣ меанҷомад. Бинобар ин, ҳар давлате, ки мехоҳад дар ин дунёи пурмоҷаро на танҳо боқӣ бимонад, балки ба рушду тараққӣ ва иқтидору устуворӣ дар ҳамаи соҳаҳои зиндагӣ, аз ҷумла ваҳдату ҳамбастагӣ низ даст ёбад, бояд барои фардои хеш барнома ва ҳадаф дошта бошад. Аз ин рӯ, мебинем кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон, ба таҳияву тадвини

ҳадафҳои муҳим ва стратегӣ иқдом карда, барои ба натиҷа расонидани онҳо саъю талоши зиёд ва пайгирона ба амал меоваранд.

Вале набояд аз ин матлаб чунин бардошт шавад, ки «ҳадафҳо ва арзишҳои муштарак» мардумро аз доштани ҳадафҳо ва арзишҳои шахсӣ ё гурӯҳӣ бозмедоранд ва пеши роҳи озодии фикрию амалии онҳоро мегиранд. Пажуҳишгарон ба ин нукта таваҷҷуҳ зоҳир намуда, чунин изҳор кардаанд, ки «ваҳдати миллӣ агарчанде тавофуқи назар ва дидгоҳи ягона доштани мардум доир ба манофеи миллӣ, арзишҳои меҳварӣ ва масоили бунёдии ҷомеа аст, аммо набояд тасаввур кард, ки он комилан ба маънои якандешӣ ва ҳамфикриву ҳамсӯии мутлақи миллат доир ба тамоми масъалаҳост ва бо мафҳумҳои дигарандешиву озодии фард ва демократияву плюрализм таноқуз дорад. Ваҳдати миллӣ ҳамфикриву ҳамсӯӣ ва ҳаммаромии миллат доир ба масъалаҳои куллӣ ва бунёдии миллӣ аст, аз ҷумла доир ба масъалаҳои ҳифзи якпорчагии кишвар, манофеи миллӣ, арзишҳои меҳварии ҷомеа, шаъну обрӯи Ватан ва ҳамватанон ва амсоли инҳо» [2].

Ҳоло, ки унсурҳои таркибдиҳандаи «ваҳдати миллӣ» маълум ва маънидод гардиданд, шоиста аст таърифи пешниҳодии худро аз ин истилоҳ ироа намоем:

Ваҳдати миллӣ баёнгари ин воқеият аст, ки аҳли як миллат дар қаламрави давлати соҳибистиқлоли миллӣ амиқан ва аниқан дарку дониш ва эҳсоси ҳақиқӣ доранд, ки ҳар кадоми онҳо як ҷузъи миллатанд ва бо вуҷуди гуногунии андешаҳо ва ҳадафу арзишҳои шахсӣ ё гурӯҳӣ бояд барои дастёбӣ ба натоиҷи амалии ҳадафҳои умумимиллӣ ва арзишҳои муштарак саъю талош намоянд ва ваҳдату ягонагии худро ҳифз кунанд.

**Муқарриз: Мирасанов М.В.- н.и.ф., ДДОТ ба номи С.Айнӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллоҳи Раҳнамо. Ислом ва амнияти миллӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2011.
2. Асадзода Назрӣ. Ваҳдати воқеии миллӣ чист? //Маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа», №2 (6). -2017, нақл аз сомонаи интернетии ravshanfikr.tj, таърихи таҳрир: 17.07.2017. (санаи таърихи муроҷиат: 04.08.2022).
3. Ваҳдат, Давлат, Президент. Ҳайати муаллифон. – Душанбе: Деваштич, 2007. -Ҷ. 6; 11. -С. 2011.
4. Вожаи «миллат». [Манбаи электронӣ] vazhaju.tj, (санаи муроҷиат: 12.07.2022).
5. Маҳмадов А.Н. Амният ҳамчун падидаи системаи иҷтимоӣ - таҷрибаи таҳлили иҷтимоию сиёсӣ / А.Н.Маҳмадов, Ш.А.Раҷабов. – Душанбе: Ирфон, 2007.
6. Мирсаидов А. Фарҳанги таҳаммулпазирӣ ва нақши он дар густариши муносибатҳои миллӣ, Раванди ваҳдат ва назарияи он (китоби дуюм) / А.Мирсаидов. –Душанбе: Илм, 2013. -Ҷ. 20. – 336 с.
7. Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз, Хидирзода Махфират Умар ва Сафарализода Хӯҷамурод Қуддусӣ. Сиёсатшиносӣ (китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ). -Душанбе: Паёми ошно, 2018.
8. Муҳаммадҷон Шакурӣ. Истиқлол ва худшиносии иҷтимоиву маънавӣ. – Душанбе: Бунёди Оли Сомон, 1999.
9. Нурзода Нозим. Ваҳдати миллӣ ва имконоти фарҳангӣ // Маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа», №2 (6), с.2017, нақл аз сомонаи интернетии ravshanfikr.tj, таърихи 13.07.2017. 9сааи муроҷиат: 04.08.2022).
10. Нусратуллои Назариён. Ваҳдати фикрӣ ва идеологияи миллӣ. [Манбаи электронӣ] farazh.tj, таърихи 07.02.2022. Таърихи муроҷиат: 03.08.2022.
11. Рейнголд Нибур. Инсони ахлоқӣ ва ҷомеаи ғайриахлоқӣ. Тарҷумаи Рустами Фаллоҳ. – Теҳрон: Пажӯҳишкадаи мутолиоти фарҳангию иҷтимоӣ, 1389 ҳ.ш.
12. Фаромарзи Рафиъпур. Анатомияи ҷомеа. Чопи нуҳум. –Теҳрон: интишороти Ширкати саҳомии интишор, 1395 ҳ.ш.

13. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов ва Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе: Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2008. -Ҷ. 1, вожаи «миллат».
14. Ҳайдаров Рустам. Ваҳдати миллӣ ва ватандӯстӣ шоҳсутунҳои идеяи миллии тоҷиконанд //Рӯзномаи «Ҷумҳурият» №154. 04.08.2021. [Манбаи электронӣ] jumhuriyat.tj. (санаи муроҷиат: 12.07.2022).
15. Ҳасан Амид. Фарҳанги форсии Амид. –Теҳрон: Амири Кабир, 1359ҳ.ш./1982. -Ҷ. 2.
16. Шукурзод Т. Ҷойгоҳи мафкураи миллӣ дар ташаккули ваҳдати миллӣ, Раванди ваҳдат ва назарияи он (китоби якум). – Душанбе: Илм, 2013. -Ҷ. 19.
17. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. –Душанбе: Ирфон, 2016. -Ҷ. 12.
18. Эмомалӣ Раҳмон, Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. –Душанбе: Ирфон, 2012. -Ҷ. 11.
19. Эмомалӣ Раҳмон, суханронӣ дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат, 19 марти с. 2008. [Манбаи электронӣ] www.president.tj. (санаи муроҷиат: 10.08.2022).

## ТАҲЛИЛИ МУҲТАВОИИ ТАЪРИФҲОИ «ВАҲДАТИ МИЛЛӢ»

Мақолаи мазкур ба таҳлилу арзёбии баъзе таърифҳои «ваҳдати миллӣ» бахшида шудааст. Дар ҷомеаи соҳибистиқлоли Тоҷикистон андешаи «ваҳдати миллӣ» меъёр ва меҳвари тамоми сиёсатҳои дохилӣ ва хориҷии ҳукумат ба ҳисоб меояд. Яъне, «ваҳдати миллӣ» дар масъалаи ташхиси самти асосии инкишофи давлатдории навини кишвар ҳамчун роҳнамо хизмат мекунад. Барои истилоҳи мазкур таърифҳои гуногун ироа гардидаанд, ки аксаран дарбардорандаи унсурҳои муштарак мебошанд. Дар мақола нуҳ таърифи «ваҳдати миллӣ», ки аз тарафи донишмандони тоҷик пешниҳод шудаанд, мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд. Таҳлили ин таърифҳо ва арзёбии унсурҳои ташкилдиҳандаи он барои дарку фаҳми амиқ ва аниқи падидаи «ваҳдати миллӣ» кумаки арзандае хоҳад кард. Ба таври куллӣ, унсурҳои муштараки таърифҳои мазкурро мешавад ба чаҳор даста ҷудо кард: 1) Миллат, қувваҳои гуногуни миллӣ-этникӣ, ягонагии иҷтимоии этникӣ, воҳиди кул, сокинони кишвар, ҳар як шаҳрванд, аҳли ҷомеа. 2) Амиқан дарк кардан, донистан ва эҳсос намудан, қабулдошт, шинохт, фаҳму назар. 3) Саъй, талош, амал, вазифа, дастовардҳо, ҳаракат. 4) Ҳадафҳо ва арзишҳои муштараки миллӣ ва марому мақсадҳои миллат.

**Калидвожаҳо:** ваҳдат, ягонагӣ, миллат, миллӣ, халқиятҳо, ваҳдати миллӣ, ягонагии иҷтимоӣ, идеяи миллӣ, арзишҳои миллӣ, ҳадафҳои муштарак.

## АНАЛИЗ СОДЕРЖАНИЯ ОПРЕДЕЛЕНИЙ "НАЦИОНАЛЬНОЕ ЕДИНСТВО"

Данная статья посвящена анализу и оценке некоторых определений понятия «национальное единство». В независимом обществе Таджикистана идея «национального единства» считается эталоном и стержнем всей внутренней и внешней политики правительства. То есть «национальное единство» служит ориентиром в диагностике основного направления развития новой государственности страны. Термину даны различные определения, которые часто содержат общие элементы. В статье оцениваются девять определений «национального единства», предложенных таджикскими учеными. Анализ этих определений и оценка составляющих их элементов окажет ценную помощь для глубокого и ясного понимания феномена «национального единства». В целом общие элементы этих определений можно разделить на четыре группы: 1) Нация, различные национально-этнические силы, этническая социальная общность, коллективная единица, жители страны, каждый гражданин, члены общности. 2) Глубоко понимать, знать и чувствовать, принимать, узнавать, понимать. 3) Усилие, усердие, действие, задача, достижение, движение. 4) Национальные цели и ценности, задачи и планы нации.

**Ключевые слова:** единство, нация, национальное, этнос, национальное единство, общественное единство, национальная идея, национальные ценности, общие цели.

## ANALYSIS OF THE CONTENT OF THE DEFINITION "NATIONAL UNITY"

This article is devoted to the analysis and evaluation of some definitions of the concept of "national unity". In the independent society of Tajikistan, the idea of "national unity" is considered the standard and the core of the entire domestic and foreign policy of the government. That is, "national unity" serves as a guideline in diagnosing the main direction of development of the country's new statehood. The term has been given various definitions, which often contain common elements. The article evaluates nine definitions of "national unity" proposed by Tajik scholars. An analysis of these definitions and an assessment of their constituent elements will provide valuable assistance for a deep and clear understanding of the phenomenon of "national unity". In general, the common elements of these definitions can be divided into four groups: 1) Nation, various national-ethnic forces, ethnic social community, collective unit, residents of the country, every citizen, members of the community. 2) Deeply

understand, know and feel, accept, recognize, understand. 3) Effort, diligence, action, task, achievement, movement. 4) National goals and values, tasks and plans of the nation.

**Keywords:** unity, nation, national, ethnos, national unity, social unity, national idea, national values, common goals.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Файзуллаев Хайрулло Ҳадиятуллоевич*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, докторанти Ph.D, кафедраи фалсафа. **Суроға:** 734003, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон**:(+992) 985-86-32-08**. E-mail: **donomkafal@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Файзуллаев Хайрулло Хадиятуллоевич*** - Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, докторант Ph.D, кафедра философии,. **Адрес:** 734003, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 121. Телефон**:(+992) 985-86-32-08**. E-mail: **donomkafal@mail.ru**

**Information about the author:** ***Fayzullaev Khairullo Hadiyatulloevich*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, doctoral student of the Department of Philosophy. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121. Phone: (+992) 985-86-32-08. E-мail: donomkafal@mail.ru

УДК:101 (575.3) (091)

# ИНКИШОФИ ТАЪЛИМОТИ ҶАРАЁНҲОИ КОНСЕРВАТИВӢ ВА ШАКЛҲОИ АСОСИИ ОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

*Илчибекова М.О.*
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Дарки падидаву равандҳои сиёсии ҷомеа чандон кори осон нест. Талаботу манфиатҳои рӯзафзуни субъектони сиёсат ва гуногуншаклии он ба дарки яклухт ва комилан одии масъала халал ворид месозанд.

Мафҳуми “консерватизм” аз забони лотинӣ (conserve) гирифта шуда, маънои нигоҳ доштан, ҳимоя намуданро дорад. Идеологияи консерватизм ҳимоятгари меъёрҳои муносибати ҷамъиятӣ, арзишҳои устувор, радкунандаи тағйиротҳои револютсионӣ ва ба ҳаракатҳои халқӣ ҳисси нобоварӣ дорад [5]. Дар замони муосир дар рӯйхати идеологияҳои сиёсие, ки арзи ҳастӣ доранд, яке аз ҷойҳои хоссаро консерватизм ишғол кардааст. Олимоне, ба монанди : О.Бисмарк, Б. Дизраэли, К. Миттерних, У. Черчил, Ш. де Гол, Л. Эрхард, В. Жискар д`Эстен, Ж. Ширак , Р. Рейган ва М. Тетчер ҷараёни консервативиро дар сиёсати амалӣ пешаи худ намуда буданд.

Пас, “консерватизм” чист? Масалан, луғати тафсирии И.Дал мафҳуми “консерватизм”-ро дар бар намегирад, вале ин мафҳумро “консерватор” маънидод менамояд. Ин маънии “баргардонанда, нигоҳдоранда, муҳофизаткунанда, муҳофиз, шахсе, ки нигоҳдорандаи тартиботи ҷорӣ, идоракунӣ, душмани навизм ва тағйирот” - ба ҳисоб меравад [5, с. 386]. Вале танҳо бо ин маънӣ маҳдуд кардани фаҳми мазкур лозим нест. Зеро, чунин маъниҳо, ба мисли “либерализм”, “консерватизм”, “чапҳо”, “ростҳо”, “марказ”, ки дар забони сиёсии муосир истифода мешаванд, дар асрҳои XIX ба кор бурда мешуданд. Муҳаққиқи дигар К.С. Гаджиев хулосаи муайянеро оиди тавсифи «консерватизм» пешниҳод кардааст. Ба андешаи ӯ, дар даҳсолаи охир ҳар гуна тағйирот маънии дарбаргирандаи консерватизмро фаро гирифтааст. Яъне, метавон гуфт, ки як идея ва ё консепсияи махсуси муайянкунандаи раванди сиёсӣ ва ҳолати инкишофи идеологии ҷомеа шуда наметавонад. Вобаста ба омилҳои гуногуни замонию маконӣ шахсиятҳои гуногун ва субъектони фаъоли сиёсат барои ба амал баровардани мақсадҳо аз консепсияҳои идеологии мухталифи сиёсӣ истифода мебаранд [3, с.165]. Аз ҳамин хотир, гуфтан бамаврид аст, ки консерватизм ҳамчун консепсияи сиёсӣ ва ҷараёни идеологӣ наметавонад ба таври пурра аҳаммияти сиёсӣ-амалиашро аз даст диҳад.

Ҳар яки он, аз ҷумла “консерватизм” бо роҳи гибридӣ ба вуҷуд омадааст (бо роҳи якҷояшавии идеяҳои гуногун, назарияҳои гуногун). Дар мамлакатҳои гуногун баъзан ҳамон як мафҳум бо консепсияҳои муқобил якҷоя карда мешавад. Дар муддати даҳсолаҳо дар таърихи ватанӣ ва аслан дар адабиёти сиёсӣ зери мафҳуми «консерватизм» тарафдории ҳама чизҳои тағйирнаёфта, кухнашуда, санҷидашуда дар муддати дурударози вақт, муқобил бароянда ба тараққӣ ва ба ҳама чизи нав дар ҳаёти сиёсии ҷомеа, илм ва ғайра мефаҳмиданд. Дар фаъолияти ҷамъиятӣ консерватизм ҳамчун реаксия ба капиталзм ва синфи истисморгар, баромадкунанда бар зидди ҳаракатҳои револютсионӣ, ҳаракатҳои тараққипарвар муайян шуда буд [8,

с.145]. Шарҳи ҳолати мазкурро метавон дар бештаре аз луғатҳои тафсирӣ пайдо намуд.

Ба миён омадани консерватизмро ҳамчун идеология бо замони нав мепайванданд, яъне ба замони сар задани Инқилоби бузурги Фаронса дар асри XVIII, ки низоми навро ба миён овард. Ҳамин вақт бавуҷудоии консерватизм оғоз шуд (вале худи мафҳум истифода намешуд). Консерватизм шакли реаксияи ҷавобиро гирифт дар нисбати хатарҳое, ки бар арзишҳои анъанавӣ, тарзи ҳаёти мавҷуда ва ақидаҳо аз ҷониби инқилоб меомад.

Дар охири асри XVIII, пеш аз ҳама, ашрофзодагон ба инқилоб муқобилият нишон медоданд. Ин як реаксияи ҷавобии худмуҳофизатӣ аз ҷониби ашрофзодагони феодал бар зидди тараққиёти саноати капитализм ба ҳисоб мерафт, ки таҳдид ба имтиёзҳои онҳо буд. Ин на танҳо ба ашрофзодагон, балки бо зиёдшавии воқеаҳои инқилобӣ ба синфи доранда, бой ҳам тааллуқ дошт [4;6].

Аз ҷониби ҳамагон ходими сиёсии англис, файласуф, публитсист Эдмунд Бёрк ҳамчун ( 1729 – 1797) "асосгузори консерватизм" шинохта шудааст [2, с. 54-55]. Кори асосии назарявии Эдмунд Берк "Размышления о революции во Франции и происходящем в определенных обществах в Англии в связи с этим событием" аввалин маротиба соли 1790 нашр шудааст, баъди як сол аз шикасти Бастилия ва эълони конститутсия нав, вале то бартараф кардани монархия, оғози ҷанг ва пайдоиши терактҳо. Назари Берк дар ҳақиқат, боиси пайдо шудани баҳсҳои сиёсӣ дар бораи фаҳми инқилоби фаронсавӣ ва принсипҳои эълонкардаи он гардад, ки то ҳол амалишавии онҳо давом доранд.

Эдмунд Берк дар шакли танқидкунандаи эътимодноки ҳамон тамоюлҳое, ки ҳангоми инқилоб ба вуҷуд меомаданд, дар онҳо на он чиро медид, ки ба вуҷуд овардагони онҳо мехостанд, яъне ӯ дар ин тамоюлҳо хатареро медид ҳам барои ҷомеаи фаронсавӣ, ҳам барои ҷомеаи англис.

Давраи сифатан нави инкишофи консерватизм ба солҳои 70-80-уми асри XX рост меояд. Омили муҳимтарини ба сатҳи наву тозаи рушд ворид гардидани консерватизмро буҳрони неруҳои чап, аз ҷумла ҳаракати коммунистӣ, сотсиал-демократӣ ва кейнсигароӣ ташкил менамояд. Ҷойи холиро дар назария ва амалияи ҳаракатҳои ҷамъиятию сиёсӣ неруҳои рост ва консерваторон ишғол намуданд. Дар ин давра муносибат ба консерватизм ҳамчун падидаи идеологӣ куллан тағйир ёфт. Баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон ҳизбҳои сиёсӣ наҳаросида худро ҳизби консервативӣ муаррифӣ мекарданд. Дар арафаи ҷанг ва дар давраи ҷанг ҳаракат ва назарияи консерватизмро фашизм бадном намуда буд. Зеро, бисёр муҳаққиқон байни фашизм ва «консерватизми инқилобӣ» тавофути ҷиддиро дидан намехостанд. Чунин тарзи муносибат тадриҷан тағйир ёфтан гирифт. Соли 1980 ба сари қудрат омадани Р.Рейган ва бори дуюм интихоб шудани ӯ, бо роҳбарии Маргарет Тетчер 3 маротиба пайи ҳам дар Англия ғолиб омадани консерваторон, натиҷаҳои интихоботи парламент ва ҳокимияти маҳаллӣ дар Германия, Италия, Франсия ва ғайраҳо нишон доданд, ки ғояҳо ва принсипҳои ҳаракати консервативӣ дар байни умумиятҳои иҷтимоӣ ҷонибдорони зиёд пайдо намуданд. Консерваторон тавонистанд, ки кӯшишҳои худро дар самти муттаҳиднамоӣ ва ҳамоҳангсозӣ дар сатҳи байналхалқӣ, оид ба пайдо намудан ва истифодаи самараноки принсипҳо ва дастурамалҳои идеявию сиёсӣ ва иҷтимоию фалсафӣ муттаҳид созанд. Дар қувват гирифтани

ҷараёни консерватизм таъсиси Иттифоқи байналмилалии демократӣ (1983), ки ҳизбҳои консервативии мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ, Ҳизби ҷумҳуриявии ИМА, Ҳизби либералию демократии Японияро муттаҳид намудааст, нақши назаррас бозидааст. Он ба ифодаи образноки М.Тетчер нақши «Интернатсионали консервативӣ» - ро ба анҷом мерасонад.

Баъдтар консерватизм хосиятҳои гуногуни либерализмро ба худ гирифт. Антиэтатизми канора ва озодии номаҳдуди шахс ба ғояи марказии таълимоти консерватизм табдил гардид.

Дар шароити ҳозира, шакли асосии зуҳури консерватизмро неоконсерватизм ташкил менамояд. Вай аз бисёр ҷиҳатҳо ба неолиберализм монанд аст. Конвергенсияи неолиберализм ва неоконсерватизм дар бисёр мамлакатҳои аврупоӣ «таркиботи коалитсионӣ»-ро ба амал овард. Он мавқеи неруҳои марказихоҳи чапро танг намуд. Чунин ҳолат дар Франсия, Германия, Нидерланд ва ғайраҳо ба амал омад.

Консерватизм дар шакли гуногун зоҳир мегардад. Шаклҳои миллии консерватизмро таҳлил намуда, гуногуншаклии онро бараъло ҳис намудан мумкин аст. Масалан, неоконсерватизм, ростҳои нав, консерваторони традитсионалист ва консерваторони патернатсионалӣ ва ғайраҳо. Консерватизм шакли радикалиро низ гирифта метавонад рейганизм, тетчеризм аз он шаҳодат медиҳанд.

Либертаризм низ ба сифати яке аз шаклҳои зуҳури консерватизм баромад менамояд. Он аз маҷмуи таълимоти сиёсӣ ва қувваҳое таркиб ёфтааст, ки озодии фард, аз ҷумла озодии интихобро дар сатҳи арзиши махсус медонад. Дар тавофут бо либерализми муосир, ки нақши давлатро дар муваффақ гаштан ба адолати иҷтимоӣ ба сатҳи ақал мерасонад, либерализм мақоми давлатро қадр менамояд. Яке аз намояндагони шинохтаи ҷараёни зерин Р.Нозик мебошад [3, с.11].

Баъзе муҳаққиқон ҷараёни либералистиро дар консерватизми муосир меҷӯянд. Инчунин, қисме аз гурӯҳҳо ва ҳизбҳои сиёсии радикалӣ низ бо номи либерализм пайваст гардидаанд. Ин гуна қувваҳо, асосан барои ҳуқуқҳои ақаллиятҳои шаҳвонӣ, барои легаликунонии маводи мухаддири «сабук», бекор намудани ҳукми қатл, паст намудани синну соли интихобкунандагон ва ғайраҳо мубориза мебаранд. Ҳизби радикалии транснатсионалӣ ва баъзе дигар ташкилотҳои сиёсӣ чунин мавқеъ гирифтаанд.

Бештари консерваторон ғояи давлати некуаҳволии ҳамагонро эътироф менамоянд. Аммо таълимоти консерватизм ва принсипу арзишҳои он то андозае гуногуну зиёданд, ки ҳатто муҳаққиқони шинохтаи таълимоти мазкур дар таснифоти он бо мушкилиҳо рӯ ба рӯ мегарданд ва то ба охир таснифоти консерватизмро ба анҷом намерасонанд.

Таҳлили ҳамаҷонибаи неоконсерватизм дар шароити Аврупои Ғарбӣ ва ИМА коршиносонро ба хулосае овварданд, ки ҳоло се шакли асосии он амал менамояд:

1. Шакли либералӣ – консервативӣ, ки асосан дар Британияи Кабир ва ИМА фаъолият дорад. Дар ин мамлакатҳо якшавӣ ва тамоман омехтагардии либерализм ва консерватизм ба итмом расидааст.

2. Демократияи насронӣ, ки таваҷҷуҳи асосӣ ба арзишҳои ахлоқи насронӣ дода мешавад. Дар тафовут бо либерализми консервативӣ демократияи насронӣ танзими

давлатии рафтори одамонро зарур дониста, дар он консепсияи ҷомеаи муташаккил нуфузи зиёд дорад.

3. Консерватизми авторитарӣ, ки ҷонибдори давлати пурзӯр аст. Он бояд арзишҳои консервативиро ҳимоя намояд. Ба андешаи намояндагони ин шакли неоконсерватизм, давлат ҳуқуқи комил дорад, ки ба иқтисодиёт, фаъолияти институтҳои алоҳида дахолат намояд. Ба равияи мазкур бештар хусусиятҳои популистӣ ва миллатгароӣ хос аст [5, с.153].

Яке аз хусусиятҳои асосии консерватизмро эътироф накардани идеология, ғояҳо, назария ва ғайраҳо ташкил менамояд. Тафаккури консервативӣ, одатан хосияти «зиддиназариявӣ» дорад. Либерализм бошад, тафаккури ратсионалиро ихтиёр намудааст, ки ба таври мақсаднок ҳар гуна нақшаҳои абстрактиро таҳлил ва истифода намуда, навсозии ҷомеаро таъмин менамояд. Аммо консерватизмро аз назария, ғоя ва принсипу таълимотҳо дур кардан норавост. Вақте ки дар бораи хосиятҳои зиддиназариявӣ ва зиддиидеологии консерватизм сухан меравад, он маъноро надорад, ки консерватизм аз ғоя ва ё назария дур ё бегона аст. Сухан аз боби он меравад, ки консерватизм ҳангоми муносибат прогматизм, оппортунизм ва компромиссро беҳтар дониста, онҳоро қатъ менамояд ва нақши тафаккури абстрактиро паст мезанад. Консерватизм, зидди мутлақгардонии ҳар гуна ғоя ва таълимот мебошад ва зиёда аз ин, бар зидди воқеигардонии назария дар шакли холис мебошад. Аз бисёр ҷиҳат консерваторон ҳақ мебошанд. Таърих мисолҳои зиёдеро дорад, ки чӣ гуна амалигардонии назария ва ё таълимоти комилтарин низ, ба чӣ оқибатҳои вазнин оварданд. Моҳиятан консерваторон дар ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли масъалаҳо дар амал ва корҳои мушаххас мебошанд. Консерватизми муосир муқобили тағйиротҳо ва ислоҳот баромад намекунад. Фақат ислоҳот ва тағйиротеро ҷонибдорӣ менамояд, ки моҳияти масъала ва раванди сиёсӣ-фалсафиро тағйир дода наметавонад. Тағйири шакл кифоя аст.

Барои тамоми ҷараёни консерватизм, махсусан барои ростҳои нав ва традитсионалистҳо традитсионализми иҷтимоию фарҳангӣ ва дин хос аст. Дур шудан аз арзишҳои анъанавӣ сабаби асосии тамоми ҳодисаҳои иртиҷоии ҷомеаи муосир мебошад. Онҳо дар маънои традитсионализм арзишҳои умумибашариро медонанд. Инкори анъана боиси инсонро андозаи ҳама чиз донистан гардид. Ғояи табиати неки инсон ҷойи ғояи гунаҳкори азалии онро гирифт. Фақат олами моддӣ воқеӣ дониста шуд, ки он ба паст гардидани мақом ва таъсири дин оварда расонид. Одамон боварӣ ба Худоро гум кардаанд [8, с.17]. Паст гардидани чунин арзишҳо, ба монанди қонун, тартибот, интизом, тоқатпазирӣ, консенсус, ватанпарварӣ ва ғайраҳо дар маркази диққати консерваторон мебошанд. Онҳо доимо дар бораи эҳёи арзишҳои анъанавӣ сухан меронанд.

Дар таълимоти консерватизм мақоми махсусро масъалаҳои озодӣ, баробарӣ, ҳокимият, давлат, демократия ва масъалаҳои дигари низомии сиёсии олам ишғол намудаанд. Ҳангоми муносибат бо масъалаҳои мазкур консерваторон худро ҳимоятгарони қатъии ҳуқуқи инсон ва равандҳои демократӣ нишон медиҳанд. Консерваторон давлатро восита ва ҳомии риояи қонун ва нигоҳдорандаи ахлоқ медонанд. Истисноии давлати пурзӯр боиси пайдо гаштан ва ҳукмронии анархия дар ҷомеа мегардад. Муносибати консерваторон нисбати давлат бештар хосияти

авторитарӣ мегирад. Ба андешаи онҳо тарафи дигари масъалаи давлат мавҷуд аст. Давлат метавонад, вобаста ба вазъияти мушаххас, воситаи фишори озодии инфиродӣ бошад. Аз ин хотир, назариётчиёни консерватизм доимо таъкид менамоянд, ки ассотсиатсияҳое бояд мавҷуд бошанд, ки нисбати давлат хурдтар ва заифтаранд.

Консерваторон дар муносибатҳои байниҳамдигарии индивид ва ҷомеа аксари афзалиятро ба ҷомеа мансуб медонанд. Ба андешаи онҳо, ҷомеа нисбат ба ҳукумат васеъ буда, таърихан, ба таври этникӣ ва мантиқӣ аз индивид боло меистад. Ҳуқуқи инсон дар як вақт хосияти табиӣ ва ҳам хосияти иҷтимоӣ дорад. Хосияти табии он аз он хотир аст, ки инсонро Худо ҳамчун қисми оламофарини кабир ҳаст намудааст. Хосияти иҷтимоии инсон дар он зуҳур меёбад, ки ӯ метавонад ҳуқуқҳоро фақат дар ҷомеаи муташаккил истифода намояд. Ҳукумат воситаи сиёсиест, ки ҳуқуқҳои табиии инсонро таъмин ва ҳимоя менамояд. Назари ростҳои нави Аврупои Ғарбӣ, ба хусус гурӯҳи ГРЕС ҷолиби диққат аст. Онҳо фаҳми насронию либерализми индивидуалиро рад намуда, колективиятро ба он муқобил мегузоранд [7, с.41]. Мафҳуми «озодӣ» ва «ҳукмронӣ»-ро муқобили ҳам гузошта, кӯшиши тавсифи илмии онро менамоянд. Кӯшишиҳои одамони Замони навро дар бораи дур шудан аз принсипҳои авторитаризм ва иерархия танқид менамоянд. Ба ҷойи ғояи ҳуқуқи инсон ғояи ҳуқуқи коллективро пеш мегузоранд. Ба андешаи онҳо, бояд ибораи «халқ ҳуқуқ дорад», «миллат ҳуқуқ дорад», «ҷомеа ва давлат ҳуқуқ доранд» нисбати ҳуқуқи инсон афзалият дошта бошанд [12, с.19]. Вобаста ба шахсони алоҳида бошад, бештари назариётчиёни консерватор ҳуқуқҳои онҳоро дар бораи ҳуқуқи умумиятҳо, умумиятҳои таърихӣ, этникӣ, динӣ, фарҳангӣ ва ғайраҳо эътироф менамоянд. Чунин мавқеъро бештар намояндагони консерватизми традитсионалӣ ишғол намудаанд. Ҷараёни мазкур бештар қаноти патернатсионалистии торизми англис, голлизм дар Фаронса, консерваторони рост ва сотсиал – консерваторон дар Германия мавқеъ гирифтааст.

Мафҳуми «патернализми сиёсӣ» аз забони лотинӣ (pater) гирифта шуда, маънои падарро дорад. Он дар маънои доктрина ва шакли муносибатҳои байниҳамдигарии давлат ва ҷомеа истифода мегардад. Патернализми сиёсӣ як навъи ҳимояи «падарона»-и давлат мебошад, ки нисбати тобеони хеш дар шакли муносибатҳои оилаи патриархалӣ сурат мегирад.

Дар олами муосир он ифодаи заифӣ ва инкишофи нокифояи таркиботи ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, ки ҳокимияти давлати пурзӯр ҳумчун ташкилоти сиёсии ҷомеа вазифаҳои зиёди ҷамъиятиро ба худ мегирад. Дар чунин ҳолат озодии сиёсӣ фақат дар риояи бечунучарои қонунҳо ва низоми муайяннамудаи давлат таҷассум меёбад. Вобаста ба сатҳи инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ раванди патернализми сиёсӣ дар маънои муносибатҳои байниҳамдигарии давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ тадриҷан маҳдуд мегардад.

Диққати бештарро голлизми Фаронса ба худ мекашад. Онҳоро, пеш аз ҳама, «эгаизм ва индивидуализм» ва ба ҷомеа ҳокимияти технократҳоро бор намудани либералҳо қаноат карда наметавонад. Чунин муносибати либералҳоро консерваторон ҳамчун антиподи режими демократӣ маънидод мекунанд. Ба андешаи консерваторон, мавқеъгирони васат ба танзимнамоии давлатӣ муносибати душманона наменамояд. Инро консерваторон хатои бузурги либералҳо медонанд. Мақоми марказии таълимоти голлистҳоро андеша дар бораи афзалияти миллати

француз ва бузургии Франсия ташкил менамояд. Чунин хосиятҳоро фақат давлати пурзӯр таъмин карда метавонад.

Намояндагони консерватизми анъанавӣ ва патерналистӣ аз дигарон бештар ба анъана такя менамоянд. Илова бар ин, онҳо бештар ба анъанаҳои динӣ рӯ меоранд. Масалан, ростҳои нави Амрико бештар парастиши эътиқодро тавассути калисоҳои электронӣ ба амал мебароранд. Ин ҷиҳатро консерваторони анъанавӣ рад намуда, анъанаи яҳудиву насрониро танқид менамоянд.

Умуман, консерваторон изҳор менамоянд, ки хоҳони инкишофи тадриҷӣ ва муттасили ҷомеа мебошанд. Барои таъмини чунин ҳолат хирадмандиро бояд ихтиёр кард. Ақл ва заковате, ки аз наслҳо ба мерос мондааст, назар ба афкор ва ақли шахсӣ болотар аст. Вобаста ба чунин тарзи муносибат консеваторон, асосан ба принсипҳои зерин такя менамоянд:

1. «Индивид беақл, вале авлод хирадманд аст».
2. Барои гуногунчеҳрагии «солим» дар ҷомеа бояд гурӯҳҳои гуногун ва синфҳо, ки аз рӯйи вазъияти иқтисодиашон ва шаклҳои зиёди дигари нобаробариҳоро фарқ менамоянд, мавҷуд бошанд.
3. Баробарии ҳақиқӣ фақат дар назди Худо имконпазир аст.
4. Қобилияти ҳаётии ҷомеа ба таври беҳтарин дар ҳолате таъмин мегардад, ки агар аз ҷониби сарвари хирадманд ва қобилиятнок ба амал бароварда шавад. Агар тафовутҳои табиӣ ва институтсионалӣ халалдор гарданд, он гоҳ ҷойи холиро ҳокими золим пур менамояд.
5. Моликияти хусусӣ маҳсули гуногунчеҳрагии инсоният аст. Бе он озодӣ ғайриимкон буда, ҷомеа ба ҳалокат мерасад [6, с.184].

Гуфтан бамаврид аст ки, консерватизм дар сатҳи гуногун дарк ва тавсифу таъриф дода мешавад. Консерватизм моҳият ва мазмуни ба худ хосро соҳиб мебошад. Аз дигар навъҳои дигари консерватизм бо он дар тафовут аст, ки асоси онро субъектони фаъолияти сиёсӣ ва худи фаъолияти сиёсӣ ташкил дода, консепсияи сиёсии дар асосҳои ғоявию мафкуравӣ мураттабгардидаро соҳиб аст. Яъне, он як навъ фаъолияти сиёсист, ки ба асосҳои идеологӣ бунёд ёфта, кӯшиши ба ҳадаф расидани худро бо истифода аз ҳама гуна амалҳои консервативӣ мекунад ва ивази тартиботи муайяни сиёсию давлатиро (тартиботе, ки ба қоидаҳои инкишофи ҳолати идеологии консерватизм рост ва мутобиқат намекунанд) талаб дорад.

Ҷараёнҳои консервативиро таҳқиқ карда, олими анлис М. Оукшот менависад, ки консерватор будан маънои қабул кардани муайянӣ нисбати номуайянӣ, он чизе ки ба вақт дар амалия санҷида шудааст, бурҳон дар нисбати андеша, воқеият дар он коре ки имконпазир аст, маҳдудият назар ба озодӣ, наздикӣ назар ба дурӣ, қаноат назар ба фаровонӣ, хурсандии имрӯза назар ба саодати хаёлӣ мебошад.

Консерватизм ҳамчун ҷараёни идеологӣ метавонад дар фаъолияти иттиҳодияҳои мухталиф, гурӯҳҳо ва шахсони алоҳида таҷассум гардад. Мазмуни амали субъектон метавонад то андозае моҳияти консерватизмро ҳамчун идеология ошкор гардонад. Дар давоми солҳои охир масъалаи мазкур рӯзмарра гардида, бо сабаби он ки ҷараёни манфӣ ва монеъшавандаи инкишофи фазои солими идеологии либерализм муаррифӣ шудааст, баҳсҳои илмӣ оиди моҳияту хусусияти он ва муносибаташ бо дигар падидаву ҳодисаҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа дар сатҳи гуногун ба

вуҷуд омадааст. Дар баробари он зоҳир шудани консерватизм дар навъ ва шаклҳои мухталифи муосириаш мактабҳои илмиро ба баҳсҳо кашидааст.

Консерваторон изҳор менамоянд, ки хоҳони инкишофи тадриҷӣ ва муттасили ҷомеа мебошанд. Барои таъмини чунин ҳолат хирадмандиро бояд ихтиёр кард. Ақл ва заковате, ки аз наслҳо ба мерос мондааст, назар ба афкор ва ақли шахсӣ болотар аст. Дар шароити ҳозира таълимот ва амалияи консерватизм якранг зоҳир намегарданд, ки ҳолати мазкур оқибати рушди гуногунчеҳрагии олам буда, дар зери таъсири мутақобилаи падидаҳои дигари ҳаёти ҷомеа, махсусан баҳамтаъсиррасонии навъҳо ва шаклҳои мухталифи идеологияи сиёсӣ воқеият пайдо менамоянд.

Ҳамин тариқ, дар шароити ҳозира таълимот ва амалияи консерватизм дар сатҳи якрангӣ зоҳир намегарданд, ки ҳолати мазкур оқибати рушди гуногунии олам буда, дар зери таъсири мутақобилаи падидаҳои дигари ҳаёти ҷомеа, махсусан баҳамтаъсиррасонии навъҳо ва шаклҳои мухталифи идеологияи сиёсӣ воқеият пайдо менамоянд.

## АДАБИЁТ


1. Ананьев, Н. А. Российское консервативное движение в начале XX в. / Н. А. Ананьев // Каспийский регион: политика, экономика, культура. - 2021. - № 3 (68). - С. 102-106. - DOI: 10.21672/1818-510X-2021-68-3-102-106.
2. Бёрк Э. Размышления о революции во Франции / Э. Бёрк. - М., 1993.
3. Гаджиев К.С. Американский консерватизм (Проблемы типологизации) // проблемы американистики. Вып. 8: Консерватизм в США’ прошлое и настоящее: Сборник / К.С. Гаджиев. Под ред. Язькова Е . Ф. - М., 1990. -С. 165
4. *Галкин А.А. Консерватизм* в *прошлом* и *настоящем / А.А.Галкин, П.Ю. Рахшмир.* - М: Наука, 1987. - 192 с.
5. Даль В. Толковый словарь живого великорусского языка / В. Даль. М.,1994. -Т. 2. -С. 386.
6. Зокиров Г.Н. Идеологияи сиёсӣ / Г.Н. Зокиров. -Душанбе, 2008. -184с.
7. Консерватизм и неоконсерватизм. [Захираи электронӣ] URL: http://kulturoznanie.ru/politology/konservatizm-i-neokonservatizm/ (санаи муроҷиат 20.01.2019 с)
8. Краткий политический словарь. - М., 1983. -С. 623.
9. Рахшмир П.Ю. Консерватизм в современном мире / П.Ю. Рахшмир. -М., 1989.
10. Репников, А. В. Консервативные модели российской государственности / А. В. Репников. - Москва: Политическая энциклопедия, 2014. - 527 с.
11. США: прошлое и настоящее: Сборник. Под ред. Язькова Е. Ф. -М., 1990.
12. Философский энциклопедический словарь. -М., 1989. -С. 815.
13. Burke E. Reflections on the Revolution in France. E.Burke \-London,1790.
14. Burke E. The Works. Vol. 11. /E.Burke, P. 409


## ИНКИШОФИ ТАЪЛИМОТИ ҶАРАЁНҲОИ КОНСЕРВАТИВӢ ВА ШАКЛҲОИ АСОСИИ ОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Ҷараёни консерватизм дар қатори ҷараёнҳои дигари сиёсӣ-фалсафӣ мавқеи хоссаро касб намуда, меъёри муносибати онҳо нигоҳдошти статус **кво** ба ҳисоб меравад. Зимни омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ паҳлуҳои норушани масъалаи консерватизм мавриди омӯзиш қарор дода шуда, исбот гардид, ки вобаста ба тағйиротҳои замониву маконӣ дар сатҳи мафкураи ҷомеаҳои муосир ҷараёнҳои навин дар доираи ин равия ба миён омадаанд. Исбот карда шудааст, ки пайравони ҷараёни мазкур аз мавқеияти худ дар фазои мафкуравӣ чун пештара дифоъ намуда, нисбат ба падидаҳои зуҳурашон ҷадид муносибати муҳофизакоронаро пеша намудаанд. Консерватизм ҳамчун ҷараёни идеологӣ метавонад дар фаъолияти иттиҳодияҳои мухталиф, гурӯҳҳо ва шахсони алоҳида таҷассум гардад. Мазмуни амали субъектон метавонад то андозае моҳияти консерватизмро ҳамчун идеология ошкор гардонад. Дар давоми солҳои охир масъалаи мазкур рӯзмарра гардида, бо сабаби он ки ҷараёни манфӣ ва монеъшавандаи инкишофи фазои солими идеологии либерализм муаррифӣ шудааст, баҳсҳои илмӣ оиди моҳияту хусусияти он ва муносибаташ бо дигар падидаву ҳодисаҳои ҳаёти сиёсии

ҷомеа дар сатҳи гуногун ба вуҷуд омадаанд. Дар баробари ин, зоҳир шудани консерватизм дар навъ ва шаклҳои мухталифи муосириаш мактабҳои илмиро ба баҳсҳо кашидааст.

**Калидвожаҳо:** консерватизм, неоконсерватизм, либерализм, либертарианизм, индивидуализм, традитсионализм, капитализм, антиэтатизм, идеология, консепсия, ҳизбҳои сиёсӣ, ҷомеа, давлат, фазои мафкуравӣ, иттиҳодияҳои сиёсӣ.

## РАЗВИТИЕ УЧЕНИЯ, КОНСЕРВАТИВНЫХ ДВИЖЕНИЙ И ИХ ОСНОВНЫЕ ФОРМЫ В СОВРЕМЕННЫЙ ПЕРИОД

Течение консерватизма заняло особое положение среди других политико-философских течений, и критерием его отношений является сохранение статус-кво. В ходе изучения, анализа и обсуждения были изучены спорные аспекты консерватизма, а также доказано, что в связи с изменениями во времени и месте на уровне идеологии современных обществ в рамках этого течения возникли новые течения. Доказано, что последователи этого направления попрежнему отстаивали свои позиции в идеологическом пространстве, занимая консервативную позицию по отношению к вновь возникающим явлениям. Консерватизм как идеологическое течение может воплощаться в деятельности различных объединений, групп и отдельных лиц. Содержание действий субъектов может в какой-то мере раскрыть сущность консерватизма как идеологии. В последние годы этот вопрос стал житейским, в связи с тем, что представлен негативный и тормозящий процесс освоения здорового идеологического пространства либерализма, научные споры о его сущности и особенностях, взаимосвязи с другими явлениями и события политической жизни общества формируются на разных уровнях. В то же время появление консерватизма в его различных современных формах вовлекло в полемику научные школы.

**Ключевые слова:** консерватизм, неоконсерватизм, либерализм, либертарианство, индивидуализм, традиционализм, капитализм, антиэтатизм, идеология, концепция, политические партии, общество, государство, идеологическое пространство, политические объединения.

## DEVELOPMENT OF THE TEACHING, CONSERVATIVE MOVEMENTS AND THEIR BASIC FORMS IN THE MODERN PERIOD

The current of conservatism has taken a special position among other political and philosophical currents, and the criterion for their relationship is the preservation of the status quo. During the study, analysis and discussion, the controversial aspects of the issue of conservatism were studied, and it was also proved that due to changes in time and place at the level of the ideology of modern societies, new trends arose within this trend. It is proved that the followers of this trend still defended their positions in the ideological space, taking a conservative position in relation to newly emerging phenomena. Conservatism as an ideological trend can be embodied in the activities of various associations, groups and individuals. The content of the subjects' actions can to some extent reveal the essence of conservatism as an ideology. In recent years, this issue has become mundane, due to the fact that the negative and inhibiting process of mastering the healthy ideological space of liberalism, scientific disputes about its essence and features, its relationship with other phenomena and political life events are presented. Society is formed at different levels. At the same time, the emergence of conservatism in its various contemporary forms has drawn scholarly schools into controversy.

**Key words***:* conservatism, neoconservatism, liberalism, libertarianism, individualism, traditionalism, capitalism, anti-statism, ideology, concept, political parties, society, state, ideological space, political associations.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Илчибекова Маина Отамбековна*** **-** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Телефон: **908 84 73 04**

**Сведения об авторе:** ***Илчибекова Маина Отамбековна*** – Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат философских наук, доцент, кафедра общественных дисциплин. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбада, 48/5. Телефон: **908 84 73 04**

**Information about the author:** ***Ilchibekova Maina Otambekovna*** – International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of Philosophy, Associate Professor, Department of Social Sciences. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbada Avenue, 48/5. Phone: **908 84 73 04**

ТДУ: 101 (575.3) (091)

# РАҚАМИКУНОНӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ МУҲИММИ ТАШАККУЛИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ

*Салимов Ю. Б.*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Ба шарофати технологияҳои компютерӣ, ки интиқоли миқдори зиёди иттилоотро аз як нуқтаи сайёра ба нуқтаи дигари ҷаҳон бо суръати баланд таъмин мекунанд, инсонияти мутамаддини имрӯза ба давраи нави иттилоотӣ ворид мешавад. Раванди иттилоотикунонии ҷомеа аз солҳои 60-уми асри гузашта, вақте ки вазъияти нави иҷтимоӣ аз ҷомеаи индустриалӣ аз ҷиҳати сифат фарқ мекунад, оғоз меёбад. Инқилоби муосири иттилоотии ҷаҳонӣ ба тағйироте оварда расонид, ки он чи дар маҷмуъ ҳам ба ҷомеа ва ҳам барои ҳар як шахс таъсиррасон аст. Бар асоси ин, табиист, ки ба ин дигаргуниҳои технологӣ касе бепарво нест. Баъзеҳо онҳоро ситоиш карда, ибтидо ва мазмуни асосии давраи нави таърихи башарият, барпо намудани чомеаи иттилоотӣ эълон мекунанд. Бархе дигар аз онҳо худдорӣ мекунанд ва қайд мекунанд, ки ин тағйирот зиндагии инсонро печидатар мекунад ва мардумро ба ҷаҳони маҷозии дур аз воқеият мебарад. Дигарон ҳам имкониятҳо ва дурнамои наверо, ки технологияҳои иттилоотӣ мекушоянд ва хатарҳоеро, ки бояд сари вақт эътироф ва пешгирӣ карда шаванд, эътироф мекунанд.

Яке аз омилҳои пешрафти ҷомеаи муосир истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун унсури калидии раванди рақамикунонӣ ва ташаккули ҳукумати электронӣ маҳсуб меёбад.

Ҳукумати электронӣ (ҲЭ) як системаи идоракунии электронии ҳуҷҷатҳои идоракунии давлатӣ мебошад, ки ба автоматикунонии тамоми маҷмуи равандҳои идоракунӣ дар саросари кишвар асос ёфта, бо мақсади ба таври назаррас баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ ва кам кардани хароҷоти робитаи иҷтимоӣ барои ҳар як узви ҷомеа хизмат мекунад [3,с.88].

Дар айни замон консепсияи умумии ташаккули ҲЭ вуҷуд надорад. Кишварҳои гуногун (бо назардошти ҳам хусусияти идоракунии давлатӣ ва ҳам сатҳи иттилоотонии ҷомеа) стратегияи худро оид ба ташаккули ҲЭ таҳия мекунанд. Моделҳои амрикоӣ, аврупоӣ-континенталӣ, осиёӣ ва русии ҲЭ мавҷуданд.

Сарфи назар аз вариантҳои гуногуни таҳияи стратегияҳои ҲЭ дар кишварҳои гуногун, ҷузъи умумии онҳо аз ташаккули ба истилоҳ низоми амудии электронӣ иборат аст, ки ҳамаи сатҳҳои мудирияти давлатиро фаро мегирад.

Рушди ҲМ мавҷудияти на танҳо мустақим, балки инчунин робитаи мутақобилро дар назар дорад, ки асоси ҳама гуна равандҳои идоракунӣ мебошанд. Робитаҳо ҳамчун посухи сохторҳои гуногуни иқтисодӣ ба қарорҳои қабулшудаи идоракунӣ ташаккул ёфта, тавассути ҳамкории зерин амалӣ мегарданд:

-байни тиҷорат ва ҳукумат;

-байни ҷомеа ва ҳукумат;

-байни шохаҳои гуногуни ҳукумат.

Дар қаринаи мавзуи баррасишаванда ваколати намояндагони ҳокимияти давлатиро дар маҳалҳо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ доро

мебошанд, ки салоҳияти онҳо доираи васеи масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар бар мегиранд.

Дар байни маъмултарин хизматрасониҳои электронӣ дар сатҳи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ инҳо ҷойгиранд: ҳисобкунаки хоҷагии манзилию коммуналӣ, бақайдгирии электронии таваллуд ва фавт.

Ҷорӣ намудани ҲЭ дар сатҳи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ самараи калони иҷтимоию иқтисодӣ медиҳад. Илова бар ин, ҷорӣ намудани ҲЭ ба шаҳрвандон имконияти баланд бардоштани сифати зиндагӣ (маълумоти муосир, кам кардани сарфи вақт барои гирифтани хизматрасонӣ, рафъи омили дурии ҳудудӣ ва ғайра) ва соҳибкорон муҳити мусоид барои фаъолияти соҳибкорӣ фароҳам меоварад

Бори аввал мавзуи ҳукумати электронӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Америка соли 1992 баррасӣ шуд. «Ҳукумати электронӣ як системаи муосирест, ки бо истифода аз интернет аз ҷониби ҳукумат барои пайваст кардани муассисаҳо бо ҳамдигар, муассисаҳои хусусӣ ва умуман ҷомеа қабул шудааст. Дар баробари ин, мавҷудияти иттилоот барои эҷоди муносибатҳои шаффоф, ки бо суръат ва дақиқӣ хос буда, ба баланд бардоштани сифати кор нигаронида шудааст, зарур аст. Бисёриҳо бар ин назаранд, ки мафҳуми "ҳукумати электронӣ" бо пайдоиши интернет дар миёнаҳои солҳои навадум ба вуҷуд омадааст ва дархостҳои ҳукуматӣ чанд даҳсола қабл аз ин бармеояд. Гумон меравад, ки бори аввал истилоҳи "ҳукумати электронӣ" ҳангоми суханронии президенти ИМА Билл Клинтон дар соли 1992 сабт шудааст» [1].

Аммо ин аввалин консепсия набуд, ки барои инъикоси идеяҳои барномаҳои "азнавсозии сохтори идораи давлатӣ" дар ИМА ва як қатор кишварҳои дигар аз миёнаҳои солҳои 80-ум истифода мешуд. Зеро пештар аз ибораи «ҳукумати электронӣ» мафҳуми «теледемократия» пайдо шуд, ки пайдоиши он бо оғози истифодаи васеи технологияҳои нав барои он замон, аз қабили телевизионӣ кабелӣ дар охири солҳои 60-ум ва ибтидои солҳои 70-уми асри XX алоқаманд буд. Таҳия ва татбиқи консепсияи ҲЭ дар Иёлоти Муттаҳида, вақте ки гурӯҳи махсуси корӣ дар ҳукумати ИМА дар соли 1993 таъсис дода шуд, оғоз ёфт. Сипас, дар Аврупои Ғарбӣ тамоюлҳои нав пайдо шуданд - соли 1995 Комиссияи Аврупо "Форуми ҷомеаи иттилоотӣ"-ро таъсис дод ва соли 1998 барномаи "Аврупои электронӣ" қабул карда шуд.

Стратегияи ташкили ҳукумати электронӣ ба муқаррароти зерин асос ёфтааст:

– ғайримарказикунонӣ – додани ваколатҳо дар қабули қарор ба сатҳи минтақавӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади кам кардани хароҷоти қабули қарорҳои мутамарказ;

• баланд бардоштани масъулияти бахши давлатӣ барои қарорҳои қабулшуда (ташкили механизми ҳавасмандгардонии мубориза бо коррупсия);

• такмили идоракунии захираҳо, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои инсонӣ, молиявӣ ва дигар захираҳо;

• ҷорӣ намудани унсурҳои муносибатҳои бозорӣ, ки бояд хароҷотро кам ва самаранокии қабули қарорҳоро баланд бардоранд;

• истифодаи ТИК барои идоракунии ҳама намуди иттилоот дар бахши давлатӣ.

Бояд гуфт, ки дар бораи худи мафҳуми «ҳукумати электронӣ» (e-government) баҳсҳои ҷиддие идома доранд. Ҳамин тариқ, иддае аз муҳаққиқон бар ин назаранд, ки ҳукумати электронӣ ҳукуматест, ки портали электронии худро дорад; баъзеи

дигар бар ин назаранд, ки ҳукуматест, ки тавассути интернет бо шаҳрвандон фаъолона ҳамкорӣ мекунад, баъзеи дигар дар доираи ҳукумати электронӣ тамоми доираи хидматҳои электронии давлатро ва мақомоти дахлдори он ба шаҳрвандони худ баррасӣ мекунанд.

Муҳаққиқи рус М.Вершинин ҳукумати электрониро ҳамчун низоми ҳамкории мутақобилаи интерактивии давлат ва шаҳрвандон тавассути интернет, модели нави ҳукумат, аз нав сохтани ҳукумати анъанавии электронии шаҳрвандон ва сохторҳои қудратӣ муайян мекунад [2].

Баръакси ӯ, сиёсатмадори рус А.Н.Кошкин дар зери мафҳуми ҳукумати электронӣ инфрасохтори шабакавии иттилоотӣ ва коммуникатсиониро мебинад, ки раванди иҷрои вазифаҳои сохторҳои давлатиро дар ҷомеаро дастгирӣ мекунад [5]. Воқеан, метавон гуфт, ки лоиҳаи ҳукумати электронӣ аз ду лоиҳаи мустақил, вале ба ҳам алоқаманд иборат аст: таъсиси инфрасохтори иттилоотии дохилии давлатӣ, ки муродифи шабакаи корпоративӣ аст ва инфрасохтори иттилоотии беруна, ки бо шаҳрвандон ва созмонҳо ҳамкорӣ мекунад.

Ба андешаи мо, ҳукумати электронӣ на танҳо низоми аз ҷониби давлат ва мақомоти он ба шаҳрвандон дар асоси ҳамкории фаъолонаи онҳо бо ёрии технологияҳои муосир ва иттилоотию коммуникатсионӣ пешниҳод намудани хизматрасониҳо (аз ҷумла иттилооти дахлдор) мебошад, балки он, пеш аз ҳама, навсозии худи раванди мудирияти давлатӣ нисбат дар шароити нави тараққиёти ҷамъият аст.

Ҳукумати электронӣ тағйир додани тартиби муносибатҳои байни ҳукумат ва ҷомеаро дар бар мегирад. Ин раванд на зуд ва на осон аст. Он стратегияи ҳамоҳангро талаб мекунад, ки бояд аз арзёбии муҳити танзим дар кишвар ва қобилияти аҳолӣ дар истифодаи технологияҳои нав оғоз карда шавад.

Таъсиси «ҳукумати электронӣ»-и комилҳуқуқ ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки бо давлат ҳамкории муассиртар дошта, ба коҳиши дастгоҳи идоракунӣ, ҳалли мушкилоти «коррупсияи оммавӣ» ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти давлат дар маҷмуъ мусоидат кунанд. Аммо зарфияти сарфаи хароҷот ва ихтисори кормандон набояд ангезаи асосии татбиқи ҳукумати электронӣ бошад. Албатта, онҳо аксаран натиҷаи арзишманди ислоҳот мебошанд ва аксар вақт корхонаҳо ва шаҳрвандон аз низомҳои такмилёфтае, ки ҳукумат ба он сармоягузорӣ кардааст, баҳра мебаранд.

Ҳукумати электронӣ на танҳо як роҳи ҳалли технологӣ, балки консепсияи татбиқи ҳукумат ва марҳалаи ташаккул ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон аст, ки дар навбати худ, тағйиротро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дар назар дорад.

Мудирияти давлатӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ ҳангоми истифодаи ТИК барои таъмини шаффофияти иттилоот дар бораи фаъолияти мақомоти давлатӣ, кам кардани вақти ҳамоҳангсозӣ ва баланд бардоштани самаранокӣ ва самаранокии қарорҳои идоракунӣ, ҳосилнокии меҳнати хизматчиёни давлатӣ, кам кардани хароҷоти нигоҳ доштани дастгоҳи давлатӣ, инчунин мубориза бар зидди коррупсия пешбинӣ шудааст.

Аммо набояд фаромӯш кард, ки бидуни сатҳи зарурии таъмини амнияти иттилоотӣ оқибатҳои технологию иҷтимоии компютеркунонӣ ва иттилоотикунонии

соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ҳам барои тиҷорату давлат ва ҳам барои шахс падидаҳои манфиро ба бор оварда метавонад.

Яке аз вазифаҳои асосии рафти муосири дигаргунсозиҳо ваислоҳот дар иқтисодиёт ва иҷтимоиёт азнавсозии вазифаҳои танзими давлат дар шароити гузариш ба сифати нави рушди иҷтимоию иктисодӣ дар асоси технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) мебошад.

Рушд ва истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) як тамоюли ҷаҳонии пешрафти илмию техникӣ дар даҳсолаҳои охир буда, боиси тағйироти назаррас дар бисёр соҳаҳои фаъолияти инсон, аз қабили маориф, шуғли аҳолӣ, тандурустӣ, иқтисодиёт мебошад. Истифодаи ТИК барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт, тавсеаи имкониятҳои ҳамгироии он ба низоми ҷаҳонии иқтисодӣ, баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Рушди технологияҳои иттилоотӣ ҷомеаи постиндустриалиро ба ҳолати нави сифатӣ – ҷомеаи иттилоотӣ табдил медиҳад. Дар системаи идоракунии давлатӣ консепсияи нав – ҳукумати электронӣ пайдо мешавад.

Дар маҷмуъ, ҳукумати электрониро метавон ҳамчун истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) барои баланд бардоштани самаранокии вазифаҳо ва хидматҳои анъанавии давлатӣ муайян кард. Аз ҷумла, ҳукумати электронӣ «истифодаи технологияҳои рақамӣ барои табдил додани идоракунии давлатӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокӣ, самаранокӣ ва хизматрасонӣ»-ро дар назар дорад [3,с.2].

Ҳукумати электронӣ на танҳо як рӯйдоди кӯтоҳмуддат, балки раванди эволютсионии тағйир додани идоракунии давлатӣ дар дарозмуддат бо таваҷҷуҳ ба раванди хидматрасонии шаҳрвандон мебошад.

Мақсад аз таъсиси ҳукумати электронӣ ба шаҳрвандон самараноктар расонидани хадамоти давлатӣ мебошад. Умуман, ҳар чӣ бештар хадамот дар интернет дастрас бошад ва истифодаи ин хадамот ҳарчи васеътар бошад, таъсири ҳукумати электронӣ ҳамон қадар бештар мешавад. Ҳамин тариқ, ҳукумати электронӣ барои ба даст овардани таъсири устувор дар самти самаранокии дохилӣ ва шаффофияти идоракунии давлатӣ миқдори муҳимми «шаҳрвандони электронӣ» (шаҳрвандони электронӣ) ва «корхонаҳои электронӣ» (е-бизнес)-ро талаб мекунад. Бо вуҷуди ин, расидан ба ин сатҳ осон нест.

Ҳукумати электронӣ танҳо вақте муваффақ хоҳад шуд, ки талабот ва дастгирии аксарияти аҳолӣ вуҷуд дошта бошад. Як қисми ин талабот аз баланд бардоштани огоҳӣ дар бораи имкониятҳо, ки дар натиҷаи беҳтар ва зудтар расонидани хидматҳои давлатӣ ба вуҷуд меоянд, бармеояд. Шаҳрвандон ва соҳибкорон инчунин бояд тавассути пешниҳоди мундариҷаи ҷолиб, мувофиқ ва дастраси рақамӣ аз хидматҳои ҳукумати электронӣ истифода баранд.

Сохторҳои давлатӣ метавонанд аз технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои беҳтар кардани иртибот бо зерсохторҳои дахлдори худ, аз ҷумла бо истифода аз интернет барои мубодилаи иттилоот ва пешниҳоди хидматҳои давлатӣ ба аҳолӣ истифода баранд. Давлат метавонад тавассути сармоягузорӣ ба технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои эҳтиёҷоти дохилии худ ва ба фаъолияти самараноктар ва эҷоди бозори маҳаллӣ ангезндаи иқтисоди иттилоотӣ

бошанд. ТИК метавонад фаъолияти ҳукуматро барои шаҳрвандон ва нозирони дигар муассиртар ва шаффофтар кунад.

Албатта, бояд тазаккур дод, ки "имкониятҳои асосии баланд бардоштани самаранокии ҳукумати электронӣ дарояндаи наздик, пеш аз ҳама, ба ҳалли масъалаҳои идоракунӣ, на техникӣ алоқаманданд, зеро ҳукумати электронӣ худ аз худ наметавонад бисёр мушкилотро, аз ҷумла баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ ва коҳиши фасодро пурра ҳал кунад" [4].

Дар Тоҷикистони муосир ҳам дар самти ташаккули ҳукумати электронӣ корҳои назаррасе ба анҷом расидаанд. Масалан, Консепсияи ташаккули Ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2012-2020) бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, № 643 тасдиқ карда шудааст.

"Макоми танзим, назорат ва ҳамоҳангсозии Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маркази иттилоотию техникии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бо ин масъалаҳо як қатор вазорату идораҳои давлатӣ низ машғуланд, ки аз ҷумла Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра мебошанд.

Ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми вазорату идораҳои дахлдор дар доираи Шурои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Шурои технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Шуро) мақоми олии роҳбарикунанда ва ҳамоҳангсоз дар соҳаи рушди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, татбиқи сиёсати давлатии иттилоотӣ ва ташаккули системаи иттилоотӣ ва -Ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад".

Ҳадафҳои асосии ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз инҳо иборатанд:

-баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва идораи давлатӣ тавассути истифодаи васеи ТИК;

-баланд бардоштани сифат ва дастрасии хизматрасониҳои давлатӣ ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо;

-содагардонии расмиёт ва кам кардани муҳлатҳои пешниҳоди хизматҳои давлатӣ, инчунин кам кардани хароҷоти маъмурӣ вобаста ба пешниҳоди ин хизматрасониҳо;

-баланд бардоштани дастрасии маълумот дар бораи фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;

-ташаккули системаи ягонаи мубодилаи иттилоот, бо истифода аз захираҳои электронии иттилоотӣ ва робитаи доимӣ бо система ва шабакаи маҳдуди ҳисобдорӣ барои ҳамаи истифодабарандагон;

-ҳавасмандгардонии иқтисодии истифодаи интернет ва технологияҳои муосири иттилоотӣ.

Барои рушди ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор лоиҳаҳо амалӣ карда шуданд:

- Феҳристи ягонаи электронии маълумот ва маълумот оид ба иҷозатномаҳо ва иҷозатномаҳо (ijozat.tj) таъсис дода шудааст, ки дорои маълумоти пурра ва боэътимод оид ба раванди гирифтани иҷозатнома ва иҷозатномаҳо барои баъзе намудҳои фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

• Дар назди Кумитаи андоз низоми бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ «Равзанаи ягона» ҷорӣ карда шуд.

Системаи электронии декларатсияи андоз ҷорӣ карда шудааст, ки ба пардохткунандагон имкон медиҳад, ки раванди ҳисоботдиҳӣ осон карда, раванди пешниҳоди эъломияҳои андоз ба мақомоти андоз пурра автоматӣ гардад (andoz.tj, www.mbma.tj).

• Бонки мутамарказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Adlia" (adlia.tj) таъсис дода шудааст барои корбарони касбӣ, ки дар фаъолияти худ иттилооти меъёриро истифода мебаранд: ҳуқуқшиносон, аудиторҳо, машваратчиёни андоз, муҳосибон ва соҳибкорон.

• Дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумрук системаҳои иттилоотии корпоративӣ барои автоматикунонии равандҳои бизнес ва пайвастани ҳамаи шуъбаҳои дурдаст ва дар оянда ҳамгироии муносибатҳои байниидоравӣ таҳия карда мешаванд.

• Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Лоиҳаи модернизатсияи идоракунии молияи давлатиро амалӣ менамояд (www.pfmmp.tj).

• Лоиҳаи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Равзанаи ягонаи расмиёти воридот, содирот ва транзит» дар ҳоли таҳия қарор дорад.

• Дар назди маъмурияти хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи иттилоотии Феҳристи хизматчиёни давлатӣ таъсис дода мешавад: Шабакаи ТИК-и давлатӣ, феҳристи хизматчиёни давлатӣ [6].

**Муқарриз: М.Музаффарӣ-д.и.ф., профессор, Маркази антропологияи АМИТ**

**АДАБИЁТ**


1. Аль-Габри, Вадах Мохаммед. Электронное правительство: его перспективы, возможности и угрозы//URL: https://moluch.ru/archive/ 119/32857/ (дата обращения: 05.04.2023).
2. Вершинин М.С. Электронная демократия: российские перспективы //Технологии информационного общества – Интернет и современное общество / М.С.Вершинин //Материалы Всероссийской объединенной конференции (Санкт-Петербург, 20-23 ноября 2001 г.). СПб.: Изд-во С.-Петерб. ун-та, 2001. -С. 150-152
3. Голобуцкий А. Электронное правительство / А.Голобуцкий, О.Шевчук //Делопроизводство. – 2010 – №1.– С. 3-6.
4. Иншакова Е. Г. «Электронное правительство» в публичном управлении: административно-правовые проблемы организации и функционирования / Е. Г. Иншакова. - Воронеж, 2015.
5. .Кошкин, А.Н. «Электронное правительство» как инструмент модернизаии общественных отношений в и нформационном веке // [Электронный ресурс] URL: http://emag.iis.ru/arc/infosoc/emag.nsf/(дата обращения: 02.04.2023).
6. Обзор законодательства Республики Таджикистан в сфере электронного правительства: Электронные госуслуги// URL: https://digital.report/ zakonodatelstvo-tadzhikistana-v-sfere-elektronnogo-pravitelstva-3/(дата обращения: 01.04.2023).
7. Редди У. Взаимосвязь между ИКТ и полноценным развитием. Модуль 1. Copyright © UN-APCICT 20009.
8. Чугунов А. В. Политика и Интернет : политическая коммуникация в условиях развития современных информационных технологий Иншакова Е. Г.: дис. ... канд. полит, наук : 23.00.01 / А. В. Чугунов. - СПб.,2000.-179 с.
9. Шанченко Н. И. Информационный менеджмент / Н. И. Шанченко. - Ульяновск: УлГТУ, 2006. - 95 с. - ISBN 5-89146- 931-6.
10. Шеремет А. Н. Интернет как средство массовой коммуникации (социологический анализ) : дис. ... канд. соц. наук: 22.00.06 /А. И. Шеремет. - Екатеринбург, 2003. - 167 с.
11. Шестакова И. Г. Генезис средств коммуникации и трансформация социального тела / И. Г. Шестакова // Актуальные проблемы гуманитарных и естественных наук. - 2013. - № 2. - С. 173-177. - ISSN 2073-0071.
12. Электронное правительство Таджикистана// [Электронный ресурс] URL:https://www.tadviser.ru/index.php /Электронное_ правительство _Таджикистана? ysclid=lg3uodamt ***9296372174***(дата обращения: 03.04.2023).
13. Эриксен Т. Х. Тирания момента. Бремя в эпоху информации / Т. Х. Эриксен. - М.: Весь мир, 2003. - 203 с. - ISBN 5-94067-114-4.

14. Яковец Ю. В. Эпохальные инновации XXI века / Ю. В. Яковец. - М.: Экономика, 2004. - 448 с. - ISBN 5-282-02382-2.
15. Яковлева Е. А. Электронное правительство : теоретические модели и политическая стратегия российского государства: дис. ... канд. полит, наук : 23.00.02 / Е. А. Яковлева. – М., 2006.-212 с.

## РАҚАМИКУНОНӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ МУҲИММИ ТАШАККУЛИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ

Солҳои охир бисёре аз кишварҳои пешрафта ва рӯ ба тараққӣ бартариҳои азимеро, ки рушд ва паҳн кардани технологияҳои нави иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ меорад, пурра дарк намуда, дар самти ҷомеаи иттилоотӣ пайваста пешравӣ нишон дода истодаанд. Дар баробари ин, ҳар як мамлакат мувофиқи шароитҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маданӣ бо ин роҳ пеш меравад. Истилоҳи «ҳукумати электронӣ» дар ҷомеаи илмии тоҷик ҳамчун вокуниш ба аҳаммияти дарки омӯзиши имконоти истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) барои ҳалли мушкилоти идоракунии давлатӣ пайдо шудааст. Ба муносибати гузаштан ба марҳалаи нави информатсионии рушди ҷомеа дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъият низ дигаргуниҳои гуногун ба амал меоянд. Ба шарофати пешрафти илмию техникӣ, компютеркунонӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ метавон дар бораи шакли нави идоракунии давлатӣ сухан гуфт, ки консепсияи он дар айни замон фаъолона таҳия ва амалӣ карда мешавад. Сухан дар бораи ҳукумати электронӣ меравад. Таърихи таъсиси ҳукуматҳои электронӣ бо рушди технологияҳои иттилоотӣ пайвастагӣ дорад. Ба андешаи коршиносон, ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) дар идоракунии давлатӣ рушди иқтисодиётро суръат мебахшад, хароҷоти расмиёти бюрократиро коҳиш медиҳад, самаранокӣ ва маҳсулнокии фаъолияти сохторҳои давлатиро баланд мебардорад, имкониятҳои аҳолиро дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ васеъ мекунад, тавассути беҳтар намудани дастрасӣ ба намудҳои гуногуни иттилоот, ба ташкили кори шаффофтари хадамоти давлатӣ, заиф кардани монеаҳои бюрократӣ мусоидат мекунанд. Рушди технологияҳои иттилоотӣ ба тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеа: иқтисодиёт; сиёсат, илм, маданият, маориф таъсир мерасонад. Бо вуҷуди ин, таъсири муҳимтарин ба ҷомеаи шаҳрвандӣ ва системаи идоракунии давлатӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** рақамисозӣ, ҳукумати электронӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, ҷомеаи иттилоотӣ, интернет, идоракунии самаранок.

## ЦИФРОВИЗАЦИЯ КАК ВАЖНЫЙ ФАКТОР ФОРМИРОВАНИЯ ЭЛЕКТРОННОГО ПРАВИТЕЛЬСТВА

В течение последних лет многие развитые и развивающиеся страны мира, в полной мере осознав те колоссальные преимущества, которые несет с собой развитие и распространение новых информационно-телекоммуникационных технологий, демонстрируют последовательное продвижение по пути к информационному обществу. При этом каждая страна движется в этом направлении в соответствии со сложившимися политическими, социально-экономическими и культурными условиями. Термин «электронное правительство» в таджикской научной среде возник как реакция на осознанную важность исследования потенциала использования информационно-коммуникационных технологий (ИКТ) для решения задач государственного управления.В связи с переходом к новому, информационному этапу общественного развития, различные сферы социальной жизни тоже подвергаются разного рода изменениям. Благодаря научно-техническому прогрессу, компьютеризации и внедрению современных информационных технологий можно говорить о новой форме государственного управления, концепция которой активно разрабатывается и претворяется в жизнь уже в настоящее время. Речь идет об «электронном правительстве».История создания электронных правительств идет параллельно с развитием информационных технологий. Как полагают эксперты, введение информационно-коммуникационных технологий (ИКТ) в государственное управление позволит ускорить развитие экономики, снизить затраты на бюрократические процедуры, повысить эффективность работы и производительность труда государственных ведомств, расширить возможности населения в формировании гражданского общества за счет улучшения доступа к различного рода информации, создания более прозрачной работы государственных служб, ослабления бюрократических барьеров. Развитие информационных технологий воздействует на все стороны жизни общества: экономику, политику, науку, культуру, образование. Однако самое главное воздействие происходит на гражданское общество и системы государственного управления.

**Ключевые слова**: цифровизация, электронное правительство, информационно-коммуникационные технологии, информационное общество, Интернет, эффективное управление

## DIGITALIZATION AS AN IMPORTANT FACTOR IN THE FORMATION OF ELECTRONIC GOVERNMENT

In recent years, many developed and developing countries of the world, having fully realized the enormous advantages that the development and dissemination of new information and telecommunication technologies bring with it, have been demonstrating consistent progress towards the information society. At the same time, each country is moving in this direction in accordance with the prevailing political, socio-economic and cultural conditions.The term "electronic government" in the Tajik scientific community arose as a reaction to the perceived importance of studying the potential of using information and communication technologies (ICT) to solve the problems of public administration.In connection with the transition to a new, informational stage of social development, various spheres of social life are also undergoing various kinds of changes. Thanks to scientific and technological progress, computerization and the introduction of modern information technologies, we can talk about a new form of public administration, the concept of which is being actively developed and put into practice at the present time. We are talking about e-government.The history of the creation of e-governments goes hand in hand with the development of information technology. According to experts, the introduction of information and communication technologies (ICT) in public administration will accelerate the development of the economy, reduce the cost of bureaucratic procedures, increase the efficiency and productivity of government departments, expand the population's ability to form a civil society by improving access to various types of information , creating a more transparent work of public services, weakening bureaucratic barriers.The development of information technologies affects all aspects of society: the economy; politics, science, culture, education. However, the most important impact is on civil society and public administration systems.

**Keywords**: digitalization, e-government, information and communication technologies, information society, Internet, effective management

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Салимов Юсуфҷон Баҳриддинович*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, докторанти Ph.D. **Суроға:** 734003, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ,121 Телефон: **+992901034010**

**Сведения об авторе**: ***Салимов Юсуфджон Бахриддинович*** – Таджикский государственный педагогический университет, докторант Ph.D. **Адрес:** 734003, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки,121. Телефон: **+992901034010**

**Information about the author:** ***Salimov Yusufjon Bakhriddinovich*** - Tajik State Pedagogical University, Ph.D. **Address:** 734003, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki avenue, 121. Phone: **+992901034010**

**УДК:372.881.116.11(575.3)**

# ВЫРАЗИТЕЛЬНОЕ ЧТЕНИЕ НА ЗАНЯТИЯХ ПО РУССКОМУ ЯЗЫКУ

***Шодиев Р.А., Рузиева Л.Т.***
**Таджикский национальный университет**

Выразительность, правильность чтения - один из показателей хорошего общего развития школьников. В подавляющем большинстве учащиеся, которые хорошо читают текст, доступный их возрасту, грамотны, развиты, пишут содержательные изложения и сочинения.

Беглость, четкость, выразительность чтения текста означают, что текст ученику понятен, что учащийся быстро схватывает смысл отдельных синтаксических единиц и умеет выделить интонационно или отделить интонацией одну синтаксическую единицу от другой, что учащийся проникся тем или иным чувством к изображенным событиям, людям, картинам.

Выразительность чтения является не только следствием усвоения содержания произведения, его идейной направленности, но также следствием усвоения законов языка. С другой стороны, выразительное чтение текста, иллюстрирующего то или иное правило, играет большую роль при изучении грамматики, особенно синтаксиса, способствуя тому, что отдельные синтаксические единицы (а иногда и раздельное или слитное написание слова) усваиваются не только по содержанию, формальным признакам, но и на слух, по интонации.

При изучении морфологии выразительное чтение, правда, не является важным фактом усвоения морфологических правил и их применения на письме, тем не менее выразительное чтение должно занять подобающее место на всех уроках грамматики, во-первых, потому, что оно способствует лучшему осмыслению текста, во-вторых, потому, что учащиеся благодаря выразительному чтению пока на слух воспринимают различные компоненты текста, с которыми они впоследствии познакомятся подробнее; правильное чтение будет способствовать развитию внимания и памяти учащихся.

9. Босова Л.Л. Уроки информатики в 5–7 классах: методическое пособие/ Л.Л.Босова, А.Ю.Босова. – М.: БИНОМ. Лаборатория знаний, 2007.
10. Усенко Д.Ю. Школьная доска обретает «разум» /Д.Ю.Усенко // Информатика и образование. – 2008. -№ 12. – С.63-67.

11. Усенко Д.Ю. Интерактивная доска Smart Board: до и во время урока /Д.Ю.Усенко, Информатика и образование. – 2006. -№ 2. -С. 40-49.

## ПАҲЛУҲОИ ПЕДАГОГИИ МЕТОДОЛОГИЯИ ТАҲИЯИ ДАРСҲО БО ИСТИФОДА АЗ ТАХТАИ ИНТЕРАКТИВӢ ДАР МУҲИТИ ИННОВАТСИОНИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ ВА ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Дар мақола паҳлуҳои методологии таҳияи дарсҳо бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ дар муҳити инноватсионии таҳсилоти олӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ дида баромада шудаанд. Қайд кардан зарур аст, ки дар ҷомеаи имрӯза, навсозии самти маориф ниёз ба тайёр кардани омӯзгоре зиёд шудааст, ки тавонад мазмуни фаъолияти омӯзгории худро тавассути таҳия ва татбиқи дастовардҳои илм ва навовариҳои пешқадами педагогӣ навсозӣ кунад. Марҳилаи имрӯзаи амалияи педагогӣ ин гузариш аз технологияи иттилоотию фаҳмондадиҳии таълим ба фаъолияти инкишофдиҳанда, яъне технологияҳои компютерии навин мебошад, ки доираи васеи сифатҳои шахсии донишҷӯёнро ташкил медиҳад. Дар ин марҳилаи таълим ҷорӣ намудани технологияҳои компютерӣ дар ҷараёни таълим босуръат пеш меравад. Технологияҳои нави иттилоотии таълими физика дар донишгоҳҳо ва мактабҳо ба истифодаи технологияи компютерӣ ва комплекси таълимию методии мувофиқ дар раванди таълим (таълим, барномаҳои назоратӣ, моделсозӣ; таҷҳизоти таълимӣ, ки дар якҷоягӣ бо компютер; таълими системаҳои барномаҳо, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои компютерӣ ва ғайра) васеъ истифода мешаванд.Тахтаи интерактивӣ барои кор ва эҷодкории омӯзгор ва донишҷӯ имкониятҳои беназир фароҳам меорад. Онҳо барои кушодани мавзуи дарс назар ба тахтаи одии сафед ё ҳатто компютери дорои проектор имкониятҳои бештар доранд. Тахтаҳои интерактивӣ фоидабахшии муаррифии маводро зиёд мекунанд. Аммо шумо метавонед танҳо тавассути дуруст ба нақша гирифтани дарс ва омода кардани маводи дуруст аз истифодаи тахтаи интерактивӣ самаранoктар истифода баред. Дарсҳоеро, ки бо истифода аз тахтаи интерактивӣ омода карда шудаанд, омӯзгор метавонад на як маротиба истифода барад ва мутобиқсозии минбаъдаи дарсҳоро талаб накунад, ки ин дар ниҳоят вақтро барои омодагӣ ба дарс сарфа мекунад.

**Калидвожаҳо:** компютер, озмоишгоҳ, виртуалӣ, моделсозӣ, физика, техника, барнома, интерактивӣ, тахта, призентатсия.

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ МЕТОДИКИ РАЗРАБОТКИ УРОКА С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ИНТЕРАКТИВНОЙ ДОСКИ В ИННОВАЦИОННОЙ СРЕДЕ ВЫСШЕГО И ОБЩЕГО СРЕДНЕГО ОБРАЗОВАНИЯ

В статье рассматриваются методические аспекты организации урока с использованием информационных технологий в инновационной среде высшего и общего среднего образования. Важно отметить, что в современном обществе модернизация направления образования повысила потребность в подготовке учителя, способного актуализировать содержание своей педагогической деятельности за счет разработки и внедрения научных достижений и передовых педагогических инноваций. Современным этапом педагогической практики является переход от информационно-объяснительных технологий обучения к развивающей деятельности, т.е. к новым компьютерным технологиям, формирующим широкий спектр личностных качеств обучающихся. На данном этапе обучения внедрение компьютерных технологий в учебный процесс идет быстрыми темпами. Широко используются новые информационные технологии обучения физике в вузах и школах, а также использование в учебном процессе компьютерной техники и соответствующего учебно-методического комплекса (обучающие, управляющие программы, моделирование, учебное оборудование, совмещенное с компьютером; обучающие программные комплексы, учебники и компьютерные пособия и др.).Интерактивная доска предоставляет уникальные возможности для работы и творчества учителя и ученика. У нее больше возможностей раскрыть тему урока, чем у простой доски или даже компьютера с проектором. Интерактивные доски повышают полезность подачи материала. Но максимально использовать интерактивную доску можно, только правильно спланировав урок и подготовив нужные материалы. Уроки, подготовленные с помощью интерактивной доски, могут быть использованы учителем неоднократно и не требуют дальнейшей адаптации уроков, что в итоге экономит время на подготовку к уроку.

**Ключевые слова:** компьютер, лаборатория, виртуальный, моделирование, физика, методика, программа, интерактив, доска, презентация.

**PEDAGOGICAL ASPECTS OF THE METHODOLOGY FOR DEVELOPING A LESSON USING AN INTERACTIVE WHITEBOARD IN AN INNOVATIVE ENVIRONMENT OF HIGHER AND GENERAL SECONDARY EDUCATION.**

In conclusion, the article discusses the methodological aspects of organizing a lesson using information technology in an innovative environment of higher and general secondary education. It is important to note that in modern society, the modernization of the direction of education has increased the need to train a teacher who is able to update the content of his pedagogical activity through the development and implementation of scientific achievements and advanced pedagogical innovations. The current stage of pedagogical practice is the transition from information and explanatory learning technologies to developmental activities, i.e. to new computer technologies that form a wide range of personal qualities of students.At this stage of education, the introduction of computer technologies into the educational process is proceeding at a rapid pace. New information technologies for teaching physics in universities and schools for the use of computer technology and the corresponding educational and methodological complex in the educational process (training, control programs, modeling; educational equipment combined with a computer, educational software systems, textbooks and computer manuals etc.) are widely used.The interactive whiteboard provides unique opportunities for the work and creativity of the teacher and student. They have more opportunities to reveal the topic of the lesson than a simple whiteboard or even a computer with a projector. Interactive whiteboards increase the usefulness of presenting material. But you can make the most of the interactive whiteboard only by planning the lesson correctly and preparing the necessary materials. Lessons prepared using the interactive whiteboard can be used by the teacher repeatedly and do not require further adaptation of the lessons, which ultimately saves time preparing for the lesson.

Key words: computer, laboratory, virtual, simulation, physics, methodology, program, interactive, whiteboard, presentation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Олимӣ Ашуралӣ Рамазон*** – Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади илмҳои физикаю математика, дотсент, кафедраи физика. **Суроға:** 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25. Телефон: **(+992) 555-05-09-24.** E-mail: **olimov_19641@mail.ru.**

***Валиев Маҳмадсафар Халқулоевич*** – Донишгоҳи давлатии Данғара, саромӯзгор, кафедраи педагогика ва психология. **Суроға:** 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25. Телефон:**778887096.** E-mail: **valievm_1979@mail.ru.**

**Сведения об авторах:** ***Олими Ашурали Рамазан*** – Дангаринский государственный университет, кандидат физико-математических наук, доцент, кафедра физика. **Адрес:** 734065, район Дангара, Республика Таджикистан, улица Маркази, 25. Телефон: **(+992) 555-05-09-24.** E-mail: **olimov_19641@mail.ru.**

***Валиев Махмадсафар Халкулоевич*** - Дангаринский государственный университет, старший преподаватель, кафедра педагогики и психологии. **Адрес:** 734065, район Дангара, Республика Таджикистан, улица Маркази, 25. Телефон:**778887096.** E-mail: **valievm_1979@mail.ru.**

**Information about the authors:** ***Olimi Ashurali Ramazan*** – Dangara State University, Candidate of Physical and Mathematical Sciences, Associate Professor, Department of Physics. **Address:** 734065, Dangara district, Republic of Tajikistan, Markazi street, 25. Phone**: (+992) 555-05-09-24**. E-mail: **olimov_19641@mail.ru.**

***Valiev Makhmadsafar Khalkuloevich*** - Dangara State University, senior lecturer, department of pedagogy and psychology. Address: 734065, Dangara district, Republic of Tajikistan, Markazi street, 25. Phone**: 778887096.** E-mail**: valievm_1979@mail.ru.**

ТДУ:372.835.5 (575.3)

# БАЪЗЕ ҶИҲАТҲОИ ТАРБИЯИ ҲАРБӢ-ВАТАНДӮСТИИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Назарзода Носир Ҷобир, Муҳаммадиев Н.Б.*
**Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар ҷаласаи тантанавӣ бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 16 ноябри соли 2022 баргузор гардид, чунин изҳор доштанд: «....Мо бояд дар қалби насли наврас ҳисси баланди миллӣ, ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, фарҳангу рафтори нек, сабру тоқат, муҳаббат ба илм, касбу ихтисосҳои замонавӣ, меҳнатдӯстӣ, эҳтироми қонуниятро бедор намоем, то ки дар оянда Ватани азизамонро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун намояндагони арзандаи халқи худ муаррифӣ карда тавонанд» [12].

Имрӯз, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол дар роҳи бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ қарор дорад, тарбияи ватандӯстии ҷавонон муҳимтарин механизми пешбарандаи рушди ҷомеа мебошад. Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста дар самти тарбияи ватандӯстии ҷавонон тадбирҳои муҳим, мушаххас ва саривақтӣ андешида истодааст. Чунончи: аз рӯйи натиҷаҳои татбиқи Барномаи давлатии «Тарбияи ватандӯстии ҷавонон» барои солҳои 2006-2010 метавон хулосаи амиқ баровард, ки барномаи мазкур ҳудуди 90%-и ҷавононро ҳамчун гурӯҳҳои мақсаднок фаро гирифта, дар тарбияи ватандӯстии ин табақаи фаъоли ҷомеа таъсири мусбӣ гузоштааст.

Вале ин ҳама чора ва тадбирҳо ҳанӯз нокифоя буда, дар ин ҷода ҳисси масъулиятшиносии баландро талаб менамояд. Бояд пешравӣ ва дастовардҳое, ки дар самти тарбияи ватандӯстии ҷавонон то имрӯз ба даст оварда шудаанд, мустаҳкам ва афзун карда шаванд. Дар роҳи тарбияи ватандустӣ, худшиносӣ ва ташвиқу тарғиби ғояҳои бузурги инсондӯстии ҷавонон кӯшиш намуда, барои ноил гардидан ба натиҷаҳои хуб ва самаранок пайваста чораҳои зарурӣ андешидан лозим мебошад.

Тарбияи ҳарбию ватандӯстӣ - маҷмуи тадбирҳое мебошад, ки баҳри дар тафаккури шаҳрвандон ташаккул додани дарки бошууронаи ҳимояи Ватан, омодагӣ ба хизмати ҳарбӣ, тарбияи ҳисси ифтихор аз мансубият ба халқи худ, дастовардҳои он ва Қувваҳои мусаллаҳи кишвар, эҳтиром ба таърихи меҳан, хизмати ҳарбӣ, либоси низомӣ, ташаккули ҳисси ҳифзу ғанигардонии анъанаҳои пуршарафи ҳарбии ниёгон, абадигардонии хотираи муборизони дар роҳи ҳифзи Ватан ҳалокшуда нигаронда шудааст [9].

Дар ин радиф масъалаи тарбияи ҳарбӣ - ватандӯстии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Зеро сабаб дар он мебошад, ки тарбияи ҳиссиёти амиқи ватандӯстӣ, муҳаббат ба Ватан, ҳамчун ҷузъи зарурии низоми ягонаи инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият амал мекунад. Дар баробари ин, сифатҳои баланди ватандӯстӣ, омодагӣ ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти мардум, иштирок дар амалиётҳои махсус ва зиддитеррористӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ, ҳифзи боэътимоди иншоотҳои махсусан муҳим, хислатҳои зарурии ҳайати мақомоти корҳои дохилӣ, ба ҳисоб мераванд. Барои омӯзиши проблемаҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ, ҳамчун омили ташаккули неруи маънавии аҳолии кишвар ва низоми ҳифзи ҳуқуқ, заминаҳои зарурии методӣ мавҷуданд, ки дар адабиётҳои илмӣ ва дар натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ-амалии олимон, инчунин роҳбарони мақомоти корҳои дохилӣ пешниҳод шудаанд. Лекин ин то ҳол методологияи ягонаи омӯзиши проблемаҳои тарбияи ҳарбӣ - ватандӯстӣ, ки ҳамчун омили ташаккули неруи маънавии кормандони милитсия мебошад, дар шакли системавӣ вуҷуд надорад [13,с.16]. Аз ин лиҳоз, омӯзиш ва такмили методологияи илмии масъалаи мазкур муносибати ҷиддиро талаб менамояд.

Таҳлили адабиётҳои илмӣ оид ба проблемаҳои тарбияи ҳарбӣ - ватандӯстӣ ва тарбияи ватандӯстии кормандони милитсия нишон медиҳад, ки ин мафҳум ниҳоят мураккаб мебошад. Аз ин рӯ, онро аз руйи самтҳое фарқ кардан лозим аст, ки моҳият, мазмун ва хусусиятҳои асосии он муайян карда шудаанд. Омӯзиши масъалаи тарбияи ватандӯстии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ баррасии таҳаввулоти эволютсиониро дар моҳият ва мазмуни худи калимаи ватандӯстӣ (“патриотизм”) талаб менамояд [4,с.92].

Ватандӯстӣ (аз калимаи юнонӣ Parties — Ватан), садоқат ба Ватан, муҳаббат ба Ватан, майли ба манфиати он хизмат кардан, аз душманон муҳофизат кардан; шахсе, ки Ватани худро дӯст медорад, ба фидокорӣ тайёр аст ва баҳри манфиати Ватан корнамоиҳо нишон медиҳад [5,с.367].

Файласуфон ватандӯстиро ба шуури сиёсӣ, миллӣ ва ахлоқӣ дохил мекунанд. Мутобиқи арзишҳои олии миллӣ фаҳмиши ҳисси ватандӯстиро ба таври зайл маънидод кардан мумкин аст, яъне маънавӣ (динӣ), иҷтимоӣ (беҳбудии мардум), ҳудудию ҷуғрофӣ (ягонагии ватан) ва сиёсӣ (истиқлолияти давлат), инчунин ҳисси ватандӯстӣ метавонад: этникӣ (маърифат ба халқ, урфу одат, забон, фарҳанг, қиссаҳои онҳо), ҳудудӣ (муҳаббат ба ватани худ) ва давлатӣ (вафодорӣ ба давлати худ) бошад [6,с.178].

Идеяи «ватандӯстӣ» барои қадимтарин миллати Осиёи Марказӣ - тоҷикон аз замонҳои қадим маълум аст. Тоҷикон ҳамеша мардонагӣ нишон дода, ҳамчун ватандӯст ва ҳомиёни Ватан сухан мегуфтанд. Дар бораи ватандӯстии халқи тоҷик даҳҳо ва садҳо мисол овардан мумкин аст. Дар ин ҷо филмҳои таърихии «Қисмати шоир», «Коваи оҳангар», «Қиссаи Рустам», «Қиссаи Сиёвуш», «Рустам ва Сӯҳроб»-ро мисол меорем, ки дар бисёр кишварҳо мавриди тамошо қарор дода шудаанд [8,с.91]. Таваҷҷуҳ ба онҳо гувоҳӣ медиҳад, ки руҳияи ватандӯстии Рӯдакиву Фирдавсӣ абадан зинда буда, ҷомеаи ҷаҳониро аз гузаштаи пуршараф ва пурғановати миллати тоҷик, корномаҳои қаҳрамононаи ниёгони шарифи мо ёдовар мешавад [14,с.14].

Масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ дар осори мутафаккирони барҷаста - Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Ҳофизу Саъдӣ, Амирхусрави Деҳлавӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ ва дигарон низ таҷассум ёфтаанд, ки барои амиқтар дарк кардани ҷанбаҳои нави нақши мероси адабӣ дар рушди маънавию ахлоқӣ ва тарбияи ватандӯстии шахсият мусоидат менамоянд [7,с.22].

Шарқшиноси барҷаста, Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров дар китоби машҳури худ «Тоҷикон» дар бораи ватандӯстии халқҳои Осиёи Миёна, чунин қайд мекунад: «Суғдиён чун як тан ба муқобили истилогарони Юнону Македония шӯриш бардоштаанд. Вақте ки масъалаи озодӣ ва истиқлолияти ватани худ ба миён омад, онҳо онро аз истилогарон бо шуҷоати фавқулода муҳофизат намуданд». Ин мубориза дар таърихи қадимаи халқҳои Осиёи Миёна ҳамчун саҳифаи дурахшон абадӣ боқӣ монд [7,с.118]. Муборизаи Суғду Бохтарро барои истиқлолият лашкаркаши маҳаллӣ Спитамен, ки яке аз шахсиятҳои барҷастаи таърихи халқи тоҷик буд, роҳбарӣ мекард.

«Сарнавишти таърихии Сомониён, ки саршор аз меҳру муҳаббат ба Ватан ва ифтихори миллӣ буд», - қайд менамояд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, - барои фарзандони хирадманду донишманди халқи тоҷик ҳамчун қутбнамо дар ҳифзи фарҳанги миллӣ ва сарпарастии миллати тоҷик, махсусан дар бунёди Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон хизмат кардааст. Муборизаи пайвастаи онҳо, махсусан корнамоии таърихии устод С.Айнӣ ва Б.Ғафуров, идомаи мантиқии муборизаи фарзандони арзандаи тоҷик – ҳамчун ватандӯстони сулолаи Сомониён, гардид [3,с.142-143].

Қайд кардан зарур аст, ки инкишофи идеологияи ватандӯстӣ, қабл аз ҳама, бо ақидаҳои файласуфон, ба монанди Афлотун, Аристотел, Ситсерон, Гегел, материалистони француз асри XVIII, демократҳои револютсионии рус алоқаманд

мебошад. Ситсерон дар муколамаҳои худ «дар бораи давлат» гуфта буд: «Фикри наҷибтарин ин некӣ ба Ватан аст» [1,с.175].

Файласуфони қадим дар низоми вазифаҳои ахлоқии ҷомеа нисбат ба ватандӯстӣ нақши асосиро гузоштаанд. Гегел ватандӯстиро бо ҳисси эътимоди шаҳрвандон ба давлат алоқаманд кардааст. Тибқи гуфтаҳои ӯ, «ватандӯстӣ ба шуури давлати мутлақ асос ёфтааст, яъне бо иродаи худ ба давлат боварӣ намуда, баҳри халқу ватан молу ҷони худро дареғ надоштанро ифода менамояд» [2,с.149].

Дар омӯзиш ва баррасии масъалаҳо вобаста ба тарбияи ватандӯстӣ саҳми олимон ва сиёсатмадорони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди Маҳмадов А.Н., Ятимов С.С., Набиев В.М., Қурбонов С.М., бузург мебошад. Онҳо дар асарҳои худ муҳаббат ба Ватан, садоқат ба Ватан барин проблемаҳоро мавриди омӯзиш қарор додаанд.

Ватандӯстӣ - ифодакунандаи муҳаббат ба Ватан, ҷалб шудан ба таърих, фарҳанг, дастовардҳои он, аз ҷиҳати нотакрор ва ногузирии худ ҷолиб ва ҷудонашаванда буда, заминаи маънавию ахлоқии шахс, мавқеи шаҳрвандии ӯро ташаккул ва зарурати қадршиносӣ, фидокорӣ баҳри хизмат ба Ватанро ташкил медиҳад [8,с.32].

Мазмуни асосии тарбияи ватандӯстӣ, пеш аз ҳама, хизмати фидокорона ва софдилона ба Ватан, масъулият барои иҷрои вазифаҳои конститутсионӣ, уҳдадориҳои хизматӣ баҳри ҳифзи амнияти шаҳрвандон ва дар ҳолатҳои лозимӣ бо истифода аз силоҳ барои ҳимояи манфиатҳои Ватан омода буданро ифода менамояд.

Комилан равшан аст, ки маҳз омодагии ҳарбӣ-хизматӣ ва тарбияи ҳарбӣ - ватандӯстӣ, яке аз омилҳои муҳимми таъмини амнияти низоми давлатдорӣ, бахусус дар шароити тағйиротҳое, ки дар афкори ҷамъиятӣ ба амал меояд, мансуб мебошад. Ҳамин тавр, дар давраи душвори рушди таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомотҳои қудратии он, тарбияи ҳарбӣ - ватандӯстӣ нисбат ба дигар самтҳои тарбия, бояд ҷойи сазоворро ишғол намояд.

Дар айни замон, талабот ва аҳаммияти тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ҳамчун як соҳаи мушаххаси тарбия ба таври назаррас афзоиш ёфтааст ва он аз вазъияти зерин бармеояд:

Дар аввал, бинобар вазъи мураккаби низомию сиёсии ҷаҳон ва гирду атрофи Тоҷикистон, ба вуҷуд омадани таҳдидҳои нав ба амнияти миллӣ ва низомии он, эҳтимоли низоъҳои мусаллаҳона бо иштироки он. Аз ҷумла, доир ба баҳсҳои марзӣ бо давлати Қирғизистон, инчунин аз давлати Афғонистон баровардани қувваҳои коалитсионии НАТО ва тезутунд гардидани ихтилофоти байни миллатҳо, конфессияҳо, бинобар ба сари қудрат омадани ҳаракати Толибон.

Дувум, бинобар ташвишовар гардидани вазъи ҳарбию сиёсӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон ва пурзӯр гардидани фаъолияти гурӯҳҳои гуногуни террористию экстремистӣ, ба вуҷуд омадани нақш ва аҳаммияти омодасозии пешазмуҳлати ҷавонони синну соли даъват ба хизмати ҳарбӣ расида.

Савум, бо саъю кӯшиши бебарору бенатиҷа, ки дар муддати дурудароз ҷустуҷӯйи алтернативаи тарбияи ҳарбӣ - ватандустӣ, ки ба тарбияи ватандустӣ нигаронида шудааст, ҳамчун ҷузъи асосии системаи навтаъсиси ин фаъолият [10,с.9].

Манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо менамояд, ки ниҳодҳои иҷтимоии давлатӣ ба фаъолияти низоми омодагии хизматӣ-муҳорибавӣ ва тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ таъсири калон расонида, ба ҷавонон дар самти дурусттар ва бештар дарк намудани мушкилот ва тамоюлҳои рушди ҷомеа ва мақомотҳои қудратии он мусоидат намоянд.

Ҳамин тариқ, бояд қайд кард, ки ҳадафи асосии омодагии хизматию муҳорибавӣ ва тарбияи ҳарбӣ - ватандӯстӣ дар байни кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, омодагӣ ба хизмати шоиста ба Ватан ва ҳифзи он ва дар онҳо тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ мебошад.

Аз ин мақсади умумӣ вазифаҳои зерин ба миён меоянд:

1. Тайёрии иттилоотӣ ва ғоявии корманди милитсия, яъне мусоидат намудан ба онҳо дар муайян кардани маънои ҳаёти воқеӣ дар шароити дигаргуниҳои сиёсии имрӯза, ташаккули худшиносӣ, муносибати арзишманд ба ғояҳо ва арзишҳои муҳимми иҷтимоӣ, махсусан, муҳаббат ба Ватан ва зарурати таъмини амнияти миллӣ ва низомии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Фароҳам овардани шароити мушаххас барои зуҳури шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ, иҷрои шоистаи вазифаҳои хизматӣ.

3. Баланд бардоштани эҳтиром ба қонунҳо, меъёрҳои ҳаётӣ, ташаккули масъулияти иҷтимоӣ ва шаҳрвандӣ, ҳамчун муҳимтарин хислати кормандони милитсия, ки дар мавқеи фаъоли ҳаёти воқеӣ зоҳир мегардад ва майл доштани онҳо ба иштироки шахсӣ дар таъмини ҳифзи ҷомеа ва давлат.

4. Ташаккул ва инкишоф додани эҳтиёҷот ба ҳаёти маънавӣ, тарзи ҳаёти солим, қобилияти зиндагӣ дар гурӯҳ ва коллективи низомӣ.

Татбиқи вазифаҳои дар боло зикршуда имкон медиҳад, ки дар байни кормандони мақомоти корҳои дохилӣ омодагии маънавӣ ва психологӣ баҳри ҳифзи Ватан, садоқат ба қарзи конститутсионӣ ва масъулияти баланди шаҳрвандии онҳо ташаккул ёбад. Ин ҳолат ба дараҷаи баланди маънавию психологии кормандон, интизоми мустаҳкам ва ҳамфикрии онҳо таъсир расонида, имкон медиҳад, ки доимо баҳри иҷрои вазифа ва уҳдадории хизматии ҳамарӯзаи худ омода бошанд.

Бинобар ин қайд кардан зарур аст, ки тарбияи ҳарбӣ - ватандӯстӣ фаъолияти бисёрҷанба, мунтазам ва мақсадноки мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳо, ҷиҳати ташаккул додани шуури баланди ватандӯстӣ дар байни ҷавонон, ҳисси баланди садоқатмандӣ ба Ватани худ, омода будан ба ҳифзи он ҳамчун муҳимтарин вазифаҳои конститутсионӣ, ҳифзи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҳдидҳои беруна ва дохилӣ мебошад.

Мазмун ва мақсадҳои тарбияи ҳарбӣ - ватандӯстии кормандони мақомоти дохилӣ, ба ақидаи мо, ба ду вазифаи асосии ба ҳам алоқаманд ҷудо карда шудаанд.

Якум, он ба ташаккули ватандӯстии кормандони мақомоти дохилӣ, маҳорати фаъолона дар ҷараёни бунёдкорӣ, мустаҳкам намудани қобилияти мудофиавии давлат нигаронида шудааст. Мазмуни иҷрои ин вазифаро вазъияти байналхалқӣ, қабл аз ҳама ҳарбӣ - сиёсии ҷаҳон, характери зиддиятҳои ҷаҳонӣ, хусусиятҳо, динамика ва дараҷаи тараққиёти ҷамъият, вазъияти иқтисодии он, соҳаҳои маънавӣ, ҷамъиятию сиёсӣ, иттилоотӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти воқеӣ муайян карда, вазифаҳои тарбияи насли наврас, тамоюлҳои асосии инкишофи ин раванд ба ҳисоб мераванд.

Вазифаи дуюм ба тарбияи мақсадноки кормандони мақомоти дохилӣ, омодагӣ ба иҷрои самараноки функсияҳои мушаххас оид ба таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои ба фаъолияти ҳарбӣ алоқаманд мебошад. Ҳалли ин вазифаҳо як қатор омилҳои вобаста ба таъмини ҳифзи манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз ҷониби мақомотҳои қудратии он, муҳимтарин тамоюлҳои рушди он, хусусиятҳои махсуси хизмат дар сафи милитсия, дараҷаи омодагии кормандон барои иҷрои вазифаҳои оперативӣ - хизматӣ; талаботҳои объективӣ нисбат ба дараҷаи фаъолнокӣ ва самарабахши корҳои тарбиявӣ, ки мақсад аз он ташаккул ва инкишоф додани сифату хислатҳо дар ҳар як корманд мебошад, ки ба вай барои иҷро намудани вазифаи таъмини амнияти шаҳрвандон имконият медиҳад, фаро мегирад.

Дар ин ҷо принсипҳои асосии тарбияи ҳарбӣ - ватандустӣ, ки барои амалӣ намудани фаъолият дар ин самт дастурҳои ибтидоӣ буда, хусусияти илмӣ, ягонагии назария ва амалия, афзалияти меросҳои таърихӣ, фарҳангии халқи тоҷик, арзишҳои маънавию анъанаҳои он, пайвастагӣ, муттасилӣ, сатҳи баланди ташкилии фаъолияти низомӣ, гуногунрангии шаклҳо, усулҳо ва воситаҳое, ки барои таъмини самараноки тарбия истифода мешаванд, инчунин самти онро ба инкишоф додани имконият, қобилият ва сифатҳои ҳар як шахс дар асоси ба ҳам пайвастани муносибатҳои оптималии коллективӣ ва инфиродӣ, алоқаи зич ва ногусастанӣ бо дигар соҳаҳои тарбияи ватандӯстӣ, ҷудо карда мешаванд.

Татбиқи ин принсипҳо дар раванди тарбияи харбӣ - ватандӯстии кормандони ҷавон ба он нигаронида шудааст, ки ташаккули муносибатҳои нави воқеан манфиатдор ба хизмат, омодагӣ ба иҷрои шоистаи қарзи шаҳрвандӣ ва ғайраро таъмин намояд, ки ба онҳо имкон медиҳад, супоришҳоро бо сифати баланд иҷро намоянд.

Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои мушаххас оид ба тарбияи ҳарбӣ - ватандӯстии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, истифодаи воситаҳои мувофиқро дар бар мегирад, ки ба иҷрои вазифаҳои гузошташуда мусоидат мекунанд.

Системаи воситаҳои тарбияи ҳарбӣ - ватандустӣ се қисми асосӣ: ташкилӣ, моддӣ - техникӣ ва тарбиявиро дар бар мегирад.

Воситаҳои ташкилии тарбия маҷмуи чорабиниҳое мебошад, ки бо истифода аз воситаҳои моддӣ - техникӣ ва таълимӣ, ки дар шаклҳои мувофиқ ва ба ҳадди аксар вазифаҳои умумӣ ва мушаххаси ташаккул ва инкишофи шахсияти шаҳрванд, ҳомиёни ватандӯстро амалӣ месозанд, гузаронида мешаванд.

Воситаҳои моддӣ - техникӣ, синфхонаҳои таълимӣ, синфхонаҳо ва утоқҳо барои омодагии касбӣ, осорхонаҳо, ёдгориҳо, клубҳои ватандӯстӣ ва клубҳои ҳарбӣ - ватандӯстӣ, таҷҳизот, техникаи махсус, силоҳ, макетҳо, майдончаҳои таълимӣ, шаҳраки варзишӣ, тирҳои тирандозӣ, тренажёрҳо, инчунин, воситаҳои дахлдори ахбори омма, асарҳои адабиёт ва санъатро дар бар мегиранд.

Ба воситаҳои таълимӣ, тавсияҳои асосии назариявӣ, методӣ ва илмӣ - амалӣ оид ба ташкил ва гузаронидани тарбияи ҳарбӣ - ватандустӣ, ташаккули ақида, эътиқод, талабот ва манфиатҳо, тарбияи муҳаббат ба Ватан, тайёр будан ба ҳифзи озодӣ ва истиклолияти он, инкишофи афкори ҷамъиятӣ оид ба проблемаҳои таъмин ва мустаҳкам намудани субот ва амнияти ҷамъиятӣ, инчунин оид ба институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ иштирок ва амалӣ намудани функсияи ҳифзи амнияти миллӣ дохил мешаванд.

Ҳар се гурӯҳи воситаҳои тарбияи ҳарбӣ - ватандӯстӣ ба ҳамдигар алоқаманд буда, якдигарро пурра мекунанд ва танҳо истифодаи комплексии онҳо дар раванди таъсири мутақобилаи субъект ва объекти ин фаъолият, барои расидан ба ҳадафҳои асосии он мусоидат мекунад.

Тарбияи ҳарбӣ - ватандӯстии кормандони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар системаи тарбияи умумии кормандон, ташкил ва амалӣ карда мешаванд. Он ба ташаккули сифатҳои ахлоқӣ, касбӣ, психологӣ ва ҷисмонии кормандон нигаронида шуда, майли бошуурона ба фаъолияти ватандӯстӣ ба манфиати Ватан ва халқи худ, омодагии худро ба иҷрои вазифаҳои оперативӣ - хизматӣ бо назардошти таъиноти хизматӣ - муҳорибавии шуъба ва ҷузъу томҳои мақомоти корҳои дохилӣ таъмин менамояд.

Ҳамзамон, тарбияи ҳарбӣ - ватандӯстии ҳайати шахсии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои хосси худро дошта, бо назардошти онҳо амалӣ карда мешавад. Муайян намудани ин хусусиятҳо имкон медиҳад, ки тарбияи ҳарбӣ - ватандӯстии кормандони милитсия сифатан ба роҳ монда шавад.

Ба ақидаи мо, сабабҳои асосии зуҳури ин хусусиятҳо инҳо мебошанд;

- хусусияти фаъолияти хизматӣ - муҳорибавӣ, ки ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон нигаронида шуда, бо хатари ҳаёти худи кормандон ва зарурати истифодаи қувваи ҷисмонӣ нисбати баъзе шаҳрвандоне, ки қонунҳои мамлакатро вайрон мекунанд, алоқаманд мебошад.

- расонидани таъсири манфӣ ба шуури кормандони милитсия аз ҷониби баъзе воситаҳои ахбори омма, ифротгароён, гурӯҳҳои мухолиф, унсурҳои зиддиҷамъиятӣ ва ҷиноятӣ;

- иштироки бевоситаи кормандони мақомот дар амалиётҳои зиддитеррористӣ, иҷрои хизмати муҳорибавӣ оид ба ҳифз ва мудофиаи иншоотҳои муҳимми давлатӣ ва борҳои махсус.

Ин сабабҳо боиси пайдо шудани як қатор хусусиятҳо дар тарбияи ватандӯстии ҳайати шахсии мақомоти корҳои дохилӣ дар иҷрои вазифаҳои хизматию муҳорибавӣ гардиданд:

а) зарурати донистан ва ба эътибор гирифтани ҳамаи категорияҳои субъектҳои тарбия оид ба донистан ва ба инобат гирифтани анъанаҳои миллӣ, расму оин, ҳувияти психологии миллӣ, ҳам кормандони милитсия ва ҳам аҳолӣ;

б) ташаккул додани омодагии ҳайати шахсии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурӣ барои иҷрои қарзи шаҳрвандӣ ва хизматӣ дар қаламрави кишвари худ бар зидди дастаҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ бо мақсади безараргардонии онҳо ва дар сурати муқовимати мусаллаҳ барҳам додани онҳо;

в) амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба тарбияи ҳарбӣ - ватандӯстии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бо назардошти хусусияти вазифаҳои хизматӣ - муҳорибавӣ оид ба ҳифзи тартибот, бехатарии ҷамъиятӣ, объектҳои муҳимми давлатӣ, ки дар рафти онҳо ба ҳайати шахсӣ таъсири назарраси ҷисмонӣ ва махсусан ахлоқӣ - психологӣ расонида мешавад;

г) зарурати мубориза ва мухолифати самарабахш ба таъсири иттилоотӣ - психологии дарозмуддат ва мақсаднок ба кормандони мақомоти корҳо дохилӣ, ки аз ҷониби воситаҳои ахбори оммаи алоҳида, гурӯҳҳои мухолиф, унсурҳои зиддиҷтимоӣ ва ҷинояткорӣ расонида мешавад;

д) тағйироти куллӣ дар тарз, шакл ва воситаҳои муқаррарии корҳои тарбияи ҳарбӣ - ватандӯстӣ дар шароити иҷрои вазифаҳои оперативӣ – хизматӣ ва ғайра.

Таҳлили шаклу усулҳои тарбияи ҳарбӣ – ватандӯстӣ, ки дар шуъба ва ҷузъу томҳои мақомоти корҳои дохилӣ истифода мешаванд, нишон медиҳад, ки бештар инҳо натиҷаи самаранок медиҳанд:

а) шаклҳои умумӣ: омодагии умумӣ - давлатӣ, иттилоот додан (информирование), мубоҳисаҳо, шабҳои мавзуӣ, лексияҳо, маърузаҳо, намоиши кинофилмҳо, тамошо ва шунавонидани барномаҳои телевизион ва радиои дорои характери ҳарбӣ - ватандӯстӣ; рӯзҳои ягонаи корҳои иттилоотиву тарбиявӣ;

б) чорабиниҳои марбут ба расму оинҳои ҳарбӣ: маросимҳо бахшида ба таҷлили Рӯзи милитсияи тоҷик; қабули Савганд; чорабиниҳои тантанавӣ бахшида ба санаҳои таърихӣ; тақдими аслиҳаи шахсӣ; гусел ва пешвоз гирифтани ҳайати шахсӣ зимни сафарбар намудани онҳо барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ - муҳорибавӣ; чорабиниҳо ба шараф ва эҳтироми ветеранҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ; беҳтарин кормандони мақомот; супоридани мукофотҳои давлатӣ; гусели тантанавии собиқадорон ба қисми эҳтиётӣ; иштироки кормандон дар гузоштани гулчанбарҳо ба пояи муҷассама ва қабри кормандоне, ки дар набардҳо барои озодӣ ва истиқлолияти Ватан ҳалок шудаанд; ҳангоми кушодани ёдгориҳо, дафни кормандоне, ки зимни иҷрои вазифа ҳалок гардидаанд; гузаронидани азназаргузаронии низомӣ; инчунин, хатми афсарони ҷавон дар Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маросими тантанавӣ бо иштироки хешовандони наздики хатмкунандагон ва ғайра.

Дарки эҳсосии муҳтавои маросимҳо аз ҷониби кормандони милитсия дар шакли образнок, барои ташаккули ватандӯстӣ аҳаммияти калон дошта, дар ҳайати шахсӣ меҳру муҳаббат ба хизмат, ҳисси ифтихор аз мансубият ба Вазорати корҳои дохилӣ бедор гардида, дар мустаҳкам гардидани интизоми ҳарбӣ, фаъолона мусоидат мекунад. Маросимҳои ҳарбӣ ҳамчун яке аз манбаъҳои ташаккули идеали ахлоқӣ ва эстетикӣ хизмат менамояд, ки он таккони ҷиддӣ ба амалҳои фаъол, фидокорона иҷро намудани қарзи хизматӣ, мебошад.

Тахлили проблемаҳои тарбияи ватандӯстии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ барои муайян кардани мақсади асосии он, ки маҷмуи тадбирҳое мебошад, ки ба ҳалли се гурӯҳи асосии вазифаҳо нигаронида шудаанд, асос медиҳад. Он, қабл аз ҳама, такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии тарбияи ватандӯстӣ, таҳияи асосҳои илмӣ, назариявӣ ва методӣ, ҳамоҳангсозии ҳамкориҳо бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ, таъминоти иттилоотӣ ва молиявиро дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ дар бар мегирад [11,с.18].

Яке аз шартҳои муҳимми ташаккули ватандӯстӣ таъмини ҳуқуқии тарбияи ватандӯстӣ буда, такмили заминаи қонунгузорӣ ва муайян кардани мақоми иҷтимоию ҳуқуқии тарбияи ватандӯстӣ, нақш, макон, вазифаҳо, вазифаҳои ҳар як мақомот, идора, ташкилот, хамчун чузъҳои системаи ягонаи тарбияи ватандӯстӣ, бо дарназардошти хусусиятҳои онҳо ва дигаргуниҳое, ки дар солҳои охир дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти мамлакат ба амал омадаанд - ин бунёди заминаҳои ҳуқуқии тарбияи ватандӯстӣ дар системаи маориф мебошад.

Инчунин, маҷмуи таълим ва барномаҳои махсус, усулҳои ташкил ва гузарондани тарбияи ватандӯстӣ, яъне:

- бо истифода аз тамоми шаклу воситаҳо бо дарназардошти хусусиятҳои категорияи муайяни кормандон;

- инкишоф ва такмил додани шаклу усулҳои таълим, ки аз ҷониби вазорату идораҳо, муассисаҳои таълимӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба амал бароварда мешаванд;

- ҷамъбаст, натиҷагирӣ аз чорабиниҳои оммавӣ – ватандӯстӣ, пешниҳоди дастурҳои таълимию методӣ, инчунин иттилоот додан аз ҳамаи навигариҳои ин соҳа;

- мунтазам нашр намудани адабиётҳои дахлдор, бо дарназардошти таҷрибаи беҳтарини педагогии ватанӣ ва хориҷӣ, ки ин самти фаъолиятро дар бар мегирад.

Системаи сиёсати давлат бояд ба тамоми табақаҳои иҷтимоӣ, синну сол, махсусан кормандони мақомоти корҳои дохилии ҷумҳурӣ нигаронида шуда, роҳҳои асосии рушди системаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандонро муайян намуда, барои ташаккули омодагии ҳам шаҳрвандон ва ҳам кормандони милитсия, баҳри хизмати содиқона ба Ватан имкон фароҳам оварад [15,с.79-85].

Ҳайати шахсии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сиёсати пешгирифтаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон содиқ буда, вазифаҳои хизматии худро софдилона иҷро мекунанд. Фаъолияти ҳар як афсар, корманди қатории милитсия ба баланд бардоштани маҳорати ҷангӣ, омодагӣ ба иҷрои вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда нигаронида шудааст. Роҳбарият, ҳайати шахсии вазорат барои расидан ба ин ҳадаф тамоми кӯшишро ба харҷ дода истодаанд.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки айни замон ҳайати шахсии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирии ҷиноят, сабабу шароитҳоеро, ки ба содир кардани ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидат мекунанд, ошкор намуда, барои рафъи онҳо тадбирҳо меандешад, бо ҳуқуқвайронкунандагон бо таври инфиродӣ корҳои пешгириро анҷом дода, дар тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон иштирок менамоянд ва дар маҷмуъ вазифаҳои дар наздашон гузошташударо бошарафона иҷро менамоянд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, бо камоли боварӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки:

1. Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифа ва уҳдадориҳои хизматии худро, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» муқаррар кардааст, амалӣ намуда истодааст.

2. Иҷрои вазифаҳое, ки дар назди Вазорати корҳои дохилии Чумҳурии Тоҷикистон гузошта шудаанд, пеш аз ҳама, талаб менамояд, ки омодагии хизматӣ-муҳорибавӣ ва тарбияи ҳарбӣ - ватандӯстии ҳайати шахсии мақомот дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад. Барои пурзӯр намудани омодагии хизматӣ ва тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҳайати шахсии мақомот бояд заминаи меъёрии ҳуқуқии онро такмил дода, асосҳои илмӣ-назариявӣ ва методии онро инкишоф ва ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ, таъминоти ахборотӣ ва молиявӣ дар соҳаи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ пурзӯр карда шавад.

3. Дар ташкил ва омода намудани кадрҳо зарур аст, ки масъалаи баланд бардоштани савияи донишҳои амалӣ ва назариявии кормандон, омӯзиши забонҳо, аз худ намудани дастовардҳои илму техника, такмил додани малакаву маҳорати касбӣ барои дар сатҳи зарурӣ иҷро намудани вазифаҳои оперативию хизматӣ вазифагузорӣ карда шавад. Бояд кадрҳоеро ба воя расонид, ки дар баробари доштани донишҳои

муосири илмию техникӣ, иттилоотӣ ва ғайра дорои ҷаҳонбинии васеъ, қобилият ва маҳорати баланди касбӣ буда, масъалаҳоеро, ки манфиати қонунии ҷамъиятию давлатиро халалдор менамоянд, ҳал карда тавонанд.

4. Ба талаботҳои нави муосир мутобиқ намудани омодагии ҳарбӣ - хизматии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, яъне андешидани маҷмуи тадбирҳое, ки ба кормандони милитсия барои аз худ намудани донишҳои муосир, баланд бардоштани малака ва маҳорати касбӣ бахри бомуваффақият иҷро намудани вазифаҳои оперативӣ ва хизматии онҳо мусоидат кунад.

5. Тарбияи ҳарбӣ - ватандӯстӣ фаъолияти бисёрҷанба, мунтазам, мақсаднок ва ҳамоҳангшудаи мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳо ва ташкилотҳо буда, бояд дар ташаккули ҷавонони дорои шуури баланди ватандӯстӣ, ҳисси баланди садоқат ба Ватан, омодагӣ ба ҳифзи он, ҳамчун вазифаи муҳимми конститутсионӣ дар ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини амнияти ҳарбии он бо дарназардошти таҳдидҳои берунӣ ва дохилии ҷаҳони мураккаби муосир мусоидат намоянд.

6. Бо мақсади муайян кардани мақоми иҷтимоию ҳуқуқии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ, нақш, макон, вазифа, функсияҳои ҳар як мақомот, идора, ташкилот ҳамчун унсурҳои таркибии системаи ягонаи тарбияи ватандӯстиро муайян менамояд, заминаи меъёрию ҳуқуқӣ дар пешбурди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ бояд коркард карда шавад.

**АДАБИЁТ**


1. Бачинин В.А. Энциклопедия философии и социологии права / В.А. Бачинин. - СПб., 2006. -1023 с.
2. Гегель. Соч. -М.,1930. -Т.1. -223 с.
3. Ғафуров Б. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. Кн.1. изд.2 / Б.Ғафуров. – Душанбе: Ирфон,1989.- 272 с.
4. Джураев Р.З. СУЩНОСТЬ И ОСОБЕННОСТИ ПАТРИОТИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ СОТРУДНИКОВ ОВД / Р.З. Джураев //Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2014. -№1 (21). –С 91-98.
5. Даль В. Толковый словарь живого великорусского языка / В. Даль. - М.,1981. - С.187. Словарь иностранных слов. Издание 14-е, Исправленное.- М., 1987. - 945 с.
6. История философии в 4-х томах. М., Академии наук СССР. 1957. – 718 с.; Нерсесянц В.С. Философия права. -М.: группа НОРМА- ИНФРА М., 1998. -652 с.; Абдулатипов У.Х. Концепция справедливости в таджикской философии IX-XI веков / У.Х. Абдулатипов. – Худжанд: Хуросон, 2008. -178 с.
7. Каландаров А.Ш. Патриотическое воспитание в педагогической деятельности учителей Республики Таджикистан: Автореф..канд.. пед.. наук (13.00.01) // А. Каландаров.-2006.-22с.
8. Курбонов С.М. Патриотизм и его особенности в процессе приобретения государственного суверенитета: Дисс… канд. полит… наук. 23.00.02 / С.М. Курбонов. – Душанбе, 2015. -191 с.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» аз 24.12.2022 таҳти № 1920, мод 1, қ.9.
10. Официальное сообщение Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан //Ќонун ва Љомеа, 23 сентябри соли 2015. –Душанбе, 2015. №37(396).
11. Организация патриотического воспитания сотрудников органов внутренних дел, курсантов-слушателей образовательных учреждений системы МВД России: методические рекомендации. – Москва: Домодедово, 2012. -187 с.
12. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи тантанавӣ бахшида ба 30-умин солгарди Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Хуҷанд, 16 ноябри соли 2022. WWW President.tj.(Санаи муроҷиат:12.01.2022).
13. Теоретико-методологические проблемы исследования духовно-нравственных основ таджикского общества: Коллективная монография. Под ред. Н.М. Сайфуллаева, Ш. Шоисматуллоева. - Душанбе. - 2014. – 214 с.
14. Таджикистан и современный мир. – Душанбе,2003. -№2. - С.14.
15. Шагимуратов А.Н. О патриотическом воспитании сотрудников ОВД / А.Н. Шагимуратов // Вестник Уфимского юридического института МВД Россиии. –Уфа, 2015. - № 3. - С. 79-85.

## БАЪЗЕ ҶИҲАТҲОИ ТАРБИЯИ ҲАРБӢ-ВАТАНДӮСТИИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Муаллифон дар ин мақола баъзе ҷиҳатҳои тарбияи ҳарбӣ - ватандӯстӣ, инчунин масъалаҳои назариявӣ ва амалии тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомотҳои корҳои дохилиро баррасӣ намуда, роҳҳои ҳалли онро ба таври назариявӣ ва амалӣ таҳлил намудаанд. Илова бар ин, муаллифон мафҳуми «ватандӯстӣ»-ро дар заминаи бартарияти шуури сиёсӣ, ахлоқӣ ва ҳудудию ҷуғрофии фарҳанги шаҳрвандии тарбиятгирандагон баррасӣ менамоянд. Гузашта аз ин, муаллифон дар мақолаи худ доир ба маънии тарбияи ҳарбию ватандӯстӣ - маҷмуи тадбирҳо, ки баҳри дар тафаккури шаҳрвандон ташаккул додани дарки бошууронаи ҳимояи Ватан, омодагӣ ба хизмати ҳарбӣ, тарбияи ҳисси ифтихор аз мансубият ба халқи худ, дастовардҳои он ва Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар, эҳтиром ба таърихи меҳан, хизмати ҳарбӣ, либоси низомӣ, ташаккули ҳисси ҳифзу ғанигардонии анъанаҳои пуршарафи ҳарбии ниёгон, абадигардонии хотираи мубориzони дар роҳи ҳифзи Ватан ҳалокшуда, андешаронӣ карда, маълумоти мухтасар пешниҳод намудаанд. Дар ин радиф ба масъала ва проблемаҳои тарбияи ҳарбӣ – ватандӯстии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аҳаммияти махсус дода, ҳиссиёти амиқи ватандӯстӣ, муҳаббат ба Ватанро, ҳамчун ҷузъи зарурии инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият арзёбӣ намудаанд. Қайд карда шудааст, ки дар сифатҳои баланди касбӣ, омодагӣ ба ҳифзи амнияти миллӣ, иштирок дар амалиётҳои махсус ва зиддитеррористӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ, ҳифзи боэътимоди иншоотҳои махсусан муҳим, хислатҳои зарурии ҳайати мақомоти корҳои дохилӣ ба ҳисоб меравaнд. Дар мақола хулосаву тавсияҳои олимон дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ ба инобат гирифта шуда, оид ба такмил ва истифодаи он дар фазои иттилоотию маърифатии муосир хулосаҳои умумӣ пешниҳод гардидаанд. Инчунин, заминаҳои ҳуқуқӣ ва тадбирҳое, ки барои ба вуҷуд овардани асосҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ин раванд, бо мақсади ба роҳ мондани тарбияи ватандӯстӣ ва ҳувияти миллӣ андешида мешаванд, баррасӣ шудаанд.

**Калидвожаҳо:** ватан**,** давлат, ҷамъият, ватандӯстӣ, тарбия, хештаншиносӣ, қонуният, фарҳанг, шахсият, низоъ, маҳорати касбӣ, тарбияи ҳарбӣ - ватандӯстӣ, кормандони мақомот, шуури сиёсӣ, идеологияи ватандӯстӣ, низоми давлатдорӣ, ҳувияти миллӣ, меъёри ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ,

## НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ПАТРИОТИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ СОТРУДНИКОВ ОРГАНОВ ВНУТРЕННИХ ДЕЛ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье авторы рассматривают некоторые аспекты военно- патриотического воспитания, а также теоретические и практические вопросы правового воспитания сотрудников органов внутренних дел, анализируют пути решения в теоретико-практическом ключе. Кроме того, авторы рассматривают понятие «патриотизм» в контексте политического сознания и территориально-географической доминанты гражданской культуры воспитуемого. Более того, авторы в своей статье предоставили информацию о значении военно- патриотического воспитания - комплекса мер, направленных на формирование в сознании граждан осознанного понимания защиты Родины, готовности к воинской службе, воспитание чувства гордости за свою принадлежность к своему народу, его достижениям и Вооруженным Силам страны, уважение к истории Родины, военной службе, военной форме, формирование чувства защиты и обогащения славных воинских традиций предков, увековечивание памяти бойцов, павших при защите Родины. В этом ключе ими особое значение уделялось вопросам и проблемам военно - патриотического воспитания сотрудников органов внутренних дел, а глубокое чувство патриотизма, любви к Родине они оценивали как необходимую часть всестороннего развития личности. Отмечено, что к высоким профессиональным качествам относятся готовность к охране национальной безопасности, участие в проведении специальных и антитеррористических операций в различных регионах республики, надежная охрана особо важных объектов необходимые качества сотрудников органов внутренних дел. В статье учитывается выводы и рекомендации ученых в области патриотического воспитания и предлагаются обобщающие выводы и предложения по его совершенствованию и использованию в современном информационно - воспитательном пространстве. Также излагаются правовые основы патриотического воспитания граждан в Республике Таджикистан и принимаемые меры по созданию политико-правовых, социально-экономических и культурных основ этого процесса, с целью налаживания патриотическоая воспитания и национальной идентичности.

**Ключевые слова:** отечество, государство, общество, патриотизм, воспитание, самопознание, законность, культура, личность, конфликт, профессиональные навыки, военно - патриотическое воспитание, сотрудники органов, политическое сознание, патриотическое идеология, государственная система, национальная идентичность, правовая норма, правовое воспитание

## SOME PECU LIARITIES AN PATRIOTIC UPBRINGING COLLABORATORS OF INTERNAL AFFAIRS REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In given article authors anaizing some aspects of an army-patriotic upbringing and also theoretical and apractice problems of legal educations off the internal affairs. Moreover, the authors in their article provided information on the importance of military-patriotic education - a set of measures aimed at forming in the minds of citizens a conscious understanding of the defense of the Motherland, readiness for military service, fostering a sense

of pride in one's belonging to one's people, its achievements and the Armed Forces of the country , respect for the history of the Motherland, military service, military uniform, the formation of a sense of protection and the enrichment of the glorious military traditions of the ancestors, the perpetuation of the memory of the soldiers who died defending the Motherland. In this vein, special attention was paid to the issues and problems of military training and patriotism of employees of the internal affairs bodies, and they assessed a deep sense of patriotism, love for the Motherland as a necessary part of the comprehensive development of the individual. It was noted that high professional qualities include readiness to protect national security, participation in special and anti-terrorist operations in various regions of the republic, reliable protection of critical facilities, and the necessary qualities of employees of internal affairs bodies. Also in this article we can meet the idea of patriotism in the political consciousness. Avthors give legal stem of patriotical upbringing citizens of the Republic of Tajikistan for using of basics political legal, social – economic and cultural aspects of the patriotical upbringing and national identity.

**Key words:** homeland, state, society, patriotism, education, self-knowledge, legality, culture, identity, conflict**,** professional skills**,** an army – patriotic upbringing, collaborators of internal affairs, politic consciousness, national identical, legal norm, spiritual norm, legal upbringing.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Назарзода Носир Ҷобир-*** Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1. **Суроға**: шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Мастонгулов, 3. E-mail:**nosir nazarov@list.ru**
***Муҳаммадиев Набиҷон Бобоҷонович*** **-** Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, кафедраи тайёрии ибтидоӣ ва такмили ихтисоси факултети №4, полковники милитсия. **Суроға**: шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Мастонгулов, 3. E-mail: **nabijon1965@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Назарзода Носир Джобир*** **-** Академия МВД Республики Таджикистан, полковник милиции, доктор юридических наук, профессор, кафедра организация управления деятельности органов защиты прав факультета №1. **Адрес**: город Душанбе, Республика Таджикистан, улица Мастонгулова, 3.
***Мухаммадиев Набиджон Бободжонович*** **-** Академия МВД Республики Таджикистан, полковник милиции, кафедра начальной подготовки и профессиональной переподготовки факультета №4. **Адрес**: город Душанбе, Республика Таджикистан, улица Мастонгулова, 3.

**Information about the authors:** ***Nazarzoda Nosir Jobir*** - Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, police colonel, Doctor of Law, Professor, Department of Organization of Management of Activities of Rights Protection Bodies, Faculty No. 1. **Address:** Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Mastongulova street, 3.
***Muhammadiev Nabijon Bobodzhonovich*** - Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, police colonel, department of initial training and professional retraining, faculty No. 4. **Address:** Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Mastongulova street, 3.

ТДУ: 372.800.8.(575.3)

# ТАСНИФОТИ ОИЛА ҲАМЧУН ГУРӮҲИ ХУРДИ ҶОМЕА


***Неъматов Р.Ҳ.***

**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**


Оила нахустин ва кӯчактарин воҳиди ҷомеа аст. Маҷмуаи ин воҳидҳо дар густураи як сарзамин мамлакатро ташкил медиҳанд. Агар афрод дар ин конунҳои кӯчак ба вазифаю ҳуқуқи худ ошно шавад, тамоми ҷомеа роҳи саломатро дар пеш мегирад ва ба роҳи дуруст хоҳад рафт [3, с.6]. Пайванди ду фарди дорои ҷинсияти гуногун - ин аст институти иҷтимоии оила, ки дар асоси пешбурди хоҷагии якҷоя аз тарафи давлат ба қайд гирифта шудааст. Лекин дарки фарохтари оила мавҷуд аст, вақте ба таркиби он хешовандони наздик дохил мешаванд, он гоҳ оила ба хешигарии хунӣ, умумияти манзили зист ва буҷа асос меёбад, аъзоҳои оила бо тарзи зисти умумӣ, масъулияти этникӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ алоқаманданд. Дар оила қоидаҳои умумӣ, иҷозат ва намунаҳои рафтори робитаи миёни ҳамсарон, волидону фарзандонро батартибдароранда коркард мегардад. Таърихан тасдиқ шудааст, ки ягон институти иҷтимоӣ имконияти иҷрои вазифаҳои оиларо надорад, зеро бе оила ҷамъият вуҷуд надорад. Иҷрои ҳаматарафа ва босифати уҳдадориҳои дар назди оилагузошташуда, оиларо масъул месозад, ки тамоми давраҳои инкишофи худро зина ба зина гузарад.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таърифи ҳуқуқии оила дода нашудааст, вале дар “Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ” таърифи он чунин оварда шудааст: “Оила иттифоқи озод, ихтиёрона, баробарҳуқуқ ва чун қоида якумраи зану шавҳар аст, ки ба муҳаббату эҳтироми тарафайн бо мақсади ташкили хонавода барои тавлид ва тарбияи фарзандон асос ёфта, бо риояи ҳама шартҳои дар қонун зикршуда ва умумияти маънавӣ ва хоҷагӣ, инчунин ҳуқуқу уҳдадориҳоро байни аъзои оила ба вуҷуд меорад ва дар ҳимояи давлат қарор дорад” [11, с. 368].

Дар луғати тафсирии Д. Н. Ушаков бошад, чунин омадааст: «Оила – ин ҷамъияти одамон буда, ба он волидон, фарзандон, наберагон ва наздиконе, ки дар як муҳит зиндагӣ мекунанду мақсадҳои умумии ягона доранд, мансубанд”.

Г. Г. Силласте се навъи муносибатро ба омӯзиши оила ҷудо мекунад: сотсиологӣ, педагогӣ ва иқтисодӣ (дақиқтар карда гӯем, иқтисодӣ- оморӣ) [10, с. 170-173]. Ба андешаи ин муҳаққиқ, муносибати сотсиологӣ, ки дар он оила ба ҳайси воҳиди иҷтимоии ченкунии хосиятҳо, вазъият ва таъсир баромад менамояд, бунёдӣ ба шумор меравад. Хусусияти ин муносибат дар он аст, ки оила ба сифати организми ягонаи иҷтимоие баррасӣ карда мешавад, ки барқароршавӣ ва инкишофи он дар натиҷаи таъсири байниҳамдигарии соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ ва сиёсии фаъолияти ҳаётии ҷамъият идома ёфта, маҳз онҳо дар ниҳояти кор шароит, имконоти худамалисозии шахсият, тарзи ҳаёти оила ва умуман ҷамъиятро муайян мекунанд.

Хусусияти хосси раҳёфти сотсиологӣ дар ҷараёни омӯзиши оила ба шароитҳои маҷмуӣ ва пайвандии ногусастании иҷтимоӣ алоқаманд буда, дар онҳо “коллективи оила” ва аъзоёни он ба камол мерасанд. Мураккабии омӯзиши сотсиологии оила бо он шарҳ дода мешавад, ки оила нисбат ба “респондент- шахсият” фарқкунанда буда, ҳамчун “респондент- гурӯҳ” ба шумор меравад, ки дорои хусусияти ба худ хос аст;

дар системаи муносибатҳои иҷтимоӣ ва алоқамандии иҷтимоӣ ду нақшро иҷро менамояд: аз як тараф оила ҳамчун гурӯҳ, аз тарафи дигар оила ҳамчун институти иҷтимоии миллӣ.

Дар хусуси оила ҳамчун гурӯҳи хурд андеша ронда, пеш аз ҳама, суоле оид ба ҳайати миқдорӣ (сохтор) ба миён гузоштан ногузир мегардад, ки ин нукта дар асоси аксарияти куллии навъҳои гуногуни оила қарор гирифтааст [5].

Вобаста ба шарикони никоҳӣ оилаҳои моногамӣ (як шавҳар ва як зан) ва полигамиро аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Оилаи навъи дуюм дорои ду вариант мебошад: полиандрия (сершавҳарӣ) ва полигиния (бисёрзанӣ).

Аксарияти муҳаққиқон бар як ақида мувофиқ ҳастанд, ки шаклҳои полигамии оила бунёдгузори навъи ҳозираи он буда, гузашта аз ин, хусусиятҳои назарраси таърихӣ- фарҳангӣ, этникӣ ва хурофотӣ- динии онҳо муддатҳои дароз барқарор мондаанд. Оилаи моногамӣ созмонест, ки нисбатан ба замони мо наздиктар арзи ҳастӣ кардааст.

Ба муносибати афзоиши зиёди талоқ ва никоҳҳои такрорӣ дар кишварҳои аз ҷиҳати саноатӣ рушдёфта, ҳар чӣ бештар дар хусуси моногамияи муттасил сухан меронанд. Ин чунин маънӣ дорад, ки дар вақти муайян мард (зан) бо як нафар шарик никоҳ доштааст, аммо дар давоми умр бошад, ин гуна никоҳ дар мард (зан) бештар аз як маротиба рух дода будааст.

Аз рӯйи шумораи наслҳои муаррификарда оиларо чунин тақсим кардан маъмул мебошад:

а) оилаи мураккаб (калон, серодам), ки дар он намояндагони якчанд (ҳадди камтарин сето) наслҳо- бобою бибиҳо, падару модарон ва бачагон умр ба сар бурда, якҷоя хоҷагидорӣ мекунанд. Дар аксарияти ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ин гуна оилаҳоро имрӯз ҳам бисёр дучор омадан мумкин аст; дар шаҳрҳои калон ва шаҳраку деҳоти саноатию аграрӣ бо сабабҳои субъективӣ, дар навбати аввал, имконоти нисбатан маҳдуди ҳуҷраҳои биноҳои серошёна ва бидуни шубҳа, бемайлон боло рафтани некӯаҳволии мардум оилаҳои мураккаб нисбатан камтар вомехӯранд. Мусаллам аст, ки ба мураккабии оилаҳои мардуми тоҷик баробари шароити номусоиди деҳот ва зарурати иқтисодӣ, ба андозаи хеле назаррас таълимоти дини мубини Ислом низ сабаб гардидааст. Эҳтироми солхӯрдагон - бобою бибиҳо, қарзи фарзандӣ маҳсуб ёфтани дастгирӣ ва парастории падару модар дар рагҳои фарзандони тоҷик бо шири модар парварида мешавад ва хушбахтона, дар оилаҳои бисёре дар рӯзҳои мо низ барқарор мондааст;

б) оилаи сода (нуклеарӣ), ки аъзоёни он намояндагони танҳо ду насл (падару модар ва фарзандон) мебошанд. Ин навъи оила айни замон дар давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон, аз ҷумла аксарияти ҷумҳуриҳои собиқи шуравӣ (дар Қазоқистон ва шаҳрҳои бузурги саноатии Ӯзбекистон бештар ва дар Туркманистону Қирғизистон камтар) ҷой дорад. Дар кишвари мо бошад, чунонки дар боло ҷузъан шарҳаш гузашт, оилаҳои сода дар шаҳрҳо ва ба миқдори кам дар деҳот вомехӯранд ва иқрор шудан лозим меояд, ки теъдоди онҳо рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Шояд дар мисоли тарзи зиндагии мо - тоҷикон бошад, ки бархе муаллифон дар хусуси ба мушоҳида расидани “эҳё”- и оилаҳои нуклеарӣ, яъне, тадриҷан мураккаб гардидани он шаҳодат медиҳанд.

Ин даъво то кадом андоза дуруст аст, вақт нишон медиҳад. Вале нуқтае мусаллам аст, ки ба шарофати инкишоф ёфтани васоити нав ба нави коммуникатсионӣ тариқи овозӣ ва наворӣ (видеоӣ) ҳарчӣ бештар бо ҳамдигар муошират кардан ва аз ҳоли ҳамдигар огаҳӣ ёфтани ҳамаи наслҳои оила ба анъанаи нек табдил ёфта истодааст. Ба назари мо, ин тарзи ҳамзистии фосилавии аъзои як хонадонро аз навъҳои вижаи оилаҳои мураккаб баҳо додан мумкин аст: ҳарчанд наслҳо бахусус аз шохаи сеюм ва ҳатто чаҳорум - бобою бобокалонҳо ва бибию бибикалонҳо дар алоҳидагӣ мезиста бошанд ҳам, пайваста аз буду боши ҳамдигар огоҳии комил дошта метавонанд, ки, бешубҳа, минбаъд барои бештар гардидани қадру қимати наслҳои як оилаи воқеан мураккаб таҳкурсии боэътимоде хоҳад шуд.

Одатан дар хусуси оилаи нуклеарӣ сухан ронда, оилаи нуклеарии пурраро дар назар медоранд, яъне ҷое, ки ҳар ду волидон ҳастанд. Аммо оилаҳои нопурра, дар онҳое, ки яке аз волидон, аксаран падар нест, ҳам нуклеарӣ пазируфта шудааст (воқеан, пӯшида мемонад, ки оилаи бефарзандро низ нуклеарӣ номидан мумкин аст ё на?). Дар навбати худ, оиларо ба нопурра (дар натиҷаи талоқ ва ё бевагӣ ба вуҷуд омада бошад) ва модарӣ ҷудо мекунанд, ки ба дуюмӣ он оилаҳое тааллуқ доранд, ки бидуни никоҳ таваллуд карда, танҳо ба тарбияи фарзанд машғуланд [2].

Вобаста ба мавзуъ дар хусуси навъи хоссаи оилае ҳам хотиррасон бояд кард, ки унвони бинуклеарӣ гирифтааст. Ин оилаест, ки пас аз ҷудошавӣ ҳамсарон оилаҳои дигар барпо мекунанд ва дар натиҷа, гӯё фарзанди завҷаҳои нахустинбуда якбора чаҳор волид пайдо мешавад (бо дунафарӣ ҳамхун ва дунафарии дигари ӯгай), ки байни ҳамагон муносибат барқарор мемонад ва фарзанд давра ба давра бо ин ё он волидон зиндагӣ мекунанд. Ба андешаи баъзе муҳаққиқон, зиёд гардидани доираи хешовандони наздики кӯдак, аз ҷумла сиблингҳо (додар ва хоҳарони ӯгай) ба иҷтимоигароии шахсият таъсири мусбат расониданаш аз эҳтимол дур нахоҳад буд.

Дар таҳқиқоти сершумори оила, вобаста ба дараҷаи қаноатмандии ҳамсарон аз никоҳ континиум ҳосил мешавад, ки дар қутбҳои он оилаҳо вуҷуд доштанд ва дар онҳо зану шавҳар ба андозаи муайян аз никоҳи худ қаноатмандӣ доранду дар оилаҳои дигар қаноатмандӣ набуд, аммо оиларо нигоҳ медоранд ва ё дар арафаи вайрон кардани ақди никоҳ қарор доранд. Шаклҳои бисёри ин навъи оила арзи ҳастӣ менамоянд.

Типологияи педагогии оила ба аломатҳои некуаҳволӣ асос ёфтааст ва рисолати калидии он ба ҷо овардани вазифаи тарбия ба шумор меравад.

Аз нуқтаи назари мутобиқати муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ ба меъёрҳои ҷамъиятӣ оилаҳо ба гунаи зерин мешаванд:

- оилаҳои патриархалӣ (анъанавӣ), муносибат дар онҳо ба намунаҳое мутобиқ мебошад, ки дар замони пешина ҳукмронӣ дошт: шавҳар (падар- “саробон, нондиҳанда”) оиларо аз ҷиҳати моддӣ таъмин менамояд, дар ҷамъият муаррифӣ мекунад, қарорҳои ҳалкунандаи ба аъзоёни оила дахлдорро қабул мекунад; зан кор намекунад (ва ё эътибори кори ӯ, маошаш нисбат ба шавҳар хеле паст аст), бо тарбияи фарзандон машғул аст, корҳои хоҷагиро пеш мебарад. Фикру мулоҳизаи бачагон кам ба инобат гирифта мешавад ва ё хислати тобеият дорад;

- оилаҳои ҳозиразмон (эгалитарӣ), дар онҳо меъёрҳои меҳру муҳаббат, қаринии эҳсосӣ, эҳтироми тарафайн ба тамоми аъзоёни оила паҳн мешавад. Ба ҳайси зернавъи оилаҳои ҳозиразамон гунаҳои зеринро ҷудо мекунанд:

а) оилаи коллективистӣ (ё дар истилоҳи муаллифони ғарбӣ “дувазифагӣ”), ки дар онҳо фаъолияти касбӣ ва ҷамъиятии ҳар ду ҳамсар баробар муҳим маҳсуб мешавад. Ҳамсарон одилона (ё бо иштироки фаъолонаи шавҳар) уҳдадориҳои рӯзгорро баробар тақсим намуда, соатҳои холигиашонро якҷоя сипарӣ мекунанд, қарорро коллективона қабул мекунанд ва ғ.;

б) оилаҳои инфиродӣ, ки дар онҳо фаъолияти беруназоилавӣ барои ҳамсарон нисбат ба корҳои оилавию хонагӣ авлотар ба ҳисоб рафта, ҳангоми муҳокимаи қарорҳои муҳимтарин, агар манфиатҳои инфиродии завҷае халал ёфта бошад, ихтилофу зиддиятҳои ҷиддӣ рух медиҳанд.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ оилаҳоро ба ду гурӯҳи калон ҷудо кардан мумкин аст: дар гурӯҳи *якум* муносибатҳои байни ҳамсарон аз ҷониби ҷамъият эътироф шудааст (яъне, байни онҳо ақди никоҳ баста шудааст), дар гурӯҳи *дуюм* бошад, никоҳ вуҷуд надорад (муоширати тоникоҳии ҷавонписарону ҷавондухтарон).

Ва ниҳоят, баррасии типологияи оиларо ба хотима расонида, дар боби ба ном тарзҳои алтернативии ҳаёти оилавӣ дахл накардан, имконнопазир хоҳад буд, ки ба онҳо оилаҳои зеринро ворид метавон кард:

- оилаҳои ҳамҷинса (ҳам мардона ва ҳам занона). Таҷрибаи оилаҳои ғарбӣ гувоҳӣ медиҳад, ки бо вуҷуди ҳамҷинсгароӣ имконияти ба роҳ мондани тарбияи фарзанд (тариқи фарзандхондӣ) ва ҳатто, таваллуди (дар оилаҳои занона тариқи ҷалб намудани мардон- донорҳо) кӯдак аз эҳтимол берун нахоҳад буд;

- никоҳи кушод, муносибат дар ин гуна оилаҳо дар асоси принсипҳои гуманистӣ ташкил карда мешавад, ки тибқи принсипи мазкур одам дар давоми умр тағйир меёбад, камолоти ботинӣ эҳсос мекунад. Кӯшиш барои худмуҳимсозии ҳар кадоми ҳамсарон ба ҷуз ҳар чизи дигар, инчунин ҳаёти шахсии ҳар кадоми онҳо, аз ҷумла муносибатҳои амиқ ва пураҳаммиятро бо ашхоси дигар (аз ҷумла муносибатҳои маҳрамона) дар назар медорад ва имконпазир меҳисобад;

- свининг- никоҳи калаванда, ҳангоме ки ҷуфти ҳамсароне, ки дар муносибатҳои дигар ба андозаи зарурӣ урфӣ ҳастанд, муваққатан шарикони ҳамхобагии хешро иваз менамоянд;

- никоҳи гурӯҳӣ- муносибатҳои занушавҳарии се ва аз он бештар нафароне, ки байнашон ҷуфтҳо (аз ҷумла гомосексуалӣ) ва ё алоқаҳои бетартиби сексуалӣ буданаш мумкин аст;

- никоҳи дугома (дуқадама), ки байни ҳамсарон бастани ақди никоҳи махсус-шартномавиро дар назар медорад, ки дар он санад, ҳуқуқҳо ва вазифаҳо дар давраҳои гуногуни ҳаёти оилавӣ сабт карда шудаанд. Муҳимтарин хислати давраи аввалини он (“қадами нахустин”) вуҷуд надоштани фарзанд ва имконияти дар вақти муқарраршуда қатъ намудани муносибатҳо бидуни зарурати талоқ ба шумор меравад.

Боз баъзе дигар навъи тафсиру баёни оилаҳои моногамӣ низ вуҷуд доранд, ки рангҳои мухталифи динӣ гирифтаанду дар доираи шаклҳои гуногуни муносибатҳои дохилиоилавӣ ва танзими ҳуқуқии онҳо боқӣ мондаанд, ки барои шарҳи онҳо фурсат кифоягӣ намекунад [9, с. 146-150].

Оила дар шароити ҳама гуна бӯҳронҳои ишқӣ ва садамаҳои иҷтимоӣ дар қаринаи институтҳои иҷтимоӣ бештар устувор боқӣ монда, нақши як навъ “ташкилотчӣ”-и ба ифоқа оварандаи шаклҳои сершумори таъсири байниҳамдигарии

шахсият ва ҷамъият, танзимгари муносибатҳои байнишахсиятиро дар ҷамъият иҷро менамояд.

Оила созмони одамоне ба ҳисоб меравад, ки дар асоси никоҳ ва хешовандии хунӣ бо ягонагии рӯзгор ва масъулияти дутарафа ба ҳамдигар робита барпо кардаанд. Оила ҳамчун институти иҷтимоӣ барандаи маҷмуи меъёрҳои иҷтимоӣ, таҳримҳо, намунаи рафтор мебошад, ки тавассути онҳо муносибати байниҳамдигарии аъзоёнашро, ки берун аз ҳудуди оила нақшҳои гуногуни иҷтимоиро иҷро мекунанд, танзим месозад. Аксарияти муҳаққиқон (А. И. Антонов, Э. К. Василева, С. И. Голод, М. С. Матсковский, А. Г. Харчев ва диг.) нақшҳои оилавиро дар асоси хостагирии вазифаҳои оила ҳамчун гурӯҳи хурд ҷудо намудаанд. Онҳо муносибатҳои байни аъзоёни оиларо ба сабаби тақсими нақшҳо ва сохтори вазифавӣ-нақшии оила алоҳида таъкид месозанд. Агар вазифаҳои оиларо, пеш аз ҳама, мундариҷаи нақшҳои оилавӣ муайян мекарда бошад, пас сохтори нақшӣ, дар навбати аввал, тавассути тақсими нақшҳо, яъне, ҳар кадом узви оила кадом масъулиятро ба дӯш дорад ва муносибатҳои нақшӣ аз рӯйи чӣ гуна принсип бунёд карда шудаанд (кооператсия ё тақсими вазифаҳо ва ғ.), тавсиф карда мешавад.

Ҳангоми тавсиф намудани сохтори нақшии оила, тақсим намудани нақшҳо масъалаи муҳимтарин ба шумор меравад. Таваҷҷуҳи асосии муҳаққиқон ба омӯзиши нақшҳои ба вазифаҳои хоҷагию маишӣ ва тарбиявӣ мутобиқгардида равона карда шудааст.

Аммо, оила шакли хоссаи созмони иҷтимоӣ мебошад, ки фаъолияти ҳаётии он на фақат бо захираҳои моддӣ (маош, дараҷаи даромад, неъматҳои гуногун), балки ба андозаи бештар бо эҳтиёҷоти ахлоқӣ, меъёрҳои одоби ҷамъиятӣ ва оилавӣ, этикаи муносибатҳои инсонӣ, сатҳи фарҳанги маишӣ ва фарҳанги худи шахсият-аъзои оила таъмин карда мешавад. Инро дар қаринаи таҳқиқоти сотсиологӣ-педагогӣ қайд кардан муҳим аст.

Айни замон, маҳз оила меҳвари системаи иҷтимоӣ боқӣ мемонад, ки фаъолиятнокии он бо давлат, ки фароҳамовардани шароитҳои зарурии иҷтимоиро ба хотири рушди оила ва шахсият бар дӯш гирифтааст, иртиботи ногусастанӣ дорад.

Ҳамин тавр, ба ақидаи мо, оила ҳамчун институти иҷтимоӣ, гурӯҳи хурд, созмони иҷтимоӣ баррасӣ гардида, таваҷҷуҳро ба хислатҳои моҳиятии он, аз қабили типологияи оила, ҳайати миқдорӣ, сохтори нақшӣ ва ғ., ки вазифаҳои онро муайян мекунанд, ҷалб месозем.

Оила ва арзишҳои он заруранд, зеро маҳз оила он гуна талаботи инсониеро ба иҷро мерасонад, ки бо ягон гунаи дигари шаклҳои ҳамзистии одамон онро қонеъ намудан имконнопазир аст.

Аз нигоҳи Муҳаммад Ғазолӣ, яке аз матлабҳои издивоҷ ва ё барпо намудани оила ниёзи табиии инсон ба дӯстӣ, улфат, роҳат додану шод кардани нафс ва осоишу оромии дил маҳсуб меёбад. Яккаву танҳо зистану аз ин хушиҳои зиндагӣ баҳравар набудан бисёр мушкил аст. Ба ин маънӣ, ҳар як инсон дар роҳи пурпечутоб ва пасту баланди зиндагӣ ба ҳамсафаре эҳтиёҷ дорад, ки ҳар лаҳза тайёр бошад худро нисори ӯ кунад ва ӯ низ худро аз вай дареғ надорад [1, с. 80].

Дар моддаи 33-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид гардидааст, ки давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад. Ҳар кас ҳуқуқи ташкил

намудани оиларо дошта, дар оиладорӣ ва бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд [3].

Таъкид бояд кард, ки солимии оила ва ҷузъи маънавии он бояд дар мадди аввали барпо намудан ва нигоҳдории устувории оила бояд қарор дошта бошад. Вобаста ба ин, Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, № 801 тасдиқ шуда, қисмати 8-и он ба "Танзими оила ва солимии репродуктивӣ" бахшида шудааст ва барои паст намудани нишондоди фавти модарон ва кӯдакон, нишондоди баланди таваллуд, пешгирӣ намудани никоҳҳои хешутаборӣ, маъюбии кӯдакон, паст намудани камхунӣ дар байни занони қобили таваллуд ва паст намудани нишондоди бемориҳои занона равона шудааст.

Дар ин раванд, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 августи соли 2016, № 374 "Қоидаҳои гузаронидани муоинаи тиббии ҳатмии шахсони никоҳшаванда" тасдиқ карда шуд, ки мақсади асосии он таъмини ҳуқуқи конститутсионии никоҳшавандагон, махсусан ҷавонон ба ҳаёт ва саломатӣ, фароҳам овардани шароит барои ташаккули оилаи солим, пешгирии таваллуди кӯдаки маъюби гирифтори нуқсонҳои модарзодии инкишоф ва бемориҳои ирсӣ ҳисоб меёбад.

Оила манзили муқаддасест, ки кӯдак дар он ба воя мерасад, одобу ахлоқ ва маҳз аз оила муоширати иҷтимоӣ маншаъ гирифта, рушд меёбад. Дар ин замина, педагоги барҷастаи рус В. Н. Сухомлинский чунин таъкид карда буд: "Кӯдак дарки олами инсониро аз модар ва аз рафтори модар ба кӯдак, аз муносибати падар ба модари кӯдак сар мекунад".

Оила *бисёр вазифаҳоро* иҷро менамояд. Дар он эҳтиёҷоти моддию маънавӣ, ҷамъиятию хусусӣ, коллективию инфиродӣ, ахлоқию ҳуқуқӣ, биологию равонӣ, умумию маҳрамона ба ҳамдигар печидаанд [8, с. 38].

Мо таҳти таъбири вазифаҳо соҳаи фаъолияти ҳаётии оиларо мефаҳмем, ки бо қонеъ гардонидани талаботи муайяни аъзоёни он алоқаманд мебошанд. Вазифаҳои оиларо баррасӣ намуда, моддаи 5- уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд"-ро, ки маҳз вазифаи умумии падару модар будани таълиму тарбияи фарзандро таъкид менамояд, мисол овардан бамаврид аст: "падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ҳуқуқ ва уҳдадориҳои баробар доранд" [4, с. 40].

Т. Парсонс чунин меҳисобид, ки ҳамаи системаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла оила, аз маҷмуи чаҳор вазифаи асосӣ иборатанд [6] :

*Якум*, одаткунонанда. Ҳама гуна системаи иҷтимоӣ ба дигаргуниҳои чи ботинӣ ва чи тартиботи беруна мутобиқ мешавад ва ё одат мекунад.

*Дуюм*, универсалӣ. Ин вазифа бо бамақсадрасии инсон вобаста мебошад. Маҷмуи ҳадафҳоро муқаррар менамояд, вазифаи худинкишофи система ва имконият қобилиятмандии онро таъмин менамояд.

*Сеюм*, вазифаи интегратсионӣ. Он ҳамаи ҷузъҳо ва вазифаҳои байни худ ва системаро ба ҳамдигарашон мепайвандад.

Вазифаи *охирин*- маҳфуз доштани намуна. Бо вуҷуди тағйирёбандагии зуҳуроти иҷтимоӣ барои худмуҳофизати он ва суботнокиаш қобилияти маҳфуз доштан ва интиқоли намунаҳои рафтор, принсипҳои фарҳангӣ ва арзишҳо ногузир хоҳад буд.

Ин вазифа оиларо ваколатдори интиқол бахшидани анъанаҳои фарҳангӣ, расму одатҳо аз насл ба насл ва таъмингари давомнокии онҳо мегардонад. Оила ҳамчун системаи иҷтимоӣ бояд чунон ташкил карда шавад, ки бо дигар системаҳо мутобиқ шуда тавонад. Дар тарҳи таснифи Т. Парсонс ҷойи асосиро системаи авлод, назорати муносибатҳои сексуалӣ ва иҷтимоигароӣ гирифтаанд [7, с. 14].

Муаллифони гуногун вазифаҳои оиларо баршумурда, теъдоди онҳоро гуногун нишон медиҳанд, аммо маҷмуи вазифаҳои муайянкардаи онҳо ба ҳамдигар монанданд (ниг. ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1.Тавсифи вазифаҳои оила**

| | **Вазифаҳои оила** | **Тавсифи умумӣ** |
|---|---|---|
| 1. | Эротикӣ ё вазифаи ишқӣ | Ҷавҳари ҳама гуна муносибатҳое мебошад, ки дар оила ҳукмронанд. Дар бобати ба роҳ мондани муносибатҳои солими оилавӣ меҳру муҳаббат мебошад, ки аввал волидон ва баъд фарзандони онҳоро ба ҳам мепайвандад |
| *Муаллифон* | | ***Н.Е. Шуркова, Э.Г.Эйдемиллер, В.В. Юсгитскис*** |
| 2. | Наслофаринӣ | Ба шарофати падару модар ба такрористеҳсоли ҳаёти нав машғул шудан, яъне бо таваллуди фарзанд идома бахшидани насли инсонӣ |
| *Муаллифон* | | ***Б.Маҷидова, Н.Юнусова, Х.Раҳимзода, А.Нуров, Н.Е. Шуркова, Л.Б. Шнайдер, И.В. Гребенников, А.Г. Харчев*** |
| 3. | Хоҷагию иқтисодӣ | Оила дар истеҳсоли ҷамъиятии воситаҳои ҳаётан муҳим ширкат меварзад, дар оила қувваи дар истеҳсолот сарфшуда барқарор гардида, хоҷагии худро пеш мебарад, буҷети худро дорад, фаъолияти истеъмолиро ба роҳ мемонад, худро бо воситаҳои моддӣ таъмин месозад |
| *Муаллифон* | | ***И.В.Гребенников, Э.Г. Эйдемиллер*** |
| 4. | Таълимию тарбиявӣ (иҷтимоигароӣ) | Ташаккул бахшидани шахсияти кӯдак, инкишоф додани қобилият ва манфиатҳои ӯ, азхудкунии таҷрибаи ғуншуда, коркарди ҷаҳонбинӣ. Оила ба худ ибтидои ҷамъиятӣ ва инфиродии мусоидат ба иҷтимоигароии кӯдакро гирифтааст. Ибтидои сифатҳои инфиродӣ: уҳдабароӣ, таъмин намудани талабот нисбат ба волидайн, худамалисозӣ дар фарзандон ва худи фарзандон |
| *Муаллифон* | | ***Н. Е. Шуркова, Л. Б. Шнейдер, М. М.Плоткин, И. Гребенников, Э. Эйдемиллер, В.В. Юстискис, А.Г. Харчев, А.И. Антонов*** |
| 5. | Коммуникативӣ ва ё муошират | Рушди шахсиятии аъзоёни оила, малакаҳои нутқро кӯдак маҳз дар оила аз худ мекунад. Танҳо дар оила кӯдак бо волидон муошират намуда, дар хусуси муаммоҳояш маслиҳат мегирад, фаҳмиши зарурӣ, дастгирӣ аз онҳо мегирад. Муошироти волидон бо фарзандон барои инкишофи зеҳнӣ, эҳсосӣ ва иродавии |

| | | |
|---|---|---|
| | | онҳо аҳаммияти калон дорад |
| ***Муаллифон*** | | ***М.М. Плоткин, Э.Г. Эйдемиллер, В.В. Юстискис*** |
| 6. | Муносибати маънавӣ | Рушди шахсиятии аъзоёни оила, рушди дунёи ботинӣ. Муносибати маънавӣ мабдаи эҷодӣ, виҷдон, шуурро амалӣ мегардонад. Дарки ин вазифаи педагогии оила фавқулода муҳим ва дар шароити ҳозира зарур аст |
| ***Муаллифон*** | | ***М.М. Плоткин, Э.Г.Эйдемиллер, В.В. Юстискис*** |
| 7. | Рекреативӣ ва ё таъмин кардани фароғату истироҳат | Ташкили фароғату истироҳати оқилона, назорати аз ҷиҳати педагогӣ асоснок дар соҳаи фароғат, истироҳат |
| ***Муаллифон*** | | ***Н.Е.Шуркова, Л.Б.Шнейдер, М.М.Плоткин, И.В.Гребенников, А.Г.Харчев, А.И.Антонов*** |
| 8. | Рушди эҷодӣ | Оила барои рушди қувваҳои эҷодӣ ва қобилиятҳои инфиродӣ муҳити созгор мебошад, зеро дар оила инсон аз ҳама бештар озод аст ва бо меҳру муҳаббат ва дастгирӣ фаро гирифта шудааст |
| ***Муаллифон*** | | ***Н.Е.Шуркова*** |
| 9. | Регенеративӣ | Он бо бамеросгирии мақом, насаб, моликият, вазъияти иҷтимоӣ пайваст мебошад |
| ***Муаллифон*** | | ***Л.Б.Шнайдер*** |
| 10. | Эҳсосотӣ | Босуботии муҳити эҳсосӣ-ахлоқӣ дар оила, эмпатия, аз тарафи кӯдак гирифтани дастгирии равонию педагогӣ ва муҳофизат дар оила |
| ***Муаллифон*** | | ***М.М. Плоткин, Э.Г.Эйдемиллер, В.В. Юстискис*** |
| 11. | Психотерапевтӣ | Никоҳ бобарор аст ё не, вобаста ба фаъолнокии ин вазифа маълум мегардад, яъне айни замон мавҷудияти оила аз бисёр ҷиҳат ба суботи муносибатҳои эҳсосӣ иртибот дорад |
| ***Муаллифон*** | | ***Л.Б. Шнайдер*** |

Аз таҳлили мантиқии ҷадвали мазкур хулоса кардан мумкин аст, ки рӯйхати ягонаи вазифаҳои асосии оила вуҷуд надорад, яъне муаллифони гуногун ин ё он маҷмуи вазифаҳо ва истилоҳотро дар асоси моделҳои ғоявии худашон пешниҳод мекунанд. Шояд, мавҷудияти рӯйхатҳо чандон муҳим набошад, лекин ба он эътибор додан зарур аст, ки сухан дар хусуси гурӯҳҳои асосии талаботе меравад, ки онҳоро маҳз оила амалӣ кардан воҷиб мебошад. Аксарияти муҳаққиқон ба ин муносибат рӯйхатҳои иборат аз 6-7 вазифаи оила, аз қабили вазифаи таваллуд ва тарбияи фарзанд, вазифаи такомули маънавии волидон, вазифаи дастгирии ҳиссиётӣ ва муҳофизати психологиро пешниҳод кардаанд, ки бояд волидон ҳатман ба кор баранд. Аммо ҳар кадоми онҳо дорои имконоти аксиологӣ мебошанд ва талаботи ҳаётан зарурии ҷавонони имрӯза шуданашон аз эҳтимол дур нест.

Оилаҳои замонавӣ бо муҳити шахсии ташаккул ва инкишоф фарқ карда мешаванд. Бояд таъкид намоем, ки инкишофи ҷисмонӣ, маънавӣ, эмотсионалӣ ва иҷтимоии шахсият аз ҳар ҷиҳат аз оила вобаста аст. Дар ҷараёни ташаккули ҷаҳонбинӣ афзалиятҳои шахсӣ заминагузорӣ мешаванд, зеро танҳо оила тасдиқ ва ё

қабул мекунад, дастгирӣ менамояд, муҳокима ва ё бефарқӣ зоҳир менамояд. Ҳамин тавр, бартарият ба ҳамон арзишҳое дода мешавад, ки барои оила муҳиму зарур ва арзишманданд. Арзишҳои мазкур дар талаботҳои ҷамъиятии ҷавон таҷассум мегарданд, дар раҳёфти масъалаҳои ғайримуқаррарӣ ва дар мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбанда кумак мерасонанд ва ё баръакс.

Ҷамъияти муосир бояд дарк намояд, ки институти оила – такягоҳи асосӣ ва бунёдии давлат дар ҳалли масъалаҳои динӣ, ахлоқӣ ва демографии ҷамъият аст, аз ин рӯ бояд аз тарафи ҳукумат ба ин қишри ҷомеа таваҷҷуҳи бештар ва махсус зоҳир гардад.

**Муқарриз: Юнусова Н.М.- д.и.п, профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Алиев М. Андешаҳои тарбиявии Имом Муҳаммад Ғазолӣ /М.Алиев. - Душанбе , 2008.
2. Голод С.И. Стабильность семьи/ С.И. Голод. - Л., 1989.
3. Густариши ахлоқи миллӣ – посух ба пайомадҳои манфии ҷаҳонишавӣ. Сайидзода Зафари Шералӣ / Сайидзода Зафари Шералӣ. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2014. – 260 с.
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Моддаи 33.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд”. - Душанбе, 2011.- 40 с.
6. Мацковский М.С. Социальная сфера: преобразование условий труда и быта/ М.С. Мацковский .- М., 1988.
7. Парсонс Т. О структуре социального действия/ Т. Парсонс. -М.: Академический проект, 2002.
8. Силласте Г.Г. Сельская школа и село России в начале 21 века: Монография. Под общей редакцией доктора исторических наук Ю. В. Борисова - профессора Дипломатической академии МИД РФ Заслуженного деятеля науки России, Чрезвычайного и Полномочного Посланника РФ/ Г.Г. Силласте. - М.: Центр образовательной литературы, 2003.
9. Социология молодежи: Учебник. Под ред. проф. В. Т. Лисовского. - СПб: Изд- во С. - Петербургского университета, 1996.
10. Уварова Н.Н. Формирование ценностного отношения студентов к институту семьи: Дисс. кандидата педагогических наук: 13.00.01. /Н.Н.Уварова. - Ставрополь, 2006. - 232 с.
11. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ. Зери таҳрири Маҳмудов М.А. - Душанбе: ЭР-граф, 2009.


**ТАСНИФОТИ ОИЛА ҲАМЧУН ГУРӮҲИ ХУРДИ ҶОМЕА**


Муаллифони мақола таснифоти оиларо ҳамчун гурӯҳи хурди ҷомеа аз назари илмҳои гуногун таҳлил намудаанд. Қайд карда мешавад, ки муаллифони гуногун вазифаҳои оиларо баршумурда, теъдоди онҳоро гуногун нишон медиҳанд, баробари ин, маҷмуи вазифаҳои муайянкардаи онҳо ба ҳамдигар монананд. Дар мақола ҷадвали вазифаҳои оила оварда шудааст. Ба ақидаи муаллифон, оила ҳамчун институти иҷтимоӣ, гурӯҳи хурд, созмони иҷтимоӣ баррасӣ гардида, таваҷҷуҳро ба хислатҳои моҳиятии он, аз қабили типологияи оила, ҳайати миқдорӣ, сохтори нақшӣ ва ғ., ки вазифаҳои онро муайян мекунанд, ҷалб месозанд. Фаъолияти ҳаётии оила на фақат бо захираҳои моддӣ (маош, дараҷаи даромад, неъматҳои гуногун), балки ба андозаи бештар бо эҳтиёҷоти ахлоқӣ, меъёрҳои одоби ҷамъиятӣ ва оилавӣ, этикаи муносибатҳои инсонӣ, сатҳи фарҳанги маишӣ ва фарҳанги худи шахсият - аъзои оила таъмин карда мешавад. Инро дар қаринаи таҳқиқоти сотсиологӣ-педагогӣ қайд кардан муҳим аст.



**Калидвожаҳо:** оила, назарияҳои педагогӣ – психологӣ, сотсиологӣ, ҳуқуқӣ, типҳои оила, институти иҷтимоӣ, гурӯҳи хурд.


**ХАРАКТЕРИСТИКА СЕМЬИ КАК МАЛОЙ ГРУППЫ ОБЩЕСТВА**


Авторы статьи проанализировали характеристику семьи как малой группы общества, с точки зрения различных наук. Отмечено, что разные авторы по-разному подсчитывают функции семейства и показывают их количество, в то же время набор определяемых ими функций сходен между собой. В статье представлена таблица обязанностей семьи. По мнению авторов, семья рассматривается как социальный институт, малая группа, социальная организация, и они обращают внимание на ее существенные признаки, такие как типология семьи, количественный состав, ролевая структура и др., которые определяют ее функции. Жизнедеятельность семьи обеспечивается не только материальными ресурсами (заработная плата, уровень доходов, различные льготы), но в большей степени нравственными потребностями, нормами общественного

и семейного этикета, этикой человеческих отношений, уровнем бытовой культуры и культуры личности - члена семьи. Это важно отметить в контексте социолого-педагогического исследования.

**Ключевые слова:** семья, психолого-педагогические теории семьи, социологические и правовые характеристики семьи, социальный институт, типы семьи.

**CHARACTERISTICS OF THE FAMILY AS A SMALL GROUP OF SOCIETY**

The authors of the article analyzed the characteristics of the family as a small group of society from the point of view of various sciences. It is noted that different authors calculate the functions of the family in different ways and show their number, at the same time, the set of functions they define is similar to each other. The article presents a table of family responsibilities. According to the authors, the family is considered as a social institution, a small group, a social organization, and they pay attention to its essential features, such as family typology, quantitative composition, role structure, etc., which determine its functions. The vital activity of the family is provided not only by material resources (wages, income levels, various benefits), but to a greater extent by moral needs, norms of public and family etiquette, ethics of human relations, the level of household culture and culture of the individual - a family member. This is important to note in the context of sociological and pedagogical research.

**Key words:** family, psychological and pedagogical theories of the family, sociological and legal characteristics of the family, social institution, family types.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Неъматов Рамазон Ҳусниддинович*** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муаллими калон, кафедраи «Психология». **Суроға:** 735450, ноҳияи Рашт, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи. Э. Муҳидинов. E-mail**: nematov-ramazon@mail.ru**. Телефон**: (+992) 93-591-91-44.**

**Сведения об авторе:** ***Неъматов Рамазон Хусниддинович*** – Педагогический институт Таджикистана в Раштском районе, старший преподаватель, кафедра «Психологии». **Адрес:** 735450, Раштский район, Республика Таджикистан, улица Э. Мухидинова E-mail: **nematov-ramazon@mail.ru.** Телефон: **(+992) 93-591-91-44.**

**Information about the author:** ***Nematov Ramazon Khusniddinovich*** – Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht region, senior lecturer, Department of Psychology. Address: 735450, Rasht district, Republic of Tajikistan, E. Mukhidinov street E-mail: **nematov-ramazon@mail.ru.** Phone: **(+992) 93-591-91-44.**

**УДК:372.83 (575.3)**

# МАҚОМИ МАФҲУМҲОИ ОЗОДИИ ВИҶДОН ВА ТАҲАММУЛГАРОӢ ДАР РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ

*Собиров Р.Р.*

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Дар замони муосир вобаста ба тараққиёти ҷомеа дар раванди ҷаҳонишавӣ мафҳумҳои озодии виҷдон ва таҳаммулгароӣ мақоми хосса доранд. Таҳаввулоти ин мафҳумҳо эътиқод, робитаю ҳамбастагиҳо байни халқҳоро инъикос менамояд.

Дар баробари мушкилот ва масоили зиёди иҷтимоӣ, ки ҷомеаҳои мусулмонӣ бо онҳо рӯбарӯянд, садаи XX-умро садаи «эҳёи ислом» ва «инқилобҳои исломӣ» меноманд. Дар ин аср авҷи ҳаракатҳои миллию озодхоҳӣ дар кашварҳои мусулмонӣ, ҷунбишҳо ва инқилобҳои исломӣ, фаъолшавии исломи сиёсӣ, бархӯрдҳои арзишӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ ва ғайраҳо пайдарпай мушоҳида мешаванд. Намунаи олии ин фикрро дар мисоли тағйироти иҷтимоии кишварҳои Шарқи Наздик баъди инқилобиҳои «баҳори арабӣ» дидан мумкин аст. Ҳанӯз шиддати баҳсу мунозира дар атрофи инқилоби исломии Эрон ва пайомадҳои он дар минтақа ба охир нарасида буд, ки мавҷи ҷунбишҳои “баҳори арабӣ” симо ва авзои ин минтақаро дигаргун намуд... Дар айни замон аз тарафи доираҳои ғарбӣ пайваста ташвиқу тарғиб шудани хатари терроризми исломӣ ва боло рафтани исломҳаросию исломситезӣ дар ин беш аз пештар гармтар месозад. Албатта, наметавон ба ин андеша розӣ шуд, ки ислом дини зӯроварӣ ва бадбиниву адоват аст, зеро дар он намунаҳои зиёди масоили инсондӯстию таҳаммулгароиро ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи амалӣ метавон пайдо кард [5, с.321-322].

Дар ҳаёти имрӯзи Тоҷикистон озод будан аз таъсири мафкураи динӣ дар сиёсати хориҷӣ ва дохилии кишвар, фаъолияти озоду мустақилонаи давлатӣ, сохторҳои он ба мушоҳида мерасад. Ҷудоии ташкилотҳои динӣ аз давлат маънии ҷудоии ҷомеа, фарди диндорро аз давлат, ҷудоии қатъии фарҳанги диниро аз фарҳанги миллӣ, дур шудани давлати дунявиро аз оммаи мардум ва муқобили ҳам гузоштани дини давлатро надорад. Муносибати давлат ба диндорон на аз рӯйи мансубияти динӣ, балки аз рӯйи мансубияти шаҳрвандӣ амалӣ мешавад. Робитаи давлат бо шаҳрвандони худ аз рӯйи меъёрҳои ҳуқуқӣ, қонуну санадҳо, ки хусусияти динӣ надоранд. Давлат он вақт ба диндории гурӯҳҳо ё фаъолияти созмонҳои динӣ дахолат мекунад, ки онҳо бар зидди давлат, сарнагун кардани он бо роҳи зӯрӣ, равона шуда бошанд, ихтилофу низоъҳоро дар ҷомеа барангезанд [6,с.426].

Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ ба ҳар кас ҳуқуқ додааст, ки муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд (моддаи 26). Тоҷикистон давлати дунявӣ буда, ҳеҷ як мафкура, аз ҷумла мафкураи динӣ, ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф намешавад. Ташкилотҳои динӣ аз давлатӣ ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд (моддаи 8) [4].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муътақид аст, ки озодии виҷдон, ки қабл аз ҳама озодии эътиқоди динӣ ва ҳар гуна дигар шаклҳои эътиқод аст, аз нигоҳи ҳуқуқӣ пурра таъмин шудааст. Қонуни нави қабулшуда дар бораи озодии виҷдон тамоми имконро барои диндорон, рушду камоли онҳо, вусъати ибодат ва таълими динӣ фароҳам сохтааст. Ҳар шаҳрванд дар интихоби эътиқоди динӣ ва иҷрои маросимҳои он комилан озод буда, ҳифзи ҳуқуқуқҳои ӯро давлат кафолат медиҳад. Қонун “дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ” бо меъёрҳои байналмилалии озодии

виҷдон мувофиқ буда, ҳамаи он арзишҳои ахлоқӣ мебошанд, ки ахлоқ ва одоби арзишманди мардуми тоҷикро ифода кардаанд [1,с.17].

Таҳаммулгароӣ яке аз аслҳои асосии башардӯстии тамаддуни исломӣ мебошад ва уаз Қуръон сарчашма гирифта, дар мазҳаби ҳанафӣ мақоми хосса дорад. Бояд қайд кард, "ки таҳаммулгароӣ аз ҷузъҳои аслии фарҳанги динии имрӯза буда, заминаи мусоидест барои ҳамкорӣ ва мукомалаҳои густурдаи дину мазҳабҳои гуногун. Таҳқиру тавҳин, нафрату хусумат, таассуб ба эътиқодоти динии якдигар норовост. Онҳое, ки чунин мекунанд ва ё аз ин гуна амалҳои нораво дастгирӣ менамоянд, мувофиқи қонун ҷазо хоҳанд гирифт [6,с.464]. Вобаста ба идеологияи динӣ, ки аз ҷониби хадамотҳои махсуси ҷаҳон ва ҳамаи субъектҳои аз нигоҳи сиёсӣ номуваффақ суиистифода мешавад, ҳамеша як масъала ҷой дорад. Яъне, предмети асосӣ, ки дар атрофи он гӯё идеология ташаккул мееёбад, аз ҷониби субъектҳои сиёсӣ дар даҳҳо шакл шарҳу тавзеҳ дода мешавад [7, с.24-25].

Мутафаккири тоҷику форс Абубакри Розӣ дар заминаи эътиқоди гнеосиологӣ бар муқобили ҳар гуна хурофот ва муҷизоти динӣ баромадааст. Масалан, ӯ назарияии динии нубувват (пайғамбарӣ)-ро рад карда, дар "Нақзи адён" ном асараш чунин менависад: "Худованд ҳамаи бандагони худро мусовӣ халқ карда ва ҳеҷ касро бар дигар бартарӣ надодааст....". Ӯ, ҳамчунин, халлоқияти холиқ (Худо)-ро инкор месозад. Ба ақидаи Абубакр Розӣ, байни дин ва фалсафа мутобиқату созгорӣ наметовон барқарор кард. Ӯ қадим будани ҳаюлоро ба ин гуна собит мекунад, ки дар олам чизе падид намеояд, магар аз чизи дигар. Яъне, ибдоъ (офариниш) муҳол аст ва мумкин нест Худованд чизеро аз нестӣ ба вуҷуд биоварад [3, с.34].

Олим ва арбоби давлат С.Ятимов барҳақ қайд менамояд, ки "ҳар нафаре, ки ба майдони набардҳои идеолгияи идеологӣ ворид мешавад, мекӯшад афкори ҷамъиятиро монополия намояд. Дар ин ҷабҳа аз рӯйи принспи «ҷанг, ҷанг аст» ва дар ҷанг ҳамаи восита, қувва ва имкониятҳоро истифода мебаранд... Ин на танҳо адовати миёни динҳо, балки адовати дохилидинӣ мебошад. Барои ҳамин ҳазорсола хост, ки ҷангҳои хунини динӣ идома доранд. Теъдоди қурбониён ва зарари харобаҳо аз миллионҳо гузаштааст. Касе ғолиб наомадааст ва буда наметавонад. Раванди мазкур дар ҳолати рушд қарор дошта, муҳтаво, сифат ва догматизми ин идеологияи мисли пештара боқӣ модааст. Метод, роҳу тарзҳои амалисозии ин консепсия комилан нав шудааст ва ҳар рӯз таҷдид мешавад. Ин ҳолат ба зиёдшавии пайомадҳои харобиовари ҷангҳои иттилоотӣ – аз муқобилатҳои одӣ то бетартибиҳои оммавӣ, татбиқи амалҳои террористӣ ва аксулмалҳои занҷирии онҳо мусоидат мекунад. Догматизми ин таълимот ва муносибати афроди манфиатдор, инчунин дигар субъектҳо, нисбат ба ҷаҳонбинии мазкур равоқия (стоитсизм)-и худро гум намекунад ва сифатҳои мутлақи хешро нигоҳ медорад» [7,с.25]. Ҳамзамон, «Шукуфоии миллат пурра ба он вобаста аст, ки ҷомеа то кадом андоза ба тафсирҳои илмии зуҳуроти воқеият, чизҳои дар табиат, ҷомеа ва шуур баамалоянда такя мекунад» [7,с.26].

Ҳар кас давомдиҳандаи маънавии авлод, падару модар аст. Муҳим он аст, ки тарбияи фарзанд дар ихтиёри ашхоси тасодуфӣ наафтад. С. Ятимов ба таърих мурочиат намуда, мисолҳои фаровонро овардааст. Масалан, кушта шудани Мирзо Улуғбек аз ҷониби фарзандаш Абдулатиф, ки маҳз дар зери таъсири андешаҳои устодаш, ки ҳисси баланди таассуби динӣ дошт, ин корро анҷом додааст.

Ҳисси таассуби динӣ бар қотил аз меҳри фарзандӣ, муносибати эҳтиромона ба яке аз бузургтарин олмони риёзидон, ситорашинос, ки дар қатори шаш донишманди сатҳи ҷаҳонӣ дар Аврупо эътироф гаштааст, шахсияте ки зиёда 40 сол амири Моваруннаҳр буд, ғолиб омадааст. Ин ҳодисаҳои даҳшатпазир дар замони муосир низ ба назар мерасад.Алалхусус, тибқи фармони роҳбари дастаи террористӣ Алӣ Сакра ном ҷавон узви «Давлати исломӣ», модари хешро ба қатл меросонад, ки ин низ тарбияест, ки онро «устод»-и баддил ба анҷом расонидааст» [7,с.124-125].

Пешвои миллат таъкид намуданд, ки эълони Соли бузургдошти Имом Абуҳанифа дар кори ҳифзи маҳзаб ва ҳимояи ҷавонон аз роҳу равишҳои номатлуб ва навбаромади динӣ амри хайр ва раҳнамои хубест. Таҳаммулгароӣ, инсондӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, ҳимояи манфиат, эътибори шарту шароит дар ҳалли масоили фиқҳӣ ва чашмаҳои ақлии қиёс ва истеҳсон воситаи муҳимми паст кардани шиддати муборизаҳои сиёсӣ дар дохил ва хориҷи кишвар хоҳад буд. Аз ин дидгоҳ омӯзиши таълимот ва тарғиби осори ӯ кафолати оромии сиёсӣ ва суботи ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангию динӣ шуда метовонад [2,с.181].

Бо ташаббуси Сарвари давлат бо назардошти хизматҳои таърихии фарзанди барӯманди халқи тоҷик Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит (Имоми Аъзам) дар рушди фарҳанг ва тамаддуни исломӣ ва аҳаммияти калон доштани мероси динӣ–ҳуқии ӯ дар ташаккул ва инкишофи худшиносии миллӣ соли 2009 соли бузургдошти бунёдгузор мазҳаби ҳанафия эълон гардида буд ва он дар баланд бардоштани сатҳи маърифат ва шуури динии мардум нақши муассир гузошт.

Дар он сол баҳри ошноии беҳтару бештари ин фарзанди бошарафи халқи тоҷик намунаи осори имоми Аъзам ва силсилаи рисолаҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва таълимӣ роҷеъ ба зиндагинома ва осори ӯ мунташир шуданд. Дар ин ҷода бахусус рисолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Имоми Аъзам. Рӯзгор, осор ва афкор» арзишу моҳияти бунёдӣ дорад.

Пешвои миллат мўътақид аст, ки «бузургии Имоми Аъзамро дар фарҳанги исломӣ ва аз тариқи он дар тамаддуни ҷаҳонӣ метавон дар чандин маврид бе ҳеҷ гуна сохтакорӣ нишон дод, ки он иборат аст: якум ин ки, Абуҳанифа (р) асосгузори аввалин ва бузургтарин мазҳаби фиқҳӣ дар дини ислом мебошад; дувум, ӯ аввалин асосгузори илми фиқҳ, яъне усули диёнати исломӣ аст; севум, ӯ яке аз нахустин асосгузорони равиши ақлгароӣ, дар фиқҳ ва фалсафаи динии ислом (илми калом) мебошад; ҳамчунин, вай аввалин поягузори фарҳанги таҳаммулгароӣ, дуриҷӯйӣ аз таассуб ва худдорӣ аз қазовату маҳкум кардани бандагон аст» [2,с.183]. Дар айни замон, ки дар кишварҳои исломӣ мавҷи бародаркушӣ, терроризм ва ифротгароӣ ба мушоҳида мерасад, зарурат ва аҳаммияти донистану риоя кардани таълимоти Абуҳанифа барои берун кашидани мусулмонон аз ин бўҳрон бештар аз гузашта зоҳир мешавад.

Сарвари давлат даъват менамоянд, ки “зиндагии Имоми Аъзам барои ҷавонони мо намунаи барҷастаи одоби порсоӣ, ахлоқи ҳамидаву писандида ва ҳақиқатҷӯиву ҳақиқатгӯйӣ мебошад. Ҷасорату шаҳомати ӯ, сирату зиндагӣ ва сулуку ахлоқу одоби ӯ бояд илҳомбахши ҳамаи пайравони ин маҳзаб, алалхусус, ҷавонони мо мебошад. Ифтихори миллат нангу номуси шаҳрвандии мо тақозо мекунад, ки чунин бузургмардони миллатро, пеш аз ҳама, ба худи ин миллат, ба ҳамзабононамон, ба ҳамдинҳоямон ва сипас ба ҷаҳониён муаррифӣ кунем» [2,с.183].

Бинобар ин, дар таълими фанни диншиносӣ мафҳумҳои озодии виҷдон ва таҳаммулгароиро дар алоқамандии диалектикӣ омӯхтан дар раванди ҷаҳонишавӣ тақозои замон мебошад, ки осор ва раҳнамоии Пешвои муаззами миллат дастурамал хоҳад кард.

**Муқарриз: Хоҷамбердиев Ч.Т. – н.и.п., дотсенти ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**

## АДАБИЁТ


1. Богоутдинов А.М. Очерки по истории таджикской философиии. -Сталинабад: Таджикгосиздат, 1961. -87 с.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2003.- 85 с.
3. Мирзошо, С. Миротворец / С.Мирзошо, Ш.Ханиф. - Душанбе: Адиб, 2004. - 192 с.
4. Набиев, В. Вахдат - ганчи човидони миллат / В.Набиев. - Хучанд: Ношир, 2012. - 396 с.
5. Пешвои миллат-меъмори ваҳдат (аз силсилаи китоби Ваҳдат, Давлат, Президент) Ҷилди XXV. - Душанбе: Дониш, 2016.-422 с.
6. Расулзода К. Амри дили халқ //Аҳмадов Б. Иҷлосияи таърихӣ в пешвои миллат.-Хуҷанд: Хуросон, 2014.-244. Пешвои миллат-меъмори вахдат (аз силсилаи китоби Вахдат, Давлат, Президент). -ҷилди XXV. -Душанбе: Дониш, 2016.-422 с.

7. Рахмонов, Э. По пути единства и созидания: Выступление на торжественном собрании, посвященном Дню независимости, 8 сентября 1996 г. / Э.Рахмонов // Независимость Таджикистана и возрождение нации. - Душанбе: Ирфон, 2006. - С.16-28. - 2. т.
8. Саид Нуриддин Саид, Аҳмадов Саид, Нурулҳақов Қамар, Назаров Рустам. Диншиносӣ. Китоби дарсӣ. -Душанбе: Маориф,2019.-484 с.
9. Таърихи динҳо. -Душанбе: Дониш, 2004.-368 с.
10. Эмомалӣ Раҳмон. Имоми Аъзам ва ахлоқи умумиинсонӣ //Маорифи Тоҷикистон. -№4, июл-август, 2009. –С.4-17.
11. Эмомалӣ Раҳмон. Имоми Аъзам. Рӯзгор, осор ва афкор. (ба забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ.) –Душанбе: Эр-Граф, 2019. -416 с.( ба забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ)
12. Ятимов Саймумин. Миллат, Илм, Амният.- Хуҷанд: Ношир, 2019.-384 с.
13. Эмомалӣ Раҳмон ва арзишҳои миллию умумибашарӣ. –Душанбе: ҶДММ “Абдураҳмон Р”, 2022. - 218 с.

## МАҚОМИ МАФҲУМҲОИ ОЗОДИИ ВИҶДОН ВА ТАҲАММУЛГАРОӢ ДАР РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ

Дар мақола таҳаввулоти мафҳумҳои озодии виҷдон, таҳаммулгароӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Мақом ва мавқеи мафҳумҳои озодии виҷдон ва таҳаммулгароӣ муайян гардидааст. Таъкид карда шудааст, ки омӯзиши таълимоти Имоми Аъзам ва тарғиби осори ӯ кафолати оромии сиёсӣ ва суботи ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангию динӣ шуда метавонад. Муносибат ба догматизми идеологияи динӣ дар ҷомеа, тафсирҳои илмии воқеият таҳлил гардидаанд. Дар замони муосир вобаста ба тараққиёти ҷомеа дар раванди ҷаҳонишавӣ мафҳумҳои озодии виҷдон ва таҳаммулгароӣ мақоми хосса доранд. Таҳаввулоти ин мафҳумҳо эътиқод, робитаю ҳамбастагиҳо байни халқҳоро инъикос менамояд. Дар баробари мушкилот ва масоили зиёди иҷтимоӣ, ки ҷомеаҳои мусулмонӣ бо онҳо рӯбарӯянд, садаи ХХ-умро садаи «эҳёи ислом» ва «инқилобҳои исломӣ» меноманд. Дар ин аср авҷи ҳаракатҳои миллию озодхоҳӣ дар кашварҳои мусулмонӣ, ҷунбишҳо ва инқилобҳои исломӣ, фаъолшавии исломи сиёсӣ, бархӯрдҳои арзишӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ ва ғайраҳо пайдарпай мушоҳида мешаванд. Бинобар ин, дар таълими фанни диншиносӣ мафҳумҳои озодии виҷдон ва таҳаммулгароиро дар алоқамандии диалектикӣ омӯхтан дар раванди ҷаҳонишавӣ тақозои замон мебошад, ки осор ва раҳнамоии Пешвои муаззами миллат дастурамал хоҳад кард.

**Калидвожаҳо:** озодии виҷдон, таҳаммулгароӣ, ҷаҳонишавӣ, эътиқоди динӣ, догматизм, Пешвои миллат, Имом Абуҳанифа.

## ЗНАЧЕНИЕ ПОНЯТИЙ СВОБОДА И ТОЛЕРАНТНОСТЬ В ПРОЦЕССЕ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

В статье исследована эволюция понятий свобода совести, толерантность в период глобализации. Согласно закону определен статус и значение понятий свобода совести, толерантность. Подчёркивается, что изучение и агитация учения Имома Аъзама могут служить гарантией политической стабильности общественной жизни и религиозной культуры. Также анализирован догматизм религиозной идеологии в обществе, научное толкование в объективной действительности. В современное время понятия свободы совести и толерантности имеют особый статус в связи с развитием общества в процессе глобализации. Эволюция этих концепций отражает верования, связи и солидарность между народами. Помимо множества социальных проблем и вопросов, с которыми сталкиваются мусульманские общества, XX век называют веком «возрождения ислама» и «исламских революций». В нынешнем столетии последовательно наблюдаются подъем национально-освободительных движений в мусульманских странах, исламских движений и революций, активизация политического ислама, ценностные столкновения в процессе глобализации и т.д. Поэтому назрела необходимость изучения понятий свободы совести и толерантности в диалектической связи в процессе глобализации в преподавании религиоведения, которое будет руководствоваться работами и влиянием Лидера нации.

**Ключевые слова**: свобода совести, толерантность, глобализация, религиозная вера, догматизм, Лидер нации, Имоми Абуханифа.

## THE MEANING OF THE CONCEPTS OF FREEDOM AND TOLERANCE IN THE PROCESS OF GLOBALIZATION

The article examines the evolution of the concepts of freedom of conscience and tolerance during the period of globalization. According to the law, the status and meaning of the concepts of freedom of conscience and tolerance are defined. It is emphasized that the study and promotion of the teachings of Imom Azam can serve as a guarantee of political stability of public life and religious culture. The dogmatism of religious ideology in society and scientific interpretation in objective reality are also analyzed. In modern times, the concepts of freedom of conscience and tolerance have a special status in connection with the development of society in the process of globalization. The evolution of these concepts reflects beliefs, connections and solidarity between peoples. In addition to the many social problems and issues facing Muslim societies, the 20th century has been called the century of the “Islamic revival” and “Islamic revolutions.” The current century has consistently witnessed the rise of national liberation movements in Muslim countries, Islamic movements and revolutions, the intensification of

political Islam, value clashes in the process of globalization, etc. Therefore, there is a need to study the concepts of freedom of conscience and tolerance in a dialectical connection in the process of globalization in the teaching of religious studies, which will be guided by the works and influence of the Leader of the Nation.

**Key words:** freedom of conscience, tolerance, globalization, religious faith, dogmatism, Leader of the nation, Imomi Abuhanifa.

**Маълумот дар бораи муалиф**: ***Собиров Равшанҷон Рахимҷонович*** -Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори калон, кафедраи умумидонишгоҳии тарбияи ҷисмонӣ. **Суроға:** 735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Мавлонбеков, 1.

**Сведения об авторе*:*** ***Собиров Равшанджон Рахимджонович*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, кандидат педагогических наук, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры физического воспитания. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проспект Мавлонбекова, 1. Е

**Information about the author: Sobirov Ravshanjon Rakhimdzhonovich** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, candidate of pedagogical sciences, senior teacher of the university department of physical education. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov Avenue, 1.

ТДУ:372.857(575.3)

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДИИ БА РОҲ МОНДАНИ КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ДАРСҲОИ ФАННИ «ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ БИОЛОГӢ» АЗ РӮЙИ НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАҲСИЛОТ


***Баротзода К.А.***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Мавқеи иҷтимоии омӯзгор ва талабот ба дараҷаи тайёрии касбию методии ӯ дар шароити ҳозираи тараққиёти ҷамъият хеле меафзояд. Дар даҳсолаҳои охир сифати тайёрии касбӣ ва методии омӯзгори ояндаи биология дар донишгоҳ бо истифода аз технология ва воситаҳои гуногун амалӣ гардонида мешавад ва он бояд ба талаботҳои стандартҳои давлатии таълимӣ, ки онҳо мазмун, мақсад ва вазифаҳои таълмии фанро муайян менамоянд, бояд мутобиқат кунанд.

Амалигардонии вазифаҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои барномавӣ-методии таълими фаннӣ пешниҳод гардидаанд, муносибат ва таваҷҷӯҳи хоссаро талаб менамояд.

Ба андешаи олимон В.М.Манахов, М.Нугмонов, С.А. Муханов, Г. И. Сарансев ва дигарон, талаботи муҳимми стандартҳои давлатии таҳсилотӣ ҳамчун тайёрии методии донишҷӯён бо ташаккули маҳорати касбиву фаъолияти тадқиқотии онҳо бевосита алоқаманд аст. Муваффақияти ташаккули навъҳои мушаххаси қобилият ва маҳорати илмиву методии омӯзгорони ояндаи биология ба истифодаи ҳама шаклҳои кори донишҷӯён дар донишгоҳ, аз ҷумла кори мустақилона алоқамананд.

Таҳлили таҳқиқоти олимон оид ба масъалаи ташкилу роҳбарии таълими кори мустақилона дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба мо имкон медиҳад, ки муқаррароти асосиеро, ки ба ин падидаи педагогӣ марбутанд, дар низоми таҳсилоти олии касбӣ-таълимӣ назар намоем. Кори мустақилонаро ҳамчун як намуди фаъолияти маърифатии донишомӯзон дар дарс ва дар хона бештари муҳаққиқон ҳамчун иҷрои супориши омӯзгор, вале бе иштироки бевоситаи ӯ пешниҳод менамоянд.

Кори мустақилона ин фаъолияти эҷодӣ ва инфиродии ҳар як донишҷӯйи макотиби олӣ дар низоми таҳсилоти кредитӣ ба ҳисоб рафта, ҳангоми иҷрои он шавқи донишандӯзии онон зиёд мегардад. Донишандӯзӣ аз донишҷӯён иҷрои кори мустақилонаро бо китоб ва омӯхтани адабиёти илмӣ, методӣ ва оммавӣ тақозо менамояд.

Кори мустақилонаи донишҷӯён дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мақоми хосе дошта, дар тайёрии касбии омӯзгорони оянда ва баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ накши ниҳоят калонро мебозад.

Иҷрои кори мустақилона низ асоси фаъолияти илмии донишҷӯён буда, он ба ташаккули хислатҳои муҳимми шахсиятӣ, аз қабили фаъолияти маърифатӣ ва фикррониии мустақилона, муносибати эҷодӣ ба меҳнат мусоидат мекунад. Ҳангоми иҷрои кори мустақилона бояд мақсади ҳар як вазифаи инфиродӣ муайян карда шавад, ки онро донишҷӯён дар асоси донишу малакаи фаннӣ, таҷрибаи омӯзиши фанҳои муайян ва ҳамзамон қобилияти истифодаи воситаҳои таълим, адабиётҳои илмӣ ва ғайра дар фаъолияти таълимӣ ва иҷрои супоришҳои таълиму тадқиқотӣ баррасӣ намоянд.

Дар низоми кредитии таҳсилот кори мустақилонаи донишҷӯён асоси баланд бардоштани сатҳу сифати дониши толибилмон ба ҳисоб меравад [2, с.4].

Дар системаи мафҳумҳои дидактикаи муосир мафҳуми кори мустақилона яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Ҳамин аст, ки педагогону методистон доир ба мафҳуми кори мустақилона фикру андешаҳои зиёдеро пешниҳод сохтаанд. Чунончи,

методистони бузурги рус А. В. Усова ва З. А. Вологодская корҳои мустақилонаро ҳамчун методи таълим маънидод намуда, қайд кардаанд, ки тавассути иҷро намудани корҳои мустақилона толибилмон донишҳои нав гирифта, маҳорату малакаи нав пайдо мекунанд, дар онҳо хусусиятҳои мустақилият, фаъолнокӣ, боиродагӣ ва ғайраҳо ташаккул меёбанд.

К. У. Ушинский чунин меҳисобид, ки мустақилона фикррониии донишҷӯён зимни бевосита иҷро намудани кори мустақилона ба вуҷуд меояд, зеро мустақилият дар омӯзиш диққати толибилмро зиёд мекунад ва ӯ маводро бодиққат хонда, сатҳи фикррониаш фаъол мегардад ва нисбат ба кор масъулият ҳис мекунад.

Масалан, барои омӯзиши фанни «Ҳалли масъалаҳои биологӣ» дар курси 4-уми ихтисоси биология, мувофиқи барномаи таълимӣ 4-кредит барои дарсҳои амалӣ ҷудо шудааст. Агар дар ҷараёни дарсҳои амалӣ донишҷӯён зимни ҳалли масъалаҳо душворӣ кашанд, он гоҳ бо ёрии омӯзгор аз мушкилӣ баромада метавонанд. Ҳоло дар зер масъалаҳо барои корҳои мустақилона зимни омӯзиши мавзуи «Меросгузорӣ дар вақти бо ҳам таъсиркунии генҳо» пешниҳод мегардад, ки омӯзгорону донишҷӯён метавонанд, намунаҳои овардашударо ҳамчун роҳнамо дар ҷараёни ташкили корҳои мустақилона истифода намоянд.

Аз қонунҳои Г. Мендел чунин бармеояд, ки гӯё ҳар як аломат бо гени алоҳида вобаста аст, аммо дар асл ин масъала боз ҳам мураккаб аст. Дар ҳолате ки як аломатро якчанд ген назорат мекунад, онҳо ба ҳам таъсир мерасонанд, яъне дар баъзе мавридҳо генҳо ба ҳам ёрӣ расонанд ва дар ҳолатҳои дигар роҳи кори гени дигарро бозмедоранд. Чунин ҳолатҳоро ба ҳамтаъсиркунии генҳо меноманд, ки он ягонагии генотипро нишон медиҳад.

Ду шакли баҳамтаъсиркунии генҳоро фарқ кардан лозим аст: аллелӣ ва ғайриаллелӣ. Яъне, модоме ки аллелҳои як ген (А ва а) ба ҳам таъсир карда, баъзан як аломати навро пайдо мекунанд, баҳамтаъсиркунии аллелӣ ном мебаранд. Мисол, дар шаҳтути заминӣ, ки меваи сурх ва сафед дорад, баъди дурага шудани онҳо дар насли $F_1$ ранги мева бунафш аст, чунки дар онҳо аллелҳои А ва а бо ҳам таъсир расонида, ранги бунафшро пайдо мекунанд.

сурх сафед

P ♀АА х ♂ аа

| ♀♂ | a | a |
|---|---|---|
| A | Aa | Aa |
| A | Aa | Aa |

$F_1$ Aa A a

Бунафш

P ♀ Aa x ♂ Aa

| ♀♂ | A | a |
|---|---|---|
| A | AA | Aa |
| a | Aa | aa |

$F_2$ AA Aa Aa aa

сурх бунафш сафед

1 2 1

Агар наслҳои $F_1$ бо ҳам дурага шаванд, дар насли $F_2$ як ҳисса меваҳо сурх: 2 ҳисса бунафш ва як ҳисса сафеданд. Ин ҳолат ба меросгузории мобайнӣ ё доминантии нопурра монанд аст. Дар вақти боҳамтаъсиркунии ғайриаллелӣ баҳамтаъсиркунӣ дар байни генҳои ғайриҷинсӣ (А ва В) ба амал меояд. Дар ин ҳолатҳо баъзан таҷзияи фенотипи дигибридӣ 9:3:3:1 тағйир ёфта, 9:7; 9:3:4; 13:3; 15:1 ва ғайраҳо ба амал меояд.

Баҳамтаъсиркунии ғайриаллелӣ 4 хел мешавад: комплементарӣ, эпистазӣ ва полимерӣ ва плейотропӣ.

Комплементарӣ, модоме ки генҳои ғайриаллелӣ (А ва В) дар наслҳо якҷоя шаванд, як аломати навро пайдо мекунанд. Мисол, дар магаси дрозофил аз дурага

кардани магаси модинаи ранги чашмаш ҷигарӣ бо наринаи чашмаш сурхи баланд, дар насли $F_1$ магасҳо чашмони сурх доранд, дар насли $F_2$ 9 сурх; 3 сурхи баланд; 3 ҷигарӣ ва 1 чашми сафед пайдо мешаванд.

ҷигарӣ сурхи баланд

Р ♀ ааВВ х ♂ ААвв

сурх

$F_1$ АаВв

$F_2$ 9А-В- 3А-вв 3ааВ- : 1аавв

Сурх сурхи баланд ҷигарӣ сафед

Дар насли $F_1$ гени А аз тарафи модар ва гени В аз падар омада, дар натиҷаи баҳамтаъсиркунонии онҳо ранги сурх пайдо шуд. Агар аллелҳои ретсессивӣ қобилияти худ пайдо кардани фенотипиро надошта бошанд, таҷзия шакли дигарро мегирад. Мисол, дар шапараки абрешим, ки ғӯзаҳои модина ва нарина сафеданд, агар онҳоро ба ҳам дурага кунем, дар насл $F_1$ ғӯзаҳои зард пайдо мешаванд, чунки генҳои доминантии (А ва В) волидон дар генотипи наслҳо якҷоя шуда, ранги зардро пайдо мекунанд.

Дар наслҳои $F_2$ таҷзия 9 ҳиссаи ғӯзаҳо ранги зард ва 7 ҳиссаи дигар берангу сафеданд.

сафед сафед

Р ♀ ААвв х ♂ ааВВ

зард

$F_1$ АаВа

$F_2$ 9А-В-: 3А-вв : 3 ааВ- : 1аавв

9- ғӯзаҳои зард 7 - ғӯзаҳо сафед

Дар ҳолате ки аллелҳои доминантӣ ва ретсессивӣ дар танҳоӣ фенотипиро пайдо мекунанд ва он гоҳ чунин таносуб пайдо мешавад ( 9:3:4). Мисол, дар зағир аллели А- ранги рангнок, а- берангӣ, В-осмонранг ва в-ранги сурхчатоб пайдо мекунанд.

Р ♀ААвв х ♂ ааВВ

сурхчатоб сафед

$F_1$ АаВа

осмонранг

$F_2$ 9А-В- : 3А-вв : 3ааВ- : 1аавв

9 осмонранг 3 сурхчатоб 4 сафед

**Масъалаи 1.** Дар нахӯди бӯйнок (душистый) ранги гул дар мавҷудияти ду генҳои доминантӣ А ва В пайдо мешавад. Агар дар генотип як гени доминантӣ бошад, он гоҳ ранг пайдо намешавад.

Зимни дурагакунии рустаниҳо бо генотипҳои ААвв ва ааВВ наслҳои $F_1$ ва $F_2$ чӣ гуна мешаванд?

**Ҳалли масъала:**

**сафед сафед**

Р ♀ ААвв х ♂ ааВВ

Гамета Ав Ав аВ аВ

$F_1$ АаВв АаВв АаВв АаВв

Генотип АаВв

Фенотип 100% (гулобӣ)

Дар насли дуюм аз ҳисоби наслҳои дигетерозиготӣ (АаВв) 9-то рустаниҳо бо ранги гулобӣ ва 7-то бо ранги сафед пайдо мешаванд.

$F_2$ Р ♀ Аа Вв х ♂ АаВв

| ♀♂ | АВ | Ав | аВ | ав |
|---|---|---|---|---|
| АВ | АА ВВ | ААВв | АаВВ | АаВв |
| Ав | ААВв | АА вв | АаВв | Аавв |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| аВ | АаВВ | АаВв | ааВВ | ааВв |
| ав | АаВв | Аавв | ааВв | аавв |

**Генотип** 1 ААВВ : 2 ААВв:2 АаВВ : 4АаВв:1АА вв : 2 Аавв: 1ааВВ : 2 ааВв : 1 ааВв

**Фенотип** 9:7 (9 гулобӣ : 7 сафед)

**Масъалаи 2.** Зимни ҷуфтикунонии ду рустании кадуи дорои меваҳои куракшакл, кадуҳои дорои меваҳои дискшакл ба вуҷуд омад. Зимни ҷуфтикунии насли якум байни худ, дар насли дуюм рустаниҳо бо се намуди мева ба даст оварда шуд: 9 (бо шакли меваҳои дискшакл): 6 (бо шакли меваҳои сферикӣ) :1 (бо шакли меваҳои дарозрӯя).

Дар ин ҳолат чӣ гуна қонун мушоҳида мешавад? Генотипҳои волидайн ва насл чигунаанд?

**Ҳалли масъала:**

1. Насли $F_1$ аз волидайн фарқ мекунад ва гетерозигота буда, аммо пайдоиши он гомозиготӣ мебошанд.

2. Фардҳои аслӣ бояд аз ҷиҳати генотип аз ҳамдигар фарқ кунанд, зеро бо як генотип насли онҳо фарқ намекунад. Ин нишон медиҳад, ки дар ин мавриd таъсири мутақобилаи комплементарии генҳо вуҷуд дорад. Генотипи волидайн ААвв ва ааВВ буда, дар насли $F_1$–АаВв мебошад.

3. Ҳамин тариқ, шакли меваро ду ҷуфт генҳо муайян мекунанд. Агар ҳарду ҷуфт доминант (генотипҳои ААВВ, АаВв, ААВв ё АаВВ), бошанд, шакли мева дискшакл аст. Агар танҳо як ҷуфт генҳо дар ҳолати доминант бошанд (генотипҳои ААвв, Аавв, ааВВ ё ааВв) шакли мева курашакл аст. Дар ҳолати ретсессив будани ҳамаи генҳо шакли меваҳо дарозрӯя мешавад.

4. Таҷзия дар насли $F_2$ (9:6:1) буда, аз тақсимоти 9:7, ки маъмулан дида мешуд, баҳамтаъсиркунии комплементарӣ фарқ мекунад. Ин метавонад танҳо дар ҳолате пайдо шавад, ки генотип дар ҳолати ретсессивӣ аавв бошад, яъне ҳарду ген дар ҳолати ретсессивӣ бошанд.

5. Таҳлили панҷараи Пиннети натиҷаҳоро тасдиқ мекунад.

**курашакл курашакл**

Р ♀ ААвв х ♂ ааВВ

Гамета Ав Ав аВ аВ

$F_1$ АаВв АаВв АаВв АаВв

**Генотип** АаВв

**Фенотип** 100% (дискшакл)

Дар насли дуюм аз ҳисоби наслҳои дигетерозиготӣ (АаВв) 9-то рустаниҳо бо меваи дискшакл : 6-то бо меваи сферикӣ ва 1-то бо меваи дарозрӯя пайдо мешаванд.

$F_2$ Р ♀ Аа Вв х ♂ АаВв

| /♀♂ | АВ | Ав | аВ | ав |
|---|---|---|---|---|
| АВ | АА ВВ | ААВв | АаВВ | АаВв |
| Ав | ААВв | АА вв | АаВв | Аавв |
| аВ | АаВВ | АаВв | ааВВ | ааВв |
| ав | АаВв | Аавв | ааВв | аавв |

**Генотип** 1 АА ВВ:2 ААВв:2 АаВВ:4 АаВв:1АА вв:2 Аавв: 1 ааВВ:2 ааВв:1 ааВв

**Фенотип** 9:6:1 (9 сферикӣ: 6 дискшакл: 1 дарозрӯя)

**Эпистаз** ҳолатест, ки як ген дигар гени ғайриаллелиро пахш мекунад. Мисол: А>В, А>в. Генҳое, ки роҳҳои инкишофи генҳои дигарро бозмедоранд, генҳои пахшкунанда ё супресор ном доранд. Ин гуна генҳо аломати худро пайдо карда, ба дигар генҳо имконият намедиҳанд, ки онҳо аломати худро пайдо кунанд. Агар гени пахшкунанда доминатӣ бошад, онро эпистази доминантӣ ва агар ретсессивӣ бошад,

эпистази ретсессивӣ меноманд. Мисол, дар каду ранги мева зард ( А) ва сабз (а) мешавад, лекин гени J пахшкунандаи ранг буда, мева беранг ( сафед) мешавад.

P ♀ JJAA x ♂ jjaa

сафед сабз

$F_1$ JjAa

сафед

$F_2$ 9J-A- : 3J-aa : 3jA- : 1jjaa

12 сафед 3 зард 1сабз

Дар ҳолате ки аллели ретсессивӣ таъсири фенотипиаш ба аллели доминантӣ монанд бошад, таҷзия 13: 3 мешавад. Мисол, дар ҷуворимакка ранги донаҳо сурхчатоб (А) ва сафед (а), лекин рангро (пигментро) гени пахшкунанда J назорат мекунад.

P ♀JJAA x ♂ jjaa

сафед сафед

$F_1$ JjAa

сафед

$F_2$ 9J-A- : 3J-aa : 1jjaa : 3jjA-

13 сафед 3 сурхча

**Масъалаи 1**. Зимни ҷуфтикунонии рустании каду бо меваҳои ранги сафед ва зард, ҳамаи насли $F_1$ бо меваҳои сафед ҳосил шуданд. Зимни ҷуфтикунонии насли якум байни ҳамдигар дар насли $F_2$ 204 рустаниҳо бо меваҳои сафед, 53 рустаниҳо бо меваҳои зард ва 17 рустанӣ бо меваҳои сабз ҳосил шуданд. Генотипҳои волидайн ва наслҳоро муайян кунед.

**Ҳалли масъала:**

Насли $F_1$ якхела аст. Ин нишон медиҳад, ки волидон гомозиготӣ буда, аломати ранги сафед доминант аст.

2. Насли гибридҳои насли якуми $F_1$ гетерозиготӣ буда, дар $F_2$ таҷзия мешаванд.

3. Дар насли дуюм се намуди фенотип вуҷуд доранд, ки бо таҷзия аз якдигар дар ҳолати кодоминантӣ (1:2:1) ё комплементарӣ (9:6:1, 9:3:4, 9:7) фарқ мекунад ё 9:3:3:1).

4. Қайд бояд кард, ки аломатҳо бо таъсири муқобили ду ҷуфт генҳо муайян карда мешаванд ва агар фардҳо дар ҳолати ретсессивӣ (ccjj) бошанд, бо фенотип аз фардҳои дигар фарқ мекунанд. Ҳамин тариқ, таҷзияи фенотипӣ дар насли дуюм 12:3:1 мешавад.

сафед зард

P ♀ CCjj x ♂ccJJ

Гамета Cj Cj cJ cJ

$F_1$ Cj cJ Cj cJ Cj cJ Cj cJ

Генотип 4Cj cJ

Фенотип 4 сафед

$F_2$ P ♀ Cj cJ x ♂ Cj cJ

| ♀♂ | CJ | Cj | cJ | cj |
|---|---|---|---|---|
| CJ | CCJJ | CCJj | CcJJ | CcJj |
| Cj | CCJj | CCj j | CcJj | Ccj j |
| cJ | CcJJ | CcJj | ccJJ | ccJj |
| cj | CcJj | Ccj j | ccJj | ccjj |

**Генотип** CCJJ:2 CCJj : 2CcJJ : 4CcJj : CCj j : 2Ccj j : ccJJ : 2 ccJj : ccjj

**Фенотип** 12 сафед (CCJJ) : 3зард (ccJJ) : 1 сабз (ccjj)

Полимерия ё генҳои якхела таъсиркунандаро, бо як ҳарф ишора намуда, рақам мегузоранд. $A_1$, $A_2$, $A_3$, ва ғайра.

Полимерия ду намуд: кумулятивӣ ва ғайрикумулятивӣ мешавад. Дар

полимерияи ғайрикумулятивӣ зоҳиршавии аломат бо миқдори генҳои доминантии дар генотип буда вобаста нест. Дар мурғон пойҳои парнок ба генҳои доминантии аллелҳои гуногуни $A_1$ ва $A_2$ вобаста аст:

P ♀ $A_1A_1A_2A_2$ x ♂ $a_1a_1a_2a_2$

пардор бепар

$F_1$ $A_1a_1A_2a_2$

пардор

$F_2$ 9 $A_1A_2$ : 3 $A_1a_1a_2$ : 3 $a_1a_2A_2$ : 1$a_1a_1a_2a_2$

15 парнок 1 бепар

Дар насли $F_2$ дар байни 15 ҳиссаи гибриди фарде ҳаст, ки чорто гени доминантӣ ($A_1A_1A_2A_2$), се гени доминантӣ ($A_1A_1A_2a_2$) , ду гени ($A_1a_1A_2a_2$) ва як гени доминантӣ ($A_1a_1a_2a_2$) парнокӣ дар ҳамаи онҳо якхела мебошад. Дар мавриди кумулятивӣ зоҳиршавии аломат ба миқдори генҳои доминантии генотип вобаста аст. Ҳар қадаре ки миқдори генҳои доминантӣ дар генотип бисёр бошад, дараҷаи зоҳиршавии аломат баланд аст ва баръакс бо кам шудани миқдори генҳои доминантӣ дараҷаи зоҳиршавии фенотип аломат паст шудан мегирад.

Ба полимерии кумулятивӣ асосан аломатҳои миқдорӣ ба монанди қад, вазн, миқдори донаҳо дар хӯша ва ғайра, яъне аломатҳое, ки онҳоро чен мекунанд ва ҳисоб мекунанд, дохил мешаванд.

Мисол, меросгузории ранги пулакчаҳо дар дони ҷавдор чунин аст:

P ♀ $A_1A_1A_2A_2$ x ♂ $a_1a_1a_2a_2$

сиёҳ сафед

$F_1$ $A_1a_1A_2a_2$

Хокистарӣ

**$F_2$** Генотип 2 $A_1a_1A_2A_2$ : 1 $A_1A_1A_2A_2$: 2$A_1a_1A_2a_2$: 2$a_1a_1a_2a_2$:1$a_1a_1A_2A_2$ : 2$a_1a_1A_2a_2$:

2 $A_1A_1A_2a_2$ : 4 $A_1a_1A_2a_2$

Фенотип 1-сиёҳ:4-сиёҳи хокистарӣ:6-хокистарӣ : 4 сафеди хокистарӣ: 1-сафед

Ҳамин тавр, дар насли $F_2$ таҷзияи зина ба зина паст шудани ранги пулакчаи донакҳои ҷавдор мушоҳида мешавад, яъне аз сиёҳи баланд то пурра сафед, ки ба миқдори генҳои аллелӣ доминантии дар генотип буда вобаста аст. Ба ҳамин монанд, ранги пигменти пӯсти инсон ба мерос мегузарад. Мисол, сиёҳпӯстон чор гени доминантӣ ($A_1A_1A_2A_2$) ва сафедпӯстон чор гени ретсессивӣ ($a_1a_1a_2a_2$) доранд. Агар сиёҳпӯст ва сафедпӯст хонадор шаванд аз онҳо фарзанди мулат ($A_1a_1A_2a_2$), яъне на сиёҳи пурра ва на сафедпӯст таваллуд мешавад, аммо аз ду мулат эҳтимолияти пурра ҳам сиёҳ, миёна ва сафедпӯст таваллуд шудан вуҷуд дорад.

Мисол, ранги сурхи дони гандум аз мавҷудияти генҳои $A_1$ ва $A_2$ дар генотипи он вобаста аст. Агар донҳо генотипи дигомозиготии алелҳои доминантии генҳоро доро бошанд, рангашон сурх мешавад – ($A_1A_1A_2A_2$); ҳангоми генотипи ($a_1$ $a_1$ $a_2$ $a_2$) доштан рангашон сафед хоҳад шуд.

Агар фардҳои гандуми донашон сурхро бо фардҳои гандуми донашон сафед ҷуфт намоем, чунин мешавад:

**Ҳалли масъала:**

**сурх сафед**

P ♀ $A_1A_1A_2A_2$ x ♂ $a_1a_1a_2a_2$

Гамета $A_1A_2$ $A_1A_2$ $a_1a_2$ $a_1a_2$

$F_1$ Генотип $A_1$ $a_1A_2$ $a_2$

Фенотип 100% (сурхча)

$F_2$ P ♀ $A_1$ $a_1A_2$ $a_2$ x ♂ $A_1$ $a_1A_2$ $a_2$

| ♀♂ | $A_1A_2$ | $A_1a_2$ | $a_1A_2$ | $a_1a_2$ |
|---|---|---|---|---|
| $A_1A_2$ | $A_1A_1A_2A_2$ | $A_1A_1A_2a_2$ | $A_1a_1A_2A_2$ | $A_1a_1A_2a_2$ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | супсурх | сурхча | сурхча | сурхча |
| $A_1a_2$ | $A_1A_1A_2a_2$ сурхча | $A_1A_1a_2a_2$ сурхча | $A_1a_1A_2A_2$ сурхча | $A_1a_1a_2a_2$ сурхча |
| $a_1A_2$ | $A_1a_1A_2A_2$ сурхча | $A_1a_1A_2a_2$ сурхча | $a_1a_1A_2A_2$ сурхча | $a_1a_1A_2a_2$ сурхча |
| $a_1a_2$ | $A_1a_1A_2a_2$ сурхча | $A_1a_1a_2a_2$ сурхча | $a_1a_1A_2a_2$ сурхча | $a_1a_1a_2a_2$ сафед |

Чуноне ки мебинем, вобаста ба афзоиши миқдори алелҳои доминантии генҳои ғайриалелии $\mathbf{A_1}$ ва $\mathbf{A_2}$ ранги донҳо аз сафед (беранг) то сурхи баланд тағйир меёбанд.

Ҳамин тариқ, бисёри аломатҳо (миқдори қанд дар таркиби лаблабӯ, дарозии хӯшаи хӯшадорон, суттаи ҷуворимакка ва ғайра) ҳангоми баҳамтаъсиркунии якчанд генҳои полимерии ба як ҷониб таъсиркунанда инкишоф меёбанд.

**Масъалаи 1.** Оё аз як ҷуфти волидайн метавонад, фарзанди дугоник таваллуд шавад, ки яке сафедпӯст ва дигаре сиёҳпӯст бошад?

**Ҳалли масъала:**

$F_2$ P ♀ Аа Вв х ♂ АаВв

| ♀♂ | АВ | Ав | аВ | ав |
|---|---|---|---|---|
| АВ | АА ВВ | ААВв | АаВВ | АаВв |
| Ав | ААВв | АА вв | АаВв | Аавв |
| аВ | АаВВ | АаВв | ааВВ | ааВв |
| ав | АаВв | Аавв | ааВв | аавв |

**Генотип** 1ААВВ:2ААВв:2АаВВ:4АаВв:1ААвв: 2Аавв:1ааВВ: 2ааВв:1ааВв

**Фенотип ААВВ** (сиёҳпӯст) ва **аавв** (сафедпӯст)

Аз волидони гуногунтухмаи мулатҳои дигетерозиготӣ (генотип АаВв) наслҳо метавонанд, дорои генотипи ААВВ (сиёҳпӯст) ва аавв (сафедпӯст) тавлид шаванд.

**Баҳамтаъсиркунии плейотропӣ -** мавридест, ки як ген инкишофи якчанд аломатро ё хосиятҳои организмро муайян менамояд. Масалан, дар генотипи одам гене маълум аст, ки якбора бавуҷудоии аломат - норасоии нохунҳо ва кулчаи зонуро идора мекунад.

Зуҳуроти таъсири плейотропии ген аз реаксияи биохимиявӣ, ки ферменти таҳти таъсири гени мазкур синтезшавандаро катализ мекунад, вобаста аст. Дар магаси дрозофилл гени ранги сафеди чашм ҳамзамон ба ранги бадан, дарозии болҳо, сохти дастгоҳи ҷинсӣ таъсир расонида, сернаслӣ ва дарозии умрро кам мекунад. Дар одам бемориҳои ирсӣ- бемории Марфан «Ангуштони анкабут» - хеле борик ва дароз маълуманд. Гени ин бемориро муайянкунанда тағйирёбии инкишофи бофтаҳои пайвасткунандаро меангезад ва ҳамзамон ба инкишофи чанд аломатҳо таъсир мекунад ва тағйирёбӣ дар сохти булӯраки чашм, номуътадилӣ дар системаи дилу рагҳо ё гени муайянкунандаи ранги сурхи мӯйҳо, ҳамзамон ранги нисбатан равшанитари пӯст ва пайдоиши доғҳои кунҷитакро асоснок мекунад. Вале гени плейотропӣ ифодакунандаи баробар ба ҳар як аломати таъсиркунанда нест. Барои генҳои мутлақи аксар бо ин ё он сатҳи плейротропӣ таъсири зӯр ба як аломат ва нисбатан таъсири заиф ба дигар хос аст. Ҳодисаи плейтропӣ дар таъсири фермент ба як аломат дар реаксияҳои биосинтез зоҳир мегардад, ки, дар навбати худ, бо зоҳиршавии аломатҳои гуногун дар организм инъикос мегардад. Таъсири мутақобилаи намудҳои гуногуни генҳоро омӯхта, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки генотип системаи баробаркунандаи генҳои ҳамроҳ ба шумор рафта, инкишофи аломат натиҷаи зоҳиршавии якчанд ген мебошад.

**Масъалаи 1**. Аз дурагакунии хукчаҳои баҳрии сафед ва сиёҳ, насли якум $F_1$ хокистарранг буда, дар насли $F_2$ 9- хокистарранг, 3 сиёҳ ва 4 сафед пайдо шуд. Генотипи онҳоро муайян намоед ва гӯед, ки ин ҳолат ба кадом шакли баҳамтаъсиркунӣ тааллуқ дорад?

***Ҳалли масъала***

А- рангнок В-сафед
а-беранг в- сиёҳ
Р ♀ АА вв х ♂ ааВВ

| ♀♂ | аВ | аВ |
|---|---|---|
| Ав | Аа Вв | Аа Вв |
| Ав | Аа Вв | АаВв |

Генотип 4 Аа Вв
Фенотип 4 хокистарранг
Р ♀Аа Вв х ♂ АаВв

| ♀♂ | АВ | Ав | аВ | ав |
|---|---|---|---|---|
| АВ | АА ВВ | ААВ в | АаВВ | АаВв |
| Ав | ААВв | АА вв | АаВв | Аавв |
| аВ | АаВВ | АаВв | ааВВ | ааВв |
| ав | АаВв | Аавв | ааВв | аавв |

Генотип 1 АА ВВ:2 ААВв:2 АаВВ:4 АаВв:1АА вв:2 Аавв: 1 ааВВ:2 ааВв:1 ааВв
Фенотип 9:3:4 (9 – хокистаранг : 3-сиёҳ: 4-сафед)

**Масъалаи 2**. Аз дурагакунии харгӯши мӯйинааш кабуд ва албинос, мӯйинаи насли якум $F_1$ сиёҳ шуда, дар насли $F_2$ мӯйинаи 9 харгӯш бо мӯйинаи сиёҳ, 3 харгӯш бо мӯйинаи кабуд ва 4 харгӯш бо мӯйинаи албинос пайдо шуданд. Генотип ва фенотипи харгӯшҳоро муайян намоед ва гӯед, ки ин ҳолат ба кадом шакли баҳамтаъсиркунӣ тааллуқ дорад?

***Ҳалли масъала***

А- рангнок В-албинос
а-беранг в-кабуд
Р ♀ АА вв х ♂ ааВВ

| ♀♂ | аВ | аВ |
|---|---|---|
| Ав | Аа Вв | Аа Вв |
| Ав | Аа Вв | АаВв |

Генотип 4 Аа Вв
Фенотип 4 сиёҳ

Р ♀Аа Вв х ♂АаВв

| ♀♂ | АВ | Ав | аВ | ав |
|---|---|---|---|---|
| АВ | АА ВВ | ААВв | АаВВ | АаВв |
| Ав | ААВв | АА вв | АаВв | Аавв |
| аВ | АаВВ | АаВв | ааВВ | ааВв |
| ав | АаВв | Аавв | ааВв | аавв |

Генотип 1 АА ВВ:2 ААВв:2 АаВВ:4 АаВв:1АА вв: 2 Аавв:1 ааВВ:2 ааВв:1 ааВ
Фенотип 9:3:4 (9- сиёҳ: 3-кабуд: 4-албинос)

**Масъалаи 3**. Аз дурага кардани ду растании ҷуворимакка, ки донаки сафед доранд, дар насли $F_1$ донакҳо сафед шуданд. Дар насли $F_2$ 138 донаки сафед ва 39 сурхчатоб пайдо шуд. Генотипи онҳоро муайян намоед ва нишон диҳед, ки он ба кадом шакли меросгузорӣ тааллуқ дорад?

***Ҳалли масъала***

А-сурхчатоб а-сафед
$F_1$ Р ♀ JJAA х ♂ iiaa

| ♀♂ | ia | ia |
|---|---|---|
| JA | JiAa | JiAa |
| JA | JiAa | JiAa |

Генотип 4 -JiAa

Фенотип 4-сафед

$F_2$ P ♀ JiAa x ♂ JiAa

| ♀♂ | A | J<br>a | iA | ia |
|---|---|---|---|---|
| JA | JJAA | JJAa | JiAA | JiAa |
| Ja | JJAa | JJaa | JiAa | Jiaa |
| iA | JiAA | JiAa | iiAA | iiAa |
| ia | JiAa | Jiaa | iiAa | iiaa |

Генотип 1JJAA:2JJAa:2JiAA:4 JiAa:1 Jjaa:2Jiaa:1 iiAA: 2iiAa:1 iiaa

Фенотип 13-сафед : 3-сурхчатоб

**Масъалаи 4**. Дар мурғҳо гени доминантии C ва O парҳои рангаро пайдо мекунанд. Гени доминантии J пахшкунандаи ранг аст. Генотипи зотҳо чунинанд: сафеди легорнӣ COJ, сафеди виандат- cOJ, сафеди парҳои абрешимӣ Coj. Дар дурага кардани ин зотҳо ба ҳамдигар дар насли $F_1$ ва $F_2$ чӣ гуна шаклҳо пайдо мешаванд?

***Ҳалли масъала***

$F_1$ P ♀ JJCO x ♂ iico

| ♀♂ | ic | io |
|---|---|---|
| JC | JiCc | JiCo |
| JO | JicO | JiOo |

Генотип 1 JiCc:1 JicO:1 JiCo:1 JiOo

Фенотип 4-сафед

$F_2$ P ♀JiCc x ♂JiOo

| ♀♂ | JO | Jo | iO | io |
|---|---|---|---|---|
| JC | JJCO | JJCo | JiCO | JiCo |
| Jc | JJcO | JJco | JicO | Jico |
| iC | JiCO | JiCo | iiCO | iiCo |
| ic | JicO | Jico | iicO | ii co |

Генотип 1JJCO:1JJcO:2JiCO:2JicO:1JJCo:1JJco :2JiCo:2Jico:1iiCO:1iicO:1iiCo:1ii co

Фенотип 13-сафед: 3-рангнок

$F_1$ P♀ JJCO x ♂ iiCo

| ♀♂ | iC | io |
|---|---|---|
| JC | JiCC | JiCo |
| *JO* | *JiCO* | *JiOo* |

Генотип 1 JiCc:1 JicO:1 JiCo:1 JiOo

Фенотип 4-сафед

$F_2$ P ♀ JiCC x ♂ JiOo

| ♀♂ | JO | Jo | iO | io |
|---|---|---|---|---|
| JC | JJCO | JJCo | JiCO | JiCo |
| JC | JJCO | JJCo | JiCO | JiCo |
| iC | JiCO | JiCo | iiCO | iiCo |
| iC | JiCO | JiCo | iiCO | ii Co |

Генотип 2JJCO:4JiCO:2JJCo:4JiCo:2iiCO:2 iiCo:

Фенотип 12-сафед; 4-то ранга

Барои ҳаматарафа инкишоф ёфтани шахсияти донишҷӯён ва баланд бардоштани сатҳу сифати дониши онҳо дар низоми кредитии таҳсилот кори мустақилона нақши басо бузург дорад. Бо мақсади дар донишҷӯён тарбия намудани маҳорату малакаи мустақилона азхудкунии дониш ин низом ҳатмӣ мебошад. Кори мустақилона имконият медиҳад, ки аввалан, дар тафаккури донишҷӯён маърифати мустақилият инкишоф дода шавад, сониян, ба донишҷӯён омӯзонидани роҳу

методҳои мустақилона тавассути роҳнамоии омӯзгор дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявии андӯхтаашон ниҳоят муҳим мебошад.

Ба андешаи мо, кори мустақилонаро як навъ фаъолияти маърифатӣ донистан лозим аст, ки он ба таълими махсуси касбӣ, тарбиявӣ ва роҳнамоии омӯзгорон нигаронида шудааст. Барои мо кори мустақилона аз рӯйи ихтисос ба омӯхтану таҳлили адабиёти илмӣ мароқи махсус доштани донишомӯзро нишон медиҳад, зеро ташкилу назорат намудани иҷрои он ба кори касбию методии омӯзгорони донишгоҳ бевосита дахл дорад.

**Муқарриз: Умаров У.- н.и.п., дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Баротзода К., Ҳалли масъалаҳои биологӣ. Китоби дарсӣ / К.Баротзода, М.Ғайратов. -Душанбе, 2022.-237 с.
2. Бусыгин А.Г. Постановка вузовской лекции и оценка ее качества: научно-методическое пособие для преподавателей вузов и заведующих каферами / А.Г. Бусыгин, Т.А. Бусыгина. – Самара: Изд-во СГПУ, 2005. -25 с.
3. Вербицкий А.А. Активное обучение в высшей школе: контекстный подход / А.А. Вербицкий. – М.: Высшая школа, 1991. - 207 с
4. Виленский М.Я. Технологии профессионально-ориентированного обучения в высшей школе /М.Я. Виленский, П.И. Образцов, А.И. Уман. – М., 2005. – 192 с.
5. Воронин А.С. Самостоятельная работа студентов. Учебно-методическое пособие для студентов. Учебник для педагогических вузов / А.С. Воронин. -Екатеринбург, 2005.-255 с.
6. Гарунов М.Г. Пидкасиситый. Самостоятельная работа студентов.- М.: Знание, 1978.
7. Гершунский Б.С., Никандров Н.Д. Методологическое знание в педагогике / М.Г. Гарунов. – М.: Педагогика, 1986. – 110 с.
8. Горбашов В.Л. Научное познание (методы, формы, подходы) / В.Л. Горбашов, П.А. Романов. – Йошкор-ола: Мар. ГУ, 1995. – 81 с.
9. Горелова Г.Г. Педагогические условия подготовки студентов к творческой профессионально-педагогической деятельности во внеаудиторной исследовательской работе: Автореф. дисс. канд. пед. наук / Г.Г. Горелова. - Челябинск, 1983. – 23 с.
10. Доблаев Л.П. Смысловая структура учебного текста и проблемы его понимания / Л.П. Доблаев. - М.: Просвещение, 1987.
11. Еремкин А.И. Система межпредметных связей в высшей школе (аспект подготовки учителя) / А.И. Еремкин. – Харьков: Изд-во при Харьковском гос. ун-те изд. объединения «Вища школа», 1984. – 152 с.
12. Загвязинский В.И. Методология и методика дидактического исследования / В.И. Загвязинский. – М.: Педагогика, 1982. – 160 с.
13. Зубайдов У.З. Тавсияҳои методӣ оид ба ташкили корҳои мустақилонаи беруназаудитории донишҷӯён. Воситаҳои таълимӣ / Зубайдов У.З., Алимов С.Ш. -Душанбе, 2014.-30 с.
14. Муртазин Г.М. Задачи и упражнения по общей биологии. Учебник для педагогических вузов / Г.М. Муртазин. -М.: Просвещение, 1988.-190 стр.
15. Нугмонов М. Системное представление методической подготовки будущего учителя математики в педвузе /Профессиональная подготовка учителя математики средней школы / М.Нугмонов //Тезисы докл. – Душанбе: ДГПУ, 1994. – С. 41-44.
16. Савлатов С., Генетика. Китоби дарсӣ / С.Савлатов, М.Ғайратов, К.Баротов. - Душанбе, 2010.-163


## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДИИ БА РОҲ МОНДАНИ КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ДАРСҲОИ ФАННИ «ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ БИОЛОГӢ» АЗ РӮЙИ НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАҲСИЛОТ


Дар мақола корҳои мустақилонаи донишҷӯён дар дарсҳои амалӣ аз рӯйи низоми кредитии таҳсилот нишон дода шудаанд. Муаллиф қайд намудааст, ки кори мустақилона фаъолияти эҷодӣ ва инфиродии ҳар як донишҷӯйи макотиби олӣ дар низоми кредитии таҳсилот ба ҳисоб рафта, зимни иҷрои он шавқи донишандӯзии онҳо зиёд мегардад. Донишандӯзӣ аз донишҷӯён иҷрои кори мустақилонаро бо китоб ва омӯхтани адабиёти илмӣ, методӣ ва оммавиро тақозо менамояд. Дар низоми кредитии таҳсилот кори мустақилонаи донишҷӯён асоси баланд бардоштани сатҳу сифати дониши толибилмон ба ҳисоб меравад. Иҷрои кори мустақилона низ асоси фаъолияти илмии донишҷӯён буда, он ба ташаккули хислатҳои муҳимми шахсиятӣ, аз қабили фаъолияти маърифатӣ ва фикррονии мустақилона, муносибати эҷодӣ ба меҳнат мусоидат мекунад. Ҳангоми иҷрои кори мустақилона бояд мақсади ҳар як вазифаи инфиродӣ муайян карда шавад, ки онро донишҷӯён дар асоси донишу малакаи фаннӣ, таҷрибаи омӯзиши фанҳои муайян ва ҳамзамон қобилияти истифодаи воситаҳои таълим, адабиётҳои илмӣ ва ғайра дар фаъолияти таълимӣ ва иҷрои супоришҳои таълиму тадқиқотӣ баррасӣ намоянд.Кори мустақилона имконият медиҳад, ки аввалан, дар донишҷӯён

мустақилият инкишоф дода шавад, сонияҳ, ба донишҷӯён омӯзонидани роҳу методҳои мустақилона тавассути роҳнамоии омӯзгор дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявии андӯхтаашон ниҳоят муҳим мебошад.

**Калидвожаҳо:** корҳои мустақилона, кредит, низоми кредитии таҳсилот, омӯзгор, донишҷӯён, ҳалли масъалаҳо, генотип, фенотип.

**ТЕОРЕТИКО-МЕТОДИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ СТУДЕНТОВ ПО ПРЕДМЕТУ «РЕШЕНИЕ БИОЛОГИЧЕСКИХ ЗАДАЧ» ПО КРЕДИТНОЙ СИСТЕМЕ ОБУЧЕНИЯ**

В статье представлены самостоятельные работы студентов на практических занятиях в соответствии с кредитной системой обучения. Автор отмечает, что самостоятельная работа играет большую роль во всестороннем развитии навыков и способностей студентов, а также в повышении уровня и качества их знаний. С целью воспитания самостоятельности у студентов эта система обязательно требует развития познания самостоятельности, а также методов самостоятельного обучения путём руководства преподавателя, чтобы они могли применять полученные теоретические знания на практике. Автор отметил, что самостоятельная работа в кредитной системе обучения считается творческой и индивидуальной деятельностью каждого студента высшего учебного заведения наряду с его выполнением повышается их заинтересованность к учебе. Приобретённые знания требует от студентов выполнения самостоятельной работы с помощью книг и изучения научной, методической и общественной литературы.Выполнение самостоятельной работы также является основой научной деятельности студентов и способствует формированию важных личностных качеств, таких как познавательная активность и самостоятельное мышление, творческое отношение к работе. При выполнении самостоятельной работы должна быть определена цель каждого отдельного задания, которую учащиеся должны учитывать, исходя из своих технических знаний и умений, опыта изучения определенных предметов и в то же время умения пользоваться учебными пособиями, научной литературой и т.п. в образовательной деятельности и выполнении учебных и научных задач.

**Ключевые слова:** самостоятельная работа, кредит, кредитная система обучения, преподаватель, студенты, решение задач, генотип, фенотип.

**THEORETICAL AND METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF INDEPENDENT WORK OF STUDENTS IN THE SUBJECT "SOLVING BIOLOGICAL PROBLEMS" ON THE CREDIT SYSTEM OF EDUCATION**

The article presents the independent work of students in practical classes in accordance with the credit system of education. The author notes that independent work plays an important role in the comprehensive development of students' skills and abilities, as well as in improving the level and quality of their knowledge. In order to foster self-reliance among students, this system necessarily requires the development of knowledge of autonomy, as well as self-study methods through the guidance of a teacher, so that they can apply their theoretical knowledge in practice.The author noted that independent work in the credit system of education is considered to be the creative and individual activity of each student of a higher educational institution, along with its implementation, their interest to learn increases. Acquired knowledge requires students to perform independent work using books and studying scientific, methodological and public literature.In the credit system of education, independent work of students is considered the foundation for raising the level and quality of students' knowledge. The performance of independent work is also the basis of the scientific activity of students and contributes to the formation of important personal qualities, such as cognitive activity and independent thinking, a creative attitude to work. When performing independent work, the goal of each individual task should be determined, which students should take into account based on their technical knowledge and skills, experience in studying certain subjects and at the same time the ability to use textbooks, scientific literature, etc. in educational activities and the fulfillment of educational and scientific tasks.

**Keywords:** independent work, credit, credit system of education, teacher, students, problem solving, genotype, phenotype, etc.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Баротзода Камолиддин Ашур*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, дотсент. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **(+992) 934-05-04-46**

**Сведение об авторе:** ***Баротзода Камолиддин Ашур*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, доцент. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121. Телефон: **(+992) 934-05-04-46**

**Information about the author:** ***Barotzoda Kamoliddin Ashur*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, assistant professor. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 121. Phone: (+992) **934-05-04-46**

ТДУ:372.835.5 (575.3)

# АФСАР-ОМӮЗГОР ҲАМЧУН ТАШАККУЛДИҲАНДАИ САЛОҲИЯТНОКИИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁНИ КАФЕДРАҲОИ ҲАРБИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ

*Қурбонзода Дилшод Ҷаббор*
**Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов**

Рушди пайвастаи равандҳои инноватсионии низоми таҳсилоти ҳарбӣ боиси тағйирёбии назарҳо ба фаъолияти афсар-омӯзгори кафедраи ҳарбии муассисаи таҳсилоти олӣ ва пешниҳоди талаботи нав ба омодагии касбии ӯ гардидааст. Мутобиқи санаду ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва таҳсилоти ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақсад гузошта шудааст, ки сатҳи омодагии касбии афсарон-омӯзгорон ба талаботи фаъолияти ҳарбию касбӣ мувофиқ карда шавад. Дар марҳилаи мазкур аз афсар-омӯзгор дар интихоби методҳо ва шаклҳои таълим, тарбия ва ташаккули шахсияти курсантҳо мувофиқи талаботи имрӯза муносибати тафриқанок талаб карда мешавад. Дар низоми маориф дар маҷмуъ ва дар кафедраи ҳарбии муассисаи таҳсилоти олӣ аз ҷумла, таъмини сатҳи баланди салоҳиятнокии касбии афсарон-омӯзгорон, ҳайати профессорону омӯзгорон, ки ба талаботи баланди раванди муосири таҳсилот ҷавобгӯ мебошад, муҳим мебошад.

Дар ҳама замон нисбат ба мутахассиси ҳарбӣ талаботи баланд гузошта шуда, яке аз талаботи асосӣ касбият ва салоҳиятнокӣ ба шумор меравbooанд. Дар вазъияти ташаккулёфта зарурати равшан кардани мафҳумҳои «соҳибкасб», «касб», «касбият», «салоҳият», «босалоҳият», «салоҳиятнокӣ», «салоҳиятҳо» ба вуҷуд меоянд.

Аз нуқтаи назари психологӣ, касбиятро, ки ҳамчун мақсади педагогии таҳсилот амал мекунад, ҳамчун маҷмуи донишҳо, малакаҳо, қобилиятҳо ва сифатҳои шахсиятии аз ҷиҳати касбӣ муҳимме таъриф кардан мумкин аст, ки барои ҳалли бомуваффақияти вазифаҳои муҳимми касбӣ имкон медиҳанд [8].

Мафҳуми «касбият» аксар вақт бо мафҳуми «салоҳиятнокӣ» алоқаманд карда мешавад. Ҳамин тариқ, як қатор муаллифон салоҳиятнокиро ҳамчун яке аз зинаҳои касбият таъриф мекунанд. Дар мафҳуми умумитарин, касбият бо дараҷаи баланди омодагӣ ба иҷрои вазифаҳои фаъолияти касбӣ тавсиф мешавад, ки дар имконияту қобилияти ба даст овардани натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории меҳнат бо сарфи камтарини қувваҳои зеҳнӣ ва ҷисмонӣ дар асоси усулҳои оқилонаи фаъолият оид ба ҳалли вазифаҳои гузоштташуда зоҳир мешавад. Ба ақидаи С. Нелюбов, касбият бояд «на танҳо як навъ сатҳи баланди донишҳо, маҳоратҳо ва натиҷаҳои шахс дар ин ё он соҳаи фаъолият, балки ҳамчун ташкили муайяни низомноки шуур, психикаи инсон» баррасӣ шавад [15, с. 404-409].

Дар луғати вожаҳои хориҷӣ «босалоҳият», «салоҳиятнок» ба тариқи зайл таъриф шудаанд: «Салоҳият – доштани донишҳоест, ки имкон медиҳанд дар бораи чизе ҳукм бароварда шавад, босалоҳият (лотинӣ competentis – мувофиқ, қобилиятнок) – донишманд, огоҳманд дар соҳаи муайян; салоҳият – маҷмуи масъалаҳое, ки ин ё он шахс дар бораи онҳо донишу таҷриба дорад.

Мафҳуми умумии салоҳиятнокиро муайян намуда, В.А. Демин менависад, ки салоҳиятнокӣ «сатҳи маҳорати шахсият буда, дараҷаи мувофиқати салоҳияти

муайянро инъикос намуда, имкон медиҳад дар шароити тағйирёбандаи иҷтимоӣ созандакорона амал карда шавад» [7, с. 34-42].

Ҳамин тариқ, асос вуҷуд дорад чунин шуморида шавад, ки салоҳиятнокии мутахассис аз маҷмуи қобилиятҳо, сифатҳо ва хислатҳои шахсият, ки барои фаъолияти муваффақонаи касбӣ дар соҳаи муайян заруранд, иборат мебошад.

Мувофиқи таърифи О.О. Андроникова, «салоҳиятнокӣ» хислатҳои касбӣ, иҷтимоӣ-педагогӣ, ҳуқуқӣ ва дигар хусусиятҳои шахсиятро дар бар мегирад. Дар бобати категорияи «салоҳиятнокии касбӣ» ӯ изҳор медорад, ки: «мафҳуми салоҳиятнокии касбӣ маҷмуи пурраи талаботро дар бар мегирад, ки на танҳо ба маҳорати касбии педагог, балки ба хислатҳои шахсии ӯ: самти инсондӯстӣ, малакаҳои кор дар вазъиятҳои стрессӣ, ҳолатҳои фишори шахсиятӣ ва корӣ, маҳорати роҳбарӣ кардан ва ташкили раванди таълимӣ, ҳалли вазъиятҳои мунокишавӣ, мутобиқшавӣ ба ҳолатҳои нав, фаъолнокӣ, ташаббускорӣ, қобилияти рушди минбаъда, асолат, хоҳиши худтакмилдиҳӣ дахл доранд» [2, с. 121-131].

Маҳорати касбӣ ва салоҳиятнокии хатмкунандаи муассисаи олии ҳарбӣ дар давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ ташаккул ва инкишоф ёфта, баъдан дар давраи адои хизмати амалӣ дар қисмҳо ва ҷузъу томҳои ҳарбӣ, дар ҷараёни тайёрии пуршиддати ҷангӣ, дар давраи таълим дар курсҳои такмили ихтисос, ҷамъомадҳо ва машқҳои ҳарбӣ такмил меёбанд.

Аз ин рӯ, дар бораи салоҳиятнокии касбӣ ҳарф зада, мо чунин мешуморем, ки дар донишҷӯ (курсант) дар давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ бояд сифатҳои шахсиятӣ, салоҳиятҳои умумӣ (унниверсалӣ) ва ҳарбию касбӣ бо назардошти уҳдадориҳои вазифавӣ дар фаъолияти дарпешистода ташаккул дода шаванд. Дар баробари ин, зери мафҳуми салоҳият: «маҷмуи сифатҳои касбии ҳарбӣ, ки нисбат ба намудҳои алоҳидаи фаъолияти касбӣ муқаррар карда шуда, ташаккули онҳо мақсадҳои таълим ба ҳисоб меравад», фаҳмида мешавад.

Маълум аст, ки ба салоҳиятҳои ҳарбии касбӣ дар намудҳои асосии фаъолияти хатмкардаи муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ инҳо мансубанд: ташкилӣ – идоракунӣ (ҷангӣ); ташкилӣ – идоракунӣ (ҳаррӯза); тарбиявӣ (ҳарбӣ-педагогӣ); ҳарбӣ-техникӣ; ҳарбӣ – ақибгоҳӣ (маъмурӣ – хоҷагидорӣ).

Салоҳиятнокии афсарон ва маҳорати касбии онҳо ба омодагии касбӣ алоқамана буда, аз он донишҳо ва маҳорату малакаҳое, ки онҳо дар давраи таҳсил дар муассисаҳои таълимии ҳарбӣ ба даст меоранд, вобаста мебошанд. Дар зимн салоҳиятнокӣ аз ҷониби мо дар як қатор бо донишмандӣ, яъне бо ҳаҷми одии донишҳо гузошта намешавад. Салоҳиятнокӣ бояд ҳамчун маҷмуи сифатҳои командир (сардор) баррасӣ карда шавад, ки ба ӯ имкон медиҳанд ба ҷузъу том роҳбарӣ карда, фаъолияти зердастонро ташкил карда, дар шароити ҳаррӯза ва ҷанг сарварӣ ва идора кунад.

Ба назари мо, ташаккули касбият ва салоҳиятнокӣ дар мутахассиси ояндаи ҳарбӣ раванди якпорча, маҷмуӣ ва мақсаднок дар кори таълимию тарбиявии ҳайати фармондеҳӣ–омӯзгории муассисаи таҳсилоти олӣ дар тамоми марҳилаҳои ташаккули тамоюли касбӣ дар донишҷӯён (курсантҳо), ташаккул ва инкишофи муносибатҳо, ангезаҳо, мақсадҳо, эътиқодҳо) ба шумор меравад.

Касбият, салоҳияти хизматчии ҳарбӣ бо ҳосилнокии баланди меҳнат ё самарабахшии фаъолият тавсиф мешавад. Фаъолияти сермаҳсул – фаъолиятест, ки бо нишондиҳандаҳои баланди хизматӣ, шиддатнокӣ ва ташаннуҷи оптималӣ, муташаккилӣ, босуботӣ ва пайдарпайӣ фарқ карда, мақсадҳои мусбати аҳаммияти иҷтимоидоштаро пеш гирифта, саломатии мутахассисро ҳифз намуда, ӯро ҳамчун шахсият рушд медиҳад.

Ислоҳоти низоми омодасозии афсарони Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар ташаккули салоҳиятнокии афсарони ояндаро вобаста ба фаъолияти касбии педагогӣ дар шароити хизмати ҳарбӣ тақозо менамояд. Тайёр кардани афсарони эҳтиётии Қувваҳои Мусаллаҳ ба зиммаи кафедраҳои ҳарбӣ, факултетҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ вогузор карда шудааст. Салоҳиятнокии касбии афсарони ояндаро омӯзгорони кафедраҳои ҳарбӣ ташаккул медиҳанд. Ба ин вазифа афсарони Артиши Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки на камтар аз 5 сол дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ хизмат карда, ба фаъолияти педагогӣ майл доранд, таъин карда мешаванд. Ба омӯзгори ҳарбӣ дар кафедраҳои ҳарбӣ, факултетҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд талаботҳои мушаххас зоҳир карда шаванд, ки онҳоро ба таври шартӣ ба талабот нисбат ба омӯзгор ҳамчун мутахассиси ҳарбӣ, талабот ба сифатҳои шахсияти омӯзгор ва талабот ба маҳорати педагогии омӯзгор ҷудо кардан мумкин аст.

Омӯзгори кафедраи ҳарбии муассисаи таҳсилоти олӣ, дар навбати аввал, афсар ва, дар навбати дуюм, педагог мебошад. Аз ин бармеояд, ки ҳуҷҷати бунёдии ҳуқуқӣ барои ӯ Оинномаи Қувваҳои Мусаллаҳ ва танҳо пас аз он ҳуҷҷатҳои муассисаи таҳсилоти олӣ, ки фаъолияти ӯро ҳамчун омӯзгор ба танзим медароранд, ба шумор мераванд.

Барои ба донишҷӯён – афсарони оянда маълумоти замонавии ҳарбӣ додан, омӯзгори кафедраи ҳарбӣ бояд, пеш аз ҳама, мутахассиси баландихтисос ва ҳаматарафа омодаи ҳарбӣ, устоди кори худ бошад. Ин хислатҳо дар ӯ ҳангоми таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ, ҳангоми адои хизмати ҳарбӣ дар артиш ташаккул меёбанд. Сатҳи баланди умумитаҳсилотии донишҷӯён аз омӯзгор донишҳои васеи умумӣ ва ҳарбӣ-техникӣ, тайёрии баланди назариявӣ дар сатҳи комёбиҳои навтарини соҳаҳои дахлдори илм ва техника, донистани масъалаҳо ва дурнамоҳои инкишофи онҳоро талаб мекунад. Самти амалии тайёрии ҳарбӣ, аҳаммияти дар донишҷӯён ташаккул додани маҳорату малакаҳо аз рӯйи ихтисоси ҳарбии гирифташаванда аз омӯзгор инчунин дониши хубу маҳорату малакаҳои амалӣ, иҷрои намунавии усулҳои амалӣ, машқҳо ва меъёрҳоро аз ҷониби ӯ талаб мекунанд. Фақат дар ҳамин шароит омӯзгор метавонад бо ибрати шахсӣ донишҷӯёнро ба хизмати ҳарбӣ бомуваффақият тайёр кунад. Талабот ба омӯзгорони кафедраи ҳарбӣ нисбат ба омӯзгорони кафедраҳои илмҳои дигари муассисаи таҳсилоти олӣ, ки дар он ҷо тақсимоти мехнати педагогӣ ба таври табиӣ инкишоф меёбад, мураккабтар мебошад: профессорҳо ва досентҳо лексияҳо мехонанд, яъне ба тайёрии назариявии донишҷӯён роҳбарӣ мекунанд, ёварон, аспирантҳо машғулиятҳо, семинарҳоро мегузаронанд. Дар кафедраи ҳарбӣ чунин тақсимот вуҷуд дошта наметавонад ва ҳар як омӯзгори он бояд ҳама чизеро, ки мехоҳад ба шогирдон таълим диҳад, донад ва тавонад. Маҳз омодагии ҳамаҷонибаи ҳарбӣ-касбии омӯзгори кафедраи ҳарбӣ, дониши амиқи асосҳои назариявии ихтисоси ҳарбӣ,

маҳорати хуби муносибат ба аслиҳа ба ташаккули нуфузу эътибори омӯзгор ба ташаккули тамоюли ҳарбию касбӣ дар донишҷӯён мусоидат мекунад.

Дар бораи нақши шахсияти тарбиятгар К.Д.Ушинский навиштааст: «Дар тарбия ҳама чиз бояд ба шахсияти тарбиятгар асос ёбад, зеро қувваи тарбиятӣ аз сарчашмаи зиндаи шахсияти инсон ҷорӣ мешавад... Фақат шахсият метавонад ба шахсият таъсир расонад, танҳо хислат метавонад хислатро ташаккул диҳад» [17, с. 16]. Нисбат ба шахсияти омӯзгори ҳарбӣ бинобар аҳаммияти хосса ва мураккаб будани вазифаҳои тарбиявӣ оид ба ташаккули сифатҳои шахсияти афсари оянда талаботи зиёд гузошта мешавад. Талаботи асосӣ нисбат ба омӯзгори кафедраи ҳарбӣ эътиқоди ғоявӣ ба фоиданок ва зарур будани кори худ мебошад. Танҳо ба ҳамин шарт омӯзгор метавонад эътиқодмандии шогирдони худ, садоқат ва меҳру муҳаббати онҳоро нисбат ба Ватан, тайёр будан ба мудофиаи мусаллаҳонаи он тарбия намояд. Дар раванди ташаккули тамоюли ҳарбӣ-касбии донишҷӯён ба онҳо бояд инчунин эътиқодмандии омӯзгор ба бартарии маънавӣ ва камолоти техникии Қувваҳои Мусаллаҳи мо, иқтидори ҷангии онҳо, эҳтиром ба анъанаҳои пуршарафи ҷангии онҳо, эътимод ба ғалабаи мо, меҳру муҳаббат ба кори ҳарбӣ ва касби афсарӣ, ҳисси масъулият дар назди Ватан барои иҷрои қарзи ҳарбии худ интиқол дода шавад. Омӯзгори кафедраи ҳарбӣ бояд эътиқодот, назарҳо, муносибати худро ба падидаҳо баён карда, барои ин на танҳо ба фикр, балки ба эҳсосот, табъу иродаи донишҷӯён низ таъсир расонида тавонад, яъне дорои ифоданокии эҳсосотӣ дар гуфтор ва рафтори худ бошад.

Тарбияи сифатҳои беҳтарини мутахассиси ҳарбӣ бо хислатҳои ахлоқии худи омӯзгор алоқаи зич дорад. Омӯзгор бояд поквиҷдон, принсипнок, хоксор ва нисбат ба худ серталаб буда, бо рафтору кирдори ҳаррӯзаи худ, тарзи зиндагӣ, муносибат ба меҳнат бояд ба донишҷӯён ибрат нишон дода, дар онҳо эҳтиром ва талабот ба тақлид ба худро ташаккул диҳад.

Хусусияти таркибии хислати ахлоқии омӯзгор бояд меҳнатдӯстӣ, маҳорати фидокорона ва пурра бахшидани қобилияти худ дар иҷрои фаъолияти педагогӣ бошад. Кор дар муассисаи таҳсилоти олӣ нисбат ба олами маънавӣ, фарҳанги ботинии омӯзгор талаботи баланд мегузорад. Фарҳанги ботинии омӯзгор инчунин ҷузъҳои муҳимми маҳорати педагогӣ, монанди фарҳанги нутқи омӯзгор, фарҳанги муоширати ӯ бо одамон, одоби педагогиро муайян мекунад. Омӯзгор дар раванди таълиму тарбия бо алоқаҳо ва вобастагиҳои ба ӯ хос ҳамчун ташкилотчӣ ва роҳбари фаъолияти мақсадноки маърифатии таълимгирандагон, тарбияи онҳо амал мекунад. Банақшагирии раванди таълиму тарбия, тайёр кардан ва гузаронидани ҳама гуна дарсҳо, бо заминаи мувофиқи таълимию моддӣ таъмин намудани онҳо, амалӣ намудани чорабиниҳои гуногуни тарбиявӣ, ба қайд гирифтан ва назорати мунтазами натиҷаҳои раванди таълиму тарбияро бе фаъолияти ташкилотчигии омӯзгор тасаввур кардан ғайриимкон аст. Омӯзгор бояд дорои қобилияти рушдкардаи ташкилотчигӣ, муоширатнокӣ, маҳорати кор кардан бо гурӯҳ ва дар гурӯҳ, дарки дурусти танқиди корӣ ба унвони худ, тайёр будан ба ёрӣ ва кумаки ҳамдигарӣ бошад.

Таълим ва тарбияи афсарони оянда дар кафедраи ҳарбии муассисаи таҳсилоти олӣ мавҷуд будани сифатҳои муайяни иродавиро дар омӯзгор талаб мекунанд. Омӯзгор дар фаъолияти худ метавонад бо вазъиятҳои гуногун, аз ҷумла, хеле

номусоиди педагогӣ дучор шавад. Дар ҳама гуна шароит ӯ бояд таҳаммул ва худдорӣ нишон дода, худро нигоҳ дошта, рафтори худро назорат карда, эътимодро ба худ аз даст надода, вазъиятро назорат карда тавонад. Аз омӯзгор барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда сабру тоқат ва субот талаб карда мешаванд. Дар шароити муассисаи таҳсилоти олӣ шаклҳои оқилона ва ченаки зуҳуроти серталабӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунанд, ки онҳо ба сатҳи бадастовардашудаи тарбиягирифтагии донишҷӯён мувофиқат карда, бо одоби педагогии омӯзгор пайваста бошанд. Аммо ин аҳаммияти тарбиявии серталабии омӯзгор-афсарро ҳамчун воситаи зарурӣ ва таъсирбахши ташаккули сифатҳои шахсияти донишҷӯ харгиз паст намекунад. Маҳз ҳамин маънои серталабиро ҳатто дар шакли шадиди зуҳураш – ҷаримаҳо А.С.Макаренко таъкид карда буд: «Низоми оқилонаи ҷазо на танҳо қонунӣ, балки зарур аст. Он ба ташаккули хислати пурқуввати инсонӣ мусоидат карда, ҳисси масъулиятро тарбия карда, ирода, шаъну шарафи инсонӣ, маҳорати муқобилат кардан ба васвасаҳо ва ғолиб омадан аз болои онҳоро тарбия мекунад» [13, с. 43].

Ниҳоят, сифати зарурии шахсияти омӯзгор бояд меҳру муҳаббат ба касби педагогӣ – талаботи ботинии бахшидани худ ба фаъолияти педагогӣ, ба таълимгирандагон интиқол додани донишу таҷрибаи худ, тарбия намудани муҳофизони Ватан бошад.

*Талабот ба маҳорати педагогии омӯзгор*. «Маҳорати педагогӣ – ин санъати баланд ва доимо такмилёбандаи таълиму тарбия мебошад» [9]. Мисли ҳама гуна санъат маҳорати педагогиро аз ҷиҳати мазмуни он баробармаъно таъриф кардан номумкин аст. Ин таҳсилоти мураккаб, ҳамгирое мебошад, ки аз синтези органикии донишмандии психологию педагогӣ, қобилиятҳои педагогӣ ва техникаи педагогии омӯзгор иборат мебошад. Сатҳи баланди маҳорати педагогии омӯзгор дар робитаи мутақобила бо касби педагогии ӯ ва дигар сифатҳои ба сатҳи баланд инкишофёфтаи шахсияти ӯ дар истеъдоди педагогии омӯзгор ифода ёфта, фаъолияти бомуваффақияти педагогии ӯро таъмин менамояд.

Ҳангоми ба вазифаи омӯзгори кафедраи ҳарбии муассисаи таҳсилоти олӣ таъин шудан, дар муддати се сол зери роҳбарии мураббии ботаҷриба ташаккулёбии омӯзгори ҳарбӣ сурат мегирад. Афсар бояд ҳуҷҷатҳои роҳбарикунанда, талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот, талаботи тахассусӣ, нақшаю барномаҳои таълимӣ, мазмун ва принсипҳои ташкили таълим аз рӯйи фанни таълимӣ, равандҳои асосии технологӣ ва усулҳои кор аз рӯйи ихтисос, педагогика, физиология, психология ва методикаи таълими касбӣ, шаклу усулҳои ҳозиразамони таълиму тарбияи донишҷӯён, қоидаю меъёрҳои муҳофизати меҳнат, техникаи бехатарӣ ва муҳофизат аз сӯхторро омӯзад. Иттилооти гирифташуда ба ӯ кумак мекунад, ки донишҷӯёнро беҳтар фаҳмида, дониши дар муассисаи таҳсилоти олӣ гирифтаи онҳоро бо донишҳои дар кафедраи ҳарбӣ гирифташаванда пайваст намояд.

Донишҳои психологию педагогӣ заминаи назариявии маҳорати педагогии омӯзгор ба ҳисоб рафта, аз низоми донишҳо дар бораи асосҳои илмии психология ва педагогика иборат мебошад. Он дарки мақсаду вазифаҳои тарбия, донистани қонуниятҳои инкишоф ва ташаккули шахсият, моҳият ва хусусиятҳои раванди педагогӣ, омилҳои таъсиргузор ба самаранокии он, принсипҳо, усулҳо ва шаклҳои

таълиму тарбия, роҳҳои идоракунии раванди таълиму тарбия, баҳодиҳӣ ва баҳисобгирии натиҷаҳои онро дар бар мегирад.

Дар асоси қобилиятҳои педагогии омӯзгор тафаккури педагогӣ қарор дорад, ки моҳияти зеҳнии раванди педагогиро инъикос намуда, ҷузъи марказии маҳорати педагогӣ ба шумор меравад. Хусусияти мустақилона, эҷодкоронаи тафаккури педагогӣ ба омӯзгор имкон медиҳад дар интихоби роҳу усулҳои таъсиррасониҳои таълимию тарбиявӣ ташаббус, суботкорӣ ва заковат нишон дода, дар ин росто аз қолаб, якнавохтию якрангӣ, нусхабардории механикӣ канораҷӯйӣ кунад. Тафаккури педагогӣ ба мушоҳидакории педагогӣ ва тахайюлоти педагогии омӯзгор асос меёбад.

Мушоҳидакории педагогӣ ба омӯзгор робитаи бетанаффуси баръаксро бо шунавандагон таъмин намуда, ба ӯ имкон медиҳад руҳияи донишҷӯён, муносибати онҳо ба маводи пешниҳодшуда, сатҳи дарк ва азхудкунии онҳо, самарабахшии таъсиррасониҳои тарбиявии худро аз рӯйи нишонаҳои гуногун муайян намояд. Мушоҳидакории педагогӣ ба омӯзгор кумак мекунад ҳангоми иштироки муштарак дар дарсҳо, ҳузур дар машғулиятҳои кушод ва намоишӣ таҷрибаи омӯзгорони дигарро мушоҳида карда, таҳлил намуда, онро истифода барад. Тахайюли педагогӣ ба омӯзгор имкон медиҳад натиҷаҳои кори худро пешбинӣ намуда, чорабиниҳои педагогии банақшагирифтаро хаёлан амсиласозӣ намуда, самаранокии онҳоро таъмин намуда, камбудию душвориҳои таълиму тарбияи донишҷӯёнро пешбинӣ ва саривақт пешгирӣ карда, инкишофи онҳоро дар асоси мушоҳидакории педагогӣ тарҳрезӣ намояд.

Одоби педагогиро ҳамчун маҳорати ба кор бурдани шаклҳои мувофиқи педагогии муошират бо донишҷӯён, зоҳир намудани эҳтиёткорӣ ва ҳисси таносуб дар интихоби роҳҳо, воситаҳо ва усулҳои таъсири тарбиявӣ таъриф кардан мумкин аст. Мавҷудияти одоби педагогӣ шавқу рағбатро ба машғулиятҳо баланд бардошта, зимни он фаъолияти маърифатии донишҷӯён фаъол гардида, фаъолнокии эҷодии онҳо баланд гардида, муносибати мусбат ба таъсироти тарбиявии омӯзгор ба вуҷуд меояд. Одоби педагогӣ мавҷуд будани мушоҳидакорӣ ва тахайюлоти педагогӣ, хушмуомилагӣ, истодагарӣ ва худтанзимкунӣ дар ҳама гуна ҳолатҳои педагогӣ, қобилияти худдорӣ карданро аз амалҳои бефикр пешбинӣ менамояд. Барои Қувваҳои Мусаллаҳ ин масъала ҳамчун масъалаи муносибатҳои байни сардорон ва зердастон дар шароити ҳамкории зичи онҳо дар ҷангҳои муосир, бахусус ҳангоми истифодаи воситаҳои дастаҷамъии таслиҳот, тарбияи эҳтиром ва эътимоди ҳамдигар, эҳсосоти кумаки мутақобила дар ҳамаи категорияҳои хизматчиёни ҳарбӣ аҳаммияти хосса дорад. Зуҳуроти мунтазами одоби педагогӣ аз ҷониби омӯзгорони ҳарбӣ ба ташаккули одоби педагогӣ дар афсарони оянда мусоидат мекунад, ки барои онҳо ҳамчун ба роҳбар ва тарбиятгари зердастони худ зарур мебошад. Аз аҳаммияти зиёд одоби педагогии роҳбарияти кафедра, сиклҳо ҳам нисбат ба донишҷӯён ва ҳам ба омӯзгорон бархӯрдор мебошад. Аз ин муҳайё намудани муҳити мусоиди психологӣ дар кафедра, сиклҳо, ки ба кори дӯстонаи гурӯҳи педагогии кафедра мусоидат мекунад, ҳалли босалоҳияти вазифаҳо вобаста мебошад. Техникаи педагогӣ аз маҷмуи малакаву маҳоратҳои педагогие иборат мебошад, ки омӯзгор бо ёрии онҳо ба донишҷӯён таъсироти самарабахши бевосита бештар мерасонад. Техникаи педагогӣ пешбинӣ, азхудкунии тамоми воситаҳо ва усулҳои гуногуни таъсиррасонии

педагогиро аз ҷониби омӯзгор тақозо менамояд. Дар ҷойи аввал нутқи омӯзгор қарор дорад. Сухани зиндаи омӯзгор на танҳо воситаи асосии интиқоли иттилооти таълимӣ мебошад, балки ба шунаванда низ таъсири бузурги психологӣ расонида, ба эҳсосоти ӯ таъсир мерасонад ва аз ин ҷо эътиқод, самти шахсият, муносибати ӯро ба мавзуъ ташаккул медиҳад. Аммо барои ин омӯзгор бояд фикрҳои худро босаводона, бамантиқ, дақиқ, равшан ва образнок баён карда тавонад, дорои нутқи бурро бошад, нутқаш бояд оқилона бошад, фикрҳою суханҳоро ҳамоҳанг созад, он бояд эҳсоснок бошад, яъне ҳиссиёт ва муносибати шахсии ӯро ба маводи пешниҳодшаванда, боавариро ба ҳақиқати он ифода намуда, шунавандагонро ҷалб намояд.

Нақши тарбиявии нутқи омӯзгорро В.А.Сухомлинский таъкид кардааст. «Сухани омӯзгор воситаи ивазнашавандаи таъсиррасонӣ ба руҳи тарбиягиранда мебошад. Санъати тарбиятгар, пеш аз ҳама, санъати сухан, муроҷиат ба дили инсонро дар бар мегирад» [16, с. 123]. Сифатҳои нутқи омӯзгори кафедраи ҳарбӣ, ки дар муассисаи таҳсилоти олӣ кор мекунад, аҳаммияти махсус доранд, зеро онҳо нишондиҳандаи асосии маҳорати педагогии ӯ, ифодагари фарҳанги умумӣ ва педагогии омӯзгор ба шумор мераванд. Салоҳиятнокии касбии омӯзгор ҳамчун мутахассис, сифатҳои шахсиятӣ ва маҳорати педагогии ӯ дар байни донишҷӯён нуфузи ӯро, ки бе он омӯзгор наметавонад тарбиятгар бошад, ба вуҷуд меоранд.

Дар асоси талабот ба омӯзгори ҳарбӣ уҳдадориҳои ӯро мухтасар баён кардан мумкин аст. Ҳамин тавр, ӯ барои ташкил ва хушсифат гузарондани машғулиятҳо бо донишҷӯён оид ба тайёрии ҳарбӣ, сифати баланди омодасозии донишҷӯён дар ихтисоси худ, тарбияи ҳарбӣ ва вазъияти интизом дар взводҳои таълимии таъиншуда масъул ва ҷавобгӯ мебошад.

Омӯзгори кафедраи ҳарбии муассисаи таҳсилоти олӣ вазифадор аст:

– машғулиятҳоро бодиққат омода карда, дар сатҳи баланди илмӣ-методӣ онҳоро гузаронида, ба азхудкунии маводи барномавӣ, малакаҳои устувори амалӣ ва фармондеҳӣ аз ҷониби онҳо ноил гардад;

– сатҳи дониши касбии худро мунтазам баланд бардошта, маҳорати педагогии худро такмил диҳанд;

– дар банақшагирии раванди таълим иштирок намуда, ҳуҷҷатҳои таълимию методиро таҳия намуда, супоришҳоро оид ба кори таълимию методӣ сари вақт иҷро намояд;

– дар корҳои ҳарбӣ-илмӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, ратсионализаторӣ ва ихтироъкорӣ ва дигар чорабиниҳое, ки кафедра амалӣ менамояд, иштирок намояд;

– сифату қобилиятҳои фардии ҳар як донишҷӯро дар взводҳои таълимии таъиншуда дониста, нисбат ба онҳо талаботи баланд зоҳир карда, дар онҳо хислатҳои зарурии ҳарбии касбиро ташаккул диҳад;

– иҷрои супоришҳои таълимӣ, кори амалии донишҷӯёнро санчида, ба сари вакт ва хушсифат иҷро шудани онҳо муваффақ шавад;

– машғулиятҳоро бо адабиёти зарурии таълимӣ, дастурҳои аёнӣ, яроқу аслиҳа, техника ва таҷҳизоти ҳарбӣ таъмин намуда, оид ба беҳтар намудани заминаи таълимию моддии кафедра пайваста кор барад;

– журналҳои баҳисобгирии машғулиятҳо, кортҳои шахсии донишҷӯёнро пеш бурда, барои онҳо варақаҳои аттестасионӣ тартиб диҳад;

– таҷрибаи тайёрии ҷангии қӯшунҳо, муассисаҳои таълимии ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи беҳтарини кафедраҳои ҳарбии муассисаҳои таҳсилоти олии дигарро омӯхта, истифода барад;

– барои донишҷӯён санҷишҳо ва имтиҳонҳоро ташкил намуда, гузаронад;

– нақшаи кори инфиродӣ барои соли таҳсил ва нақшаи кори якмоҳаро таҳия намуда, ба роҳ монанд;

– иҷрои чораҳои муқарраршудаи бехатарӣ ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо ва кор бо техника ва таслиҳот, ҳифзи сирри давлатию ҳарбиро таъмин намояд.

Дар баробари ин, талабот ба сифатҳои касбӣ ва шахсиятӣ, маънавию ахлоқии афсарони оянда меафзояд. Давлат ҳамеша ба он манфиатдор аст, ки афсари муосир на танҳо дорои донишҳои назариявию оперативӣ, маҳорату малакаҳои амалӣ дар соҳаи фаъолияти касбии худ, балки дорои «сатҳи баланди фарҳанги умумӣ ва донишмандӣ буда, дар соҳаи ҷомеашиносӣ, психологияи ҳарбӣ ва педагогикаи муосир босалоҳият буда», «пайомадҳои дарозмуҳлати амалҳои худро фаҳмида ва пешгӯӣ карда тавонад» [10, с. 7]. Ва, инчунин, афсари муосир «дар ҳар гуна шароит вазифаҳоро мустақилона ҳал карда тавониста, дорои сифатҳои махсуси маънавию ахлоқӣ, маънавиюпсихологӣ, зеҳнӣ, иҷтимоӣ ва ҷисмонӣ буда, қарзи ҳарбии худро дарк намуда, мавқеи фаъолонаи шаҳрвандиро дошта бошад [14, с. 162]. Илова бар ин, ба ақидаи В.Н. Красновский, таҳсилот бояд чунин сифтаҳои мутахассис, монанди «фарҳанги сиёсию ҷаҳонбинӣ, худшиносӣ, малакаҳои фарҳанги ташкилотчигӣ ва кордониро инкишоф диҳад» [11, с. 146].

Ҳамаи ин талаботро нисбат ба таҳсилоти муосири ҳарбӣ, ба ташаккули салоҳиятҳои касбии афсарони оянда дар асоси муносибати ба шахсият нигаронидашударо ба миён меорад, ки ба қавли А.В. Белошиский имкон медиҳад чунин шароите фароҳам оварда шавад, ки дар он «худи курсант муаллифи фазои тарбиявии худ мегардад» [4, с. 53]. Дар баробари ин, чуноне ки минбаъд муаллиф қайд мекунад, муваффақияти азхудкунии «мазмуни воқеии фаннӣ аз он сабаб меафзояд, ки ин мазмун маънои сифатан нави шахсиятӣ пайдо мекунад – он ҳамчун мазмун ва муҳити инкишофи шахсиятию касбӣ амал мекунад» [4, с. 53].

Зарурати баланд бардоштани сатҳи рушди шахсиятӣ ва касбии курсантҳо масъалаи пурзӯр намудани нақши фанҳои инсоншиносиро дар ташаккули салоҳиятҳои касбӣ ба миён мегузорад, зеро маҳз ҳамин фанҳо ба дараҷаи бештар ба ташаккули ҷаҳонбинӣ мусоидат намуда, асоси тарбияи ахлоқӣ, сиёсӣ, иктисодии инсон, асоси ташаккули шахсияти он ба шумор мераванд [5, с. 44-48; 6, с. 75-77].

Аҳаммияти таҳияи муосири масъалаи нақши таҳсилоти инсоншиносӣ дар ташаккули салоҳиятҳои касбии афсарони оянда аз бисёр ҷиҳат ба он масъалаҳое вобаста аст, ки хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Инҳо надоштани маҳорати ба роҳ мондани робита бо зердастон ва тарс аз кор бо ҳайати шахсӣ, мушкилот дар фаъолияти нутқӣ ва душворӣ дар гузоштан ва ифода кардани вазифаҳо ва ғайра мебошанд. Маҳз ба рушди ин ва дигар салоҳиятҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳим фанҳои равияи инсоншиносӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ нигаронида шудаанд.

Аз нуктаи назари И.И. Барсуков, маҳз гуманитаризатсияи таҳсилот «имкониятҳои навро барои инкишофи ҳаматарафаи мутахассиси оянда, ташаккули муносибати умумиинсонӣ дар ӯ ба фаъолияти касбӣ дар асоси илмҳои дар муассисаи

таҳсилоти олӣ омӯхташаванда фароҳам меорад» [3, с. 76-80]. Ва дар ин бобат ба таҳсилоти инсоншиносӣ нақши пешбаранда тааллуқ дорад.

Аксари муҳаққиқон масъалаи гуманизатсияи таҳсилоти ҳарбиро мавриди баррасӣ қарор дода, ба таҷрибаи Амрико, Олмон, Британияи Кабир истинод меоранд, ки дар онҳо самти инсоншиносии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ пурзӯр карда шудааст. Оид ба ин чунин далел шаҳодат медиҳад, ки ба фанҳои блоки инсоншиносӣ дар нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбии мамлакатҳои зикргардида аз 30 то 70 % вақти таълим (вобаста ба курси таълим) ҷудо карда шудааст [1, с. 76-84; 12].

Ин бо талаботе, ки ба таҳсилоти муосир зоҳир карда мешавад, мувофиқ аст: ташаккул додани салоҳиятҳои касбӣ бо роҳи таҳияи кардани раванди таълим танҳо дар асоси омӯзиши фанҳои махсус, дар мавриди мо – сикли фанҳои ҳарбӣ имконнопазир аст, зеро онҳо, масалан, барои инкишоф додани салоҳиятҳои коммуникативӣ ё салоҳиятҳо дар соҳаи фаъолияти байнифарҳангӣ, ҳуқуқӣ, тадқиқотӣ ва ғайра имкон намедиҳанд, дар ҳоле ки ба он ба дараҷаи бештар фанҳои сикли инсоншиносӣ мусоидат мекунанд.

Маҳз таълими инсоншиносӣ аст, ки «имкон медиҳад тафаккури технократӣ ва маҳдуди касбӣ рафъ карда шуда, шахсияти аз ҷиҳати маънавӣ бой, ба арзишҳои умумибашарӣ тамоюл дошта, дорои ҳисси масъулияти сиёсӣ ва маънавиро ташаккул медиҳад» [1, с. 77].

Тибқи маълумоти Т.В. Ларина, дар Олмон, масалан, чунин шуморида мешавад, ки ҳамчун нишондиҳандаҳои сифати таҳсилот на танҳо ҳаҷми дониши курсантҳои муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ, балки сифатҳои зеҳнӣ, касбӣ ва ахлоқӣ, инчунин салоҳияти ташаккулёфтаи иҷтимоию фарҳангӣ мебошанд [12, с. 49]. Дар низоми таҳсилоти ҳарбии ИМА ташаккули афсари оянда бо худтаҳсилкунии доимӣ дар фанҳои ҳуқуқӣ, таърихӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, психологӣ ва педагогӣ, бо рушди қобилиятҳои идоракунӣ, ки кареераи минбаъдаи касбии ӯро муайян мекунад, алоқаманд аст.

Ҳамин тавр, таҳсилоти ҳарбӣ бояд аз як тараф, рушди донишу малакаҳои касбӣ, аз тарафи дигар, фарҳанги шахсӣ ва неруи ботинии курсантҳоро дар бар гирад.

Маҳз пурзӯр намудани нақши фанҳои инсоншиносӣ дар раванди таълимии омодасозии афсарони оянда ба ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, доираи назари сиёсӣ, салоҳиятнокии коммуникативӣ, саводнокии низоъшиносӣ ва ғайра мусоидат мекунад. Аммо ин раванд мураккаб буда, муносибати низомнокро талаб мекунад. Ва дар ин бобат мо бо мавқеи В.Я. Гожиков мутлақо розӣ ҳастем, ки чунин мешуморад, ки «омодасозии курсантҳо вобаста ба шароити рушди низоми арзишҳои давлатӣ-ватандӯстӣ ва маънавӣ дар ҷомеа ва Қувваҳои Мусаллаҳ, инчунин шароити ташаккули маъноҳои гуманистии фаъолияти фаннӣ ва фикрии таълимгирандагон (меъёрҳои «идеалии» аз ҷониби онҳо инъикосёфтаи омодасозии худ ба касбиояндаи роҳбари инсонпарвар) бояд муосир кунонида шуда, худ ба худ рушд ёфта, дигаргун шавад» [5, с. 45].

Ин, дар навбати худ, истифодаи шаклу усулҳои гуногуни таълим, инчунин таъминоти илмию методиро талаб мекунад, ки имкон медиҳад сифатҳои зарурии аз ҷиҳати касбӣ муҳимми афсарони оянда ташаккул ёбад. Аз ин рӯ, имрӯз тамоми

тавачҷуҳи омӯзгорон ба таҳияи сохтори таълими фанҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва инсоншиносӣ, мувофиқ кардани мазмуни онҳо бо дастовардҳои муосири донишҳои иҷтимоию инсоншиносӣ бо назардошти самтҳо ва мафҳумҳои гуногун нигаронида шудааст.

Ҳамин тариқ, шарти асосии салоҳиятнокии касбии педагогии хатмкунандаи кафедраи ҳарбӣ ташаккулёфтагии донишҳо, малакаҳо ва маҳоратҳо, сифатҳои касбӣ, таҷрибаи педагогӣ ва мавқеи педагогии афсар-омӯзгор мебошад. Ба сифати сабабҳои асосии гузариш зимни омодасозии мутахассисони ҳарбӣ ба ташаккули салоҳиятнокии касбии ҳарбӣ дар онҳо инҳо бояд фаҳмида шаванд:

1. Тағйироти шиддатнок дар ҷомеаи муосир; суръати баланди тараққиёти иҷтимоию иқтисодии он боиси пайдарпай афзудани иттилооти иҷтимоӣ ва касбӣ мегардад, ки ин раванди азхудкунии донишҳои касбиро мураккаб мегардонад. Донишҳои ҳарбии касбӣ, ки дар раванди таълим гирифта мешаванд, баъзан назар ба омодагии хизматчиёни ҳарбӣ ба иҷрои вазифаҳои функсионалии худ зудтар кӯҳна мешаванд.

2. Вазифаҳои навсозии таҳсилоти касбии ҳарбӣ, ки ба назар гирифтани дархостҳои шахсияти хизматчии ҳарбӣ ва талаботи ҷомеаро ба мутахассисони баландихтисоси ҳарбӣ талаб мекунанд.

3. Баланд бардоштани муҳиммияти фаъолнокӣ, мустақилият, омодагии хизматчиёни ҳарбӣ ба иҷрои уҳдадориҳои хизматии худ, маҳорати сафарбар кардани неруи шахсии худ барои ҳалли бомуваффақияти вазифаҳои гуногуни фаъолияти ҳарбӣ. Зарур аст мутахассиси ҳарбие тайёр карда шавад, ки мунтазири дастур нагардида, аз рӯзҳои аввали хизмат дар вазифаи худ онро бомуваффақият иҷро карда, эҷодкорӣ ва ташаббуси оқилона зоҳир менамояд.

**Муқарриз: Сафаров Ш.А.- д.и.п., профессори ДДТҶ ба номи С.Раҳимов**

**АДАБИЁТ**


1. Александров Е. А. Гуманитаризация как средство гуманизации учебно-воспитательного процесса: некоторые аспекты военно-исторического и зарубежного опыта // Развитие военной педагогики в XXI веке / Е. А. Александров Материалы V межвузовской научно-практической конференции. Под ред. С. В. Костарева, И. И. Соколовой, Н. В. Ершова. СПб.: ВАС, 2018. -С. 76-84.
2. Андроникова О.О. Виктимные изменения профессиональной компетентности педагогов / О.О.Андроникова // Материалы Международной научно-практ. конф. г. Новосибирск 20-22.02.2006. –Новосибирск: Издательско-полиграфическая компания «Твердый знак», 2006. -С. 121-132.
3. Барсуков И. И. Гуманитаризация военного образования: опыт и проблемы / И. И. Барсуков // Военная мысль. -1993. -№ 7. -С. 76-80.
4. Белошицкий А. В. Субъективность в личностно-профессиональном развитии курсантов военного вуза / А. В. Белошицкий // Новые педагогические исследования (приложение к журн. «Проф. Образование»). 2006. № 1. -С. 53-57. -С. 53.
5. Гожиков В. Я. Гуманитарная подготовка будущих офицеров в контексте модернизационных преобразований высшей военной школы / В. Я.Гожиков // Вестник военного университета. -2011. -№ 3(27). -С. 44-48.
6. Гришина Е. С. Тенденции развития военного образования в условиях современных реформ / Е. С.Гришина, Т. Б.Котлова, Н. А. Царева // Международный научно-исследовательский журнал. -2016. -№ 6(48). -Часть 4. -С. 75-77.
7. Демин В.А. Профессиональная компетентность специалиста: понятия и виды / Демин В.А // Стандарты и мониторинг в образовании. -М., 2000. -№ 4. -С. 34-42.
8. Кикоть В.Я. Система научного обеспечения профессиональной подготовки слушателей вузов МВД России / В.Я. Кикоть. - СПб., 1998.
9. Коджаспирова, Г. М. Педагогический словарь / Г. М. Коджаспирова, А. Ю. Коджаспиров. -М.: Академия, 2006.
10. Костарев С. В. Образование и личностное становление будущих офицеров в современных условиях развития Вооруженных сил // Развитие военной педагогики в XXI веке / С. В.Костарев, И. И.

Соколова //Материалы V межвузовской научно-практической конференции. Под ред. С. В. Костарева, И. И. Соколовой, Н. В. Ершова. -СПб.: ВАС, 2018. -С. 6-14. -С. 7.
11. Красновский В. Н. Педагогическая коммуникация в сфере военного образования // Развитие военной педагогики в XXI веке / В. Н. Красновский //Материалы V межвузовской научно-практической конференции. Под ред. С. В. Костарева, И. И. Соколовой, Н. В. Ершова. СПб.: ВАС, 2018. -С. 146-153.
12. Ларина Т.В. Педагогическая система обеспечения качества военно-профессионального образования курсантов военных вузов: дисс. на соиск…. доктора пед. наук / Т.В. Ларина. – Воронеж, 2015. -342 с.
13. Макаренко, А. С. Педагогическая поэма / А. С. Макаренко. – М.: Просвещение, 1975.
14. Мельковская Е.А. Количественная оценка важности компетенций курсантов высших военно-морских институтов // Развитие военной педагогики в XXI веке / Е.А. Мельковская //Материалы V межвузовской научно-практической конференции. Под ред. С. В. Костарева, И. И. Соколовой, Н. В. Ершова. -СПб.: ВАС, 2018. -С. 161-166. -С. 162.
15. Нелюбов С.А. Субъективность и профессионализм руководителя образовательного учреждения как условия успешности его управленческой деятельности / С.А. Нелюбов // Материалы Международной научно-практ. конф. г. Новосибирск 20-22.02.2006. –Новосибирск: Издательско-полиграфическая компания «Твердый знак», 2006. -С. 404-409.
16. Сухомлинский, В. А. О воспитании / В. А. Сухомлинский. – М., 1985.
17. Ушинский, К. Д. Человек как предмет воспитания. Опыт педагогической антропологии / К. Д. Ушинский. – М.: Просвещение, 1992.

## НАҚШИ АФСАР-ОМӮЗГОР ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТНОКИИ КАСБИИ КУРСАНТҲОИ КАФЕДРАИ ҲАРБИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ

Муаллиф дар мақолаи худ нақши афсар-омӯзгорро дар ташаккули салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни кафедраҳои ҳарбии муассисаҳои таҳсилоти олӣ баррасӣ намудааст. Таърифоти мафҳуми «касбият» бо мафҳуми «салоҳиятнокӣ» муқоиса карда шуда, таъкид мешавад, ки ташаккули касбият ва салоҳиятнокӣ дар мутахассиси ояндаи ҳарбӣ раванди якпорча, маҷмуӣ ва мақсаднок дар кори таълимию тарбиявии ҳайати фармондеҳӣ – омӯзгории муассисаи таҳсилоти олӣ дар тамоми марҳилаҳои ташаккули тамоюли касбӣ дар курсантҳои кафедраҳои ҳарбии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба шумор меравад. Талабот ба шахсият, хислат ва маҳорат, хусусиятҳои таркибии ахлоқии афсар-омӯзгор шарҳу тавзеҳ дода шудаанд. Хулоса карда мешавад, ки шарти асосии салоҳиятнокии касбии педагогии хатмкунандаи кафедраи ҳарбӣ ташаккулёфтагии донишҳо, малакаҳо ва маҳоратҳо, сифатҳои касбӣ, таҷрибаи педагогӣ ва мавқеи педагогии афсар-омӯзгор ба шумор меравад.

**Калидвожаҳо**: афсар-омӯзгор, салоҳиятнокии касбӣ, курсант, кафедраи ҳарбӣ, муассисаи таҳсилоти олӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қувваҳои Мусаллаҳ, мутахассиси ҳарбӣ, сифатҳои касбӣ ва шахсиятӣ.

## РОЛЬ ОФИЦЕРА-ПРЕПОДАВАТЕЛЯ В ФОРМИРОВАНИИ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ КУРСАНТОВ ВОЕННОЙ КАФЕДРЫ ВУЗА

Автор в своей статье рассматривает роль офицера-преподавателя в формировании профессиональной компетентности курсантов военной кафедры вуза. Сравнивая определения “профессионализм” и понятие “компетентность, подчеркивается, что формирование профессионализма и компетентности в будущем военном специалисте является целостным, комплексным и целенаправленным процессом в учебно-воспитательной работе командно-преподавательского состава вуза во всех этапах формирования профессиональной направленности у курсантов военных кафедр вузов. Разъясняются требования к личности, характеру и умению, составным нравственным особенностям офицера-преподавателя. Делается заключение, что основным условием профессинально-педагогической компетентности выпускника военной кафедры является сфомированность знаний, навыков и умений, профессиональных качеств, педагогический опыт и педагогическая позиция офицера-преподавателя.

**Ключевые слова**: офицер-преподаватель, профессиональная компетентность, курсант, военная кафедра, вуз, Республика Таджикистан, Ворруженные Силы, военный специалист, профессиональные и личностные качества.

## THE ROLE OF AN OFFICER-TEACHER IN THE FORMATION OF PROFESSIONAL COMPETENCE OF CADETS OF THE MILITARY DEPARTMENT OF THE HIGHER EDUCATIONAL INSTITUTION

The author in his article considers the role of an officer-teacher in the formation of professional competence of cadets of the military department of the higher educational institution. Comparing the definitions of «professionalism» and the concept of «competence», it is emphasized that the formation of professionalism and competence in the future military specialist is a holistic, complex and purposeful process in the educational work of

the command and teaching staff of the higher educational institution at all stages of the formation of a professional orientation among cadets of military departments of higher educational institutionы. There are explained the requirements for the personality, character and skill, the constituent moral characteristics of an officer-teacher. It is concluded that the main condition for the professional and pedagogical competence of a graduate of a military department is the formation of knowledge, skills and abilities, professional qualities, pedagogical experience and the pedagogical position of an officer-teacher.

**Keywords**: officer-teacher, professional competence, cadet, military department, higher educational institution, Republic of Tajikistan, Armed Forces, military specialist, professional and personal qualities.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қурбонзода Дилшод Ҷаббор*** **-** Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов, сардори кафедраи ҳарбӣ. **Суроға:** 734053, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, шаҳрчаи Лучоб, 53

**Сведения об авторе:** ***Курбонзода Дилшод Джаббор*** – Таджикский институт физической культуры имени С.Рахимова - начальник военной кафедры. **Адрес:** 734053, Республика Таджикистан, город Душанбе, поселок Лучоб, 53.

**Information about the author:** ***Kurbonzoda Dilshod Jabbor*** **-** Tajik Institute of Physical Culture named after S. Rakhimov - head of the military department. **Address**: 734053, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Luchob settlement, 53.

**УДК:372.8 (575.3)**

# ИСТИФОДАИ АНДЕША ВА ОСОРИ ИЛМИИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИКУ ФОРС ДАР ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ДАҚИҚ

***Иноятов И.Д.***

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ (26.12.2019) солҳои 2020-2040-ро “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” эълон карданд.

Ба андешаи мо, яке аз роҳҳои татбиқи Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф – ин шинос кардани хонандагон бо мероси илмии мутафаккирони тоҷику форс ва дар ҳамин замина ташаккул додани тафаккури зеҳнии хонандагон зимни омӯзиши физика ба ҳисоб меравад.

Истифодаи мероси илмии мутафаккирони тоҷику форс дар таълими физика, алалхусус барои ташаккул додани тафаккури зеҳнии хонандагон то ба имрӯз таваҷҷуҳи муҳаққиқон, аз ҷумла методистонро ба худ ҷалб накардааст.

Мувофиқи маъхазҳои таърихи илм, танҳо дар асрҳои X-XI дар кишварҳои Осиёи Миёна ва Шарқи Наздик тақрибан 200 нафар мутафаккирони забардасти улуми дақиқро номбар кардан мумкин аст, ки осори илмӣ ва ихтирооташон калиди рушди бесобиқаи илмҳои дақиқ, аз ҷумла физика гардиданд. Ин мутафаккирон на танҳо ба масъалаҳои бунёдии назарияи илмҳо таваҷҷуҳ доштаанд, балки эшон ба таҳия ва ҳалли масоили зиёди назариявие ноил шудаанд, ки ба рушди илмҳои ҷаҳонӣ таъсири назаррас доштаанд. Тақдири ҳар як донишманди даврони мушаххас бо соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёт ба ҳамон давра роиҷбуда робитаи зич дорад. Касе, вобаста ба омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, ба дараҷаи олими ҷаҳонӣ расида, маъруф гашт ва на танҳо дар ватани худ, балки берун аз ҳудуди он низ эътироф ёфт [14, с. 5].

Айни замон, ба ҳамагон маълум аст, ки мероси илмии аксари мутафаккирони тоҷику форс (баъзан номҳои эшон) бо сабабҳои гуногун, масалан: гум шудан, дастрас набудан, миқдори ками осор ва ғ. номаълум ё кам маълуманд.

Бинобар ин, шинос кардани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба осори ин мутафаккирон ва дар ҳамин радиф баҳо додан ба инкишофи илми ҳамон давра, инчунин соҳаҳои ба он алоқаманди табииёт дар асоси таҳлили фонди мавҷудаи дастхатҳои қадим ва ё шарҳи онҳо аз тарафи олимон, насли оянда, албатта, аҳаммияти илмию амалӣ ва таълимиву тарбиявӣ дорад. Ҳамзамон, гумон мекунем, ки ин яке аз талаботи муносибати босалоҳият ба таълим буда, ба самаранок ба роҳ мондани тарбияи ватандӯстӣ, меҳанпарастӣ, башардӯстӣ ва ҳисси миллӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро лозим аст, ки дар ҳамбастагии узвӣ бо талаботи барномаҳои таълим ва бо баҳисобгирии робитаи байнифаннӣ зимни омӯзиши физика хонандагонро бо мероси илмии мутафаккирони тоҷику форс шинос гардонида, бо ҳамин васила тафаккури зеҳнии онҳоро ташаккул диҳанд.

Таҳлили барномаи таълим [4] ва китобҳои дарсии амалкунанда ба хулосае меоранд, ки ҳам дар барнома ва ҳам дар китобҳои дарсӣ барои шинос кардани хонандагон бо мероси илмии мутафаккирони тоҷику форс ва бо ҳамин васила ташаккул додани тафаккури зеҳнии онҳо шароиту имкониятҳои мувофиқ зиёданд. Тадқиқот нишон дод, ки ҳам дар ҷараёни дарсҳо ва ҳам дар раванди машғулиятҳои берунисинфӣ аз физика хонандагонро бо мероси илмии мутафаккирони тоҷику форс шинос намуда, бо ҳамин васила тафаккури зеҳнии онҳоро ташаккул додан

имконпазир аст, вале омӯзгорон аз ин имкониятҳо самаранок истифода намекунанд. Барои омӯзгорон ба ғайр аз китобҳои дарсию китоби “Маҷмуаи масъалаҳои физикӣ” дигар ягон маводи методиву таълимӣ ба забони давлатӣ (тоҷикӣ) мавҷуд нест.

Доир ба истифодаи андеша ва осори илмии мутафаккирони тоҷику форс дар таълими фанҳои дақиқ, умуман истифодаи маводи таърихӣ дар таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ муҳаққиқон А.Ҷ. Абдулакимова [1], Х. Абдуллозда ва М. Абдуллозода [2], Н.М. Бабаев [3], И.Д. Иноятов [6], К. Қодиров [7], А.Ш. Комилӣ [8], Р. Ҷумъаев [10], Л.А. Одинаева [11], Сафаралӣ Авлиёқул [12], Г. Собиров [13], У.С. Умаров [14], К. Фатҳуллоев [15] А.М. Хоҷаев [16], У.К. Шерматова [17], Т.А. Шукуров ва М.Х. Маликов [18] ва дигарон дар тадқиқоташон андешаҳои ҷолиб пешниҳод кардаанд.

Чуноне ки тадқиқоти мо собит намуд, дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба истифодаи андеша ва осори илмии мутафаккирони тоҷику форс дар таълими фанҳои дақиқ то ҳол ягон тадқиқоти мукаммал гузаронида нашудааст.

Таҷрибаи таълими фанҳои дақиқ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми дар муҳассилин ташаккул додани мафҳуму тасаввуроти илмӣ, баёни муҳимтарин назарияю таҷрибаҳои фанҳои дақиқ ба мундариҷаи дарс дохил намудани маводи таърихӣ аҳаммияти калон дорад. Дар ин маврид истифода бурдани маълумоти таърихии ба маводи таълимӣ робитаи узвидошта имкон медиҳад, ки шогирдон доир ба методҳои тадқиқоти илмӣ тасаввурот ҳосил карда, робитаи илмҳои дақиқро бо техника ва истеҳсолот, бо ҳаёти ҷомеа дарк намоянд, шавқу ҳаваси онҳо ба фанҳои дақиқ ташаккул ёбад.

Таърихи илм ва техникаро донистан барои ҷавонон, баҳри онҳое, ки моҳият ва аҳаммияти муваффақиятҳои ҳозиразамони илмӣ-техникиро донистан мехоҳанд, хеле муҳим аст. Бинобар ин, зимни таълими фанҳои дақиқ фақат бо маълумоти таърихие, ки дар китоби дарсӣ мавҷуданд, маҳдуд шудан лозим нест. Вақти берун аз дарсро моҳирона истифода бурда, дар раванди таълим аз сарчашмаҳои гуногун маводи таърихиро дохил намудан мувофиқи матлаб аст. Мақсади асосии бо ҷузъиёти таърихи илмҳои дақиқ шинос намудани шогирдон - ба онҳо нишон додани динамикаи инкишофи илм, робитаи он бо техникаю истеҳсолот, фаҳмондани нақши илм дар ҳаёти ҷомеа, ошкор намудани хусусиятҳои меҳнати олимон, далелҳои аз ҷиҳати тарбиявӣ муҳимми тарҷумаи ҳоли олимони (табиатшиносони) намоён мебошад.

Таълими фанҳои дақиқ дар шароити нави таърихӣ, ки пешрафтҳои ҷаҳони муосир, равандҳои ҷадиди технологӣ аз ҷумлаи муҳимтарин дастовардҳои он ба шумор меравад, муносибати дигаргуна ва мутобиқ ба меъёрҳои ҷаҳони имрӯзро тақозо дорад. Бо назардошти ниёзмандиҳои бештар ба ислоҳоти раванди таълими фанҳои дақиқ, риёзӣ ва табиатшиносӣ, ки дар ҷараёни татбиқи он тадбирҳои муҳим ва зарурӣ ҳосил мешаванд, дар сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барномаҳои бузурге дар сатҳи давлатӣ мавриди амал қарор гирифта истодаанд, ки яке аз онҳо эълони “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” барои солҳои 2020-2040 ба шумор меравад. Ҳамзамон, тули се сол аст, ки дар Тоҷикистон озмуни ҷумҳуриявии «Илм фурӯғи маърифат» баргузор шуда истодааст, ки дар навбати аввал агар ҳадафи аслии ин озмун ҷалби наслҳои мухталифи ҷомеа, шуруъ аз хонандагону донишҷӯён то ба насли калонсол ба китобхониву боло бурдани сатҳи маърифати мардум бошад, аз ҷониби дигар яке аз муҳимтарин рукнҳои он татбиқи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) ба шумор меравад. Воқеан, давоми даҳсолаи охир мо ба равшанӣ эҳсос намуда истодаем, ки дар кишвари мо барои боло бурдани сатҳи тафаккури техникии ҷомеа, тарбияи кадрҳои баландихтисос дар соҳаҳои илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ, риёзӣ ва дар умум татбиқи барномаҳои бузурги марбут ба ҷорӣ намудани низомҳои технологии ҷаҳони муосир тадбирҳои

амалӣ андешида мешаванд. Аз ҷумла, давоми ин солҳо мо шоҳиди ба таври пурра компютерикунонии тамоми самтҳои фаъолияти хоҷагии халқ, ба шабакаи ягонаи иттилоърасонӣ пайвастан ва дар умум гузариш ба низомҳои технологии пешқадам гардида истодаем. Самараи ин тадбирҳои муҳим буд, ки имрӯз дар низоми маориф таҳсилоти фосилавӣ ҷорӣ гардида, аллакай имкониятҳои мусоид барои таҳсили ҷавонони мо дар беҳтарин муассисаҳои таҳсилоти олии ҷаҳон аз ин роҳ фароҳам омада истодааст. Ҳанӯз, соли 2010 бо ибтикори Пешвои миллат Соли рушди маориф ва фарҳанги техникӣ дар мамлакат эълон гардид, ки барои расидан ба ин ҳадафҳои бузург заминаҳои мусоид гузошт. Баробари ин, заминаҳои гузариш ба ҳукумати электронӣ гузошта шуд, ки инак давоми 13 сол аст, ки барои татбиқи он аз имкониятҳои мавҷуда фаровон истифода шуда, ҳоло муҳимтарин низомҳои пардохти пулӣ, хизматрасониҳо тавассути барномаҳои электронӣ амалӣ мешаванд. Муҳимтарин тадбир ва омил барои таҳкими заминаҳои татбиқи тамоми самтҳои ҳукумати электронӣ омода намудани кадрҳои баландихтисос дар ин самт ба шумор меравад. Аз ин нуктаи назар, бо итминони комил метавон изҳор дошт, ки баргузории озмуни "Илм фурӯғи маърифат" дар баробари ҳамаи афзалиятҳои дигари худ, аз ҷумла боло бурдани сатҳи маърифати техникии ҷомеа, ҷалби бештари ҷавонон ба китобхонӣ ва маърифатпарварӣ, рушду мусоидат дар пешрафти ихтироъкориву навоварӣ заминаҳои муҳим барои тарбияи кадрҳои ҷавобгӯ ба ниёзҳои замонро фароҳам меоварад. Боварии комил дорем, ки баргузории озмуни "Илм фурӯғи маърифат" чеҳраҳои навро дар арсаи илму маориф ва навовариву ихтироъкорӣ кашф намуда, барои тарбияи насли хирадварз дар риштаҳои илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва риёзӣ заминаҳои мусоид фароҳам хоҳад овард. Дар канори ин, ширкати фаъоли хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, пеш аз ҳама ҷавонони саодатманду маорифпарвари кишвар, моро итминон мебахшад, ки минбаъд сафи олимону донишмандон ва навоварону ихтироъкорон зиёд гардида, ин тадбири наҷиб ҷиҳати расидан ба яке аз ҳадафҳои муҳимми давлатӣ, яъне ҳадафи чоруми мамлакат - саноатикунонии мамлакат нақши муассир ва матлуб мегузорад, зеро расидан ба ин ҳадафи наҷиб бидуни тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар самти илмҳои дақиқ имконнопазир аст. Ин кадрҳои баландихтисос бояд заминаҳои донишҳои хешро бояд аз зинаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ гирифта, ба марҳилаҳои баъдӣ омодагии ҷиддӣ бинанд.

Бояд афзуд, ки дар меҳвари сиёсати Пешвои миллат дар самти рушди маорифи миллӣ, хосса таълими босамари фанҳои дақиқ, масъалаи саҳми донишмандони тоҷик дар пешрафти илмҳои дақиқ, тавассути нигориши асарҳои назарии илмӣ хеле назаррас аст. Пешвои миллат дар китоби "Забони миллат- ҳастии миллат", пеш аз ҳама, забони тоҷикиро ҳамчун забони илм муаррифӣ намуда, таъкид бар он доштаанд, ки "таърихи таълифи куҳантарин осори илмии форсӣ, ки то замони мо расидааст, ба нимаи дуюми асри даҳи мелодӣ мувофиқ меояд. Вале муҳаққиқон далелҳои зиёдеро шоҳид овардаанд ва ҳамин далелҳо собит мекунанд, ки дар ин давра забони илмии тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) мавҷуд буда, барои ифодаи мафҳумҳои илмӣ имкони кофӣ доштааст. Муҳимтарини ин далелҳо ба шарҳи зер аст:

1. Шаҳодати донишмандони гузашта дар бобати мавҷуд будани осори илмӣ ба забони тоҷикӣ (дарӣ). Гуфтем, ки Абурайҳони Берунӣ дар асарҳои худ аз китобҳои тоҷикӣ (форсӣ) дар илми нуҷум, ҳамчунин аз рисолаи тоҷикӣ (форсӣ)-и Наср ибни Яъқуби Динаварии Котиб, ки дар бораи сангҳои қиматбаҳо ва ҷисмҳои маъданӣ навиштааст, ѐд мекунад. Муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» ҳам аз мавҷудияти «кутубҳои ахбор» дар заминаи ҷуғрофия ёдовар мешавад, ки бешубҳа, ба забони тоҷикӣ (форсӣ) таълиф гардида, маводи онҳо ҳангоми таснифи «Ҳудуд-ул-олам» дастраси муаллиф будааст.

2. Шевоию расоии гуфтор ва пухтагии забони навиштори ҳамин осори илмӣ ва осори илмии баъдӣ аз собиқаи деринаи забони мо барои таълифи осори илмӣ ба ин забон шаҳодат медиҳад".

Дар доираи мавриди амал қарор додани барномаҳои бузурги “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” яке аз масъалаҳои муҳим баланд бардоштани сатҳу сифати таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ мебошад. Яке аз роҳҳои муҳим ва зарурӣ дар ҷараёни таълими фанҳои мазкур истифодаи бамавриди осори донишмандон ва мутафаккирони барҷастаи асримиёнагии тоҷик ба шумор меравад. Таваҷҷуҳ ба ин шеваи муҳимми таълим аз ду ҷиҳат бисёр муҳим ва омӯзанда аст:

1. Дар ҷараёни истифодаи андешаҳои илмӣ ва осори мутафаккирони тоҷику форс ҳангоми таълими физикаву математика, пеш аз ҳама, саҳми донишмандони тоҷик дар рушди фанҳои дақиқ равшан мегардад. Хонандагон, пеш аз ҳама, аз он огаҳӣ хоҳанд ёфт, ки олимони тоҷик дар гузашта барои рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ чӣ хидматҳои бузург кардаанд. Осори ин донишмандон барои омӯзиши муҳимтарин муаммо ва мушкилоти таълими фанҳои дақиқ истифода бурда мешавад.

2. Бо истифода аз маводи асарҳои илмии донишмандони гузаштаи мо, ки ҳоло дар саросари ҷаҳон онҳо мавриди таълим ва тадқиқ қарор гирифтаанд, барои ташаккули тафаккури илмӣ, неруи ақлонии хонандагон метавон таъсири пурфайз гузошт.

Аллакай ҳангоми омӯзиши мавзуи аввали физика ба муҳассилин доир ба илми физика, тараққиёти он, ҳодисаҳои физикӣ, робитаи физика бо техника маълумот дода мешавад. Ин ҷо қайд карда мешавад, ки илм бо шарофати меҳнати суботкоронаи одамон ривоҷ меёбад. Ҳамин ҷо мо ба шогирдон доир ба саҳми олимони гузаштаи тоҷик дар инкишофи илми физика маълумот медиҳем. Қайд мекунем, ки мувофиқи навиштаҳои П.С. Кудрявсев [9] ҳиссаи олимони мамлакатҳои Шарқ дар инкишофи физикаи ҷаҳонӣ кам нест. «Давлатҳои Шарқ - менависад ӯ - аз ҷиҳати тараққиёти иқтисодию маданӣ нисбат ба Европаи давраи аввали асримиёнагӣ (асрҳои VII-XI) хеле пеш рафта буданд. Масалан, дар замоне ки Берунӣ Птолемейро тарҷума мекард, радиуси Заминро муайян менамуд ва дар бораи Системаи гелиосентрикии олам фикр меронд, дар Европа чунин тасаввуроти содалавҳонае ҳукмфармо буд: Заминро монанди нони болояш бо сарпӯши булӯрин пӯшида ва атрофаш бо укёнус печонидашуда мепиндоштанд» [9, с. 27].

Соатҳои таълимии дар барномаи таълимии амалкунанда [4] ҷудо кардашуда, талаботи стандарти таълими фанро таъмин карда наметавонад. Ба андешаи мо, дар сатҳи минималӣ барои синфҳои VII, VIII ду соат, синфи IX се соат ва дар синфҳои X ва XI на кам аз чор соат дар як ҳафта ҷудо кардан лозим аст. Барои таълими физика дар равияҳои ҷамъиятӣ - гуманитарӣ стандарти нав қабул карда, китобҳои дарсии алоҳидаро таҳия кардан зарур аст.

Аз дидгоҳи истифодаи андешаҳои олимони барҷастаи тоҷик Берунӣ, Умари Хайём, Форобӣ ва дигарон дар ҷараёни тадрис ва ҳам таҳияи китобҳои дарсӣ низ қобили қабул аст. Масалан, вақте ки сухан дар бораи бахшҳои асосии илми физика меравад, бояд хидмати Умари Хайём дар иншои рисолаҳои хосси илмӣ аз назарҳо берун намонад. Тавре донишмандон дақиқ намудаанд, Умари Хайём баробари хидмати бузург дар рушди илми математика барои инкишофи илми физика низ саҳми назаррас дорад [2, с. 61]. Аз ӯ рисолаҳои дар бораи бахшҳои ҷудогонаи физика чун механика, гидростатика, ҳавошиносӣ ва ғайра то замони мо расидаанд, ки ҳамагӣ аз арзиш ва аҳаммияти барҷастае бархурдор мебошанд. Бар асоси тадқиқоти анҷомёфта маълум гардид, ки Умари Хайём дар заминаи фанни ҳандасаи тасвирӣ низ рисолае таҳия намудааст ва аз он метавон дар ҷараёни таълими ин фан дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода намуд [2, с. 64].

Ба ишороти олимон аввалин китобе, ки дар илми ҳисоб ба қалами Умари Хайём нисбат дода мешавад, “Мушкилоти илми ҳисоб” ном доштааст, вале то имрӯз омада нарасидааст. Албатта, гумони мо ин аст, ки нусхае аз ин китоб дар кадом гӯшае аз олам дар китобхонаҳои ҷаҳон шояд маҳфуз бошад ва ҷусторҳои илмӣ имконият медиҳанд, ки он пайдо ва мавриди тадқиқи олимон қарор бигирад. Ҳоло дар асоси

дастрасӣ ба китобхонаҳои ҷаҳон ва феҳристи нусхаҳои хаттӣ маълум гардид, ки ниёгони мо китобҳои фаровоне дар илмҳои дақиқ, риёзӣ, нуҷум, ҳандаса ва амсол ин навиштаанд, ки танҳо нусхаҳои хаттии корнохӯрдаи онҳоро мо дар ихтиёр дорем. Яке аз вазифаҳои муҳим дар шароити кунунӣ ба омӯзиш ва тадқиқ фаро гирифтани онҳост, ки барои дар оянда боз ҳам тақвият додани тафаккури техникӣ ва маърифати илмии насли наврас мусоидат мекунад. Ба назари мо, бисёр хуб мешуд, агар дар заминаи барномаҳои "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» як нақшаи муҳимми тадқиқ ва омӯзиши мероси хаттии олимон ва донишмандони бузурги гузаштаи мо роҷеъ ба илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиатшиносӣ таҳия гардида, дар заминаи он корҳои назаррасе анҷом дода шаванд. Дар ин маврид, имконият фароҳам мегардад, то ки мероси олимон ва донишмандону мутафаккирони бузурги гузаштаи мо оид ба илмҳои дақиқ, аз ҷумла масъалаҳои физикиву химиявӣ, ҳандаса, риёзиёт мавриди омӯзиш қарор гирифта, барои хонандагон ва донишҷӯёни риштаҳои илмҳои дақиқ таълим дода шаванд.

Дар баробари ин, яке аз китобҳои дигари Умари Хайём дар илми риёзиёт таҳти унвони «*Рисолатун фил-бароҳин ало масоилил-ҷабри вал-муқобала*» (дар бораи муодилаи дараҷаи сеюм) мебошад. Тибқи ахбори дар сарчашмаҳо мавҷуда, бо сабаби робитаи хуби худ бо Низомулмулк ин китобро пас аз иншо ба ӯ тақдим кардааст. Дар баробари ин, асари дигари ӯ, ки шуҳрати зиёде ҳам пайдо намуд ва онро муҳимтарин ва таъсиргузортарин китоби Хайём дар илми математика низ меноманд, «*Рисолатун фӣ шарҳи мо ушкила мин мусодароти Иқлидус*»- мебошад, ки дар он доир ба хутути мувозӣ (аломати баробарӣ) ва назарияи нисбатҳо сухан меравад [2].

Дар шароити муосири талаботи навини таълими фанҳои дақиқ ва риёзӣ ва бо назардошти он ки китобҳои мазкур бо хатти кириллӣ таҳия ва нашр гардида истодаанд, дар раванди таълими фанҳои риёзӣ ва физикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ бояд таълим дода шаванд. Мутолиаи рисолаи илмии Хайём дар бораи ҳалли муодилаи савум, пеш аз ҳама, ин нуктаро равшан ва барҷаста мегардонад, ки бояд хонандагони мо донанд, ки то кадом андоза назарияҳои илмии ӯ барои ҳалли муодилаи квадратӣ дар илми математика хидмат намудаанд.

Нуктаи дигари қобили таъкид он аст, ки нахустин китоб дар бораи илми риёзӣ низ бо забони тоҷикӣ таълиф шудааст, ки "Шуморнома" ном дошта, дар бораи чор амали математикӣ баҳс мекунад. Ин асар ба қалами Муҳаммад ибни Айюби Ҳосиби Табарӣ тааллуқ дошта, ба қавли муаллифи он, «дар иборате мухтасар, ба фаҳм наздик» буда, дар ин китоб мафҳумҳои ҳар чор амали аслии арифметика (ҷамъу тарҳ ва зарбу тақсим), адад, каср, ҷазр (решаи квадратӣ), каъб (решаи кубӣ) бо мисолҳои мушаххас шарҳ дода шудаанд.

Ҳамин тавр, аз тадқиқи масъала равшан мешавад, ки гузаштагони мо дар рушди илмҳои дақиқ хидмати бузурге анҷом додаанд ва осори онҳо бояд дар замони муосир барои рушди илмҳои дақиқ ва таълими онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ ба таври шоиста истифода бурда шаванд. Истифодаи босамари ин осор метавонад барои ҳаллу фасли мушкилот ва муаммоҳои илми муосир ва такмили сифати таҳсилоту таълими илмҳои дақиқ мусоидат намоянд.

**Муқарриз: Раҷабов У.Х. – н.и.п., дотсенти ДДОТ ба номи С,Айнӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдулакимова Ҷ.А. Методикаи истифодаи маводи таърихӣ дар чараёни таълими математика дар донишгоҳҳои тамоюли омӯзгорӣ (дар мисоли ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров). Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогика / Ҷ.А. Абдулакимова. – Бохтар, 2018. – 23 с.
2. Абдуллазаде Х.Ф. Умар Хайям – крупнейший астроном XI-XII вв. / Х.Ф. Абдуллазаде // Центрально-Азиатские гуманитарные исследования №4. – Худжанд, 2000. - С. 60-69.
3. Бабаев Н.М. Развитие математики и математического образования в связи с развитием астрономии на Среднем и Ближнем Востоке в XV-XVIII вв.: Автореф. дисс., предс. на соиск. уч. степ. канд. пед. наук / Н.М. Бабаев. – Душанбе: ДГПИ, 1968. – 15 с.

4. Барномаи физика барои синфҳои 7-11-и мактабҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе: Матбуот, 2004. – 46 с.
5. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав / Б.Ғ. Ғафуров. – Душанбе: Дониш, 2008. – 870 с.
6. Иноятов И.Д. Саҳми донишмандони тоҷику форс дар тадқиқи илми физика / И.Д. Иноятов // Номаи Донишгоҳ. -2022. -№4 (73). –С. 58-62.
7. Қодиров К. Истифодаи осори Абуалӣ ибни Сино дар дарсҳои биологияи синфи VIII / К.Қодиров // Мактаби советӣ. – 1986. - №2. -С. 24-26.
8. Комилӣ А. Ибни Сино дар оинаи муҳаққиқон: Раҳнамое андар Сино. -2005.
9. Кудрявцев П.С. Курс истории физики. Учеб. пособие для студентов физ.-мат. фак. пед. ин-тов./ П.С. Кудрявцев. - М.: Просвещение, 1974.
10. Ҷумъаев Р. Истифодаи эҷодиёти Берунӣ дар таълими физика (дар синфи VI-VII) / Р. Ҷумъаев // Муаллимони физика таҷриба иваз мекунанд (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: ИДПД, 1975. – С. 79-86.
11. Одинаева Л.А. Методика использования научных идеи ученых-энциклопедистов Средней Азии и Ирана IX-XIII вв. при обучении естественнонаучным дисциплинам (на материалах школ и ВУЗов Республики Таджикистан): Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата педагогических наук / Л.А. Одинаева. – Курган-Тюбе, 2012. – 22 с.
12. Сафаралӣ Авлиёқул. Методикаи истифодаи мероси илмии мутафаккирони тоҷику форс дар таълими астрономия (дастур барои омӯзгорон). – Душанбе: ДДОТ, 2020. – 122 с.
13. Собиров Г. Инкишофи математика дар Осиёи Миёна (асрҳои XV-XVII) / Г.Собиров. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 114 с.
14. Умаров У.С. Истифодаи маводи маҳал дар ҳалли масъалаҳои тарбиявии таълимии физика / У.С. Умаров. – Душанбе: ДДОТ, 2009. – 84 с.
15. Фатхуллоев К. Математическое наследие средневековых математиков Средней Азии и его использование в современном математическом образовании: Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата педагогических наук / К.Фатхуллоев. – Душанбе: ТГПУ, 2010. – 22 с.
16. Хоҷаев А.М. Методикаи истифодаи маводи таърихӣ ҳангоми таълими геометрия дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ: Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ / А.М. Хоҷаев. – Бохтар, 2019. – 43 с.
17. Шерматова У.К. Использование элементов историзма в обучении математике в школах среднеазиатских Советских республик: Автореф. дис. на соиск. учен. степ. канд. пед. наук: (13.00.02) / У.К. Шерматова. – Ташкент: ТГПИ, 1978. – 20 с.
18. Шукуров Т.А. Истифодаи маълумотҳои таърихӣ ҳангоми таълими физика / Т.А.Шукуров, М.Х. Маликов. Қисми 1. – Душанбе, 1991. – 143 с.

## ИСТИФОДАИ АНДЕША ВА ОСОРИ ИЛМИИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИКУ ФОРС ДАР ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ДАҚИҚ

Дар мақолаи мазкур қайд гардидааст, ки таҷрибаи таълими фанҳои дақиқ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми дар муҳассилин ташаккул додани мафҳуму тасаввуроти илмӣ, баёни муҳимтарин назарияю таҷрибаҳои фанҳои дақиқ ба мундариҷаи дарс дохил намудани маводи таърихӣ аҳаммияти калон дорад. Муаллиф зикр кардааст, ки истифода кардани маълумоти таърихии ба маводи таълимӣ робитаи узвидошта имкон медиҳад, ки шогирдон доир ба методҳои тадқиқоти илмӣ тасаввурот ҳосил карда, робитаи илмҳои дақиқро бо техника ва истеҳсолот, бо ҳаёти ҷомеа дарк намоянд, шавқу ҳаваси онҳо ба фанҳои дақиқ ташаккул ёбад. Мақсади асосии бо ҷузъиёти таърихи илмҳои дақиқ шинос намудани шогирдон - ба онҳо нишон додани динамикаи инкишофи илм, робитаи он бо техникаю истеҳсолот, фаҳмондани нақши илм дар ҳаёти ҷомеа, ошкор намудани хусусиятҳои меҳнати олимон, далелҳои аз ҷиҳати тарбиявӣ муҳимми тарҷумаи ҳоли олимони намоён мебошад. Таваҷҷуҳ ба истифодаи андеша ва осори илмии мутафаккирони тоҷику форс дар ҷараёни таълими фанҳои дақиқ аз ду ҷиҳат бисёр муҳим ва омӯзанда аст:

1. Дар ҷараёни истифодаи андешаҳои илмӣ ва осори мутафаккирони тоҷику форс ҳангоми таълими физикаву математика, пеш аз ҳама, саҳми донишмандони тоҷик дар рушди фанҳои дақиқ равшан мегардад. Шогирдон, пеш аз ҳама, аз он огаҳӣ хоҳанд ёфт, ки олимони тоҷик дар гузашта барои рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ чӣ хидматҳои бузург кардаанд. Осори ин донишмандон барои омӯзиши муҳимтарин муаммо ва мушкилоти таълими фанҳои дақиқ истифода бурда мешавад.

2. Бо истифода аз маводи асарҳои илмии донишмандони гузаштаи мо, ки ҳоло дар саросари ҷаҳон онҳо мавриди таълим ва тадқиқ қарор гирифтаанд, барои ташаккули тафаккури илмӣ, неруи ақлонии хонандагон метавон таъсири пурфайз гузошт.

**Калидвожаҳо:** маориф, илм, илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ, риёзӣ, физика, хонандагон, стандарт, механика, гидростатика, ҳандаса, тафаккури техникӣ, муодила, адад, каср.

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИДЕЙ И НАУЧНЫХ ТРУДОВ ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ В ПРЕПОДАВАНИИ ТОЧНЫХ ДИСЦИПЛИН

В данной статье отмечается, что опыт преподавания точных дисциплин в средних общеобразовательных и высших учебных заведениях показывает важность включения исторического материала в содержание урока при формировании у учащихся научных понятий и представлений. Автор упомянул, что использование исторических сведений, относящихся к учебным материалам, позволяет учащимся получить представление о методах научного исследования, понять связь точных наук с техникой и производством, с жизнью общества, развить у них интерес к точным дисциплинам. Основная цель ознакомления учащихся с элементами истории точных наук - показать им динамику развития науки, ее связь с техникой и производством, объяснить роль науки в жизни общества, выявить особенности работ ученых, воспитательно важных фактов биографии выдающихся ученых.

Обращать внимание на использование идей и научных трудов таджикско-персидских мыслителей в процессе преподавания точных дисциплин очень важно и поучительно в двух отношениях:

1. В процессе использования научных идей и трудов таджикско- персидских мыслителей при преподавании физики и математики становится очевидным вклад таджикских ученых в развитие точных дисциплин. Прежде всего, учащиеся узнают, какие большие заслуги в прошлом имеют таджикские ученые в развитии естественных, точных и математических наук. Работы этих ученых используются для изучения важнейших вопросов и проблем преподавания точных дисциплин.

2. Используя материалы научных работ наших ученых предков, которые сейчас преподаются и исследуются во всем мире, можно благотворно повлиять на формирование научного мышления и интеллектуальных способностей учащихся.

**Ключевые слова:** просвещение, наука, точные науки, природоведение, математика, физика, учащиеся, стандарт, механика, гидростатика, геометрия, техническое мышление, уравнение, число, дробь.

## USING THE IDEAS AND SCIENTIFIC WORKS OF TAJIK-PERSIAN THINKERS IN TEACHING EXACT DISCIPLINES

This article notes that the experience of teaching exact disciplines in secondary general education and higher educational institutions shows the importance of including historical material in the content of the lesson when forming students' scientific concepts and ideas. The author mentioned that the use of historical information related to educational materials allows students to get an idea about the methods of scientific research, understand the connection between the exact sciences and technology and production, with the life of society, and develop their interest in exact disciplines. The main goal of introducing students to the elements of the history of the exact sciences is to show them the dynamics of the development of science, its connection with technology and production, explain the role of science in the life of society, identify the features of the work of scientists, educationally important facts of the biography of outstanding scientists.Paying attention to the use of ideas and scientific works of Tajik-Persian thinkers in the process of teaching exact disciplines is very important and instructive in two respects:

1. In the process of using scientific ideas and works of Tajik-Persian thinkers in teaching physics and mathematics, the contribution of Tajik scientists to the development of exact disciplines becomes obvious. First of all, students will learn what great contributions Tajik scientists made in the past for the development of natural, exact and mathematical sciences. The works of these scientists are used to study the most important issues and problems of teaching exact disciplines.

2. Using the materials of the scientific works of our scientific ancestors, which are now taught and researched all over the world, it is possible to have a beneficial effect on the formation of scientific thinking and intellectual abilities of students.

**Keywords:** education, science, exact sciences, natural history, mathematics, physics, students, standard, mechanics, hydrostatics, geometry, technical thinking, equation, number, fraction.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Иноятов Ислом Додобоевич*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров муаллими калон, кафедраи методикаи таълими физика. **Суроға:** 735700. , шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистонкӯчаи Мавлонбеков,1. Телефон: **92-618-08-00.**

**Сведения об авторе:** ***Иноятов Ислам Додобоевич*** - Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова, старший преподаватель, кафедра методики преподавания физики.
**Адрес:** 735 700. город Худжанд, Республики Таджикистан, улица Мавлонбекова,1. Телефон: **92-618-08-00.**

**About the author:** ***Inoyatov Islam Dodoboevich*** - Khujand State University named after Academician Bobojon Gafurov, Senior Lecturer, Department of Methods of Teaching Physics. **Address:** 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, Mavlonbekova passage, 1. Phone: **92-618-08-00.**

ТДУ:372.800.8 (575.3)

# МАСЪАЛАҲОИ ЭҲЁИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ КИШВАР

*Саидов А.Ғ.*
**МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»**

Яке аз самтҳои муҳимми сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули афкори бунёдкорӣ ва тарбияи ифтихори миллии сокинони кишвар маҳсуб мешавад. Расидан ба ин ҳадафҳоро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавассути фарҳанги миллӣ, аз ҷумла бо роҳи эҳёи мероси таърихию фарҳангии ниёгони халқи тоҷик арзёбӣ намудаанд [16,с.369].

Ибтикороти муҳиме, ки солҳои соҳибистиқлолӣ дар ин самт ба он диққати махсус дода шуд, ин ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ ва бунёди осорхонаҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ мебошад. Доир ба аҳаммияти муҳим доштани фаъолияти осорхонаҳо дар ҳаёти ҷомеа Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин ибрози ақида намудаанд: «Халқе, ки ба гузаштааш арҷ мегузорад, халқе, ки ҳофизаи қавии таърихӣ дорад, ҳатман осорхона бунёд мекунад» [3,с.4].

Бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» (соли 1997), «Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо» (соли 2004 бо таҳрири нав соли 2012) [4] заминаи воқеии ҳуқуқӣ барои ба зинаи нави рушд ва ба талаботи даврони истиқлол мувофиқ намудани фаъолияти осорхонаҳо шароит муҳайё гардид.

Чунончи, дар чанд соли охир осорхонаҳои нав ва ҷавобгӯ ба фаъолияти осорхонавӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар, Хуҷанд, Ҳисор, Турсунзода, Кӯлоб, Роғун, Ваҳдат ва ноҳияҳои Данғара, Восеъ, Муъминобод, Файзобод, Лахш, Ҳамадонӣ, Ховалинг, Зафаробод, Спитамен, Панҷакент ва дигар минтақаҳо ба фаъолият оғоз намуданд. Феълан сокинони кишвар ва меҳмонони хориҷӣ аз онҳо ба таври васеъ истифода мебаранд. Ин раванд, пеш аз ҳама, ба фаъолияти самарабахши Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ба мавҷудияти заминаҳои муҳимми таърихӣ - мероси пурғановати фарҳангии тоҷикон ҳамбастагии зич дорад.

Яке аз самтҳои хеле асосии сиёсати фарҳангии кишварамон рушди ғояҳои созандагӣ, тарбияи насли наврас ва ҷавонон дар руҳияи ифтихори миллӣ, нигоҳдории сулҳу ягонагӣ дар ҷомеа ва якдигарфаҳмии кулли мардуми кишвар ба ҳисоб меравад. Мо аслан ба воситаи фарҳанги миллӣ, аз ҷумла бо роҳи эҳёи мероси таърихию фарҳангии ниёгони халқи тоҷик ба мақсадҳои дар боло зикршуда расида метавонем. Дар Паём ба ҷаласаи якуми якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Мачлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 27 апрели соли 2000 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ин масъала чунин иброз намудаанд: «Таърих гувоҳ аст, ки халқи тоҷик аз қаъри асрҳо то имрӯз симои миллати худро, пеш аз ҳама, тавассути фарҳанг нигоҳ доштааст ва дар байни халқу миллатҳои дигар соҳиби нуфузу эътибор гаштааст» [16,с.370].

Бояд қайд намуд, ки яке аз воситаҳои эҳёи фарҳанги миллӣ, ин таҷлили ҷашнвораҳои арбобони барҷастаи илму адаб ва ҳунари тоҷику форс мебошад. Ба шарту шароити иқтисодию сиёсии кишвар нигоҳ накарда, дар даврони соҳибистиқлолӣ ҷашни чандин нафар шахсони маъруфу машҳури халқи тоҷик бо шукӯҳу шаҳомати хосса баргузор гардид. Масалан, 675 - солагии зодрӯзи шоири маъруфи халқи тоҷик Камоли Хуҷандӣ. Дар ҳавзаи чорабиниҳо дар Академияи илмҳои Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, коллеҷу литсейҳо ва марказҳои фарҳангӣ бо иштироки олимону адибон ва фозилони хориҷию ватанӣ, омӯзгорону донишҷӯён ва мактабиён, конференсияҳои илмиву адабӣ ва вохӯриҳо баргузор гардида, дар он садҳо суханрониҳои илмию адабӣ оид ба ҳаёт ва эҷодиёти Камоли Хучандӣ шунида, дар маҷаллаҳо мақолаҳои зиёд ба чоп расиданд. Ғайр аз ин, аз радио ва телевизиони тоҷик гуфтору намоишҳои сершумор шунавонида ва нишон дода шуданд. Бо саъю кӯшиши олимону муҳаққиқони тоҷик «Девони Камоли Хучандӣ» дар 4 ҷилд ба чоп расида, дастраси ҳаводорони ғазалиёти шоир гардид [6].

Дар ин раванд идеяи ҷашни 675 - солагии Камоли Хучандӣ ба баргузории таҷлили ҷашни 680 -солагии олим ва мутафаккири бузурги Машриқзамин Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ такон дод. Мероси илмию адабӣ ва маънавии Мир Саид Алии Ҳамадонӣ фаровон буда, зиёда аз 70 асарҳоиахлоқию фалсафӣ, ҳуқуқию адабӣ ва диниро, ба монанди «Захират-ул-мулук», «Макорим-ул-ахлоқ», «Рисолати вуҷудия», «Рисолаи футуввия», «Ислоҳи суфия» ва ғайраҳоро эҷод намудааст. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар жанрҳои мухталифи адабӣ - маснавӣ, ғазал, рубоиву дубайтӣ ва ғайра асар эҷод кардааст.

Ҷашни 680-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аввалин бор дар Тоҷикистони соҳибистиқлол рӯзҳои 4-9 сентябри соли 1995 баргузор гардид. Дар ҷашн меҳмонони зиёд аз Ҳиндустону Покистон, Амрикою Франсия, Эрону Ӯзбекистон, Афғонистон, Олмон ва дигар мамлакатҳо, инчунин авлодони адиб аз Покистон ширкат варзиданд. Дар шаҳрҳои Душанбе ва Кӯлоб Симпозиуми байналмилалӣ доир гардид ва дар он олимону муҳаққиқони кишварҳои зиёд оид ба мавқеи орифи бузург дар тамаддуни мардумони Машриқзамин суханронӣ намуданд. Фишурдаи ин суханрониҳо ба забони тоҷикӣ бо ҳуруфи арабӣ ба нашр расид. Осори мунтахаби адиб ва орифи бузурги халқи тоҷик дар ду ҷилд, инчунин монографияи муҳаққиқи осори ӯ Моҳирхӯҷа Султонзода «Таълимоти ирфонии Алии Ҳамадонӣ» нашр гардида, асарҳои саҳнавии Муҳаммад Ғоиб «Шоҳи Ҳамадон», Сафармуҳаммад Аюбӣ «Алии Сонӣ» ва телефилми ӯ бо ин ном таҳия шуда, манзури меҳмонон ва ҳамватанон гардиданд.

Мавриди зикр аст, ки мероси фарҳангии Камолиддин Беҳзод дар тамаддуни ҷаҳонӣ ҳамчун падидаи бошукӯҳтарини нигорандагони мардумони Осиёи Марказӣ ва умуман ҷаҳон шинохтаву пазируфта шудааст. Камолиддин Беҳзод мусаввара ва минётураро бо мавзуъҳои рангин бою ғанӣ гардонида, лаҳзаҳои ҷолиби атрофро мушоҳидакорона ва моҳирона дарҷ намудааст. Дар охири асри XIX шуҳрати ӯ ба тамаддуни Аврупо роҳ ёфт ва ҳатто ӯро «Рафаэли Шарқ» мешуморанд. Ҷиҳати гиромидошти хизматҳои бузурги Камолиддин Беҳзод рӯзҳои 15-16 феврали соли 2002 дар шаҳри Душанбе дар мавзуи «Камолиддин Беҳзод ва масоили муҳимми тамаддуни

Осиёи Марказӣ» Симпозиуми байналмилалӣ баргузор гардид. Дар он аслан олимону муҳаққиқони зиёда аз 7 кишвари ҷаҳон, ба монанди Алиасғари Шеърдӯст аз Эрон, Ориёнфар аз Афғонистон, Масъуди Миршоҳӣ аз Фаронса ва дигарон иштирок ва баромад намуданд. Оид ба ҷойгоҳи рассомӣ ва миниётурнигории Камолиддин Беҳзод китобҳо бо унвони «Актуальные проблемы культуры Центральной Азии» ва «Очерки истории и теории культуры таджикского народа» ба нашр расида, дастраси хонандагони сершумори мамлакат ва берун аз кишвар гардиданд [13,с.11].

Яке аз паҳлуҳои дигаре, ки Президенти мамлакат ба он аҳаммияти махсус дод, ин таҷлили санаҳои муҳимми мероси таърихию адабӣ ва меъмории мардуми тоҷик маҳсуб меёбад. Ба душвориҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ нигоҳ накарда, Президенти кишвар аз рӯзҳои аввали роҳбариаш дар ин ҷода низ қадамҳои устувору пайдарпай гузошт. Баргузории симпозиуми байналмилалии 1000 - солагии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, таҷлили ҷашнҳои 1100-солагии Давлати Сомониён, «3000-солагии фарҳанги Зардуштӣ», 2700-солагии «Авесто», 2500-солагии Истаравшан, 2700-солагии Кӯлоб, 3000-солагии Ҳисори шодмон, эҳёи Саразм, Ҳулбук, бузургдошти санъати касбии «Шашмақом» ва санъати мардумии «Фалак» ва ғайраҳо исботи гуфтаҳои дар боло зикршуда мебошад.

Мавриди зикр аст, ки дар меҳвари ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён дар маркази вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ба ифтихори асосгузори давлати бузурги форсу тоҷик Исмоили Сомонӣ нимпайкараву муҷассамаҳо гузошта шуданд. Дар мамлакат баъзе ноҳияҳову шаҳракҳо, кӯчаю хиёбонҳо, мактабҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ ба шарафи ин сулола ва асосгузори он Исмоили Сомонӣ номгузорӣ шуданд. Инчунин, дар доираи ин ҷашн зодрӯзи чандин бузургони гузаштаи илму адаби тоҷик, аз ҷумла Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳусайни Кангуртӣ ва ғайраҳо таҷлил гардид. Анҷумани форуми тоҷикони ҷаҳон ва ҳамватанони бурунмарзӣ баргузор гардид. Дар пойтахти мамлакат шаҳри Душанбе ба шарафи ин абармарди сиёсат муҷассамаи Амир Исмоили Сомонӣ бунёд гардид. Дар расми кушодашавии он Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон суханронӣ намуда, таъкид намуданд, ки «Бигзор муҷассамаи Исмоили Сомонӣ ва тамоми муҷтамаи меъморӣ аз ҳамин рӯз то абад нишонаи сарбаландӣ, сулҳу оромӣ ва пешрафти Ватани ягонаи ҳамаи мо Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол бошад» [16,с.177].

Ҷашнҳои дигаре, ки ба ташаккулёбии худшиносию худогоҳии мардуми тоҷик мусоидат намуд ва бо ибтикори Президенти кишвар таҷлили ин санаҳои таърихӣ ба вуҷуд омад, ҷашн гирифтани 2700-солагии таълифи «Авесто» ва 3000-солагии фарҳангу оини зардуштӣ буд [1,с.22].

Барои амалан татбиқ намудани мақсадҳои баёнгашта, бахусус фароҳам овардани заминаҳои таърихии пажуҳиши ин ду мероси бузургтарини мардумони ориёинажод ва дарк намудани мавқеи таърихии ниёгонамон дар прогрессии тамаддуни ҷаҳонӣ, тақвият ва ташаккули ифтихори миллӣ тибқи ҳуҷҷатҳои дар боло зикр ёфта, дар кишвар як силсила чорабиниҳо баргузор гардид.

Президенти мамлакат аз рӯзҳои аввали сарвари давлат гардиданаш ба таъмини ҳифзу нигоҳдории ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, эҳёву барқарорсозии онҳо ва тарғибу ташвиқи маданияти қадимаи мардуми тоҷик таваҷҷуҳи беандоза зоҳир намуд. Дар ин раванд оид ба таҷлили ҷашнҳои қадимтарин шаҳрҳои тоҷикон Кӯлоб, Истаравшан ва Ҳисор, инчунин ёдгориҳои таърихӣ - Саразму Ҳулбук якчанд

фармону қарорҳои Президенти кишвар ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд.

Шоёни зикр аст, ки дар асоси фармони Президенти кишвар аз феврали соли 2000 «Дар бораи ҷашнгирии 2500-солагии шаҳри Ӯротеппа (Истаравшан)» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 майи соли 2000-ум «Дар бораи таҷлили ҷашни 2500-солагии шаҳри Ӯротеппа (Истаравшан)» қарор қабул намуд [1,с.16]. Бо ташаббуси Президенти мамлакат номи пештараи шаҳр - Истаравшан барқарор гардид. Рӯзи 10 сентябри соли 2002 ба муносибати 2500-солагии шаҳри Истаравшан ва 11-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди ҳамватанон ва меҳмонони хориҷӣ Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон суханронӣ намуда, таҷлили ин санаи муҳимми таърихию фарҳангиро ба ҳама табрик гуфта, оид ба шукӯҳу шаҳомат ва мавқеи шаҳри Истаравшан дар сарнавишти миллати тоҷик суханронии пурмуҳтаво намуда, иброз намуданд, ки «Мардуми сарбаланди Истаравшан чун тамоми халқи кишварамон минбаъд низ барои пешрафти иқтисодиёт, инкишофи фарҳанг ва ҳифзи мероси таърихию осори гузаштаҳо ҳиссаи муносиб мегузоранд» [16,с.467].

Бахри таъмини ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарханги, инчунин гиромидошти хотираи миллати тоҷик ва дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 3 июли соли 2002 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикисгон «Дар бораи баргузории ҷашни 2700-солагии шаҳри Кӯлоб» қарор ба тасвиб расонид. Мувофиқи он ҷашни 2700-солагии шаҳри Кӯлоб сентябри соли 2006 баргузор гардид [11,с.11].

Бояд зикр намуд, ки мақсаду ҳадафи асосии ҳар гуна ҷашну чорабинӣ ташаккули худшиносии миллӣ, обод намудани ин ё он гӯшаи кишварамон, такони ҷиддӣ бахшидан ба тараққиёти шаҳру ноҳияҳои кишварамон, фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ барои ҳамватанонамон ва ҷойгоҳи намоёнро соҳиб шудан дар арсаи ҷаҳонӣ мебошад.

Халқи тоҷик яке аз қадимтарин халқҳои бумии Осиёи Марказӣ ба ҳисоб рафта, тули таърихи мавҷудияти худ дар ташаккул ва рушди фарҳанги моддӣ ва маънавии ҷомеаи ҷаҳонӣ нақши босазо гузоштааст. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои асосӣ тарғибу ташвиқи дастовардҳои маънавиву моддии мамлакат ва муаррифии халқи тоҷик ба оламиён чун халқи эҷодкору ихтироъкор ва фарҳангофар буд. Дар ин раванд, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста саъю кӯшиш намуданд, ки барои ифшои маҷмуи дастовардҳои маънавиву моддӣ ва эҳёи мақоми таърихиву фарҳангии мардуми тоҷик дар баробари зарфиятҳои дохилӣ, ҳамчунин, имкониятҳои созмонҳои байналмилалӣ, хосатан ЮНЕСКО, ба таври густурда ба кор гирифта шавад. «Мо фақат бо фаъолияти муштарак метавонем, ки ғояҳои наздикшавӣ ва ҳамкориҳои тамаддунҳоро дар амал татбиқ намоем. Ин ба мақсадҳои олии Созмони муътабари байналмилалӣ ЮНЕСКО мувофиқ хоҳад буд», - гуфтаанд Пешвои миллат роҷеъ ба ҳамкорӣ бо ин созмон [7].

Мусаллам аст, ки мамолики ҷаҳон бидуни мустаҳкам намудани муносибату ҳамкориҳои ҳамаҷониба бо ин созмони муваффақ сиёсати хориҷии худро мукаммал наметонанд. Маҳз ҳамин аст, ки ҳар як мамлакати тозаистиқлол баробари эътироф шудан аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ саъю кӯшиш ба ҳамкорӣ бо ЮНЕСКО хоҳад намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз шумораи чунин давлатҳост. Ҳамзамон, хусусиятҳои

ҳамкориҳои Тоҷикистон дар он аст, ки пеш аз соҳибистиқлолӣ заминаи чунин ҳамкорию робитаҳо бо ЮНЕСКО аллакай дар замони мавҷудияти ИҶШС, ки Тоҷикистон аъзои ин созмон ба ҳисоб мерафт, гузошта шуда буданд. Ҳамкориҳои кишвари мо дар замони шуравӣ муназзаму мустақилона сурат нагирифта, балки дар доираи фаъолияти Комиссияи миллии Иттиҳоди Шуравӣ бо ЮНЕСКО ва амалӣ кардани лоиҳаву барномаҳои илмиву фарҳангие, ки миёни Давлати Шуравӣ ва ЮНЕСКО баста шуда буданд, амалӣ мегардид. Маҳз маҷмуи конфронсҳову симпозумҳое, ки дар солҳои 60-80-уми асри гузашта дар доираи лоиҳаи бузурги "Шарқу Ғарб" баргузор гардида буданд, дар кори омӯзиш, муаррифӣ, тарғибу ташвиқи маданияту фарҳанги Осиёи Марказӣ, ки Тоҷикистон қисми таркибии он ба ҳисоб мерафт, саҳми бузург гузоштанд. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият мазмуну мундариҷа ва миқёси нав пайдо кард. Пеш аз ҳама, дар солҳои 90-уми асри гузашта заминаҳои сиёсиву ҳуқуқии ҳамкорҳо устувор гаштанд, яъне маҷмуи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ баста шуда, дар кишвари мо барои муназзам ба роҳ мондани ин ҳамкорҳо ниҳоди махсус бо номи - Комиссияи миллии кор бо ЮНЕСКО таъсис дода шуд ва ба фаъолият сар кард. Дохил гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ЮНЕСКО дар шароити дастёбии кишвари мо ба мустақилият роҳро ба ҷаҳони робитаҳои байналхалқӣ дар соҳаҳои муҳимтарини ҳаёт, аз қабили таҳсилот ва тарбия, илмҳои ҷамъиятӣ ва табиатшиносӣ, фарҳангу иттилоот ва равобит кушод.

Таваҷҷуҳи доимӣ ба забони ноби модарӣ, адабиёту фарҳанг ва гиромидошти бузургони гузаштаи мо аз самтҳои асосии сиёсати хирадмандонаи фарҳангии Пешвои муаззами миллат ба ҳисоб меравад. Дар даврони соҳибистиқлолӣ бо ибтикори Пешвои миллат ба рушду тавсеаи забони тоҷикӣ ба сифати нахустунсури ҳастии миллат ва истифодаи он дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа тадбирҳои мушаххас ва муассир андешида шуданд. Мақому мартаба ва нуфузу эътибори забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ дар миқёси мамлакат боло рафт.

Ҷиҳати бедор намудани ҳисси худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ Ҷашни Наврӯз - ҷашни миллӣ эълон карда шуд ва аз тарафи СММ ба сифати ҷашни башарӣ эътироф гардид. Ғайр аз ин, таҷлил ва ёдбуди шахсиятҳои таърихию фарҳангӣ ва асарҳои оламшумули гузаштагон, ба монанди симпозиумҳои байналмилалии ҳазораи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ (1994), 800 - солагии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ (2007), 1150-солагии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (2008), 600-солагии Абдураҳмони Ҷомӣ (2014), 680 ва 700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (1995; 2015), 700 – солагии Камоли Хуҷандӣ (2020), 1000-солагии Носири Хусрав (2003), 1025-умин солгарди Абуалӣ ибни Сино (2005), 675-солагии Хоҷа Камол (1996), 150-солагии Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ (2015), 90-солагии академик Бобоҷон Ғафуров (1998), 90-солагии Мирзо Турсунзода (2011) ва ғайра барои ташаккули хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ, инчунин, муаррифии адибон, олимон, орифон, шахсиятҳои варзида ва таърихии тоҷикон ба оламиён аҳамияти хосса дорад.

Хулоса, эҳёи фарҳанги миллӣ дар шароити имрӯза, яъне раванди ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад, чунки равандҳои мазкур метавонанд омили таназзули фарҳанги миллӣ гарданд. Маҳз зина ба зина ҷашн гирифтани санаҳои бузурги таърихию фарҳангии халқу миллат,

дастгирии молиявии ташкилотҳои хусусиву давлатие, ки ба эҳёву барқарорсозии мероси фарҳангӣ машғуланд, таъсиси осорхонаҳо, китобхонаҳо, боғҳои фарҳангию фароғатӣ, клуб, театр ва ғайраҳо метавонанд омили ташаккулу эҳёи фарҳанги миллӣ гарданд.

**Муқарриз: Махсудзода Ф.М. – н.и.п., дотсенти ДДФСТ ба номи М.Турсунзода**

## АДАБИЁТ


1. Абдуфаттоҳ Шарипов. Эмомалӣ Раҳмон: Оғози марҳалаи созандагӣ / А. Шарипов. С. Фаттоев. - Душанбе, 2006. – 372 с.
2. Абдураҳмонов А. Театрҳои касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.Абдураҳмонов, Ш. Абдулқайсов. – Душанбе: Истеъдод, 2012. -60 с.
3. Ахбори ОМТ. - Душанбе, 2014. - №1.- С.4.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо» // Садои мардум, 2012. - №86-89. - 6 июл.
5. Михайловская А. Музейная экспозитсия / А.Михайловская. – Москва, 1964 – 408 с.
6. Муқаддимаи Камолшиносӣ. Таҳияи Баҳром Раҳматов, Иззатбек Шехимов. - Хуҷанд: Ношир, 2015. – 504 с.
7. Низомиддин Зоҳидӣ. Сиёсати фарҳангпарваронаи Пешвои миллат ва рушди ҳамкориҳо бо ЮНЕСКО // Ҷумҳурият, 2018.
8. Нуров Г. Аз таърихи Осорхонаи миллии ба номи К. Беҳзод/ Г. Нуров //Паёми Донишгоҳи миллӣ – Душанбе: Сино, 2003. - №5(19).– С. 93.
9. Раҳмонов Э. Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон / Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат- Душанбе: Ирфон, 2002. -Ҷ.4.–С. 162.
10. Табаров М. Театр и независимость / М. Табаров. – Душанбе, 2010. -С. 120-121.
11. Фароғат Азизӣ. Фарҳанг ва истиқлол. –Душанбе, 2011. –С. 11.
12. Фирдавсӣ А. Осорхонаи миллӣ муаррифгари фарҳанги олӣ //Паёми Душанбе. - Душанбе, 2016. - №5. - 11 май.
13. Афзалов Хайрулло. Эъморгари Фарҳанг / Х. Афзалов. -Душанбе, 2005. – С.11.
14. Ҷ. Асрориён. Тахти Сангин / Ҷ. Асрориён, М. Азизов. - Душанбе, 2012. - 70 с.
15. Эмомалӣ Рахмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. -Душанбе: Ирфон. 2001. - Ҷилди 3. - С. 177.
16. Эмомалӣ Рахмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. - Душанбе: Ирфон. 2001. -Ҷилди 4. - С. 467.


## МАСЪАЛАҲОИ ЭҲЁИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ КИШВАР


Дар мақолаи мазкур муаллиф масъалаҳои эҳёи фарҳанги миллӣ, бахусус мероси фарҳанги моддию маънавӣ, таҷлили санаҳои таърихию фарҳангӣ, инчунин мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ таҳқиқ намудааст. Муаллиф зикр менамояд, ки яке аз самтҳои хеле ҳам асосии сиёсати фарҳангии кишварамон рушди ғояҳои созандагӣ, тарбияи насли наврас ва ҷавонон дар руҳияи ифтихори миллӣ, нигоҳдории сулҳу ягонагӣ дар ҷомеа ва якдигарфаҳмии кулли мардуми кишвар ба ҳисоб меравад. Инсоният аслан ба воситаи фарҳанги миллӣ, аз ҷумла бо роҳи эҳёи мероси таърихию фарҳангии ниёгони хеш худшиносии миллии худро ташаккул дода метавонад. Ба ақидаи муаллиф, яке аз воситаҳои эҳёи фарҳанги миллӣ, ин таҷлили ҷашнвораҳои арбобони барҷастаи илму адаб ва ҳунари тоҷику форс мебошад. Ғайр аз ин, муаллиф қайд менамояд, ки Президенти мамлакат аз рӯзҳои аввали сарвари давлат гардиданаш ба таъмини ҳифзу нигоҳдории ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, эҳёву барқарорсозии онҳо ва тарғибу ташвиқи маданияти қадимаи мардуми тоҷик таваҷҷуҳи беандоза зоҳир намуд. Дар ин раванд оид ба таҷлили ҷашнҳои қадимтарин шаҳрҳои тоҷикон Кӯлоб, Истаравшан ва Ҳисор, инчунин ёдгориҳои таърихӣ - Саразму Ҳулбук якчанд фармону қарорҳои Президенти кишвар ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд. Дар охир муаллифи мақола қайд менамояд, ки маҳз зина ба зина ҷашн гирифтани санаҳои бузурги таърихию фарҳангии халқу миллат, дастгирии молиявии ташкилотҳои хусусиву давлатие, ки ба эҳёву барқарорсозии мероси фарҳангӣ машғуланд, таъсиси осорхонаҳо, китобхонаҳо, боғҳои фарҳангию фароғатӣ, клуб, театрва ғайраҳо метавонанд омили ташаккулу эҳёи фарҳанги миллӣ гарданд.



**Калидвожаҳо.** фарҳанг, ҷашн, мероси фарҳангӣ, таърих, осорхона, миллат, эҳё, сиёсат, шоирон, нависандагон, мустақилият, санъат, худшиносии миллӣ, ёдгориҳо.

**ВОПРОСЫ ВОЗРОЖДЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ КУЛЬТУРЫ В ЭПОХУ НЕЗАВИСИМОСТИ СТРАНЫ**

В данной статье автор провел научное исследование вопросов возрождения национальной культуры, особенно наследия материальной и духовной культуры, празднования исторических и культурных дат, а также положения Республики Таджикистан на мировой арене. Автор отмечает, что одним из важнейших направлений культурной политики нашей страны является развитие творческой мысли, воспитание подрастающего поколения и молодежи в духе национальной гордости, поддержание мира и единства в обществе, взаимопонимания народа страны. Человечество реально может формировать свое национальное самосознание через национальную культуру, в том числе за счет возрождения историко-культурного наследия предков. По мнению автора, одним из средств возрождения национальной культуры является проведение фестивалей выдающихся деятелей таджикского и персидского искусства и науки. В дополнение к этому автор отмечает, что Президент страны с первых дней пребывания на посту главы государства проявлял большую заинтересованность в сохранении памятников истории и культуры, их возрождении и реставрации, пропаганде древней культуры таджикского народа. В этом направлении было принято несколько указов и постановлений Президента страны и Правительства Республики Таджикистан относительно празднования юбилеев древнейших таджикских городов Куляб, Истаравшан и Гиссар, а также исторических памятников – Саразма и Хулбука. В заключении автор статьи отмечает, что это поэтапное празднование великих исторических и культурных дат народов и наций, финансовая поддержка частных и государственных организаций, занимающихся возрождением и реставрацией культурного наследия, создание музеев, библиотек, парков культуры и отдыха, клубов, театров и т. д. становится фактором формирования и возрождения национальной культуры.

**Ключевые слова:** культура, праздник, культурное наследие, история, музей, нация, возрождение, политика, поэты, писатели, независимость, искусство, национальное самосознание, памятники.

**ISSUES OF THE REVIVAL OF THE NATIONAL CULTURE INTHE AGE OF THE INDEPENDENCE OF THE COUNTRY**

In this article, the author conducted a scientific study of the revival of national culture, especially the heritage of material and spiritual culture, the celebration of historical and cultural dates, as well as the position of the Republic of Tajikistan on the world stage. The author notes that one of the most important areas of the cultural policy of our country is the development of creative thought, the upbringing of the younger generation and youth in the spirit of national pride, the maintenance of peace and unity in society, mutual understanding of the people of the country. Mankind can actually form its national identity through national culture, including through the revival of the historical and cultural heritage of their ancestors. According to the author, one of the means of reviving the national culture is to hold festivals of outstanding figures of Tajik and Persian art and science. In addition to this, the author notes that from the first days of his tenure as head of state, the President of the country showed great interest in the preservation of historical and cultural monuments, their revival and restoration, and the promotion of the ancient culture of the Tajik people. In this process, several decrees and resolutions of the President of the country and the Government of the Republic of Tajikistan were adopted regarding the celebration of the ancient Tajik cities of Kulyab, Istaravshan and Gissar, as well as historical monuments - Sarazm and Khulbuk. In conclusion, the author of the article notes that this is a phased celebration of the great historical and cultural dates of peoples and nations, financial support for private and public organizations involved in the revival and restoration of cultural heritage, the creation of museums, libraries, parks of culture and recreation, clubs, theaters, etc. becomes a factor in the formation and revival of national culture.

**Keywords.**culture, holiday, cultural heritage, history, museum, nation, revival, politics, poets, writers, independence, art, national identity, monuments.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Саидов Абдуҷаббор Ғафурович*** **-** Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, докторанти Ph.D, кафедраи фарҳангшиносӣ ва осорхонашиносӣ. **Суроға:** 734065, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Сомон, 1.Телефон: **559003304.**

**Сведения об авторе:** ***Саидов Абдуджаббор Гафурович*** – Таджикский государственный институт культуры и искусств имени М. Турсунзаде, докторант Ph.D, кафедра культурологии и музейного дела. **Адрес:** 734065, город Душанбе, Республика Таджикистан, район Фирдоуси, улица Сомон, 1. Телефон. **559003304.**

**Information about the author:** ***Saidov Abdujabbor Gafurovich*** - Tajik state institute of culture and arts named after M. Tursunzade, PhD student, Department of Cultural Studies and Museum Studies. **Address:** 734065, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Firdousi district, Somon street, 1. Phone: **559003304**

УДК 372.851

# РОҶЕЪ БА ИСТИФОДАИ МАВОДИ ТАЪРИХӢ ҲАНГОМИ ТАЪЛИМИ БАЪЗЕ МАВЗУЪҲОИ ГЕОМЕТРИЯИ ДИФФЕРЕНСИАЛӢ

*Хоҷаев А.М.*
**Донишгоҳи далатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Маводи таърихӣ дар курси геометрия воситаи муҳимми аёниятнокии таълим буда, хусусиятҳои хосси худро дорад. Вақте ки омӯзгор дар машғулияти таълимӣ маводи иловагии таърихиро дохил мекунад, ӯ чун қоида, бо сарчашмаҳои аслӣ сарукор мегирад ва чунин маводи аёнӣ ба тафаккури донишҷӯён, нисбат ба дигар аёният, овезаҳо таъсирноктар мебошанд, зеро ки, пеш аз ҳама, онҳо аслӣ мебошанд. Маводи таърихӣ мушоҳидакории донишҷӯён, тафаккури онҳоро рушд медиҳад, ба омӯзгор ҷиҳати истифодабарии таҷрибаи худ, мушоҳидаи мустақилона ва фикрронии аз назарияи омӯхташаванда имконияти васеъ медиҳад. Чунин мавод инчунин дар ташаккули фаъолнокӣ ва завқи донишҷӯён ҳангоми омӯзиши назарияҳои алоҳидаи геометрия муҳим ба шумор меравад. Омӯзгор дар дарси таълимӣ аз таърихи математика, хусусан аз корҳои олимони асримиёнагии Осиёи Марказӣ маводҳоро ҷой намуда, завқи табиии онҳоро ба геометрия бедор мекунад ва онро бо мақсади ташаккули малакаи мустақилонаи донишҷӯён истифода мебарад. Масъалаҳое, ки дар асосашон маводи таърихӣ, сарчашмаҳои хаттии гуногун, масалан, масъалаҳои қадима, афсонаҳо, маълумоти муаллифони асримиёнагӣ ҷой дода шудаанд, дар таълими геометрия мавқеи махсусро ишғол мекунанд [5, с. 75].

Буришҳои конусӣ (хатҳои тартиби дуюм) дар курси геометрияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ боби алоҳидаро ташкил медиҳанд ва он дар дигар қисмҳои математика татбиқ карда шуда, ба таври умумӣ истифодаи маводи таърихӣ имконият медиҳад, ки ин мавзуъ боз ҳам амиқтар омӯзонда шавад.

Муодилаи умумии буришҳои конусӣ дар аломатҳои ҳозиразамон намуди зеринро дорад:

$$Ax^2 + 2Bxy + Cy^2 + 2Dx + 2Ey + F = 0,$$

ки он вобаста ба қиматҳои коэффитсиентҳояш хатҳои гуногунро ифода мекунад ва агар онҳоро ба синфҳо ҷудо намоем, он гоҳ нуҳ намуди хатҳоро ҳосил мекунем, ки дар курси геометрия онҳоро ба таври васеъ истифода мебаранд [5, с.78].

Аз нуқтаи назари таърихӣ буришҳои конусӣ дар қадим ҳам маводи таҳқиқотӣ ба ҳисоб мерафт. Яке аз аввалин корҳо дар ин самт ба Аполлоний (нимаи дуюми асри III, нимаи аввали ари II то солшумории мо) тааллуқ доштанд, ки бо номи «Буришҳои конусӣ» маълум буда, дар он хатҳои тартиби дуюм-эллипс, гипербола ва парабола пурра омӯзонда мешуданд.

Қариб ҳамаи корҳои олимони Юнони қадим, аз он ҷумла корҳои Аполлоний ба забони арабӣ (ҳамчун забони илмии Шарқи асримиёнагӣ) тарҷума карда шуданд. Дар кори тарҷумакунӣ олимони форс Ал-Кӯҳӣ Абусаҳл Валиҷон ибни Рустам (асрҳои X-XI), Ибни Қорра Абулҳасан Собит ас-Саби ал-Ҳарронӣ (836-901) ва дигарон саҳми худро гузоштаанд. Ин ба донишмандони Осиёи Марказӣ имконият фароҳам овард, ки на танҳо бо сарчашмаҳои ин кор шинос шаванд, балки онҳоро шарҳ дода, дар ин самт саҳифаҳои навро ворид созанд. Масалан, Ал-Кӯҳӣ аз таърифи Аполлоний дар бораи буришҳои конуси доиравӣ дар таҳти кунҷи ихтиёрӣ

истифода намуда, барои тасвир намудани ин буриш асбоби «паргори мукаммал» номидашавандаеро сохт. Қайд кардан мумкин аст, ки чунин паргор аз тарафи олими дигари ҳамон давра Абусаид ас-Сиҷизӣ низ сохта шуда буд [10, с. 286].

Бисёр рисолаҳои Ал-Кӯҳӣ, ба монанди «Оид ба паргори мукаммал», «Оид ба ёфтани тарафҳои ҳафткунҷа дар давра», «Оид ба тағйирёбии параболоид» ва ғайраҳо ба масъалаҳои геометрӣ бахшида шудаанд.

Ҳангоми омӯзиши хосиятҳои буришҳои конусӣ ҳолате мавҷуд аст, ки табдилдиҳиҳо нисбат ба диаметрҳои он дида мешавад ва агар диаметри ин хатҳо тирҳои он набошанд, системаи координата росткунҷа намешавад ва табдилдиҳӣ дар ин вақт ҳаракат (яъне, табдилдиҳие, ки дарозии порчаро нигоҳ медорад) шуда наметавонад. Ин гуна табдилдиҳӣ-табдилдиҳии аффиннӣ дар ҳамворӣ номида шуда, он дар системаи координатаи умумидекартӣ (системаи координатаи аффинӣ) бо ифодаи зерин навишта мешавад:

$$x' = Ax + By + C, y' = Dx + Ey + F. (1)$$

Дар табдилдиҳии аффинии (1) масоҳати фигураҳои ҳамвор ба қимати мутлақи муайянкунандаи $\Delta = A \cdot E - B \cdot D$ зарб мешавад. Дар ҳолате ки қимати мутлақи $\Delta$ ба 1 баробар шавад, табдилдиҳии (1) табдилдиҳии эквиаффинӣ номида мешавад.

Табдилдиҳии аффинӣ дар тарзи умумӣ бори аввал аз тарафи риёзидони маъруф, набераи Ибни Қурро-Иброҳим ибни Синон ибни Собит (908–946) дар асари ӯ «Китоб оид ба ченкунии парабола» («Китаб фи масаҳа ал-кат ал-мукафи») баён шудааст [10, с.287].

Дар ин ҷо хусусиятҳои таҳқиқот доир ба буришҳои конусӣ ва имкониятҳои истифодаи онҳоро дар раванди таълими курси геометрияи мактабҳои олии омӯзгорӣ, дар мавзуъҳои «Табдилдиҳиҳои геометрӣ» ва «Хатҳои тартиби дуюм» овардан мумкин аст.

Дар раванди таълими қисми геометрияи дифференсиалӣ, ҳамчун мисол, маводи зеринро овардан мумкин аст. Мафҳумҳои алоҳидаи геометрияи дифференсиалӣ (давра, хатти каҷ, эволюта, хатти геодезӣ ва ғайра) аллакай дар нимаи дуюми асри XVII дар корҳои И. Нютон, Г. Лейбнитс, Х. Гюйгенс ва дигарон вомехӯрданд. Дар охири асри XVIII дар корҳои Л. Эйлер ва Г. Монж асосҳои назарияи сатҳҳо пайдо шуданд. Л. Эйлер аввалин шуда аз координатаҳои каҷхатта истифода бурд, формулаҳои одитаринро муайян намуд, ки онҳо хатҳои каҷи нормалии сатҳро ифода мекарданд, мафҳуми сатҳҳои болои ҳам хобидаро ҷорӣ намуд ва сатҳҳои дар ҳамворӣ хобандаро дида баромад. Ба Г. Монж бошад, мафҳуми хатҳои каҷ ва хатҳои асимптотикии сатҳ тааллуқ доранд, ба номи Г. Монж назарияи конгруэнтнокӣ алоқаманд мебошад [12, с. 101].

Асари Г. Монж «Дар бораи чуқуриҳо ва хоктеппаҳои заминӣ» (1871) ба геометрияи дифференсиалӣ бахшида шудааст, ки асоси онро корҳои муҳандисии ӯ дар истеҳкомот ташкил медиҳад.

Моҳияти махсусро доир ба геометрияи дифференсиалӣ корҳои К. Гаусс, ки дар натиҷаи аз геодезия ба харитасозӣ гузаштан ба даст овардааст, ташкил медиҳад. Асари асосии К. Гаусс дар ин соҳа «Таҳқиқотҳои умумӣ оид ба сатҳҳои каҷхатта» ном дошта, соли 1827 нашр шудааст. Дар он ҳарду шаклҳои асосии квадратии сатҳ дохил карда шудаанд, теорема доир ба инвариантнокии каҷии пурра нисбат ба табдилдиҳиҳои геометрӣ исбот карда шудааст.

Моҳияти принсипалии ин корҳо дар барқароркунии мафҳуми геометрияи дохилии сатҳ таҷассум меёбад. Сохтори асосҳои назарияи классикии сатҳ аз тарафи К.М. Петерсон ба анҷом расонда шуд, ки вай соли 1853 системаи пурраи теоремаҳои асосии ин назарияро баён намуд. Дар миёна ва нимаи дуюми асри XIX маҷмуи натиҷаҳо доир ба назарияи классикии сатҳҳо аз тарафи олимон Ф. Миндинг, Ж. Лиувилл, Э. Белтрами, Г. Дарбу, Л. Бианки ва дигарон ба даст оварда шуданд. Дар ин давра геометрияи дохилии сатҳҳо қисм ба қисм таҳқиқ карда шуда, шарти болои ҳам хобидани сатҳҳо ба даст оварда шуд ва теоремаҳои асосӣ доир ба хамшавандагӣ исбот гардид [12, с. 102]

Ҳангоми таълими мавзуъҳои «Каҷӣ ва тобхӯрии хатти каҷ» ва «Ҳисобкунии каҷӣ ва тобхӯрии хатти каҷ» аз маводи таърихӣ истифода мебаранд. Масалан, формулаҳои Френе, ки дар ҳисобкунии каҷӣ ва тобхӯрии хатти каҷ истифода бурда мешаванд, ниёз ба маводи таърихӣ доранд.

Аз формулаҳои Френе истифода бурда, коэффитсиентҳои ҷудокуниҳои ҳосилаҳои ихтиёрии радиус-вектори хатти каҷро аз рӯйи векторҳои серӯяи натуралӣ ҳисоб кардан мумкин аст.

Бигузор хатти каҷи $\gamma$ бо муодилаи $\vec{r} = \vec{r}(s)$ дода шуда бошад. Дар ин ҷо ба сифати параметр дарозии камони $s$ гирифта шудааст. Он гоҳ векторҳои воҳидии серӯяи натуралӣ $\vec{\beta}, \vec{\tau}, \vec{\nu}$ дар вақти аз рӯйи хатти каҷ ҳаракат кардани нуқтаи расиш M($s$) равиши худро тағйир медиҳанд, яъне функсияи параметри $s$ мебошанд:

$$\vec{\tau} = \vec{\tau}(s), \quad \vec{\nu} = \vec{\nu}(s), \quad \vec{\beta} = \vec{\beta}(s).$$

Барои ин тағйирёбиро маънидод кардан ҳосилаи ин векторҳоро аз рӯйи параметри натуралӣ $s$ ҳисоб кардан лозим аст.

Алалхусус донистани ҷудокунии ҳосилаи векторҳои $\vec{\beta}, \vec{\tau}, \vec{\nu}$ аз рӯйи векторҳои серӯяи натуралӣ аз аҳаммият холӣ нест.

Пеш аз ҳама, ҳосилаи вектори $\vec{\tau}$ -ро меёбем.

Маълум, ки

$$\frac{d\vec{\tau}}{ds} = \frac{d}{ds}(\dot{\vec{r}}) = \frac{d^2\vec{r}}{ds^2}$$

ё ки $\dot{\vec{\tau}} = \ddot{\vec{r}}$ аст. Лекин вектори $\ddot{\vec{r}}$ равиши сарнормалро дошта, аз рӯйи қимати мутлақаш ба каҷӣ $k = k(s)$ баробар аст.

Пас,

$$\dot{\vec{\tau}} = k \cdot \vec{\nu} \quad (1)$$

мешавад.

Акнун ҳосилаи вектори воҳидии бинормал $\vec{\beta}$ -ро меҷӯем.

Маълум, ки

$$\vec{\beta} = \vec{\tau} \times \vec{\nu} \text{ мебошад.}$$

Аз баробарии охирон нисбат ба параметри $s$ ҳосила мегирем:

$$\dot{\vec{\beta}} = \dot{\vec{\tau}} \times \vec{\nu} + \vec{\tau} \times \dot{\vec{\nu}}.$$

Аз формулаи (1) истифода бурда, баробарии охиронро чунин менависем:

$$\dot{\vec{\beta}} = k\vec{\nu} \times \vec{\nu} + \vec{\tau} \times \dot{\vec{\nu}} = \vec{\tau} \times \dot{\vec{\nu}}.$$

Азбаски ҳосили зарби векторӣ ба ҳар як зарбшаванда перпендикуляр аст, бинобар ин аз ифодаи охирин маълум мешавад, ки $\dot{\vec{\beta}} \perp \vec{\tau}$ аст. Аз тарафи дигар, азбаски $\vec{\beta}^2 = 1$ аст, бинобар ин $2\vec{\beta} \cdot \vec{\beta} = 0$ мешавад. Пас, $\dot{\vec{\beta}} \perp \vec{\beta}$ аст. Аз ин муҳокимаронихо хулоса мебарояд, ки вектори $\dot{\vec{\beta}}$ ба вектори $\vec{\nu}$ коллинеар аст:

$$\dot{\vec{\beta}} = \chi\vec{\nu} \quad (2)$$

Дар формулаи (2) коэффитсиенти мутаносибӣ $\chi = \chi(s)$ тобхӯрӣ аст.

Ниҳоят ҳосилаи вектори $\vec{\nu} = \vec{\nu}(s)$-ро меёбем. Ин векторро дар намуди $\vec{\nu} = \vec{\beta} \times \vec{\tau}$ менависем. Аз баробарии охирон ҳосила гирифта, ба воситаи ифодаҳои (1) ва (2) формулаи зеринро ҳосил мекунем:

$$\dot{\vec{\nu}} = \dot{\vec{\beta}} \times \vec{\tau} + \vec{\beta} \times \dot{\vec{\tau}} = \chi\vec{\nu} \times \vec{\tau} + k\vec{\beta} \times \vec{\nu}.$$

Лекин, $\vec{\nu} \times \vec{\tau} = -\vec{\beta}$ ва $\vec{\beta} \times \vec{\nu} = -\vec{\tau}$ мешавад. Пас,

$$\dot{\vec{\nu}} = -k\vec{\tau} - \chi\vec{\beta} \quad (3)$$

мешавад. Формулаҳои (1), (2) ва (3)-ро муттаҳид намуда, системаи зеринро ҳосил мекунем:

$$\begin{cases} \dot{\vec{\tau}} = k\vec{\nu} \\ \dot{\vec{\nu}} = -k\vec{\tau} - \chi\vec{\beta} \\ \dot{\vec{\beta}} = \chi\vec{\nu} \end{cases}$$

Системаи формулаҳои охирин формулаҳои Френе номида мешаванд. Онҳоро дар баъзе адабиётҳо формулаҳои Серре-Френе ҳам мегӯянд [9, с. 246].

Аз формулаҳои Френе истифода бурда коэффитсиентҳои ҷудокуниҳои ҳосилаҳои ихтиёрии радиус-вектори хатти каҷро аз рӯйи векторҳои серӯяи натуралӣ ҳисоб кардан мумкин аст.

Аз формулаҳои маълум сар мекунем:

$$\dot{\vec{r}} = \vec{\tau}$$

$$\ddot{\vec{r}} = k\vec{\tau}$$

Акнун ҳосилаи тартиби сеюмро ҳисоб мекунем:

$$\dddot{\vec{r}} = \dot{k}\vec{\nu} + k\dot{\vec{\nu}} = \dot{k}\vec{\nu} + k(-k\vec{\tau} - \chi\vec{\beta})$$

$$\dddot{\vec{r}} = -k^2\vec{\tau} + \dot{k}\vec{\nu} - k\chi\vec{\beta}.$$

Айнан ҳамин тавр ҳосилаҳои тартиби боло низ аз рӯйи векторҳои $\vec{\tau}, \vec{\nu}, \vec{\beta}$ ёфта мешаванд.

Барои ҳосил кардани формулаҳои ҳисобкунии каҷӣ ва тобхӯрӣ аз ифодаҳои зерини дар мавзуи «Формулаҳои Френе» баровардаамон истифода мебарем:

$$\dot{\vec{r}} = \vec{\tau}$$

$$\ddot{\vec{r}} = k\vec{\tau}$$

$$\dddot{\vec{r}} = -k^2\vec{\tau} + \dot{k}\vec{\nu} - k\chi\vec{\beta} \; .$$

Аз ин формулаҳо ифодаҳои

$$\dot{\vec{r}} \times \ddot{\vec{r}} = k\vec{\tau} \times \vec{\nu} = k\vec{\beta}$$

$$(\dot{\vec{r}}, \ddot{\vec{r}}, \dddot{\vec{r}}) = -k^2\chi$$

-ро ҳосил мекунем.

Ин формулаҳо ба мо имконият медиҳанд, ки каҷӣ ва тобхӯрии хатти каҷи бо муодилаи $\vec{r} = \vec{r}(s)$ додашударо ҳисоб кунем:

$$k = \left|\dot{\vec{r}} \times \ddot{\vec{r}}\right| = \left|\dot{\vec{r}}\right| \cdot \left|\ddot{\vec{r}}\right| \left|\sin 90^0\right| = \left|\ddot{\vec{r}}\right| \quad (\dot{\vec{r}}(s) \perp s)$$

(Ин формуларо аз исботи теоремаи дар мавзуи «Каҷии хатти каҷ» гузаштаамон гирифтан мумкин буд.

$$\chi = \frac{\left|(\dot{\vec{r}}, \ddot{\vec{r}}, \dddot{\vec{r}}\right|}{\ddot{\vec{r}}^2}$$

Дар координатаҳо

$$k = \sqrt{\ddot{x}^2(s) + \ddot{y}^2(s) + \ddot{z}^2(s)}$$

$$\chi = \frac{\mathrm{mod}\begin{vmatrix} \dot{x} & \ddot{x} & \dddot{x} \\ \dot{y} & \ddot{y} & \dddot{y} \\ \dot{z} & \ddot{z} & \dddot{z} \end{vmatrix}}{\ddot{x}^2 + \ddot{y}^2 + \ddot{z}^2}$$ [12, саҳ.247].

Лекин, бисёр вақт ба мо лозим меояд, ки бо хатҳои каҷи дар параметризатсияи ихтиёрӣ додашуда сарукор дошта бошем. Барои ҳосил кардани формулаҳои каҷӣ ва тобхӯрӣ аз формулаҳои гузариш аз як тағйирёбанда ба тағйирёбандаи дигар истифода мебарем:

$$\frac{d\vec{r}}{ds} = \frac{d\vec{r}}{dt} \cdot \frac{dt}{ds}$$

$$\frac{d^2\vec{r}}{ds^2} = \frac{d^2\vec{r}}{dt^2}\left(\frac{dt}{ds}\right)^2 + \frac{dr}{dt} \cdot \frac{d^2t}{ds^2}$$

$$\frac{d^3\vec{r}}{ds^3} = \frac{d^3\vec{r}}{dt^3}\left(\frac{dt}{ds}\right)^3 + 3\frac{d^2\vec{r}}{dt^2} \cdot \frac{d^2t}{ds^2} \cdot \frac{dt}{ds} + \frac{d\vec{r}}{dt} \cdot \frac{d^3t}{ds^3}$$

Ин формулаҳоро мухтасаран ин тавр навиштан мумкин аст:

$$\dot{\vec{r}} = \vec{r}\,'\dot{t}$$

$$\ddot{\vec{r}} = \vec{r}\,''\dot{t}^2 + \vec{r}\,'\ddot{t}$$

$$\dddot{\vec{r}} = \vec{r}\,'''\dot{t}^3 + 3\vec{r}\,''\dot{t}^2\ddot{t} + \vec{r}\,'\dddot{t}$$

Ҳосилаҳои векторҳоро бо ҳам зарб карда, хосиятҳои зарби векторӣ ва омехтаи векторҳоро ба назар гирифта, ҳосил мекунем:

$$\vec{\tau} = \vec{r}\,'\dot{t} \quad (1)$$

$$\dot{\vec{r}} \times \ddot{\vec{r}} = \vec{r}\,' \times \vec{r}\,''(\dot{t})^3 = k\vec{\beta} \quad (2)$$

$$(\dot{\vec{r}}\,\ddot{\vec{r}}\,\dddot{\vec{r}}) = (\vec{r}\,'\vec{r}\,''\vec{r}\,''') \times (\dot{t})^6 = -k^2\chi \qquad (3)$$

Аз формулаи (1) қимати мутлақ r гирифта, ифодаи зеринро ҳосил мекунем:

$$\dot{t} = \frac{1}{|\vec{r}\,'|}$$

Қимати мутлақи формулаи (2)-ро гирифта, қимати $\dot{t}$ -ро гузошта, формулаи каҷиро дар намуди зерин ҳосил мекунем:

$$k = \frac{|\vec{r}\,' \times \vec{r}\,''|}{|\vec{r}\,'|^3}$$

Аз формулаи (3) қимати мутлақ гирифта формулаи тобхӯриро дар намуди зерин ҳосил мекунем:

$$|\chi| = \frac{|(\vec{r}\,'\vec{r}\,''\vec{r}\,''')|}{k^2|\vec{r}\,'|^3}$$

Қимати $k$ -ро гузошта, формулаи тобхӯриро ба намуди зерин меорем:

$$|\chi| = \frac{|(\vec{r}\,'\vec{r}\,''\vec{r}\,''')|}{(\vec{r}\,' \times \vec{r}\,'')^2}$$

Дар координатаҳо каҷӣ намуди зеринро дорад:

$$k = \frac{\sqrt{(y'z'' - z'y'')^2 + (z'x'' - x'z'')^2 + (x'y'' - y'x'')^2}}{(x'^2 + y'^2 + z'^2)^{\frac{3}{2}}}$$

[12, саҳ.249].

Корҳои асосии Френе Фредерик Жан (1816-1900) – математики фаронсавӣ, дар солҳои 1848 – 1868 профессори университети Лион, ба геометрияи дифференсиалӣ бахшида шудаанд. Формулаҳои Френе, ё ки формулаҳои Сере – Френе, косинусҳои равишдиҳандаи расанда, нормал ва бинормалро алоқаманд мегардонанд. Соли 1856 маҷмуи масъалаҳоро доир ба таҳлили математикӣ тартиб дод, ки 50 сол аз он истифода намуданд [15, с. 82].

Маводи таърихӣ маводи ёрирасони хуб буда, барои амалӣ шудани мақсадҳои дар боло овардашуда лозим мебошад. Қайд кардан лозим аст, ки дар дарсҳои

геометрия элементҳои таърихиро бо тарзҳои зерин мақсаднок истифода бурдан мумкин аст:

1. Маводи таърихии дар машғулиятҳо дохилкарда фаъолияти эҷодии донишҷӯёнро пурқувват мегардонад. Ин дар натиҷаи бевосита дохилкунии онҳо дар ҷустуҷӯйи тарзҳои ҳалли масъалаҳои таърихии ҷолиб ба амал меояд. Ба воситаи доираи ҳаёт ва фаъолияти математикони бузург омӯзгор, дар як вақт ҳамчун тарбиятгар, имконият дорад донишҷӯёнро бо худи мафҳуми эҷодкорӣ, бо эҷодиёт дар илм, бо мафҳумҳои бисёри геометрӣ, ки бо ин раванди эҷодӣ сарукор доранд, шинос намояд.

2. Бо ёрии маводи таърихӣ дар машғулиятҳо, педагог метавонад ба донишҷӯён имконият диҳад, ки мустақилона ба ифодаи теоремаҳо оянд, ҳамчун он, ки аз сари нав онҳоро «кашф» кардаанд ба онҳо ёфтани исботи теоремаҳоро диҳад, дар донишҷӯён хоҳиши мустақилона интихоб намудани омилҳои мароқангези таърихӣ, ки бо кашфиётҳои геометрӣ алоқаманд мебошанд ва онҳоро бо ҳамкурсони худ дода тавонанд. Одатан ҳамаи ин ба таълими донишҷӯён дар эҷоди худмуайянкунӣ, эътимод ба имкониятҳои худ, ба назардид ва ақидаи худ устувор будан мувофиқат мекунад.

3. Ташаккули математикӣ, хусусан геометрии инсон бе баланд бардоштани маданияти умумӣ номумкин аст ва маводи таърихӣ дар дарс ба рушди яктарафаи қобилиятнокии геометрӣ имкон намедиҳад.

4. Маводи таърихӣ сатҳи саводнокиро баланд бардошта, донишу ҷаҳонбинии донишҷӯро васеъ мегардонад, ки ин яке аз имкониятҳои баланд бардоштани манбаи интеллектуалии донишҷӯён ба ҳисоб рафта, ба онҳо фикррониро меомӯзонад, дар ҳалли масъалаҳои мураккаби ҳолатҳои зиндагӣ зуд ҷавоб ҷустанро меомӯзад [5, с. 96].

Барои он ки кор бо татбиқи маводи таърихӣ дар машғулиятҳои геометрия нисбатан сермаҳсул бошад, ба ақидаи мо, ба муаллим зарур аст, ки тавсияҳои зеринро ба эътибор гирад [12, с. 102]:

- корро аз мафҳумҳои ибтидоии геометрия сар кунад;
- корро системанок гузаронад;
- мазмун, ҳаҷм ва тарзи баёни масъалаҳо бояд аз рӯйи мавзуи баёншудаи ба силлабуси таълимӣ мувофиқ тартиб дода шуда бошад.

Ба муаллим лозим аст, ки пешакӣ ҳаҷми маълумотеро, ки дар машғулият баён мекунад, муайян намуда, маводи таърихи геометрияро дар «чорчӯба»- и муайян истифода кунад.

**Муқарриз: Сатторов А.Э. – д.и.п., профессори ДДБ ба номи Носири Хусрав**

**АДАБИЁТ**


1. Берунӣ Абу Райҳон. Китоб-ут-таҳфим. – Душанбе: Дониш, 1973. – 287 с.
2. Булгаков П.Г. Мухаммад-ал Хорезми / П.Г.Булгаков, Б.А.Розенфельд, А.А. Ахмедов. – М.: Наука, 1983. – 362 с.
3. Кадиров А.К. Из истории развитии математики в Средней Азии (IX-XVвв.) / А.К. Кадиров. Сост. и редактор М. Нугмонов. – Душанбе: ТПГУ, 2004. – 91 с.
4. Комили А.Ш. О математическом наследии Ибн Сино (Авиценны) / А.Ш. Комили, А.Э. Сатторов. – Душанбе: Нодир, 2005. – 72 с.
5. Сатторов А.Э. Истифодаи маводи таърихӣ ҳангоми таълими геометрия / А.Э.Сатторов, А. М. Хоҷаев. –Душанбе: Ирфон, 2021. -162 с.
6. Сатторов А.Э. Идеи ученых средневековой Центральной Азии об изучении геометрии / А.Э.Сатторов, А. Ш. Комили // Изв. АН Респуб.Таджикистан №4, 2009. -С.32-36(на тадж. яз.)

7. Сатторов А.Э. О методике использования достижений ученых средневекового Ближнего и Среднего Востока в процессе обучения математике / А.Э. Сатторов. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 139 с.
8. Собиров Г.С. Инкишофи математика дар Осиёи Миёна (асрҳои XV-XVII) / Г.С. Собиров. – Душанбе: Ирфон, 1972.
9. Усмонов Н. Геометрия / Н.Усмонов, Ғ. Раҷабов. – Душанбе: Маориф, 1993. -Қ.1.
10. Ходжаев А.М. Вопросы конических сечений у Ал-Кухи Ибн Корры и об их использовании курса геометрии в педвузах / А.М. Ходжаев, А.Э. Сатторов, К.Фатхуллоев // Мав. ҳамоиши байналмилалии «Мақоми Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ дар рушди илмҳои дақиқ» бахшида ба Соли маориф ва фарҳанги техникӣ. ш.Хуҷанд, 21-22 октябри соли 2010. – Хуҷанд, 2010. – С. 286-288.
11. Хоҷаев А. М. Ақидаҳо роҷеъ ба таълими геометрия бо истифодаи маводи таърихӣ / А. М. Хоҷаев, А.Э. Сатторов, Б.Д. Холова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – №3/2(162). – Душанбе: Сино, 2015. – С. 244-246.
12. Хоҷаев А. М. Истифодаи маводи таърихӣ дар геометрияи дифференсиалӣ / А. М. Хоҷаев А.Э. Сатторов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – №1-2(59), 2019. – С. 101-103.
13. Хоҷаев А. М. Истифодаи унсурҳои таърихӣ дар як дарси геометрияи макотиби олӣ / А. М. Хоҷаев, А.Э. Сатторов / Мав. конф. илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба Соли маориф ва фарҳанги техникӣ (17-18 июли соли 2010). – Бохтар, 2010. – С. 108-111.
14. Ходжаев А. М. Исторические материалы в курсе геометрии педвузов / А. М. Хоҷаев, А.Э. Сатторов / Мав. конф. ҷумҳ. бахшида ба 70 – солагии профессор Б. Алиев «Проблемаҳои муосири математикаи амалӣ ва информатика». – Душанбе, 2014. – С. 109-111.
15. Ходжаев А. М. Исторические элементы на уроках геометрии / А. М. Хоҷаев, А.Э. Сатторов, Г.Д. Кенджаев// Математика и математическое образование (Сбор. труд.VII Междун. научной конф. «Математика, Образование. Культура» 27-29 апреля 2015 года. – Тольятти: ТГУ 2015. – С. 80-82.

## РОҶЕЪ БА ИСТИФОДАИ МАВОДИ ТАЪРИХӢ ҲАНГОМИ ТАЪЛИМИ БАЪЗЕ МАВЗУЪҲОИ ГЕОМЕТРИЯИ ДИФФЕРЕНСИАЛӢ

Раванди таълими геометрия дар муассисаҳои умумитаълимӣ ва дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамон вақт дуруст инкишоф меёбад, ки агар дар онҳо бо тарзи системанок ва мақсаднок маводи таърихии математикӣ, махсусан аз корҳои математикони асримиёнагии Осиёи Марказӣ истифода бурда шаванд. Дар мақола роҷеъ ба истифодаи маводи таърихӣ ҳангоми таълими баъзе мавзуъҳои геометрияи дифференсиалӣ, ба монанди «Буришҳои конусӣ», «Табдилдиҳиҳои геометрӣ», «Хатҳои тартиби дуюм», «Каҷӣ ва тобхӯрии хатти каҷ», «Формулаҳои Френе» ва «Формулаҳои ҳисобкунии каҷӣ ва тобхӯрии хатти каҷ» маълумот дода мешавад. Фанни геометрия як қисми ҷудонашавандаи фанни математика буда, аз худ намудани он ба донишҷӯён аз манфиат холӣ нест. Аз ин рӯ, агар дар баён намудани мавзуъҳои дар боло номбаршуда аз маводҳои таърихӣ истифода намоем, ин ба донишҷӯ таъсири мусбат расонда, барои аз худ намудани мазмуни мавзуъ саъю кӯшиш менамояд. Маводи таърихӣ сатҳи саводнокиро баланд бардошта, донишу ҷаҳонбинии донишҷӯро васеъ мегардонад.

**Калидвожаҳо:** геометрияи дифференсиалӣ, табдилдиҳиҳои аффинӣ ва аквиаффинӣ, буришҳои конусӣ, каҷӣ ва тобхӯрӣ, формулаҳои Френе, косинусҳои равишдиҳанда, нормал ва бинормал.

## ПРИМЕНЕНИЕ ИСТОРИЧЕСКОГО МАТЕРИАЛА ПРИ ОБУЧЕНИИ НЕКОТОРЫМ ТЕМАМ ДИФФЕРЕНЦИАЛЬНОЙ ГЕОМЕТРИИ

Процесс преподавания геометрии в общеобразовательных учреждениях и в высших профессиональных учебных заведениях Республики Таджикистан развивается правильно в то время, когда систематическим и целенаправленным образом используются исторические математические материалы, особенно из работ средневековых математиков Центральной Азии. В статье дается информация об использовании исторических материалов при обучении некоторым предметам дифференциальной геометрии, таким как «Конусные пересечения», «Геометрические преобразования», «Линии второго порядка», «Кривизна и кручение кривой», «Формулы Френе» и «Формулы определения кривизны и кручения кривой». Геометрия - это неотъемлемая часть математического предмета, и ее освоение студентам создает трудности. Поэтому, если мы будем использовать исторические материалы в изложении вышеупомянутых тем, это окажет положительное влияние на студента и потребует усилий для усвоения содержания темы. Исторический материал повышает уровень грамотности и расширяет знания и мировоззрение студента.

**Ключевые слова:** дифференциальная геометрия, аффинные и аквиаффинские преобразования, конусные разрезы, кривизна и кручения, формулы Френе, косинусы подхода, нормаль и бинормаль.

## THE USE OF HISTORICAL MATERIAL IN TEACHING SOME TOPICS OF DIFFERENTIAL GEOMETRY

The process of teaching geometry in general education institutions and in higher professional educational institutions of the Republic of Tajikistan is developing correctly at a time when historical mathematical materials are systematically and purposefully used, especially from the works of medieval mathematicians of Central Asia. The article provides information on the use of historical materials in teaching some subjects of differential geometry, such as "Cone intersections", "Geometric transformations", "Second-order lines", "Curvature and torsion of the curve", "Frenet Formulas" and "Formulas for determining the curvature and torsion of the curve".Geometry is an integral part of the mathematical subject, and its development is not available to students. Therefore, if we use historical materials in the presentation of the above-mentioned topics, it will have a positive impact on the student and will require efforts to assimilate the content of the topic. Historical material increases the level of literacy and expands the knowledge and outlook of the student.

**Keywords:** differential geometry, affine and Aquiaffin transformations, cone sections, curvature and torsion, Fresnay formulas, cosines of approach, normal and binormal.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Хоҷаев Амрохон Мирзоевич*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав,, и.в. дотсент, кафедраи алгебра ва геометрия. **Суроға**: 735140, шаҳри Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 67Телефон: **(+992) 919-21-53-88**. E-mail:**khojaev59@inbox.ru**

**Сведения об авторе:** ***Ходжаев Амрохон Мирзоевич*** **-** Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава**,** и.о. доцента, кафедра алгебры и геометрии. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Айни 67.Телефон: **(+992) 919-21-53-88**. E-mail:**khojaev59@inbox.ru**

**Information about the author:** ***Khodjaev Amrokhon Mirzoevich*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, acting. Associate Professor, Department of Algebra and Geometry. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Aini street 67. Phone: **(+992) 919-21-53-88**. E-mail:**khojaev59@inbox.ru**

## МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ

## ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ – ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ И АРХЕОЛОГИЯ


***Khojaev M.P***. Diplomatic relations between the timurid state and China…………………………………….. *5*
***Турсунов Т.Х., Алимов Б.Х.*** Приоритетные направления культурно-гуманитарного сотрудничества Республики Таджикистан и Российской Федерации……………………………………………………. *12*
***Шарифзода Ф.А.*** Сотрудничество Таджикистана и Франции в 2021-2022 гг.: покорение новых вершин и перспективы развитии………………………………………………………………………я *19*
***Собирова К.Д.*** Привлечение инвестиций международных организаций в развитие промышленности, строительства и торговли Горно- Бадахшанской Автономной Области в 90-е годы XX века………… *28*
***Набиев Я. Х.*** Военная перестройка народного хозяйства в годы Великой Отечественной войны…….. *34*
***Собирзода П.О., Махмадрасулов Б.С.*** Становление и развитие физической культуры и спорта в период до образования Таджикской ССР (1900-1924 гг.)……………………………………………………. *40*
***Муҳаммадзода Б.М.*** Ҳокимияти шоҳаншоҳ ва сохти давлатдории Империяи Ҳахоманишиён......................................................................................................................... *48*
***Неъматов И.*** Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар истиқрори сулҳ ва субот дар Афғонистон....................................................................................................... *62*
***Айнулозода Н. А.*** Назаре ба таърихи пайдоиш ва рушди роҳи оҳан дар Тоҷикистон………….. *68*
***Розиқзода А.Ш.*** Абрҳои тираи осмони зиндагии устод Айнӣ **.....................................................** *76*
***Ҷонибек Асрориён, Иброҳимов С. Т.*** Рамзҳои анъанавӣ ва тасвирӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (аз рӯйи маводи шаҳристони Ҳулбук)…………………………………………………………………… *89*


## ИЛМҲОИ ФАЛСАФА - ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ


***Каримов Р.*** Взгляды Шибли Ну'мани на проблему свободы воли…………………………………… *97*
***Хаитов Ф.К.*** Миграция как социально-исторический процесс……………………………………... *103*
***Нурулҳақ Қамар*** Муносибати исломи суннатӣ ва салафия ба оини зардуштӣ.............................. *110*
***Каримов А.А.*** Таҳлили муқоисавии баъзе масъалаҳои онтология дар китоби «Шарҳи таарруф»-Мустамлии Бухорӣ.................................................................................................................... *121*
***Давлатов П.Н.*** Нигоҳе ба фалсафаи таърихи Ибни Мискавайҳ……………………………………… *132*
***Субҳонзода С.И.*** Ҷузъи онтологии тасвири олам…………………………………………………… *140*
***Зикирзода Ҳ.*** Озодӣ ва фармонбардории шахс дар муносибат бо ҳокимияти сиёсӣ-иҷтимоӣ........ *156*
***Амонатова Ф.Қ.*** Мақом ва моҳияти ормонҳои зебоишиносӣ дар осори бадеию ирфонии Абдураҳмони Ҷомӣ........................................................................................................................ *165*
***Файзуллаев Х.Ҳ.*** Таҳлили муҳтавоии таърифҳои «ваҳдати миллӣ».............................................. *174*
***Илчибекова М.О.*** Инкишофи таълимоти ҷараёнҳои консервативӣ ва шаклҳои асосии он дар замони муосир.......................................................................................................................... *182*
***Салимов Ю. Б.*** Рақамикунонӣ ҳамчун омили муҳимми ташаккули ҳукумати электронӣ *190*


## ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ - ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ


***Шодиев Р.А., Рузиева Л.Т.*** Выразительное чтение на занятиях по русскому языку…………………… *198*
***Файзализода Дж.Х. (Файзалиев Дж.), Боймуродова М.Н.*** Пути и методы использования информационно-коммуникационных технологий в процессе управления инновационным образованием……………………………………………………………………………………… *205*
***Акбарова В.А.*** "Музейный взгляд" в аспекте преподавания истории мировой культуры……………… *213*
***Вахобова А.А.*** Педагогические условия формирования коммуникативной культуры студентов в условиях межнационального общения………………………………………………………………… *220*
***Курбонов Н.Х.*** Психофизиологическое здоровье педагога как фактор развития его профессиональной деятельности…………………………………………………………………………. *229*
***Назаров А.Н.*** Изучение употребления глаголов совершенного и несовершенного вида на нефилологических факультетах……………………………………………………………………… *238*
***Рустамзода М.Р.*** Описание фонетической системы русского языка в методических целях………. *244*
***Файзиева Х.А.*** Психологическое влияние таджикских народных сказок на формирование нравственных качеств учащихся младшего возраста............................................................................ *251*
***Шерматов Ш.М., Юсупов З.Н.*** **П**реподавание темы «вращательное движение» в общеобразовательной школе……………………………………………………………………………… *256*
***Олимӣ Ашуралӣ Рамазон, Валиев М.Х.*** Паҳлуҳои педагогии методологияи таҳияи дарсҳо бо истифода аз тахтаи интерактивӣ дар муҳити инноватсионии таҳсилоти олӣ ва таҳсилоти *263*

миёнаи умумӣ...............................................................................................................................
***Назарзода Носир Ҷобир, Муҳаммадиев Н.Б.*** Баъзе ҷиҳатҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон...................................................... ***272***
***Неъматов Р.Ҳ.*** Таснифоти оила ҳамчун гурӯҳи хурди ҷомеа.......................................................... ***282***
***Собиров Р.Р.*** Мақоми мафҳумҳои озодии виҷдон ва таҳаммулгароӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ ***292***
***Баротзода К.А.*** Асосҳои назариявӣ ва методии ба роҳ мондани корҳои мустақилонаи донишҷӯён дар дарсҳои фанни «ҳалли масъалаҳои биологӣ» аз рӯйи низоми кредитии таҳсилот ***297***
***Қурбонзода Дилшод Ҷаббор*** Афсар-омӯзгор ҳамчун ташаккулдиҳандаи салоҳиятнокии касбии донишҷӮёни кафедраҳои ҳарбии муассисаҳои таҳсилоти олӣ........................................................ ***308***
***Иноятов И.Д.*** Истифодаи андеша ва осори илмии мутафаккирони тоҷику форс дар таълими фанҳои дақиқ ………………………………………………………………………………………… ***320***
***Саидов А.Ғ.***Масъалаҳои эҳёи фарҳанги миллӣ дар замони соҳибистиқлолии кишвар ***327***
***Хоҷаев А.М.*** Роҷеъ ба истифодаи маводи таърихӣ ҳангоми таълими баъзе мавзуъҳои геометрияи дифференсиалӣ........................................................................................................... ***334***

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета» основан в 1990 г. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК при Президенте Республики Таджикистан и ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: исторические науки и археология (07.00.00), философские науки (09.00.00) и педагогические науки (13.00.00). Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания **(**www.vestnik-tnu.com**).**

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

**2023. №9**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К.Ибодова
Редактор таджикского языка: Ш.П.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Корректор: П.Х.Латипова

**Издательский центр**
**Таджикского национального университета**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник Таджикского национального университета»:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.comj
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

**Подписано в печать 27.10.2023 г.**